ISSN 2664-5696

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ХОРУҒ

ВЕСТНИК
ХОРОГСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

BULLETIN
OF THE KHOROG UNIVERSITY

№ 3 (31) 2024

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ХОРУҒ

ВЕСТНИК
ХОРОГСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

BULLETIN
OF THE KHOROG UNIVERSITY

№ 3 (31) 2024

ХОРУҒ 2024

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ХОРУҒ

МУШОВИР:
Комилбек Амид Ёрбек – Ректор, доктори илмҳои сиёсӣ.
САРМУҲАРРИР:
Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб – Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, доктори илмҳои техникӣ, профессор.
ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
М. Шаҳбозов – доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Академики АМИТ.
М. Илолов – доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Академики АМИТ.
А. Фелалиев – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, Академики АИКТ.
Қ. Абдуламонов – доктори илмҳои кишоварзӣ.

С. Сафармамадов – доктори илмҳои химиё, профессор.
А. Маҳмадризохонов – доктори илмҳои биологӣ, профессор
Д. Наврузшоев – доктори илмҳои биологӣ, профессор
Ш. Абдулофизов – номзади илмҳои физика ва математика, профессор.
С. Сабоиев – доктори илмҳои биологӣ, профессор.
Қ. Имомёрбеков – доктори илмҳои техникӣ, профессор.
О. Ҳақназаров – доктори илмҳои биологӣ, профессор.
С. М. Ғоибназарзода – муовини якуми ректор оид ба таълим, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Ҳ. Қаландариён – доктори илмҳои филологӣ, профессор
М. Аламшоев – доктори илмҳои филологӣ, профессор
Ҷ. Булбулов – доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Ш. Ҷонмамадов – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
М. Мамадасламов – доктори илмҳои филологӣ, профессор
А. Абдулназарзода – доктори илмҳои филологӣ, профессор
Э. Ҳоҷибеков – доктори илмҳои таърих, профессор
Қ. Собирова – доктори илмҳои таърих, профессор
И. Самандаров – доктори имлҳои иқтисодӣ, профессор
Ш. Карамхудоев – доктори илмҳои фалсафа, профессор
МУҲАРРИРОН:
Б. Мамадрайонова – омӯзгори забони англисӣ,
М. Тойчиев – номзади илмҳои филологӣ.
КОТИБИ МАСЪУЛ:
Н. Офаридаев – доктори илмҳои филологӣ, профессор.
САҲИФАБАНД:
Ф. Давлатбек – номзади илмҳои физика ва математика.
СУРОҒА:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ. Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев 736000, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109. Тел./Fax (+992-8) 22779
СОМОНА:
донишгоҳ – https://www.khogu.tj
маҷалла – https://www.khogu.tj/payom

Маҷалла 25.06.2021 ба руйхати маҷалаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳури Тоҷикистон (№263/МҶ- 97 аз 12.10.2022) ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Индекси Иқтибосоварии Илмии Россия № 297/2023 аз 22.05.2023 сабти ном шудааст.

Масъулият ва дақиқии маводи чопшуда ба зиммаи муаллифон вогузор аст.

Суроғаи бонкӣ: “Амонатбанк” ВМКБ.
ИНН 700000710
С/ҳ 20200681090000156600 0
КХ 22402972000002
МФО (БИК) 350101626
20402972316264

© «Паёми Донишгоҳи Хоруғ», 2024.

ВЕСТНИК ХОРУГСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ

СОВЕТНИК:
Комилбек Амид Ёрбек – ректор, доктор политических наук.
ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:
Ахмадзода Бахромджон Раджаб – заместитель ректора по науке и инновациям, доктор технических наук, профессор.
РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
М. Шахбозов – доктор физико-математических наук, профессор, академик НАНТ.
М. Илолов – доктор физико-математических наук, профессор, академик НАНТ.
А. Фелалиев – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, академик НАНТ.
К. Абдуламонов – доктор сельскохозяйственных наук.
С. Сафармамадов – доктор химических наук, профессор.
А. Махмадризоханов – доктор биологических наук, профессор.
Д. Наврузшоев – доктор биологических наук, профессор.
Ш. Абдулофизов – кандидат физико-математических наук, профессор.
С. Сабоев – доктор биологических наук, профессор.
К. Имамёрбеков – доктор технических наук, профессор.
О. Хакназаров – доктор биологических наук, профессор.
С. М. Гоибназарзода – первый заместитель ректора по образованию, доктор экономических наук, доцент
Х. Каландарян – доктор филологических наук, профессор
М. Аламшоев – доктор филологических наук, профессор
Дж. Булбулов – доктор педагогических наук, профессор.
Ш. Джонмамадов – доктор экономических наук, профессор
М. Мамадасламов – доктор филологических наук, профессор
А. Абдулназарзода – доктор филологических наук, профессор
Э. Ходжибеков – доктор исторических наук, профессор
К. Собирова – доктор исторических наук, профессор
Я. Самандаров – доктор экономических наук, профессор
Ш. Карамхудоев – доктор философских наук, профессор
РЕДАКТОРЫ:
Б. Мамадраёнова – преп. английского языка,
М. Тойчиев – кандидат филологических наук.
ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:
Н. Офаридаев – доктор филологических наук, профессор.
ДИЗАЙНЕР:
Ф. Давлатбек – кандидат физико-математических наук.
АДРЕС:
Республика Таджикистан, ГБАО. Хорогский государственний университет имени Мойоншо Назаршоева, г. Хорог, улица Шахтемур, 109, 736000. Тел./Факс (+992-8) 22779
ВЕБ-САЙТ:
университет – https://www.khogu.tj
журнал – https://www.khogu.tj/payom

25.06.2021 года журнал включен в список рецензируемых журналов Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан (№263/МЖ-97 от 12.10.2022).

Журнал зарегистрирован в Индексе научного цитирования России № 297/2023 от 22.05.2023.

Ответственность и достоверность публикуемого материала несут авторы.

Адрес банка: «Амонатбанк» ВМКБ.
ИНН 700000710
№ 20200681090000156600 0
КХ 22402972000002
МФО (БИК) 350101626
20402972316264

© «Вестник Хорогского университета», 2024.

VESTNIK KHORUG UNIVERSITY

ADVISOR:
Komilbek Amid Yorbek - rector, doctor of political sciences.
CHIEF EDITOR:
Ahmadzoda Bahromjon Rajab - Deputy Rector for Science and Innovation, Doctor of Technical Sciences, Professor.
EDITORIAL TEAM:
M. Shakhbozov - Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Academician of ANST.
M. Ilolov - Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Academician of ANST.
A. Felaliyev - Doctor of Agricultural Sciences, Professor, Academician of ANST.
K. Abdulamonov - Doctor of Agricultural Sciences.
S. Safarmamadov - Doctor of Chemical Sciences, Professor.
A. Mahmadrizokhanov - Doctor of Biological Sciences, Professor.
D. Navruzshoev - Doctor of Biological Sciences, Professor.
Sh. Abdulofizov – Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Professor.
S. Saboev - Doctor of Biological Sciences, Professor.
K. Imamerbekov - Doctor of Technical Sciences, Professor.
O. Khaknazarov - Doctor of Biological Sciences, Professor.
S. M. Goibnazarzoda - First Deputy Rector for Education, Doctor of Economics, Associate Professor
H. Kalandaryan - Doctor of Philology, Professor
M. Alamshoev - Doctor of Philology, Professor

J. Bulbulov - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor.
Sh. Jonmamadov - Doctor of Economics, Professor
M. Mamadaslamov - Doctor of Philology, Professor
A. Abdulnazarzoda - Doctor of Philology, Professor
E. Khodjibekov - Doctor of Historical Sciences, Professor
K. Sobirova - Doctor of Historical Sciences, Professor
Y. Samandarov - Doctor of Economics, Professor

Sh. Karamkhudoev - Doctor of Philosophy, Professor
EDITORS:
B. Mamadrayonova - English teacher,
M. Toychiev - Candidate of Philology.
EXECUTIVE SECRETARY:
N. Ofaridaev - Doctor of Philology, Professor.

DESIGNER:
F. Davlatbek - Candidate of Physical and Mathematical Sciences.
ADDRESS:
Republic of Tajikistan, VMKB. Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev, Khorog city, Shakhtemur street, 109, 736000 Tel./ Fax (+992-8) 22779
WEB SITE:
university – https://www.khogu.tj
magazine – https://www.khogu.tj/payom

On June 25, 2021, the journal was included in the list of peer-reviewed journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan.

The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan (No. 263/МЖ-97 of 10/12/2022).

The journal is registered in the Science Citation Index of Russia No. 297/2023 of 05/22/2023.

Responsibility and reliability of the published material are borne by the authors.

Bank address: “Amonatbank” VMKB.
TIN 700000710
No. 20200681090000156600 0
KX 22402972000002
MFO (BIC) 350101626
20402972316264

© Bulletin of Khorog University, 2024.

УДК 37.01

РОҲБАЛАДӢ (МЕНТОРИНГ) ВА ШАКЛҲОИ КОРБАРИИ ОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Азизбеков Р.Р.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар замони муосир аз ҳаллу фасл намудани чанд масъала вобастагӣ дорад ё ба ибораи дигар бо мақсади расидан ба дараҷаи баландтари рушди соҳаи маориф ва таъмини таҳсилоти босифат бояд омилҳои зерин ба назар гирифта шаванд: рушди касбияти омӯзгорон, таъмин намудани муҳити мусоиди омӯзиш ҷиҳати фарогирии ҳамаи хонандгон ба таҳсил, шароитҳои моддӣ-техникӣ ва таълимию равонӣ, ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва амсоли инҳо; Яке аз роҳҳои маъмули расидан ба нуқтаи ниҳоии рушди касбияти омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ, ташкили фаъолияти менторӣ ё роҳбаладӣ мебошад. Ба туфайли ин намуди кор, имконияти рушд додани маҳоратҳои педагогии омӯзгорон фароҳам мегардад. Дар муассисаҳои таълимӣ, раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо фаъолияти роҳбаладиро метавон бо ибораи “устод-шогирд-устод” ишора намуд. Яъне, омӯзгори навкор ё камтаҷриба дар баробари он ки дар қатори дигар омӯзгорон ҷараёни таълиму тарбияро пеш мебарад, ҳамзамон шогирди яке аз омӯзгорони соҳибтаҷриба мебошад. [4;с.14]

Рӯ овардан ба усули роҳбаладӣ дар замони муосир ва бозгаштан ба ғояҳои мураббигарӣ дар соҳаи таълим ва тарбия шаҳодати онро медиҳад, ки ин модел ҳамчун як модели коркард ва таҷрибашуда дар рушди шахсияти ҳар як фард аҳамияти калон дорад. Асос ва пояи ин усули корро дастгирӣ ва ҳимоят ташкил дода, он ба мутобиқ ва иҷтимоишавии шахс, тавоно шудан дар касбият ва афзудани ҳавасмандӣ оварда мерасонад. Афзоиши таваҷҷуҳ ба роҳбаладӣ сабаби ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотӣ ва ҷалби диққати олимону коршиносони соҳа шудааст. [2, с.3]

Корҳои илмии дар ин самт анҷомдодашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки мафҳуми роҳбаладӣ (менторӣ) бисёрҷанба ва гуногунпаҳлӯ мебошад.

Дар раванди амалисозии фаъолияти роҳбаладӣ бояд пеш аз ҳама ду мафҳум ё консепсия ба инобат гирифта мешаванд: кадрӣ ва педагогӣ. Мафҳум ё консепсияи кадрӣ фаъолияти роҳбаладиро дар соҳаи фаъолияти касбӣ тавсиф мекунад. Ин бештар дар мавриде гуфта мешавад, ки як корманди ташкилот ҳамчун мураббии корманди дигар амал мекунад. Ҳамчун мафҳуми педагогӣ бошад, характери дутарафа дорад. Яъне корманди ин ё он ташкилот, муассиса, идора ва омӯзгори як муассисаи таълимӣ дар баробари омӯзондани корманд ё муаллими дигар, худ низ дар фароянди омӯзиш қарор мегирад. Ҳатто омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс ва ё машғулиятҳо аз шогирдонаш чизҳои нав меомӯзад. “Мурабии хуб ҳамвора бар ин бовар аст, ки афрод ҳамеша худашон посухи мушкилоти худро доранд, ки бархе афрод мумкин аст, барои ёфтани посух ба кӯмак ниёз дошта бошанд. Ба ин тартиб менторинг, яъне кӯмк ба афрод барои ин ки худашон ба потенсиали зарурии хеш бирасанд”. [2; с. 7] Аз ин таъриф бармеояд, ки роҳбаладӣ восита барои рушд ва тавсеаи шахсе шумор меравад, ки барои пешбурди мақсадҳояш аз робитаҳои байниинсонҳо (роҳбалад ва коромӯз) истифода мебарад.

Аз лиҳози хусусият менторинг метавонад расмӣ ва ғайрирасмӣ бошад. Роҳбаладии расмӣ бо таъиноти расмӣ (одатан тавассути фармоиш) ва вобасткунии омӯзгор, мутахассисони навкор /корманди камтаҷриба ба афроди ботаҷриба ва салоҳиятдор сурат мегирад. Дар бисёр мавридҳо мушоҳида мешавад, ки ин амал ба таври ғайрирасмӣ низ сурат мегирад. Ҳатто мутахассисони навкор, ки шавқи инкишоф додани маҳорати касбии

хешро доранд, ба таври ғайрирасмӣ ягон омӯзгор ё корманди соҳибтаҷрибаро улгу/идеал интихоб намуда, дар пайравӣ ба вай ва бо маслиҳату машварати вай амал мекунанд. Роҳбаладии ғайрирасмӣ хоси ташкилот, муассиса ва созмонҳое мебошад, ки фарҳанги мураббигарӣ дар онҳо дар сатҳи баланд инкишоф ёфтааст. Ин шакли роҳбаладӣ, ҳамчун анъана шартан дар 3- шакл -тасодуфӣ, лаҳзавӣ ва давраг(в)ӣ зоҳир мегардад.

Роҳбаладии тасодуфӣ, навъи роҳбаладии ғайрирасмӣ аст, ки шахс тасодуфан дар ҷодаи касбу кор ё дар ҳаёти ҳаррӯзааш ба таври тасодуфӣ ин ё он шахсро бо вижагиҳои шахсӣ ё касбиаш ҳамчун роҳбар интихоб менамояд ва ба рафтору аъмолаш пайравӣ менамояд. Дар баъзе мавридҳо ин намуди роҳбаладӣ на фақат дар шакли ҳузурӣ, балки фосилавӣ ҳам сурат мегирад. Ҳатто, чунин ҳам мешавад, ки коромӯз роҳбаладро аз ин ё он асар, филм ё сарчашмаҳои дигари иттилорасонӣ пайдо менамояд ва дар марвиди муайян ҳамчун намунаи зиндагӣ ба у пайравӣ менамояд.

Роҳбаладии лаҳзавӣ- шакли роҳбаладие мебошад, ки шахс барои бартараф кардани ин ё мушкил, ки дар ҷодаи ҳаёт ва ё касбу кор бо он дучор омадааст, ба роҳбалад/ мурабии хеш ручуъ мекунад ва аз ӯ кӯмак талаб менамояд. Метавон қайд кард, ки дар ин шакли роҳбаладӣ коромӯз мустақиман дар зери назорати роҳбалад набуда, танҳо бо майл ва хости худаш аз дониш ва таҷрибаи вай истифода мебарад.

Роҳбаладии давравӣ-намудиро ҳбаладӣ аст, ки коромӯз дар як давраи муайяни фаъолияти хеш дарин ё он муассиса роҳбаладро интихоб менамояд ва бидуни ягон созишнома, шартнома дар зери ҳимояти вай қарор гирифта, ба ҳамин васила худро рушд ва такмил медиҳад. Тавре қайд карда шуд, дар баробари мафҳуми “мураббӣ”, “роҳбалад”, “устод” дар забони педагогикаи муосир истилоҳе ба монанди “фасилитатор” истифода мешавад, ки аз ҳама бештар шабоҳат ба роҳбалад дорад. Фасилитар ба шахсе гуфта мешавад, ки ҳамчун боғбон бехи дарахтонро мулоим ва суст мекунад, то ки беҳтар ва хубтар рушду нумуъ намоянд. Яъне, ин вожа ва мавқеи корбурди амалии он аз вожаи “омӯзгор” нисбатан тафовут дошта, васеътар истифода мешавад. Раванди омӯзиш, ки мавқеи калидиро дар он омӯзгор ишғол менамояд, чун қоида, бо кӯмак ба донишҷӯ барои расидан ба ҳадафи шахсӣ дар доираи ин ё он барномаи таълимӣ алоқаманд аст. Роҳбаладӣ ё менторинг маҷмуи унсурҳои фаъолияти омӯзгорӣ дар алоқамандӣ ба принсипҳои рушди шахсият мебошад. Дар ин ҷо сухан дар бораи интиқоли дониш аз мутахассиси ботаҷриба-роҳбалад ба коромӯз (корманди камтаҷриба) барои пешрафт дар касбият меравад.

Ҳамин тавр, дар низоми маориф роҳбалад ё мураббӣ дар замони имрӯза бо мақсади расидан ба натиҷаҳои ниҳоии омӯзиши хонандагон, донишҷӯён ва гурӯҳҳои дигари таҳсилкунандагон нақши бориз ва калидӣ дорад. Одатан аз ин усул, пеш аз ҳама барои мутобиқ кардани мутахассисони ҷавон ба муҳити корӣ, зиёд кардани шавқ ва ҳавасашон нисбат ба кор ва додани роҳнамоии мушаххсас ба онҳо истифода мебаранд. Дар ин маврид чанд вазифаи роҳбаладӣ ва масъулияти роҳбаладро низ мисол овардан мумкин аст. Фаъолияти роҳбаладӣ дар муассисаҳои таълимӣ боиси ба миён омадани масъулиятҳои нав дар назди ҳайати омӯзгорон мегардад, ки ба татбиқи фаъолияти роҳбаладӣ алоқаманд мебошанд. Одатан, вазифаи менторинг дар соҳаи маориф дастгирии роҳбарон ва масъулини соҳа барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва дастгирии шахсияти омӯзгорону кормандони соҳаи маориф мебошад. Дар баробари ин, роҳбалади касбӣ ҳамчун коршиноси соҳа муайян менамояд, ки тарафҳои қавӣ ва заифи фаъолияти муассиса аз кадом омилҳо вобастагӣ доранд. Албатта, дар ин маврид омилҳои инсонӣ ба эътибор гирифта мешавад. Дар болоравӣ ё коҳиш ёфтани нуфузи муассиса маҳорати касбии омӯзгорон то кадом андоза муҳим аст. Дар шароите, ки муассисаи таълимӣ дар он фаъолият карда истодааст, дастгирии омӯзгорони навкор ва коромӯз дар кадом шакл ва бо кадом усул амалӣ карда мешавад.

Ба натиҷа расидан мумкин аст, ки роҳбаладӣ як рисолат аст, ки назди роҳбалад, мураббӣ гузошта шуда, масъулияти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷараёни фаъолияти хеш, роҳбалад ба воситаи сифатҳо ва арзишҳои махсусаш ба коромӯз кӯмаки маънавӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ҳатто модиро мерасонад.

Роҳабаладӣ дар замони имрӯза дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки мақсади ниҳоии он ҳамоно рушд ва такмил додани маҳоратҳои касбии коромӯз мебошад. [1;с 4-18]

Аз ҷумла роҳбалдии:

– инфиродӣ – бо дарназардошти эҳиёҷоти коромӯз дастгирӣ кардани вай ба таври фардӣ;

– гурӯҳӣ – як нафар роҳбалад гурӯҳ ё дастае аз коромӯзонро, ки ниёзҳои якхела доранд, роҳнамоӣ мекунад; [5; с.8-13]

– дастаҷамъӣ/коллективӣ – ташкили фаъолияти роҳбаладӣ бо гурӯҳи калони одамон, ки ниёзҳои гуногун доранд.

Аз рӯйи хусусият роҳбаладӣ дар шаклҳои зерин ташкил карда мешавад:

– бевосита – роҳбалад бо коромӯз на танҳо дар вақт ва муҳити корӣ, балки дар шароити ғайрирасмӣ низ робита барқарор менамояд;

– ба воситаи чизе – аксар вақт тавассути маслиҳат, тавсияҳо ва тамосҳои шахсӣ ба таври расмӣ амалӣ карда мешавад;

Вобаста ба муносибатҳои мутақобила байни роҳбалад ва кормомӯз роҳбаладӣ дар намудҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– аён – дар шакли анъанавии мураббигарӣ, ки ошкоро ба интиқоли таҷрибаи ҳаётӣ ва касбии як шахс ба шахси дигар алоқаманд аст;

– ноаён – ба таври пинҳонӣ роҳбалад коромӯзро роҳнамоӣ мекунад;

Аз рӯйи истифодабарии усул ва технологияи кори роҳбаладӣ бо тарзҳои зерин амалӣ мегардад:

– анъанавӣ – роҳбалад фаъолиятро бо коромӯз ба таври анъанавӣ ё классикӣ ба роҳ мемонад;

– муосир – фаъоляти менторӣ бо истифода аз воситаҳои технологияи замони муосир, ба таври маҷозӣ ё муоширати виртуалӣ амалӣ карда мешавад.[3;с.20-40]

Ба ҳам алоқаманд шудан ва ба ҳам пайвастани ҳама намуд ва шаклҳои мураббагирӣ амалишавии самабахши фаъолияти онро таъмин намуда, ҳамчун як воситаи муассир барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин вазифаи асосии ҳар як муассисаи таълимӣ пеш аз ҳама таъмин намудани сифати таҳсилот мебошад, ки аз як қатор шароити доимӣ тағйирёбанда вобаста аст. Аз ин рӯ, лозим аст, ки роҳҳо, усулҳо ва технологияҳое ҷустуҷӯ карда шаванд, ки сифати фаъолияти таълимиро баланд бардошта тавонанд. Дар такмилёбии фарҳанги фаъолияти роҳбаладӣ таъмин намудани сифати шароити кормандон мавқеи калидӣ дорад, яъне вазифаи асосии роҳбаладӣ ба ҳамин мақсад асос ёфтааст. Яке аз талаботи муҳими замони муосир дар соҳаи маориф омодагии ҳамаҷониба ва босифати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мутахассисони ҷавон мебошад. Ин талабот дар назди роҳбарон ва коршиносони соҳа вазифаҳоеро дар пеш мегузорад, ки тавассути ба иҷро расонидани онҳо усулҳо ва технологияҳои нав коркард карда шуда, ба рушди сифатноки касбияти омӯзгорон оварда мерасонанд. Фаъолияти роҳбаладиро ҳамчун як усули муаассир метавонем ба чунин технология ворид созем, зеро дар амалишавии он пеш аз ҳама салоҳияти коммуникативии омӯзгорон рушд меёбад. Салоҳияти коммуникативӣ барои омӯзгори асри 21 нисбати дигар маҳоратҳои касбӣ муҳим ва асосӣ мебошад, зеро

тавассути он табодули таҷриба ва арзёбии домии фаъолияти касбӣ сурат мегирад. Дар ин маврид, ба як масъалаи дигар аҳамият додан муҳим мебошад. Ин ҳам бошад, таҳлили вазъият ё ҳолати педагогии муассисаи таълимӣ мебошад. Яъне, муассисаи таълимӣ то кадом андоза аз лиҳози кадр тавонманд аст. То кадом андоза дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ тобовар ва устувор аст. Ҳангоми посух гардондан ба ин саволҳо, ёфтани мушкил, реша ва пайомадҳои он албатта касбияти омӯзгор дар ҷойи аввал қарор мегирад, зеро ҷараёни таълим ва тарбияро бевосита омӯзгори соҳибтаҷриба ташкил медиҳад. Ҳаллу фасл намудани масъалаҳо ва мушкилот вобаста ба вазъияти муассисаи таълимӣ ба ҳайси як воситаи таъсиргузор дар тағйир додани муҳити педагогии муассисаи таълимӣ ба ҳисоб рафта, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки касбияти хешро дар ҷодаи омӯзгорӣ тақвият бахшанд. Тарафи дигари манфиатовар дар таҳлил кардани вазъияти педагогии муассисаи таълимӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҷрибаҳои нави педагогӣ дар асоси роҳбаладӣ тавассути вобасткунии як омӯзгори навкор ба омӯзгори соҳибтаҷриба ба миён оварда мешаванд. [6; с.273]

Аз назария ва ақидаҳои болозикр хулоса кардан мумкин аст, ки фаъолияти роҳбаладӣ бо мақсади рушд додани маҳорати касбии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар шароити кунунӣ, ки имкониятҳо торафт зиёд шуда истодаанд, яке аз усулҳои самарабахш арзёбӣ карда мешавад, ки асалӣ кардани он аз худи муассисаҳои таълимӣ дар доираи иттиҳоди методии фаннӣ, гӯша ё кабинети методӣ имконпазир мебошад.

АДАБИЁТ

1. Блинов В. И. Наставничество в образовании: нужен хорошо заточенный инструмент / В. И. Блинов, Е. Ю. Есенина, И. С. Сергеев // Профессиональное образование и рынок труда. 2019. № 3. С. 4–18.
2. Каучинг ва менторинг, тарҷумон Ирфон Марзбон, Теҳрон, Эрон, 1402 (ҳ);
3. Моисеев А. М. Модель системы дистанционного наставничества и методической поддержки (НИМП) // Педагогика: вчера, сегодня, завтра. 2019. Т. 2, № 3. С. 20–40.
4. Наставничество в школе. Педагогические перспективные способы совершенствования культуры наставнической деятельности участников образовательных отношений, Д. Ф. Ильясов, В. В. Кудинов, Е. А. Селиванова, И. Д. Борченко, А. А. Севрюкова, К. С. Буров, Е. С. Красницкая, Д. Н. Погорелов, Челябинск ЧИППКРО, 2021, саҳ 14
5. Огородник В. Э. Возможности использования практико-ориентированных ситуационных задач в курсе методики обучения химии // Свиридовские чтения : сборник статей. Вып. 5. Минск : БГУ, 2009. С. 273.
6. Эсаулова И. А. Новые модели наставничества в практике обучения и развития персонала зарубежных компаний // Стратегии бизнеса. 2017, № 6 (38). С. 8–13.

РОҲБАЛАДӢ (МЕНТОРИНГ) ВА ШАКЛҲОИ КОРБАРИИ ОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Мақола ба шарҳ ва тавзеҳи мафҳуми роҳбаладӣ (менторинг) бахшида шуда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки аз нуқтаи назари илми педагогика ин вожаро баррасӣ ва таҳлил намояд. Барои исботи он ки роҳбаладӣ ҳамчун як усул барои баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ нақши калон дорад, ақидаҳи олимони соҳа оварда шудааст. Қисмати дигари мақола ба нишон додани роҳ ва усулҳои дар амал татбиқ намудани фаъолияти менторӣ дар соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст. Ба воситаи фаъолияти менторӣ усули "устод ва шогирд" дар муассисаҳо ташкил гардида, дар ҳамин замина маҳорати касбии омӯзгорон рушд дода мешавад. Рӯ овардан ба роҳбаладӣ дар замони муосир ва бозгаштан ба гояҳои мураббигарӣ дар соҳаи таълим ва тарбият шаҳодати

онро медиҳад, ки ҳамчун як модели ва таҷрибашуда дар рушди шахсияти ҳар як фард аҳамияти калон дорад.

Вожаҳои калидӣ: роҳбаладӣ, роҳбалад, роҳбаладии расмӣ, роҳбаладии ғайрирасмӣ, усули "устод-шогирд", маҳорати касбӣ, такмили ихтисос, роҳбаладии фардӣ, роҳбаладии гурӯҳӣ.

Азизбеков Раҳимдод Раҳмонбекович – директори филиали муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф" дар ВМКБ, ш.Хоруғ, к.Бандалӣ Сабралӣ 116, E-mail: rahmoniyon@mail.ru, arahimdod@gmail.com Тел.: +(992) 935481314, +(992) 501021182.

МЕНТОРИНГ И ЕГО ФОРМЫ РЕАЛИЗАЦИИ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена термину менторинг, поясняет его. Автор постарался анализировать этот термин с точки зрения педагогики. Чтобы доказать, что менторинг играет большого роль в деле повышения профессиональных навыков работников сферы образовательных учреждениях как один из методов приведены точки зрения учёных этой отрасли.

Другая часть статьи показывает пути и способы претворения на практике менторской деятельности. При помощи менторинга в образовательных учреждениях методам «наставник и практикант» (учитель-ученик» развиваются профессиональных навыки учителей.

Обращение к менторингу в сфере образования и возвращение к идеям наставничества в сфере образования свидетельствуют о том, что менторинг как принятая модель имеет большое значение в развитии личности.

Ключевые слова: наставничество, наставник, официальное наставничество, неофициальное наставничество, метод «учитель-ученик, профессиональное мастерство, повышение квалификации, индивидуальное наставничество, групповое наставничество.

Азизбеков Рахимдод Рахмонбекович – директор филиала государственного учреждения «Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования» в ГБАО, г.Хорога, ул. Бандалӣ Сабралӣ 116, E-mail: rahmoniyon@mail.ru, arahimdod@gmail.com Тел.: +(992) 935481314, +(992) 501021182.

MENTORING AND ITS REALIZATION FROM IN EDUCATION SPHERE

The article is devoted to the explanation of the concept of mentoring, and the author tried to consider and analyze this word from the point of view of the science of pedagogy. In order to prove that guidance as a method for increasing the professional skills of education workers and teachers in educational institutions has a great role, the opinion of the scientists of the field is presented.

Another part of the article is dedicated to showing the ways and methods of implementing mentoring activities in the field of education and educational institutions. Through the mentoring activity, the "mentor and mentee" method is established in institutions, and in this context, the professional skills of teachers are developed. Turning to guidance in modern times and returning to the ideas of mentoring in the field of education and training testify to its importance as a model and experienced in the development of the personality of each individual.

Keywords: mentorship, mentor, formal mentorship, informal mentorship, "master-apprentice" method, professional skills, professional development, individual mentorship, group mentorship.

Azizbekov Rahimdod Rahmonbekovish – director of the branch of the Republican Institute for Advanced Studies and retraining of educators in GBAO, Khorog, B.Sabrali Street 116, E-mail: rahmoniyon@mail.ru, arahimdod@gmail.com Тел.: +(992) 935481314, +(992) 501021182.

УДК 811.161.1

ИСТИЛОҲИ КОНСТИТУТСИЯ ВА МУРОДИФҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ВАО (ДАР АСОСИ МАВОДИ РӮЗНОМАИ “БАДАХШОН”)

Асанова М.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Лексикаи ҷамъиятӣ – сиёсӣ яке аз қабатҳои муҳимми таркиби луғавии ҳаряк забон ба шумор рафта, дар забоншиносӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор гирифтааст. Нахустин бор масъалаи мазкур дар осори забоншиноси маъруф И.А. Бодуен де Куртене матраҳ гардида буд[4]. Аз аввали соолҳои 50-уми асри гузашта шуруъ карда, масъалаи мазкур оид масъалаи мазкур асару мақолаҳои зиёде таҳия гардидаанд. Дар бораи муайян намудани мафҳуми лексикаи сиёсӣ- иҷтимоӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд [3;6;7].

Ба ақидаи иддае аз олимон ин қишри луғат аз номҳо падидаҳо мафҳумҳо иборат аст ки ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсиро дар бар гирифтааст. Иддае аз забоншиносон истилоҳот ва лексикаи иҷтимоӣ – сиёсиро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд. Лексикаи иҷтимоӣ –сиёсӣ аз истилоҳот, професионализмҳо, вожаҳои умумии адабӣ, ифодаҳои умумиистеъмоли адабӣ, номи воҳидҳои номенклатурӣ ва исмҳои хос иборат аст. Ин қабати махсуси лексика дар матнҳои сиёсӣ ба кор бурда мешавад, ки аз лексикаи умумиистеъмолӣ ва истилоҳот иборат мебошад[2;8].

Истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ аз ҷумлаи муҳимтарин воситаҳои луғавии забони Воситаҳои Ахбори Омма ба шумор мераванд. Дар ВАО ахбору иттилооти гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ дарҷ мегардад ва корбурди истилоҳоти соҳаи мазкур табиист, ки хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Маълум аст, ки матбуот ва дигар воситаҳои ахбор василаи таблиғ мебошанд ва дар матнҳои публитсистӣ истилоҳоти ҷамъитӣ корбурди васеъ доранд. Ба мақсади худдорӣ аз такрори як воҳиди луғавӣ барои кор бурди истилоҳоти расмӣ муродифҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд. Аз тарафи дигар, ба мақсади таъсир бахш сохтани матни публитсистӣ муродифҳои дигари оммафаҳм ва мутобиқ ба фаҳми когнативии миллӣ офарида мешаванд. Яке аз чунин истилоҳот, ки дар матнҳои публитсистӣ кор фармуда мешавад, Конституцсия мебошад. Ин мафҳум дорои муродифҳои зиёд гардидааст. Дар асноди расмӣ мафҳуми Конституцсия ба истеъмоли ҷорӣ дохил шудааст.

Вожаи конституцсия маънои (лот. Constitutio – муқаррарнамоӣ, таъсиснамоӣ, ташкилот) – санади олии ҳуқуқӣ, Сарқонун, ифодакунандаи ирода ва манфиати тамоми халқ ё табақаи ҷудогонаи иҷтимоии (гурӯҳи) ҷомеа ва аз рӯи манфиати онҳо заминаҳои муҳими сохти ҷамъиятӣ ва ташкили давлатии мамлакати дахлдорро мустаҳкамкунандаро ифода мекунад. Дар баъзе мамлакатҳо Конституцсияро “Қонуни асосӣ” (Основной Закон), “Дастур” ва ғайра ном мегиранд. Конституцсияҳои давраи шӯравӣ дар ИҶШС “Конституцсия (Основной Закон) СССР” ва дар Тоҷикистон “Конституцсия (Қонуни асосӣ) ҶШС Тоҷикистон” номида мешуданд. Ҳоло Конституцсия Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном дорад [11].

Конституцсия Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 тариқи раъйпурсии умумии қабул гардида, 26 сентябр соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба он тағйироту иловаҳо дохил гардидаанд. Аз соли 1994 то соли 2016 Конституцсияро Сарқонун меномиданд.

1. Дар забони матбуот, аз ҷумла рӯзномаи “Бадахшон” калимаи конституцсия корбурди васеъ дорад. Вожаи мазкур бо ба тариқи ҷудогона ба кор рафтаанд инчунин

бо ҷузъи Конституцсия бештар ибораҳои изофии дуҷузъа, се ҷузъа ва чорҷузъа сохта шудаанд.

Конституцсия - қонуни асосӣ, сарқонун (ё маҷмӯи қонунҳои моҳиятан муҳим)-и давлат аст, ки нерӯи волои ҳуқуқиро доро буда, низоми сиёсӣ ва иқтисодии онро танзим намуда, принсипҳои ташкилӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, маъмурӣ, суд, ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонро муқаррар менамояд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Конституцсия – кафили таъмини озодии виҷдон ва ваҳдати миллӣ. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Конституцсия Тоҷикистонро чун давлати иҷтимоӣ эълон намудааст, ки дар он барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона таъмин карда мешавад. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Сарқонун: Сарқонун (ё маҷмӯи қонунҳои моҳиятан муҳим)-и давлат аст, ки нерӯи волои ҳуқуқиро доро буда, низоми сиёсӣ ва иқтисодии онро танзим намуда, принсипҳои ташкилӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, маъмурӣ, суд, ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонро муқаррар менамояд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Бо Рӯзи Конституцсияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намоям. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Имсол мардуми сарбаланди тоҷик 29- солагии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои тинҷиву амонӣ ва осудагӣ таҷлил менамояд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Конституцсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 боб ва 100 модда иборат аст. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Конституцсияи замони соҳибистиқлолӣ аз конституцсияи дигар, ки дар замони Шӯравӣ қабул гардида буданд, он бо мӯҳтавою моҳияти худ фарқ дошта, он дар асоси манфиятҳои миллӣ, меъёрҳои байналмиллалӣ, ҳуқуқи инсон ба ҳаёт, ҳуқуқи моликият, ҳақи бунёди оила ва муқаррар менамояд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Конституцсияи давлати тоҷикистониён: Бо боварии том метавон гуфт, ки дар заминаи пойдевори устувор, сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат, меҳнати аҳлонаи мардуми кишвар ва меъёрҳои кишвар ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Конституцсияи давлатии тоҷикистониён имконияти кофии дифоъ аз сарзамини худ, дастовардҳои халқу миллатро доранд ва дар ростои рушду равнақ минбаъд низ муваффақиятҳои беназирро соҳиб хоҳанд шуд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Қабули Конституцсияи нав дар баробари навтарин дигаргуниҳо дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ саҳифаи нави таърихи мамлакатро боз намуд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

2. Муродифҳои вожаи Конституцсия:

Муродифҳое, ки дар шакли ибора бо ҷузъи вожаи қонун шакл гирифтаанд

Қонуни асосӣ – иборае, ки асосан аз рӯи мазмун бо мафҳумҳои "Конституцсия" ва "Сарқонун" як буда, дар мамлакатҳое, ки чун санади ягона вуҷуд дорад, меъёрҳои он қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Дар баъзе мамлакатҳо ба монанди ҶФО, ҶИИ ба ҷои ибораҳои Конституцсия ва Сарқонун бакор бурда мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон Қонуни Асосии соли 1949 бо тағйироту иловаҳо амал мекунад. Дар баъзе мамлакатҳо ҳам ибораи Конституцсия ва Қонуни Асоси якҷоя истифода карда мешаванд[11].

Қонуни асосӣ: Конституцсия қонуни асосӣ, сарқонун (ё маҷмӯи қонунҳои моҳиятан муҳим)-и давлат аст, ки нерӯи волои ҳуқуқиро доро буда, низоми сиёсӣ ва иқтисодии

онро танзим намуда, принсипҳои ташкилӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, маъмурӣ, суд, ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонро муқаррар менамояд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Қонуни асосии Тоҷикистон: муовини якуми раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Сафарзода Шарифхон аз номи муовини Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ табрик намуда изҳор дошт, ки бисту нуҳ сол муқаддам лоиҳаи Қонуни асосии Тоҷикистон соҳибистиқлол таҳти раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тарафдории гуруҳи соҳибэътибор, ки дар ҳайати он донишмандони соҳаҳои гуногуни илму маърифат, коршиносону фаъолони ҷомеа низ буданд, таҳияву комил гардид... (Рӯзномаи “Бадахшон”, № 46, 8.11.2023).

Қонуни асосии зиндагии давлат ва ҷомеа**:** Бисту нуҳ соли амали Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, ки қонуни асосии зиндагии давлат ва ҷомеаи мо аз имтиҳонҳои ҷиддии ҳаёт гузашт ва дурустии мақсаду вазифа ва арзишҳое, ки конституцсия бо онҳо асос ёфтааст, исбот гардид. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Қонуни асосии мамлакат**:** Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии президентиро чун шакли давлатдорӣ асос ниҳода, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сифати роҳбарии давлат ва Раиси Ҳукумат эълом дошт ва ӯро ҳамчун ҳомии Қонуни асосии мамлакат**,** қонуни кишвар, кафили озодиҳои инсон ва шаҳрванд , истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ, тамомияти арзӣ эътироф кард. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Қонуни асосии кишвар: Боз як солгарди қабули қонуни асосии кишварро дар фазои сулҳу оромӣ, бунёдкорию созандагӣ, болоравии ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии ҳамватанонамон истиқбол менамоем. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Қонуни олии кишвар: Дар матни қонуни олии кишвар хусусияти асосии ҷумҳурии президенти, аз қабили таъмини ҳамкории босуботи миёни ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ, сохтору рукнҳои асосии давлат, тақсимшаванда будани қаламрави мамлакат, давлати воҳиду ягона будани Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва мавқеи сазовор пайдо карданд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Маҷмӯи қонунҳои моҳиятан муҳим: Конституцсия - қонуни асосӣ**,** сарконун (ё маҷмӯи қонунҳои моҳиятан муҳим)-и давлат аст, ки нерӯи волои ҳуқуқиро доро буда, низоми сиёсӣ ва иқтисодии онро танзим намуда, принсипҳои ташкилӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, маъмурӣ, суд, ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонро муқаррар менамояд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023)

Қонуни сарнавиштсози давлат**:** Сарлавҳаи мақолаи Вафодорова Азизмо, директори МТМУ №25-и ноҳияи Шуғнон. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Сарконуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**:** Калимаи Сарконун дар соҳаи ҳуқуқи конституцсионӣ нав буда, маънои Конституцсияро дорад. Ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи Конституцсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) калимаи Сарконун ҳамчун ивазкунандаи калимаи Конституцсия ва муродифи он дар матни тоҷикӣ истифода карда шудааст[11].

Рӯйдоди бузурги тақдирсоз: Он (Конституцсия) ҳамчун рӯйдоди бузурги тақдирсоз барои гузариш ба марҳилаи нави рушди ҷомеаи кишвар ҳамчун раҳнамо хизмат намуд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

3. Муродифҳое, ки бо вожаи санад дар шакли ибораҳои дучузъа, сеҷузъа ва чорҷузъа сохта шудаанд:

Муҳимтарин ва асостарин санади давлатӣ: ...таҷлили солгарди Конституцсия - муҳимтарин ва асостарин санади давлатӣ аҳмияти муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангӣ дорад. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Санади муҳими давлатдорӣ: Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати арҷгузорӣ ба ин Санади муҳими давлатдорӣ қайд намуд, ки "Конституцсия пеш аз ҳама ба омили муҳимтарини кафолати устувории ҳаёти сиёсии табдил ёфт..." (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санадҳои беҳтарини ҷаҳонӣ**:** Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи ҳуқуқӣ ва ҷанбаи демократӣ яке аз санадҳои беҳтарини ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар он диққати махсус дода шудааст. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади бунёдиву созанда**:** Конституцсия ҳамчун санади бунёдиву созандае гардид, ки имрӯз дар асоси он ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳуқуқҳои қонунии худро мешиносад ва аз онҳо баҳравард мешавад. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади танзимгарои ҳаёти ҷомеа**:** ... мо бояд эҳтиромнамудани ин Санади танзимгарои ҳаёти ҷомеаро омӯзем, аз имкониятҳои он ҳар чи бештар истифода барем ва дар ниҳояти кор ба он муваффақ шавем, ки риояи ҳатмии он барои шаҳрванди мамлакат ҳам фарзу ҳам суннат гардид. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади олӣ: Мардуми тоҷик бо майлу иродаи худ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 29 сол муқаддам нахустин Коститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро қабул намуд ва тавассути ин санади олӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сарбаландӣ собит сохт... (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади муҳими тақдирсоз: Конституцсияи санади муҳими тақдирсоз дар ҳаёти шаҳрванди ҳар давлат буда, муносибатҳои ҳуқуқии байни шаҳрванд, сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро танзим мекунад. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади сарнавиштсоз: 29 сол муқаддам, 6 ноябри соли 1994 дар Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ санади сарнавиштсоз Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид... (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади сарнавиштсоз: Қабули ин санади сарнавиштсоз барои Тоҷикистон аҳмияти муайянкунандаи таърихи дорад. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади сарнавиштсоз**:** Аҳмияти муҳими таърихии Конституцсия, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ин санади сарнавиштсоз барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ замина гузошт ва омили асосии кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон гардид. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади сарнавиштсоз**:** Ин санади сарнавиштсоз имкон фароҳам овард, ки дар таҳкими минбаъдаи давтовардҳои истиқлолият, мустаҳкам гардонидани рукнҳои давлатдорӣ, ваҳдату суботи ҷомеа, бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, рушди иқтисодиву фарҳангӣ, болоравии обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ қадамҳои боз ҳам устувор гузошта шаванд. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади сарнавиштсози кишвари соҳибистиқлоламон: Тамоми мардуми шарифи Бадахшон ва дар симои онҳо кулли ҳамватанони азизро бо ифтихори ҷашни Санади сарнавиштсози кишвари соҳибистиқлоламон - Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта... (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади таърихиву сиёсӣ: Бо қабули ин санади таърихиву сиёсӣ бори дигар ба ҷараёниён собит намудем, ки миллати тоҷик воқеан тамаддунофар, соҳибдавлат ва таърихи мебошад. (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади олии ҳуқуқӣ: Конституцсияи ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ гуногуннамудии моликиятро кафолат медиҳад... (Рӯзномаи "Бадахшон", №46, 8.11.2023).

Санади муҳими таърихӣ**:** Дар ин санади муҳими таърихӣ ҳифзи соҳибихтиёрию истиқлолият, тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат эълон гардида, дар ин

радиф баҳри ҳимояи арзишҳои конституцсионӣ ва таъсиси давлати навини тоҷикон тағйирнопазир будани шакли идораи мамлакат, раванди демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ доштани давлат аз мақсадҳои асосии Конституцсия ҳисобида шуд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Санади вало ва олии мамлакат**:** Конституцсияи чун санади вало ва олии мамлакат дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ва зиндагии мардум нақши асосӣ дорад. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Санади муқаддас: Ин санади муқаддас истиқлолияти давлатии тоҷиконро ба расмият дароварда, заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, самтҳои асосии таҳқиму пешрафти ояндаи онро мутобиқи меъёрҳои эътирофшкдаи замони муосир муайян сохт. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Санади муқаддас**:** Ин санади муқаддас**,** яъне Конституцсия воқеан ҳам ифодагари идораи халқии Тоҷикистон аст, зеро халқ дар муҳокимаи он ба пешниҳоду дархостҳои судманд фаъолона ширкат кард ва онро бо аксарияти мутлақи раъйи худ кабул намуд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Санадҳои муҳиму тақдирсоз - Ҳар гоҳе ки ба саҳифаҳои заррини таърихи навини давлатдории миллии тоҷикон назар меафканем санадҳои муҳиму тақдирсозе пеши назар ҷилвагар мешавад, ки мояи ифтихору сарфарозианд, аз ҷумла, санаи 6-уми ноябри соли 1994. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

4. Муродифҳое, ки бо вожаи ҳуҷҷат дар шакли ибораҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ҳуҷҷати муҳим - Қабули ин ҳуҷҷати муҳим дар таърихи давлатдории Тоҷикистони навин рӯйдоди бузургу тақдирсоз гардид. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Ҳуҷҷати тақдирсоз: Имрӯз мардуми шарифи тоҷик дар остонаи ҷашни боз як санаи сарнавиштсози таърихӣ, 29-умин солгарди қабули ҳуҷҷати тақдирсоз - Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Ҳуҷҷати сиёсӣ ва санади ҳуқуқӣ - Конституцсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва санади ҳуқуқӣ**,** муҳимтарин арзишҳои бунёди ҷомеа баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои инсон, ҷомеа ва давлатро инъикос намуда, хусусиятҳои хоси давлатдории Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона арзёбӣ менамояд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ **-** Аз нуқтаи назар, Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воқеъ ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ ва заминаи ҳуқуқии таъмини сулҳи тоҷикон гардид. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

5. Шиносномаи ҳастии миллат: Дар охири конференсия намояндаи дин ва дигар олимони соҳаи ҳуқуқшиносиву ҷамъиятшиносон оид ба Конституцсия ҳамчун шиносномаи ҳастии миллат баромад намуд... (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

6. Шаҳсутун ва шиносномаи давлат: Конституцсия Шаҳсутун ва шиносномаи давлат, санади тақдирсоз ва таъйинкунандаи сарнавишти ҳар халқу миллат мебошад. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

7. Бахтномаи миллат: Мардуми тамаддунофару қавиродаи Тоҷикистон дар асоси ин бахтномаи миллат, яъне Конституцсия кору зиндагӣ намуда, баҳри расидан ба орзуву омоле, ки бо меъёрҳои он таҷассум мегардад, талош доранд. (Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

8. Оинаи адолат: Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оинаи адолат ҳам мебошад. (Рузномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023).

Ҳамин тариқ, муродифҳо яке аз унсурҳои матнҳои сиёсӣ меблшанд, ки таъсири экспресивии матнро тақвият мебахшанд. Муродифҳо аз воҳидҳои лексикии забон таркиб ёфта, калимаҳои умумиистеъмолии адабӣ ва истилоҳоти хоси ҳуқуқӣ ва сиёсиро дар бар

мегиранд. Дар баробари ин муродифҳо аз ибораҳои маҷозӣ низ таркиб меёбанд ва ҷанбаи экспрессивии матни сиёсиро таҳвият бахшидаанд.

АДАБИЁТ

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. М.: Советская энциклопедия, 1966. 519 с..
2. Багана Ж. Калька и заимствование как результат иноязычного влияния // Вестник Российского университета дружбы народов. М.:Лингвистика. 2007. №1(9). С.5-10.
3. Багана Ж., Хапилина Е.В. Контактная лингвистика. Взаимодействие языков и билингвизм. М.: Наука, 2010. 128 с.
4. Баранов О. С. Идеографический словарь русского языка. М.: ЭТС, 995. 820 с.
5. Березин Ф.П., Головин Б.Н. Общее языкознание. М.: Просвещение, 1979. 416 с.
6. Володарская Э.Ф. Заимствование как отражение русско-английских контактов. // Вопросы языкознания. 2002. № 4. [Электронный ресурс). Режим доступа: http:// issuesinlinguistics.ru/pubfiles/2002—4_96—118.pdf.
7. Гак В.Г. Языковые преобразования. М.: Школа «Языки русской культуры», 1998. 768 с.
8. Горбов А.А. Механизм семантического калькирования и его роль в восполнении дефектных парадигм числа абстрактных существительных в современном русском языке // Вестник СПбГУ. Сер. 9. 2015. Вып. 2. С.96 –104.
9. Григорьев С.И. Смена научных картин мира и социология // Социологические исследования. 2000. № 9. С. 13-22.
10. Гумбольдт В. О сравнительном изучении языков применительно к различным эпохам их развития//Избранные труды по языкознанию М.:Прогресс, 1984. 323 с.
11. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи коститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ – Душанбе, 2013. 600 с.
12. Рӯзномаи “Бадахшон”, №46, 8.11.2023

ИСТИЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИЯ ВА МУРОДИФҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ВАО (ДАР АСОСИ МАВОДИ РӮЗНОМАИ “БАДАХШОН”)

Истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ аз ҷумлаи муҳимтарин воситаҳои луғавии забони Воситаҳои Ахбори Омма ба шумор мераванд. Дар ВАО ахбору иттилооти гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ дарҷ мегардад ва корбурди истилоҳоти соҳаи мазкур табиист, ки хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Маълум аст, ки матбуот ва дигар воситаҳои ахбор василаи таблиғ мебошанд ва дар матнҳои публитсистӣ истилоҳоти ҷамъиятӣ корбурди васеъ доранд. Ба мақсади худдорӣ аз такрори як воҳиди луғавӣ барои кор бурди истилоҳоти расмӣ муродифҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд. Аз тарафи дигар, ба мақсади таъсир бахш сохтани матни публитсистӣ муродифҳои дигари оммафаҳм ва мутобиқ ба фаҳми когнативии миллӣ офарида мешаванд. Яке аз чунин истилоҳот, ки дар матнҳои публитсистӣ кор фармуда мешавад, Конституцсия мебошад. Ин мафҳум дорои муродифҳои зиёд гардидааст. Дар мақола муродифҳои истилоҳи Конституцсия дар асоси маводи рӯзномаи “Бадахшон” мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Вожаҳои калидӣ: истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ, матбуот, забони матбуот, ВАО, публитсистика, конституцсия.

Маълумот дар бораи муаллиф: Асанова Меҳринисо Маҳбатшоевна – ассистенти кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. тел: +992935125666. E-mail: asan.izawra@gmail.com

ТЕРМИН КОНСТИТУЦИЯ И ЕГО СИНОНИМЫ В ЯЗЫКЕ СМИ (НА МАТЕРИАЛЕ ГАЗЕТЫ “БАДАХШАН”)

Обществено - политичеcкие термины являются одними из важных составных лексических средств языка СМИ. В СМИ публикуются различные обществено-политические информации и широкое употребление имеет терминологии названной отрасли. Известно, что

пресса и другие средства массовой информации являются важными средствами информации и пропоганды, и в публицистических текстах общественная терминология имеет широкое употребление. В целях избежания повтора одной лексической единицы употребляются различные синонимы официальных терминов. С другой стороны, в целях усиления выразительности и доступности публицистических текстов согласно национальным когнитивным понятиям идет терминотворчество в области общественно- политической терминологии. Один из таких терминов в публицистических текстах является слово Конституция. В стате анализируется синонимы этого слова на материале газеты "Бадахшан".

Ключевые слова: общественно – политические термины, пресса, язык прессы и СМИ, публицистика, конституция.

Информация об авторе: Асанова Мехринисо Махбатшоевна – ассистент кафедры таджикской литературы и журналистики Хорогского государственного университета. Тел: +992935125666. E-mail: asan.izawra@gmail.com

THE TERM CONSTITUTION AND IЙS SYNONYMS IN THE LANGUAGE OF THE MEDIA (BASED ON THE NEWSPAPER "BADAKHSHAN")

*Socio - political terms are one of the important lexical means of the media language. The media publishes various socio - political information and the terminology of the named industry is widely used. It is known that the press and other media are important means of information and propaganda and social terminology is widely used in journalistic texts. In order to avoid repetition of one lexical unit, various synonyms of official terms are used. On the other hand, in order to enhance the expressiveness of the accessibility of journalistic texts according to national cognitive concepts, term creation is underway in the field of socio-political terminology. One of these terms in journalistic texts is the word C***onstitution***. The article analyzes the synonyms of this word using material from the "Badakhshan" newspaper.*

Key words: socio - political terms, press, language of the press and media, journalism, constitution.

Information about the author: Asanova Mekhriniso Mahbatshoevna – Assistant at the Department of Tajik Literature and Journalism at Khorog State University. Tel: +992935125666. E-mail: asan.izawra@gmail.com

УДК 615.89

ТАБИБСКАЯ МЕДИЦИНА НА ЗАПАДНОМ ПАМИРЕ: ИСТОРИЯ И ПРАКТИКА ЛЕЧЕНИЯ

Занджирбекова Г.И.

Хорогский государственный Университет имени М. Назаршоева

Табибская медицина на Западном Памире развивалась благодаря наследию отдельных личностей, которые не только теоретически, но и практически применяли общепринятые лечебные научные методики и установки своего времени. Табибы на Памире имели свои специализации и в основном разделились на несколько групп. В первую вошли те, кто проводил хирургические процессы и лечил раны, нарывы. Во вторую группу входили костоправы, которые вправляли кость, лечили вывихи и ушибы. Их звали «усто», т.е., мастер. Были также табибы, которые проводили кровопускания. Те, которые делали кровопускания детям, при болезни «пиле» и «кӯм касалə» их называли «вирехич». Это было привилегией женщин. Мужчины - табибы, которые занимались кровопусканием, делали кровопускания при наличии густой вредящей крови. Также отличались женщины –повитухи, которые принимали роды, лечили женские и детские болезни и их называли «пирзеча».

Самые известные табибы были терапевты и их также называли табибы-травники,

которые использовали методы фармакогнозии для лечения. Среди них самыми известными были: Шохзодамухаммад Саидфарухшох из Поршинева, Насридиншах Джалолов из Ривака и Охон Алидод Давлатджонзаде из Даршая. Ремесло этих табибов не только была наследственной, но и приобретённой. В основном их ремесло ссылалось на их личный опыт и на знания, передаваемые от предков, которые со временем дополнялисьи углублялись за счёт новых знаний и практик. Основными книгами табибов были такие известные книги, как: «Махзан-ул-улум», «Тибби Юсуфи», «Уммул-ул-илодж», «Мизон-ут-тиб» «Тибби Акбари». Весьма важной литературой, которая была путеводителем для табибов, была книга Авиценны «Канон врачебной науки». Но нужно также отметить, что у отдельного табиба имелись свои родословные книги, которые передавались из поколения в поколение и некоторые из их они держали в секрете. Также свои новые знания из проведённых практик они записывали, передавали или же делились со своими наследниками. Например, по сведениям И. Горненского, табиб из села Ривак Насридиншо Джалолов рассказал, что основные его лечебные справочники-это его старинные арабские книги, которые переходят из рода в род и для лечения нужно было переводить их на язык пациента[2, 112]. Нужно отметить, что табиб Насриддиншо Джалолов лечил использовав только лекарственные средства растительного производства. Но в арсенале лекарств Шохзодамухаммада имелись лекарственные средства не только растительного и животного производства, но также и минерального происхождения. Охон Алидод же использовал фармакогнозию, а также использовал магико-религиозные методы лечения и все они были успешными.

Смысл данного стиха воплощается в том, что если вас обидели, будьте терпеливы, не надо осквернять сердце грехом (обидами и местью). О брат, как после смерти ты превратишься в прах, прежде чем ты умрешь и превратишься в прах, будь смиренным! В четвертой строфе поэтом соблюдено искусство употребления: то есть из одного слова «хок» (почва) он расположил два значения. В начале четвертой главы «Бустона» Саади соизволит ради скромности:

Зи хок офаридат Худованди Пок,

Пас, ай банда, афтодагӣ кун чу хок! [6, 361]

Среди английских ФЕ, также встречаются синонимичные единицы, являющимися аналогом вышеприведенных таджикских ФЕ: ***bite the dust, breathe*** *one's* ***last, cash in*** *one's* ***chips, kick the bucket, give up the ghost, go on to a better land, pass away*** *and* ***pass on, turn up*** *one's* ***toes.***

Мы согласны с мнением тех ученых, которые выделяют «раздельнооформленность и семантическую целостность фразеологизмов как главные факторы, обусловливающие их вариативность в языке. Раздельнооформленность создает мобильность компонентов, а семантическая слитность обеспечивает стабильность общего значения» [16, 177].

Лингвист Г.И. Алиомарова отмечает, что «фразеология художественной прозы и фразеология общенародного языка - понятия, не совпадающие не столько в смысле количественного соответствия, сколько в смысле качественного расхождения. В языке художественной прозы находят своё отражение особенность авторской переработки фразеологических единиц, окказиональное употребление устойчивых оборотов, семантические сдвиги, необычные контекстуальные связи фразеологизмов - всё, что отступает от нормативного употребления, что вступает в противоречие с принятыми в литературном языке способами выражения мысли» [2, 4]. Учёный выдвигает две группы трансформированных фразеологических единиц: фразеологизмы, трансформированные в структурно-грамматическом и компонентном отношении и новообразования, созданные автором по аналогии с устойчивыми общенародными оборотами, но наполненные новым смыслом [Там же].

В современном языкознании выделяют следующие типы варьирования фразеологизмов: компонентное, морфологическое, морфемное, количественное, графическое, фонетическое, синтаксическое, комбинированное [16, 177].

О.М. Кузнецова подразделяет способы фразеологических модификаций на две

большие группы: **1)** структурно-семантические и **2)** семантические преобразования [10, 177]. Исследователь также рассматривает изменение лексико-грамматической целостности фразеологизма, виды структурных изменений, увеличение состава элементов фразеологизма, эллиптирование, типы контаминации [10].

Учитывая сравнительно - сопоставительный характер выше указанных исследований, попытаемся выявить одни и те же виды варьирования, определить среди них наиболее продуктивные у фразеологизмов «Гулистан» Саади Шерози с их переводами на английский язык.

В свою очередь, следует подчеркнуть респектабельный труд русского ученого В.М. Мокиенко, в чьих работа рассмотрены и другие виды варьирования, такие как **формальные, компонентные и факультативные**. Ученый воспринимает тип ф**ормального** как «варьирование компонентов фразеологизма, их трансформацию, не нарушающую его целостности и не изменяющую его значения». С его точки зрения, данные типы варьирования «хорошо демонстрируют генетическую общность слова и компонента фразеологизма» [15, 9].

Согласно нашему пониманию, «формальные типы варьирования аналогичны типам варьирования лексем и определяются во фразеологизмах, тождественных по значению, компоненты которых могут отличаться: грамматической формой, произношением, словообразовательными аффиксами, синтаксической позицией, графическим написанием» [16, 178].

В связи с вышеизложенными классификациями мы проанализируем трансформированные фразеологизмы в «Гулистан» и их перевод на английский язык.

В большинстве случаев в «Гулистан» Саади Шерози используются в узуальной форме исконно таджикские пословицы и поговорки: Чароғ пеши офтоб партаве надорад [6, 31] *“Перед вещами или великими, возвышенными людьми другие кажутся незначительными и ничтожными”;* перевод на английский: **The stars are not seen where the sun shines** [21, 14-15]**.** Переводчик при переводе передал смысл слово чароғ словом ***stars.***

Другой пример: Душман натавон ҳақиру бечора шумурд [6, 75] *“Враг есть враг, будь он маленький или большой”*; перевод на английский: **An enemy cannot be held despicable or helpless** [21, 22]**.**

Здесь следует отметить, что задача переводчика – это как можно точнее и полнее передать содержание текста оригинала. И превыше всего сохранять художественно-эстетическое воздействие оригинала. Так как каждый язык создаёт своеобразную «языковую картину мира», перевод является сложным феноменом.

Помимо этого, в «Гулистан» Саади Шерози присутствуют устойчивые единицы со структурно-семантической трансформации: расширение компонентного состава, замена одного или нескольких компонентов, эллипсис и т.п.

Таким образом, среди фразеологизмов нашей картотеки были обнаружены следующие типы формального варьирования, выраженные в видоизменении форм составляющих фразеологизм компонентов:

Расширение компонентного состава элементов фразеологизмов очень часто встречается в данном произведении. Например: «Борони раҳмати беҳисобаш ҳамаро расида ва хони ниъмати бедареғаш ҳама ҷо кашида; пардаи номуси бандагон ба гуноҳи фоҳиш надарад ва вазифаи рӯзӣ ба хатои мункар *(гуноҳи зишт)* набурад.»; *исходная форма* - пардаи касе даридан (сирри касе ифшо шудан; расво, бадном гардидан); рӯзӣ буридан (қисмат кардан) (М. Фозилов). Более того, данные фразеологизмы употребляются автором в негативной форме при помощи отрицательной частицы на-.

Рассматриваем их перевод на английский язык: *The rain of his incalculable mercy falls*

upon all, and the table of his unstinting bounty is laid everywhere. He does not ***rend the veil of*** *his servants'* ***honor*** *because of unspeakable sin, and he does not* ***eschew*** *the duty of* ***providing sustenance*** *for any grievous offense* [21, 1]. Здесь следует подчеркнуть, что переводчику удалось осуществить перевод грамотно, сохраняя особенности оригинала.

Следует подчеркнуть, что в "Гулистон" можно заметить огромное количество индивидуально-авторских фразеологизмов, которых мы не обнаружили в словаре М. Фозилова. Например:

- фарши зумуррадӣ (зелёная трава), қабойи сабзварақ (зелёные листва)

Фарроши боди саборо гуфта, то фарши зумуррудӣ бигустарад ва дояйи абри баҳориро фармуда, то баноти набот дар маҳди замин бипарварад. Дарахтонро ба хилъати наврӯзӣ қабойи сабзварақ дар бар гирифтаву атфоли шохро ба қудум *(бозомадан аз сафар ва…)*-и мавсими рабеъ *(ҳангоми баҳор)* кулоҳи шукуфа бар сар ниҳода [6, 30].

He tells the custodian of the zephyr to spread ***a carpet of emerald****, and he orders the wet-nurse of the springtime cloud to nurture the daughters of plants in the cradle of the earth. He clothes the trees in* ***a green raiment of leaves*** *with the robe of spring, and he places caps of blossoms on the heads of the children of the branches with the arrival of the vernal season* [21, 1].

- санги сарочаи дил (безжалостность), ба алмоси оби дида суфтан *(смягчить сердце слезами)*

Як шаб таъаммули айёми гузашта мекардаму бар умри талафкарда таъассуф мехӯрдам ва санги сарочайи дил ба алмоси оби дида месуфтам ва ин байтҳо муносиби ҳоли худ мегуфтам... [6, 42].

One night I was contemplating days past and regretting my wasted life, ***piercing the rock of the little fortress of my heart*** *with* ***diamonds of tears****, and I composed theses lines as descriptive of my state* [21, 5].

- дафтар шустан *(уничтожение записи)*

Баъд аз таъаммули ин маънӣ маслаҳат чунон дидам, ки дар нишемани узлат нишинаму домани суҳбат фароҳам чинам ва дафтар аз гуфтҳои парешон бишӯяму минбаъд парешон нагӯям [6, 44].

- англ.**:** *After contemplation of these things I thought it best to withdraw into isolation, to gather up the skirts of conversation about me, and* ***to wash*** *the irrelevant words from my* ***notebook****, henceforth to speak no nonsense* [21, 5].

Судя по всему, перевод легко читается и понятен английскому читателю. Переводчик сделал все возможное, чтобы сохранить образную систему Саади. Как вдумчивый и тонкий переводчик, воспользовался всеми возможными способами совершенствования перевода.

Кроме вышеприведенных, ещё наблюдается и другие виды трансформаций ФЕ в «Гулистан».

1. Замена одного из постоянных компонентов устойчивого сочетания лексемой того же семантического плана (синонимом или словом, близким по значению): исходная форма – оҳи сард (тяжелый вздох) (М.Фозилов), например: «Малик нафасе сард бароварду гуфт*:* – Ин мужда маро нест*,* душманонамрост*;* яъне*,* ворисони мамлакат*.»* [6, 83]; англ.**:** *The king* ***sighed in despair*** *and said, "This good news is not for me. It is for my enemies – that is, the heirs to the kingdom."* [21, 21], в другом месте: «Ногаҳ нафасе сард аз сари дард бароварду гуфт…» [6, 344]; англ.**:** *All of a sudden she* ***sighed painfully*** *and said…* [21, 126].

Исходная форма фразеологизма: авқоти касеро талх намудан (табъи касеро хира кардан – испортить чьё-то настроение)*:*

Зи бахт рӯйтурушкарда, *пеши* ёри азиз
Марав, ки айш бар ӯ низ талх гардонӣ! [6, 222].

- англ.: *Don't go to a dear friend with a long face on a ccount of your ill luck. For you'll only* ***put him in a bad mood*** *too* [21, 79].

Судя по вышеприведенным переводам, переводчик использовал метод буквализации, что привело к потере внутренней метафоры. Как отмечает Е.Ю. Каминский, «первая заповедь переводчика - «переводятся не слова, а смыслы» - не совсем правомерна в отношении поэтического перевода, поскольку в данном случае переводчик обязан переводить с языка на язык даже не смыслы, а интонацию поэта, - если угодно, его дыхание. Для переводчика важно не откровенное поэта, а его сокровенное, даже сакральное. А для этого одного понимания текста и смыслов мало, необходима интуиция и... любовь к переводимому автору, проникновение в глубины его души. Иными словами, для того, чтобы перевести поэзию конкретного поэта, нужно хоть немного стать этим поэтом, почувствовать и прожить хотя бы мгновение его жизни...» [13, 192].

2. Замена нескольких компонентов ФЕ лексемами того же семантического плана: исходная форма фразеологизма – панҷа ба шер задан (выполнять опасную работу) (М. Фозилов). Например:

Сустбозу ба ҷаҳл мефиканад,
Панҷа бо марди оҳанинчангол [6, 439].

- англ.: *A man with weak arms* ***grapples*** *in ignorance* ***with one whose claws are iron*** [21, 158].

Ҳар кӣ бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соъиди мискини худро ранҷа кард [6, 111].

- англ.: *Anyone who* ***boxes with someone with a steely arm*** *will only damage his own poor hand* [21, 32].

Дар ин сурат, ки манам бо пили дамон бизанам ва бо шери жиён *(*хашмгин)* панҷа дарафканам! [6, 251]. англ.: *In the shape I am in, would I box with champions or* ***grapple with a raging lion***? [21, 91].

Только в одном месте данный фразеологизм используется в исходной форме: Панҷа бар шер задану мушт бо шамшер, кори хирадмандон нест [6, 438]. англ: ***To vie with a lion*** *and to grapple with a sword are not acts of the intelligent* [21, 158].

Как видно из примеров, переводчик применяет разные слова при переводе глагола панҷа афкандан – ***to vie, to grapple, to box.***

Другой пример: исходная форма: беху бунёд кандан

Подшоҳе, ки тарҳи зулм афканд,
Пойдевори мулки хеш биканд! [6, 80]

- англ.: *A king who lays a foundation of cruelty* ***knocks the footing out from under the wall*** *of his own kingdom* [21, 19].

3. Замена одного из компонентов ФЕ словом иного семантического плана. Более того, компонент данного фразеологизма заменен другими словами, сохраняя семантики **исходного устойчивого сочетания:**

Ҷангу зӯроварӣ макун бо маст,
Пеши сарпанҷа дар баҒал ниҳ даст [6, 438].

- англ.: *Do not fight or try your strength with a drunk.* ***When faced with a fist, put your hands in your armpits*** [21, 158].

4. Автор этих строк заменяет всех компонентов вышеприведенного фразеологизма другими словами, сохраняя семантики исходного устойчивого сочетания. Например:

Ба бозувони тавонову қуввати сари даст,
Хатост, панҷаи мискини нотавон бишикаст [6, 85].

- англ.: *It is a mistake* ***to crush with your powerful arm and strong hand the fingers of a poor weakling*** [21, 22].

5. Существуют и другие виды трансформации, в которых заменены отдельные компоненты фразеологизма другими словами. Например: исходная форма – ба хуни касе даст шустан.

Хилофи ройи султон рой ҷустан,
Ба хуни хеш бошад даст шустан [6, 94].

- англ.: *To offer an opinion contrary to that of the ruler is* ***to wash one's hands with one's one blood*** [21, 40]. По нашему убеждению в переводе допущены технические погрешности, точнее вместо ***own blood*** используется ***one's one blood.***

Другой пример: Ҳоким даст аз ӯ бидошт ва маломат кардан гирифт, ки ҷаҳон бар ту танг омада буд, ки дуздӣ накардӣ, илло аз хонаи чунин ёре? [6, 160]; исходная форма: даст аз касе доштан, ҷаҳон бар касе танг омадан. англ.: *The ruler* ***acquitted him*** *and began to chide him, saying, "Was* ***the world pressing you*** *so much that you could only steal from the house of such a friend"* [21, 53]. Первый фразеологизм в переводе не учитывается переводчиком.

В приведенных примерах происходят более или менее различимые нарушения традиционной семантики исходных фразеологизмов.

«Семантические преобразования ФЕ, вызываемые приемом субституции компонентов, могут сопровождаться стилистическими изменениями, эффект которых может состоять в изменении эмоционально-экспрессивной окраски ФЕ» [10, 128].

«Результатом введения дополнительного компонента может быть появление определенных смысловых «примесей» в значении фразеологической единицы, усиление степени проявления признака, качества, обозначаемого данным оборотом в его узуальном употреблении, развитие образной структуры фразеологизма, введение слов-однородных членов с компонентом фразеологической единицы усиливает семантическую спаянность фразеологизма с контекстом» [2, 31].

Наблюдаются и другие виды трансформации в «Гулистон», таких как собственно семантические. «Условия реализации ФЕ могут быть такими, при которых оборот воспринимается в значении, отличном от привычного нормативного» [2, 50]. Например, фразеологический словарь М. Фазылова определяет значение *ФЕ «забон даркашидан»* следующим образом: «воздерживаться от того, чтобы что-то сказать, проглотить язык» [17, 499].

В контексте «Гулистан» данный фразеологизм наполняется и другим смыслом:

Кунунат, ки имкони гуфтор ҳаст.
Бигӯ, ай бародар, *ба* лутфу хушӣ.
Ки фардо чу пайки аҷал даррасад,
Ба ҳукми зарурат забон даркашӣ*!* [6, 27].

- англ.**:** *Now while you have an opportunity to speak, speak kindly, nicely, brother,*

For tomorrow, when the harbinger of death arrives, you will have to ***hold*** *your* ***tongue*** *forever* [21, 6].

Фразеологизм в данном контексте имеет значение «отдавать Богу душу, расставаться с жизнью».

Помимо этого, вышеупомянутый фразеологизм употребляется автором и в лексикографическом значении:

Филҷумла, забон аз муколамайи ӯ даркашидан қувват надоштам ва рӯй аз муҳоварайи

ӯ гардонидан мурувват надонистам, ки ёр мувофиқ буду иродат содиқ [6, 28]. англ.**:** *In short, I did not have the power to* ***hold*** *my* ***tongue*** *from speaking to him, and I did not consider it virtuous to refrain from conversing with him, for he was an agreeable friend and sincerely amiable* [21, 6].

Вне всякого сомнения «под влиянием контекста семантика фразеологизма может становиться более обобщенной, размытой, неопределенной» [2, 51]. «Следует отметить, что контекст играет определяющую роль в дифференциации семантических преобразований. Невозможно говорить о семантических преобразованиях фразеологических единиц вне контекста» [2, 8].

Значение ФЕ «палангафкану пилтан» известно: ***«физически прочный, здоровый, обладающий большой силой».*** Именно в таком значении она и употребляется в «Гулистан»:

Чӣ хуш гуфт золе ба фарзанди хеш,
Чу дидаш палангафкану пилтан.
«Гар аз аҳди хурдит ёд омадӣ,
Ки бечора будӣ дар оғӯши ман.
Накардӣ дар ин рӯз бар ман ҷафо,
Ки ту шермардию ман пирзан!» [6, 411].

- англ**.:** *How well spoke an old woman to her son when she saw him able* ***to defeat a leopard and as large as an elephant***

"If you remembered the time of your infancy, when you were helpless in my arms,
You woudn't be cruel to me today, when you are a lion of a man and I am an old woman" [21, 128].

Но затем в ином месте в «Гулистан» автор, производя компонентное изменение синонимом, употребляет названный фразеологизм **в** значении ***«хоть он и силён, его можно победить».*** Меняется под влиянием контекста не только семантика этого фразеологизма, но и эмоционально - экспрессивная окраска его: негативные коннотации уступают место позитивным. Например:

Ба корҳойи гарон марди кордида фирист,
Ки шери шарза дарорад ба зери хамми каманд!
Ҷавон агарчи қавиёлу пилтан бошад,
Ба ҷанги душманаш аз ҳавл бигсалад пайванд! [6, 433].

- англ**.:** *Send an experienced man on important jobs, for he will bring in a raging lion in the loop of his lasso.*

Although a young man may have a ***mighty mane*** *and* ***the body of an elephant****,*
In battling the foe he goes to pieces in fright [21, 139].

Наше исследование показывает, что индивидуально-авторская трактовка ФЕ представляют собой средство реализации экспрессии в художественном произведении. Талантливый Саади открывает в языке поистине неисчерпаемые возможности употребления слов и фразеологизмов, возможности такого их использования, при котором сами малозаметные обороты приобретают ярко выраженную экспрессию. Анализ окказиональных преобразований важен для определения творческого метода автора, выявления своеобразия отдельных жанров художественной речи.

«Гулистон» Саади Шерози является прекрасным прототипом, в котором употребляются красочные и выразительные художественные средства языка. Автор очень точно подбирает слова для своих произведений, открывая перед читателем богатейший экспрессивно-семантический сюжет и содержание. Данное произведение передает национальный колорит, ведь он великолепный стилист, который обогатил языковой фонд,

сотворив красочные примеры точного, истинного, великолепного, богатого оттенками повествования.

В произведение «Гулистон» Саади Шерози можно найти много ярчайших окказиональных преобразований фразеологизмов. Такой блестящий мастер слова как Саади Шерози постоянно применял стилистические приемы и различные средства выразительности, используя для этого различные фразеологизмы. Переводческий анализ манифестирует, что во многих случаях переводчик прилагает все силы достичь успеха в переводе.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Алещенко, Е.И. Русская поэтическая фразеология (на материале произведений В.М. Гаршина и Н.С. Лескова): Дис. ... канд. филол. наук: 10.02.01 / Е.И. Алещенко. – Волгоград, 1998. – 197 с.
2. Алиомарова, Г.И. Трансформированная фразеология как текстообразующий элемент единого целого (на материале художественной деревенской прозы): дисс. канд. филол. наук; 10.02.01. – Махачкала, 2003. – 154 с.
3. Архангельский, В.Л. Устойчивые фразы в современном русском языке. Опыт теории устойчивых фраз и проблемы общей фразеологии [Текст] / В.Л. Архангельский. – Ростов н/Д: Изд-во РГУ, 1964. – 315 с.
4. Архангельская, Ю.В. Фразеология в языке Л.Н. Толстого. – Дис. … канд. филол. наук. / Ю.В. Архангельская. – Тула, 2005. – 204 с.
5. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов [Текст] / О.С. Ахманова. – М.: Сов. энцикл., 1969. – 605 с.
6. Обиди Шакурзода. «Гулистон»-и Саъдӣ. Матни комил ва шарҳи он / Шакурзода Обид. - Душанбе: «СИЭМТ», 2021. – 576 с.
7. Караулов, Ю.Н. Русский язык и языковая личность. Изд. 7-е. / Ю.Н. Караулов. – М.: Издательство ЛКИ, 2010. – 264 с.
8. Кунин, А.В. Фразеологическая вариантность и структурная синонимия в современном английском языке [Текст] / А.В. Кунин // Проблемы фразеологии и задачи её изучения в высшей и средней школе. – Вологда: ВПИ, 1967. – С. 146–152.
9. Кунин, А.В. Некоторые вопросы английской фразеологии [Текст] / А.В. Кунин // Англо-русский фразеологический словарь. – М.: Русский язык, 1984. – С. 143–164.
10. Кузнецова, О.М. Трансформированная фразеология в произведениях И.С. Тургенева / О.М. Кузнецова. - Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова, № 4, 2007. – С. 127-131.
11. Ломакина, О.В. Фразеология в тексте: функционирование и идиостиль : монография / О. В. Ломакина ; под ред. В. М. Мокиенко. – Москва : РУДН, 2018. – 344 с. : ил. ISBN 978-5-209-08853-0
12. Ломакина, О.В. Фразеология в языке Л.Н. Толстого: Лингвистический комментарий и лексикографическое описание: дисс. д-ра филол. наук; 10.02.01. – Санкт Петербург, 2015. – 390 с.
13. Миры литературного перевода: В 2 т. Т. 2. Переводчик: тонкости ремесла: Материалы тематических семинаров IV Международного конгресса переводчиков художественной литературы (Москва, 8–11 сентября 2016 г.); [Науч. ред. А. Я. Ливергант; ред. Д. Д. Кузина; сост. И. О. Сид]. - М., 2018. - 416 с.
14. Мокиенко, В.М. Загадки русской фразеологии [Текст] / В.М. Мокиенко. – М.: Высш. шк., 1990. – 160 с.

15. Мокиенко, В.М. Славянская фразеология: учебное пособие для вузов по специальности «Русский язык и литература» [Текст] / В. М. Мокиенко. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Высш. шк., 1989. – 287 с.
16. Новикова, В.П. Типы варьирования субстантивных фразеологизмов с компонентом-прилагательным русского и английского языков / В.П. Новикова, Е.А. Иванова, О.А. Пасюкова, Е.А. Шмидт. - Вестник Челябинского государственного педагогического университета. – 2017. - № 9. – С. 175 – 182.
17. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / мурат. М. Фозилов. – Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1963. – 952 с.
18. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Ҷ.2. / мурат. М. Фозилов. – Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1964. – 803 с.
19. Чепасова, А.М. Семантико-грамматические классы русских фразеологизмов [Текст]: учеб. пособие / А.М. Чепасова. – Челябинск: Изд-во Челяб. гос. пед. ун-та, 2006. – 144 с.
20. Шиганова, Г.А. Релятивные фразеологизмы русского языка [Текст] / Г.А. Шиганова. – Челябинск: Челяб. гос. пед. ун-т, 2003. – 306 с.
21. The Gulistan (Rose Garden) of Sa'di // Translation by Wheeler M. Thackston. – The USA: Ibex Publishers, 2008. – 439 с.

ТАҒЙИРОТИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз - тағйироти фразеологӣ дар забони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаи онҳо ба англисӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур то ғоят мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ва таҳқиқоти умқиро тақозо менамояд. Мақсади таҳқиқот мушаххас намудани хусусиятҳо, тарзу усулҳои ивази фразеологӣ дар асар, ки шоир ба кор бурдааст ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ маҳсуб меёбад. Дар мақола якчанд усулҳои серистеъмол ва навъҳои ивазшавии воҳидҳои фразеологӣ муайян карда шуда, инчунин тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ҷараёни тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ муқаррар карда шудааст. Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик тағйири воҳидҳои фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои онҳо ба забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷа хусусиятҳо ва навъҳои асосии тағйироти фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ муайян ва тавсиф карда мешаванд. Бинобар мафҳуми вариантнокӣ дар байни забоншиносон баҳснок аст ва то имрӯз ақидаи умумӣ роиҷ нест, дар мақола мушкилоти тафриқаи вариантнокӣ ва синонимӣ шарҳ ёфтааст. Дар мақола консепсияҳои олимону муҳаққиқони муътабар доир ба ин масъала таҳлил гардида, андешаҳои онҳо ҷамъбаст гардидааст. Дар мақола омадааст, ки густариши таркиби ҷузъии унсурҳои воҳидҳои фразеологӣ дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ хеле зиёд мушоҳида мешавад. Бар замми ин бояд таъкид кард, ки дар «Гулистон» бисёр тағйироти фразеологии фардӣ-муаллифӣ, возеҳтарин ивазшавии окказионалии фразеологизмҳо мушоҳида мешавад.

Калидвожаҳо: тағйироти фразеологӣ, навъҳои ивазшавӣ, «Гулистан», ивази фардӣ-муаллифӣ, тарҷума, фразеологизмҳои маъмулӣ ва тасодуфӣ, ивазшавии семантикӣ, матн.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қаҳҳоров Шодимурод Рустамович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Тоҷикистон, ш. Душанбе, muallififarhang@gmail.com Тел.: +992-92-909-44-00.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЕ ВАРЬИРОВАНИЕ В ЯЗЫКЕ «ГУЛИСТАН» - А СААДИ ШЕРОЗИ И ИХ ПЕРЕВОДЫ НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК

Статья посвящена актуальной на сегодняшний день проблеме - фразеологическое варьирование в языке «Гулистан» Саади Шерози и их переводы на английский язык. Данная проблема по сей день не изучена и требует фундаментальных исследований. Цель исследования – раскрыть особенности, способы и приёмы фразеологических трансформаций в произведении,

использованными поэтом и их переводы на английский язык. В статье выявлены несколько продуктивных способов и типы модификаций фразеологических единиц, а также рассмотрены их переводы на английский язык, раскрыт процесс варьирования фразеологизмов. Научная новизна исследования заключается в том, что впервые в таджикском языкознании рассматривается варьирование фразеологических единиц «Гулистан» Саади Шерози и их перевод на английский язык. В результате выделяются и описываются основные особенности и типы фразеологических трансформаций «Гулистан» Саади Шерози. В статье раскрываются проблемы дифференциации вариантность и синонимии, по той причине, что термин вариант является дискуссионным среди лингвистов и до сих пор у них не существует единого мнения. В статье проанализированы концепции авторитетных учёных и исследователей по данной проблеме и обобщены их воззрения. В статье излагается, что расширение компонентного состава элементов фразеологизмов очень часто встречается в «Гулистан» Саади Шерози. В довершение следует подчеркнуть, что в "Гулистон" можно заметить огромное количество индивидуально-авторских, ярчайших окказиональных преобразований фразеологизмов.

Ключевые слова: фразеологическое варьирование, типы трансформации, «Гулистан», индивидуально-авторские модификации, перевод, узуальные и окказиональные фразеологизмы, семантические преобразования, контекст.

Сведения об авторе: Каххоров Шодимурод Рустамович - кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета, Таджикистан, г. Душанбе, muallififarhang@gmail.com Тел.: +992-92-909-44-00.

PHRASEOLOGICAL VARIATION IN THE LANGUAGE OF «GULISTAN» BY SA'DI SHEROZI AND THEIR TRANSLATION INTO ENGLISH

The article is devoted to a current thematical problem - phraseological variations in the language of "Gulistan" by Sa'di Sherozi and their translations into English. This problem has not been studied to this day and requires fundamental research. The purpose of the study is to reveal the features, methods and techniques of phraseological transformations in the work applied by the poet and their translations into English. The article identifies several productive methods and types of modifications of phraseological units, and also examines their translations into English, revealing the process of varying of phraseologisms. The scientific novelty of the study lies in the fact that the variation of phraseological units of "Gulistan" by Sa'di Sherozi and their translations into English is considered for the first time in the Tajik linguistics. As a result, the main features and types of phraseological transformations of "Gulistan" by Sa'di Sherozi are identified and described. The article reveals the problems of differentiation between variation and synonymy, for the reason that the term variation is controversial among linguists and they still do not have a common opinion. The article analyzes the concepts of authoritative scientists and researchers on this issue and summarizes their views. The article states that the expansion of the component composition of the elements of phraseological units is frequently found in "Gulistan" by Sa'di Sherozi. On top off it , should be emphasized that in "Gulistan" one can notice a huge number of individual author's, brightest occasional transformations of phraseological units.

Key words: phraseological variation, types of transformation, «Gulistan», individual author's modification, translation, usual and occasional phraseologisms, semantic modification, context.

Information about the author: Qahhorov Shodimurod Rustamovich - candidate of philological sciences, associate professor of the university wide English department of the Tajik national university, Tajikistan, Dushanbe, muallififarhang@gmail.com Phone number: +992-92-909-44-00.

УДК 342.52(575.3)

САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРАҶАИ ТАХАССУСИИ КОРМАНДОНИ СОҲАҲОИ САНОАТ ВА РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ОН ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кобулзода М.А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Асоси сиёсат дар соҳаи тайёр намудан ва такмили тахассуси кувваҳои коргарӣ, мавҷудияти маҷмуи шароитҳои зарурӣ мебошанд. Ин пеш аз ҳама: дастраси ба таҳсилоти босифат ҳамчун омили асосии тайёр намудани мутахассисони оянда; мутобиқат намудани малакаҳои бадастоварда ба талаботи корхонаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйиротҳо ва талаботи бозори меҳнат; пешгӯӣ ва омодагӣ барои бадастовардани малакаҳои касбии зарурӣ барои фаъолияти оянда (Хоналиев, 1979).

Сиёсат ва тадбирҳоро дар системаи таҳсилоти касбии ҳар як мамлакатро хусусиятҳои хос ва институтсионалии он муайян мекунад.

Агар хоҳем, ки омӯзиш муҳимият пайдо кунад, механизми иниститутсионалӣ ва молявӣ бояд робитаи зич байни соҳаи маориф ва меҳнатро таъмин кунанд. Барои мувофиқат намудани омӯзиш ба талаботи тағйирёбандаи корхонаҳои саноатӣ ва бозори меҳнат, воситаи муассир алоқа байни муассисаҳои истеҳсолӣ, давлат ва муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи маҳаллӣ, соҳавӣ ва миллӣ мебошад.

Касбомӯзӣ ва рушди малакаҳои касбӣ маънои васеъ дорад, зеро ки он барои тамоми тули ҳаёти инсон зарур аст. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дониш, малака ва салоҳиятҳои касбиеро фаро меорад, ки ворид шудан ба фаъолияти меҳнатӣ мушкилӣ надошта бошад. Рушди маҳорати касбӣ потенсиали эҷодии одамонро афзун намуда, имкониятҳоро барои фаъолияти корӣ васеъ мегардонад.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки таҳсилоти босифат ва таълими касб талаботи бозори меҳнатро қонеъ мегардонанд, аз ҷумла:

- дар худташаккулдиҳӣ, бо кор таъмин шудан ва рушди иҷтимоии одамон мусоидат менамояд;
- маҳсулнокии меҳнати кормандон ва корхона баланд мегардад;
- ба рушд ва ҷорӣ намудани фановарӣ (инноватсия) барои оянда мусоидат менамояд;
- ба болоравии музди меҳнат мусоидат менамояд;
- ба ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намуда, василаи таъсиси ҷойҳои кории нав ва аз байн бурдани сатҳи бекорӣ мегардад (Мухиддинова, 2018).

Аз ин нигоҳ мо баъзе таҳлилҳоро дар самти беҳтар ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноати вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Беҳтар намудан ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноат пеш аз ҳама ба дастовардҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Мушкилоти асосие, ки дар низоми кунунии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, набудани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои корфармоён, муассисаҳои таълимӣ ва давлат дар банақшагирӣ ва омодасозии мутахассисони касбӣ, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷуда мебошад. Дар давраи шароити иқтисоди бозорӣ маълум гардид, ки дар ин самт ду бозори мустақил вуҷуд дорад: бозори соҳаи маориф ва бозори меҳнат. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди таҳсилоти ибтидоии касбӣ новобаста аз эҳтиёҷоти ҷомеа

ба касбҳои зарурӣ, балки аз талаботи хонандагон бе дарназардошти имкониятҳои пайдо намудани ҷойи кор муайян карда мешавад. Имрӯзҳо алоқамандии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ устувор нест ё умуман вуҷуд надорад. Ҳоло танҳо ба маънои умумӣ, пеш аз ҳама аз рӯи анъана ва ғайри мантиқӣ метавон дар бораи талаботи иҷтимоии ҷомеа ба таҳсилоти касбӣ ва коргарони соҳибкасб сухан ронем.

Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи 14 самт: иқтисодиёт, техникӣ, алоқа, нақлиёт ва таҷҳизот, таҷҳизоти барқӣ, энергетика, мутахассисони соҳаҳои саноати химия, саноати сабук, саноати кӯҳӣ, меъморӣ ва сохтмон, хоҷагии қишлоқ, металлургия, телекоммуникатсия, туризм ва хизматрасонии меҳмонхонавӣ, мутахассисони хизмати маишӣ, хӯроки умумӣ, ки 106 касбро дарбар мегиранд, кормандони соҳаҳои хоҷагии халқ омода карда мешавад (Нарзикулов, 1957).

Норасоии мутахассисони соҳибкасб корфармоёнро водор мекунад, ки системаи таълимии дохилиро (курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос) ҷиҳати омода намудани мутахассисон дар муассиса таъсис диҳанд. Яке аз даъвоҳои корфармоён ин аст, ки донишҳои андӯхтаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯй нестанд. Аз ҳамин сабаб зарур аст, ки стандарт ва барномаҳои ба талаботи муосир мутобиқ ва аз нав таҳия намоем. Бино бар ин ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ сохтани таҳсилоти касбӣ саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Тибқи ақидаи баъзе олимон дар шароити воқеии истеҳсолот, сатҳи воқеии таҳсилоти коргар метавонад ба талаботи коргоҳи ӯ ҷавобгӯ набошад. Ин тафовут метавонад, чун қоида, оқибатҳои манфиро ба миён орад. Дар ҳолате, ки таҳсилоти корманд аз сатҳе, ки барои кори муқаррарӣ талаб карда мешавад паст бошад, корхона сифати баланди меҳнатро интизор намешавад. Имконияти муносибати эҷодӣ барои кор, талош барои рушди касбӣ кам карда мешавад. Агар сатҳи тарбияи корманд нисбат ба талаботи ҷои кор баландтар бошад, норозигии меҳнат ва хоҳиши тағйир додани ҷойи корро аз ҷониби кормандон интизор шудан мумкин аст (Народное хозяйство Таджикской ССР..., 1961).

Пажӯҳишгоҳи илмии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи тайёр намудани мутахассисони профессионалии Гуруҳи бист: Ҳамкории СБМ (Созмони байналмиллалии меҳнат) ва Федератсияи Русия» (Марҳилаи 2), оид ба такмили идоракунии коллективии системаи таҳсилоти касбии техникӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон оид ба низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, бо кор таъмин намудани хатмкунандагони он ва механизмҳои ҳамкориҳои корфармоён, дигар шарикони иҷтимоӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоиш гузаронидааст, ки мо дар раванди таҳқиқоти илмӣ маводҳои ин лоиҳаро ба асос гирифтем.

Тақрибан 44% литсейҳои касбӣ-техникӣ дар шаҳр ва боқимонда дар деҳоти ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд, дар вилояти Суғд бошад 45% дар шаҳрҳо ҷойгиранд.

Вобаста ба тараққиёти саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт (корхонаҳои саноати кӯҳӣ ва коркард, энергетика, туризм ва ғ.) нарасидани мутахассисони ин соҳаҳо, хусусан мутахассисони инжинерию техникӣ мунтазам меафзояд. Дар тақсимоти неруи (потенциали) меҳнатӣ низ номутаносибии ҷиддӣ вуҷуд дорад. Зиёда аз 70 фоизи аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дар деҳот маскунанд, ки дар натиҷа қувваи корӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ мунтазам пир шуда истодааст ва системаи нафақа проблемаю хатарро пеш меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамон тамоюлҳое, ки дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ баназар мерасад, барои вилояти Суғд низ хос аст.

Дар соли таҳсили таҳсили 2017-2018 дар вилояти Суғд аз шумораи умумии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (517,8 ҳазор нафар) 40 046 нафар (7,7%)

ба муассисаҳои олӣ, 20314 (4%) нафар ба колледж ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бошад танҳо 7700 нафар ё 1,5 фоизи хатмкунандагон дохил шуданд. Тақрибан 3450 нафар (0,7%) дар курсҳои кутоҳмудати марказҳои таълими калонсолон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд (Народное хозяйство Таджикской ССР..., 1977).

Таҳлили вазъи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки хатмкунандагон дар соли 2017 шаҳри Хуҷанд 82%, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 79% имкони бештар (шонс) доштанд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят фоизи ба кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 28% дар шаҳри Истаравшан то 68% дар шаҳри Панҷакент фарқ мекард. Дар соли 2018 қисми зиёди хатмкунандагон дар шаҳри Панҷакент – ҳудуди 71%, дар шаҳри Хуҷанд – 68% ва дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров - 67% ҷои кор пайдо карданд (Народное хозяйство Таджикской ССР..., 1990).

Барои омӯзиши механизмҳои имконпазири ҳамкориҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва корфармоён дар вилоят дар самти тайёр намудани мутахассисон, пурсиш байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғд аз ҷониби лоиҳа гузаронида шудааст.

Теъдоди пурсидашудагон дар раванди пурсиш 375 нафар аст, аз ин 206 нафар мард (55%) ва 169 нафар (45%) занҳо мебошанд. Дар натиҷа омилҳои асосии интихоби касб аз ҷониби хатмкунандагон муайян карда шуд (ҷадвал 1).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир ба ихтисосҳои нонпазӣ, дузандагӣ, каннодӣ, фелдшери ветеринарӣ, трактористмошинист хатмкунандагон кам эътибор медиҳанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ норасоии дохилшавандагон ба қайд гирифта мешавад.

Тахассусҳои нисбатан серталаб челонгари мошинаҳо ва электромеханик, сохтмончиҳо ба шумор мераванд. Шояд ин ихтисосҳо ба хотири дар оянда ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан бошад, на талабот дар бозори меҳнат дар вилояти Суғд.

Баландбардории самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ пеш аз ҳама ба:

Ҷадвали 1. Омилҳои асосии дар интихоби касби донишҷӯён таъсиррасонанда (дар мисоли вилояти Суғд)

Омилҳом дар интихоби касб таъсир расонанда	Шумораи шахсоне, ки пурсида шуданд
Манфиати шахсӣ (ин ихтисос ва ин самт бари ман қобили қабул аст)	177 нафар
Маслиҳати падару модар	72 нафар
Маслиҳати рафиқон ва шиносон	14 нафар
Ба шахсе ки барои ман намунаи ибрат аст (хешовандон, дӯстон дигар шахсон) пайравӣ кардам	29 нафар
Рақобат дар дохилшавӣ паст ва осон буд	49 нафар
Пас аз роҳнамоии касбӣ (маслиҳат, тест ва ғ.)	16 нафар
Барои ба кор даромадан пешомади хуб дошт	46 нафар
Барои дар хориҷа рафта коркардан имконият дошт	33 нафар
Ихтисоси бонуфуз буд	37 нафар
Дигар имконият надоштам (мол, пул)	5 нафар
Ман дигар соҳаро интихоб карда натавонистам, зеро дар маҳали мо танҳо ҳамин касбро тавсия доданд	10 нафар
Имконияти ройгон таҳсил намуданро интихоб кардам (аз ҳисоби давлат, корфармо ва ғ.)	39 нафар

Дар бозори меҳнат музди меҳнати ин ихтисос баланд аст	48 нафар

- муҷаҳҳаз намудани муассисаҳо бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, компютерӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ аз ҷониби давлат ва ҳукумат ҷиҳати таъмири биноҳо ва иншоотҳои таълимӣ, харидории таҷҳизот;
- баргардонидани омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, ки дар вақташ ба ихтиёри вазорату идораҳои дигар дода шудаанд ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- таъсис додани омӯзшгоҳҳои касбию техникии хусусӣ (ғайридавлатӣ);
- таҳия намудани барнома ва дастурҳои муосири таълимии бисёрзинагии ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгуй;
- омода кардани мутахассисони баландихтисос барои истеҳсолоти дорои технологияҳои муосир, иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, коркарди алюминий, пахта, сохтмон (махсусун таъмири дохили биноҳо бо технологияи навин), операторони истихроҷи нафту газ, соҳаҳои хизматрасонӣ (фурушанда, ошпаз) ва ғайра.

Самаранокии иқтисодиёт асосан аз фаъолияти иқтисодии аҳолии қобили меҳнат ва сифати қувваҳои коргарӣ муайян карда мешавад. Рушди иқтисоди бозорӣ танҳо ба навсозии технология ва иқтидори истеҳсолӣ маҳдуд шуда наметавонад, балки ба таёр намудан, баландбардории маҳорати касбӣ ва бозомӯзии коргарон низ вобастагии зиёд дорад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ рақобат дар бозори ҷаҳонӣ шиддат мегирад, ки муваффақияти он пеш аз ҳама ба сармояи инсонӣ вобаста аст. Сифати баланди сармояи инсониро тарбия, таълими босифат, ташаккули ҳавасмандӣ, мавҷудияти кафолати рушди шахсият дар ҷомеъа ва шароити истеҳсолӣ таъмин менамояд. Шароити ҳатмии чунин равандҳои ҳамгиройӣ (интегратсия), ташкил намудани ҷамъиятҳои ҳудудӣ-географӣ ва иттиҳодияҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва маданӣ дутарафа ё бисёртарафа ҳал карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи баланди рақобатпазирии худро таъмин карда наметавонад. Яке аз сабабҳои асосии ин заъифии системаи таҳсилоти касбӣ ва набудани робитаҳои устувори муассисаҳои таълимӣ бо корфармоён дар бозори минтақавии меҳнат мебошад. Системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғд ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ ба таври кофӣ мутобиқ карда нашудааст. Муассисаҳои касбӣ-техникӣ барои зуд ҷавоб додан ба дигаргуниҳои дар бозори меҳнат ба амал омадаистода, банақшагирӣ ва пешбинӣ намудани ҳаҷми талабот ба мутахассисон аз рӯйи ихтисос омода нестанд. Ин боиси зиёд шудан шумораи коргарони баъзе ихтисосҳо ва нарасидани мутахасисони касбҳои дигар дар бозори меҳнати минтақавӣ мегардад.

Омода намудани мутахассисон дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд бештар мувофиқи талаботи хоҷагиҳои истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ аз рӯи касбҳое, ки ба онҳо талабот зиёд аст ба роҳ монда шавад. Барои ин маълумотҳои боэътимод лозим аст, ки дар асоси таҳлили бозори меҳнат оид ба талаботи ҷорӣ ва пешбинишаванда ба ихтиссосҳо ва шумораи коргароне, ки бозори меҳнат ба онҳо эҳтиёҷ дорад омода шуда бошад (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Сохтори аҳолии қобили меҳнат дар вилояти Суғд

	2017	2018	2020
Шумораи кормандон (ҳазор нафар	402,8	407,9	421,5
- бахши воқеӣ	255,6	258,8	271,7
- соҳаҳои хизматрасонӣ	147,2	149,1	149,8
Шумораи бекорон	9,9	8,5	9,1
- мард	5,1	4,4	4,54

- зан	4,9	4,1	4,56
Сатҳи бекорӣ %	1,2	1,0	1,1
Ҳади ақали музди меҳнат (сомонӣ)	1003,5	1074,9	1174,20
Қарзидорӣ аз музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) (ба ҳолати охири сол)	7537,8	13217,3	14993,1

Манбаъ: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021).

Чунин бозори меҳнатро бидуни механизмҳои иртиботӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён дар минтақаҳо таъмин кардан ғайриимкон аст. Зарур аст, ки низоми сезинагии шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён дар минтаҚа роҳандозӣ карда шавад.

Марҳилаи якум – ташкили фармоиши минтақавии мутахассисони касбӣ, ки ташкилотҳою хоҷагиҳо низ дар назорати сифати таълим иштирок мекунанд. Марҳилаи дуюм ин бо ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон мебошад, ки то чӣ андоза дониш ва малакаҳои андухтаи хатмкунандагон ба талаботи воҚеии ҷойҳои корӣ мувофиқат мекунанд. Марҳилаи сеюм бошад, таъмини такмили минбаъдаи маҳорати касбӣ ва баланд гардидани касбияти коргари ҷавон мувофиқи талаботи рушди корхона ба манфиати худи коргарон.

Ҷиҳати беҳтар ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноат, давлатиро зарур аст, ки дар тайёр кардани коргарону мутахассисони баландихтисос, ба вуҷуд овардани заминаи муосири моддию техникӣ, таълимӣ, омода намудани кадрҳои инженерӣ-омӯзгорӣ, зиёд намудани шавқу ҳавас ба кор сиёсати худро куллан тағйир диҳад. Маҳз бо ҳамин роҳ самаранокии таълимро дар зинаи ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъмин намуда, талаботи хоҷагии халқи мамлакат, хусусан соҳаҳои саноатро бо мутахассисони соҳибтахассус ҚонеЪ гардонад.

АДАБИЁТ

1. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2021. С.477-489.
2. Мухиддинова Дж. З. Организационно-экономический механизм регулирования занятости населения в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан//Автореф. канд. дисс., Душанбе, 2018. - С. 94.
3. Хоналиев Н. Использование трудовых ресурсов в промышленность Таджикистана, Душанбе, 1979, ст.19
4. Нарзикулов, И.К. Краткие сведения о дореволюционной кустарной промышленности Таджикистана. - Сталинабад, 1957. – С. 9.
5. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г. ЦСУ Таджикской ССР. – Душанбе: 1961. – С. 27.
6. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1975 г. ЦСУ Таджикской ССР. - Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 60-70.
7. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1988 г. Госкомстат Таджикской ССР. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 168.

САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРАҶАИ ТАХАССУСИИ КОРМАНДОНИ СОҲАҲОИ САНОАТ ВА РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ОН ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола маълумот дар бораи самтҳои асосии ташаккулёбии дараҷаи тахассусии кормандони соҳаҳои саноат ва роҳҳои беҳтар намудани сифати он дар мисоли вилояти Суғди Ҷумуҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Нишон дода шудааст, ки сиёсат ва тадбирҳоро дар

системаи таҳсилоти касбии ҳар як мамлакатро хусусиятҳои хос ва институтсионалии он муайян намуда беҳтар намудан ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноат пеш аз ҳама ба дастовардҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Дар асоси таҳлили мушкилот, роҳҳои асосии баландбардории самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ дар мисоли вилояти Суғд нишон дода шудаанд.

Калидвожа: Вилояти Суғд, дараҷаи тахассусӣ, саноат, сифат, кувваҳои коргарӣ, корхонаҳо, бозори меҳнат, малакаҳои касбӣ, тадбирҳо, таҳсилоти касбӣ, муассисаҳои истеҳсолӣ, касбомӯзӣ, алакаҳои касбӣ, салоҳияти касбӣ, худташаккулдиҳӣ, сармоягузорӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Тел: 925880580. m.abdunazari@mail.ru

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ОРГАНИЗАЦИИ КВАЛИФИКАЦИОННОГО УРОВНЯ РАБОТНИКОВ ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЕГО КАЧЕСТВА НА ПРИМЕРЕ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлена информация об основных направлениях формирования уровня квалификации работников отраслей промышленности и путях повышения его качества на примере Согдийской области Республики Таджикистан. Показано, что политика и меры в системе профессионального образования каждой страны определяются ее специфическими и институциональными особенностями, и повышение уровня квалификации специалистов отрасли зависит, прежде всего, от достижений профессионального образования в республике. На основе анализа проблемы показаны основные пути повышения эффективности системы профессионального образования на примере Согдийской области.

Ключевые слова: Согдийская область, квалификационный уровень, промышленность, качество, рабочая сила, предприятия, рынок труда, профессиональные навыки, мероприятия, профессиональное образование, производственные учреждения, профессиональная подготовка, профессиональные отношения, профессиональная компетентность, саморазвитие, инвестиции.

Сведенея об авторе: Абдуназари Мавзуна Кабулзода преподаватель Худжандского государственного университета имени академика Бобожан Гафурова. Тел.: 925880580. m.abdunazari@mail.ru

MAIN DIRECTIONS OF ORGANIZING A SPECIAL LEVEL OF INDUSTRY WORKERS AND WAYS TO IMPROVE ITS QUALITY USING THE EXAMPLE OF SUCH LEVEL OF THE REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article provides information on the main directions of developing the level of qualifications of industry workers and ways to improve its quality using the example of the Sughd region of the Republic of Tajikistan. It is shown that policies and measures in the vocational education system of each country are determined by its specific and institutional features, and increasing the level of qualifications of industry specialists depends, first of all, on the achievements of vocational education in the republic. Based on the analysis of the problem, the main ways to increase the efficiency of the vocational education system are shown using the example of the Sughd region.

Keywords: Sughd province, qualification level, industry, quality, labor force, enterprises, labor market, professional skills, measures, professional education, production institutions, vocational training, professional relations, professional competence, self-development, investment.

Information about the author: Abdunazari Mavzuna Kabulzoda teacher at Khujand State University named after academician Bobojan Ghafurov. Tel: 925880580. m.abdunazari@mail.ru

УДК: 796.1

АҚИДАҲО ОИД БА МОҲИЯТИ ВАРЗИШ БАРОИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Қаландарбекова Б.Х.

Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С.Рахимов

Яке аз нуқтаҳои калидии сиёсати давлатии Тоҷикистон ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон мебошад ва ҳалли мушкилоти онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати мамлакатро ташкил медиҳад. Бинобар ҳамин, Пешвои миллат ҷалби бештари ҷавононро ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим муҳим шуморида, дар Паёми соли 2023 қайд намуданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ, дар доираи ташвиқу тағриби тарзи ҳаёти солим дар мамлакат 11 ҳазор иншооти нави варзишӣ бунёд гардиданд. [1,10] Тарзи ҳаёти солим омили асосии ҷалби ҷавонон ба рафтори хуб ва фоидабахш дар ҷомеа мебошад ва он тавассути қувваи ҷисмонӣ ва эҷодии услуби ҳар фард аз айёми кӯдакӣ инкишоф меёбад. [2,67] Мутобиқи назари ҷомеашинос Алфред Адлер, тарзи ҳаёт самти интихобкардаи шахс ва принсипи роҳнамоест, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳои инсон мусоидат мекунад. [3,89] Дар ин раванд мавқеи муҳимро тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ишғол менамояд. Бояд эътироф кард, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷузъҳои хеле мураккаб ва гуногунии фарҳанги ҷомеаи муосир мебошанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи олимони самти илмҳои гуногуни ҷомеа ба ин соҳа афзоиш меёбад. Ҳануз дар солҳои 70-уми асри XX дар системаи илмҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равияи нави таҳқиқот руи кор омад, ки он характери фарҳангӣ ва фалсафии варзишро мавриди таҳлил қарор гирифт [8,45]. Дар ин гуна таҳлили падидаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш олимон мавқеи позитивистиро пайгирӣ намуда, модели соддакардашудаи моҳияти варзиш ва тарбияи ҷисмониро таҳия намуданд [5,67]. Зиёда аз он, равияи позитивизм фалсафаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро воқеан ба мантиқ ва методологияи тадқиқоти илмӣ баробар намуд [7,78]. Ҳамин тавр, мулоҳизаи фалсафии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ асоси методологии инкишофи донишҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гардида, дар доираи комплекси васеи фанҳои назариявию амалии ин соҳа баррасӣ гардид [6,2]. Ин мавқеъ натиҷаи бевоситаи он шуд, ки дар доираи усули фалсафа, методологияи муайяни фаъолияти маърифати варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар амали инсон баррасӣ гардид. Аммо дар баробари ин маълум аст, ки равиши фалсафии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш танҳо як илми алоҳида набуда, дар қатори дигар илмҳо як намуди фаъолияти инсон ва як роҳи муайяни шинохти фаъолияти инсонро ҳамчун тарзи ҳаёти солим дар бар мегирад.

Моҳияти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар фалсафаи ҷомеа на танҳо бо ташаккули муносибати муайяни категорияи тарзи ҳаёт, балки бо фаъолият ва маданияти инсон низ алоқаманд мебошад. Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар баробари дигар падидаҳои фарҳангӣ ҳамчун воситаи такрористеҳсол дар заминаҳои худи ҳаёти инсон амалӣ мегардад. Дар ин бора М.К.Мамардашвили чунин менависад: «...Фалсафа ҳамчун дастгоҳи мафҳумҳо, идеяҳо ва афкори таҳлил амал мекунад, аммо дар муносибат бо варзиш айни замон он ҳамчун тарзи мавҷудияти шахс, таҷрибаи ҳаёт, тарзи зиндагӣ, ки аз ҷониби шахс амалӣ карда мешавад, дониста шудааст. Ин аз он бармеояд, ки моҳияти варзиш бо режими ҳаёти бошууронаи мо робита дорад ва якпорчагии муайяни ҳаёти инсонро ифода мекунад» [4,78]. В.И.Муравёв дар робита бо фалсафаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истиллоҳи «метафизика»-ро истифода мебарад [7,90]. Ин ба мо имкон медиҳад, ки доираи масъалаҳои фалсафии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз нигоҳи табиати инсон муайян кунем, ки онро метавон ҳамчун имконияти табиии инсонҳо номид. Мохияти равиши метафизикии

фалсафаи тарбияи ҷисмонӣ дар он зоҳир мешавад, ки гуё табиати инсонӣ исботнашаванда буда, шакли тарзи ташкили ҳаёти инсонро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, соҳаи метафизика (ё соҳаи онтология) соҳаи транссенденталӣ аст (ба андешаи И. Кант) ва он шароитҳоеро пешбинӣ мекунад, ки дар он таҷрибаи шахсро амалӣ кардан номумкин аст, зеро он берун аз ҳудуди таҷрибаи эмпирикӣ қарор дорад. Дар чунин ақидаҳо, муносибати метафизикӣ ба таҳқиқи фалсафии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳақиқатро инъикос намекунад ва соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун қисми хусусияти антропологии маданияти инсон ба назар гирифта мешавад. Маданияти варзишӣ ҳамчун ҳамаи он чизе, ки инсон офаридааст, фаҳмида мешавад, аммо падидаи фарҳанг боз як чизи дигареро низ дар бар мегирад, ки он дар доираи транссенденталӣ қарор дорад – яъне инсони идеалӣ аст. Аз ин рӯ, одами комилан бофарҳанг номидани шахс ғайриимкон аст, зеро ки вай танҳо чӣ гуна рафтор карданро мувофиқи меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда медонад, вале инсони мукаммал чизи дигар аст. Одатан, чунин шахс дорои дониши васеъ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон аст, аммо дар айни замон ӯ на танҳо дорои миқдори зиёди иттилоот аст, балки инчунин қодир аст, ки барои худ чизеро мувофиқи арзишҳои худ ва манфиатҳои худ интихоб намояд. Фарҳанги варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар тӯли таърихи инсоният на танҳо роҳи шинохти инсон ва худшиносӣ буд, балки як роҳи ташаккули худи шахс низ ба ҳисоб мерафт. Равиши дигари метафизикии дарки варзиш ва тарбияи ҷисмониро мушоҳида карда, олимон ин падидаҳоро дар доираи аксиология, яъне аз нуқтаи назари арзишҳои ҷомеа баҳо медиҳанд. Дар назари аввал доираи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ бо маҷмуи муайяни арзишҳо алоқаманд кардан мумкин аст. Ҳавасманд кардани одамон ба фаъолияти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҷолиб аз он ҷиҳат аст, ки барои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ин арзишҳо мувофиқат мекунанд, зеро характери муқовимат ва мусобиқаро бедор мекунанд [8,23]. Ин маҷмӯи арзишҳо пеш аз ҳама, шумораи зиёди одамонро ба худ ҷалб мекунанд, ки хусусиятхои гуногуни биофизиологӣ ва иҷтимоӣ доранд ва дар атрофи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ муттаҳид шудаанд. Қисми зиёди инсонҳо, ба варзиш на танҳо барои нигоҳ доштани саломатӣ, балки танҳо барои дар шакли хуби ҷисмонӣ будан муроҷиат мекунанд. Дар ин бобат хоҳиши шахс барои зебо, солим ва қавӣ кардани ҷисми худ арзиши муайяни ҷомеа дониста мешавад. Моҳияти варзиш ва тарбияи ҷисмониро ҳамчун арзиш ва сармояи ҷомеа баҳогузорӣ намуда, олимони мухталиф онро омили муҳими пешрафти ҷомеаи муосир меҳисобанд [5,78]. Варзишро, метавон роҳи муайян кардани марзи андозагирии инсонӣ аз руи маълумотҳои табиии ифодаёфта ва хосиятҳои бадани тағйирёфтаи фард номид. Муаллифони муосир аксар вақт таъкид мекунанд, ки мафҳуми «фарҳанги ҷисмонии шахсӣ» бояд на танҳо идеяи инкишофи ҷисмонии шахс, балки инкишофи рӯҳиро низ дар бар гирад. Дар ин росто арзишҳои маънавии миллатҳоро, ки бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш алоқаманданд, таҳлил намуда, мушоҳида мекунем, ки истифодаи варзиш аз ҷониби инсоният ҳамчун роҳи беҳбудии муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳо, синфҳо, миллатҳо ва кишварҳои гуногун тавассути рақобати осоишта амалӣ мегардад. Як нуқтаи арзиши маънавӣ доштани варзиш дар он аст, ки варзиш тавассути вохуриҳои байналмиллалӣ, фарҳанги меҳмоннавозӣ ва дустии халқҳоро такон мебахшад. Иштирокчиёни хориҷӣ имкон доранд, ба ғайр аз мусобиқа инчунин хусусиятҳои фарҳангии ин ё он давлатро омӯзанд ва бо ҳамин роҳ варзиш ҳамчун як ҷузъи фарҳанг метавонад ба табодули арзишҳои фарҳангӣ мусоидат намояд. Варзиш, ки дар табиати худ рақобат ва мусобиқаро дар бар мегирад, дар ин замина ҳамчун воситаи ҳалли осоиштаи низоъҳо баромад мекунад. Дар навбати худ, рақобат ва мусобиқа барои рушди варзиш ва системаи варзиши касбӣ мусоидат мекунад.

Зарурати ногузирии руи кор омадани варзишгарони касбӣ барои нишон додани натиҷаҳои баланд низ барои оммавӣ шудани варзиш мусоидат мекунад. Дар натиҷа,

варзиш метавонад на танҳо ба ташаккули шахсият мусоидат кунад, балки барои иҷтитимоишавии инсон мусоидат намояд. Аз ин рӯ, бӯҳрони натиҷаҳои варзиши муосир, пеш аз ҳама табиати антропологӣ дорад, ки бо имкониятҳои шахси алоҳида ва варзишгар вобастагӣ дорад.

Ҷисми зебо (ва муҳимтар аз ҳама, солим) як навъ нишонаи муваффақияти шахс аст. Маҳз ҳамин эҳтиёҷот, ҳамчун қувваи пешбарандаи мавҷудият ва инкишофи тамоми маданияти ҷомеа баромад мекунад. Ин қоида ба андешаи мо, на танҳо ба тарбияи ҷисмонӣ, балки ба варзиш низ дахл дорад, зеро дар варзиши муосир таваҷҷӯҳ ба фароғат ва ҳатто фоидаи тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасад. Маданияти оммавии муосир аз ин истифода бурда, варзишро ба намоиш ва тамошо табдил медиҳад.

Дар ин бора баъзе олимон варзишро ҳамчун олоти ҷавоб ба талабот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ маънидод мекунанд. Ин гуруҳи олимон дар доираи раванди метафизикӣ боқӣ монда, таъкид мекунанд, ки «варзиш имкони амалӣ намудани вазифаи инсонсози фарҳангро дар бар мегирад» ва ниёзи инсон барои берун рафтан аз доираи имкониятҳои худ як ҷузъи раванди эҷодиёти инсон мебошад. Ҳамин тариқ, шахс кӯшиш мекунад, ки қобилиятҳои худро таъсис ва амалӣ дода, ба мақсади гузошташудааш бирасад ва хислати худро тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, сабаби асосии мавҷудияти варзиш ҳамчун як ҷузъи фарҳанги худшиносӣ мебошад, ки шахсро ба варзиш ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, ғолибияти дар мусобиқа, барои шахс собит мекунад, ки вай ба зинае баромад, ки пеш аз вай ҳеҷ кас натавонист онро фатҳ намояд.

Ҳамин тавр хулоса кардан зарур аст, ки мазмун ва дурнамои дарки метафизикии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ тахлили дақиқро тақозо менамояд ва он наметавонад бо якчанд аломат фарҳанг, худшиносӣ ва варзишро омехта намояд, балки имконияти варзишро ҳамчун тарзи ҳаёти солим ва майли инсон ба он маънидод намояд. Аз тарафи дигар психологияи ғолиб будан низ рад намешавад, зеро он ҳамчун ангезаи шавқу рағбати шахс ба варзиш дониста мешавад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Пешвои миллат аз моҳи декабри соли 2023.- www. President.tj
2. Алфред Адлер Дарки фаҳмиши табиати инсон (ба забони анг.),Лондон,1992.- 175 с.
3. Алфред Адлер, Психологияи фардии А.Адлер (ба забони анг.), Лондон,1975- 230 с.
4. Баранов, В.А. Физическая культура: Ценностно-гуманистическая основа качества жизни современного общества: автореф.дис.д-ра филос.наук: 09.00.11/ Виктор Алексеевич Баранов. – М., 2011. – 42 с.
5. Визитей, Н.Н. Физическая культура и спорт как предмет фтлософско-антропологического анализа [Электронный ресурс] / Н.Н. Визитей // Парадигма здорового образа жизни: духовные и физические компоненты : материалы Междунар. Науч.-теорет.конф. 19-20 марта 2010 г. / Национальный університет физического воспитания и спорта Украины. – Электрон. текстове дан. – Киев, 2010. – Режим доступа: http://miytrener.com/431-html (Санади воридшавӣ: 10 марти соли 2024).
6. Константинов, Д.В. Физическая культура и спорт в контексте незавершенности человека / Д.В. Константинов // Вестник Томского государственного университета. – 2011. – № 348. – С. 47-50.
7. Муравьев, В.И. Философия физической культуры: дуализм концептуальных подходов и их взаимоисключающая взаимодополняемость / В.И. Муравьев // Научные труды: ежегодник;– Омск: Изд-во СибГУФК, 2010. – С. 299-301.

8. Парыгина, Е.А. Эволюция системы российской науки в области физической культуры XIX-начало XXI вв.: автореф.дис.канд.пед.наук: 13.00.01/ Парыгина Елена Александровна. – Омск, 2010. – 24 с.

АҚИДАҲО ОИД БА МОҲИЯТИ ВАРЗИШ БАРОИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола муаллиф масъалаи тарзи ҳаёти солим ва моҳияти варзишро барои ҷомеаи муосир аз нигоҳи олимони фалсафа ва ҷомеашиносӣ таҳлил намуда, манфиати онро дар мисоли ақидаҳои гуногун нишон медиҳад. Муаллиф афкори олимони мухталифро доир ба мавзуъ баррасӣ менамояд ва мафҳуми тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро шарҳ медиҳад. Инчунин мубрамияти мавзуи мақола дар он зоҳир мешавад, ки то кунун олимон таърифи муайяни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз нуқтаи илмҳои ҷомеашиносӣ дақиқан муайян накардаанд. Ин таъриф дар ҷаҳони илми муосир дар раванди таҳлил қарор дорад ва доир ба ин масъала фикру ақидаҳо гуногун мебошанд ва бинобар ҳамин баррасии ин ақидаҳо дар доираи мақолаи илмӣ хеле ба маврид аст.

Калимаҳои калидӣ: варзиш, тарзи ҳаёт, солим, афкор, таҳқиқотчиёни гарб, тарбияи ҷисмонӣ, фарҳанг.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна– номзади илмҳои педагогӣ, проректори Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ба номи С.Раҳимов, тел: 90-101-82-47 sabrinakalandar.cov@gmail.com

ТЕОРИИ О ЗНАЧЕНИЕ СПОРТА ДЛЯ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В статье автор рассматривает вопросы определения здорового образа жизни и теории о значение спорта для современного общества с точки зрения общественных идей философского направления. автор указывает на важность этого направления деятельности общества и анализирует мнение западных исследователей относительно теории о значение спорта для современного общества. вопрос поднятый автором важен в том плане, что до сих пор ученые не определили единый концептуальный подход к определению физического воспитания и спорта как стиль образа жизни. данное определение проходит этап становления и поэтому сравнение различных мнений по данному вопросу проливает свет в дальнейшем изучение тематики спорта как образа жизни.

Ключевые слова: спорт, термин, образ жизни, здоровье, мнение, западные исследователи, физическое воспитание, культура.

Сведение об авторе: Каландарбекова Бунавша Худоёрбековна – кандидат педагогических наук, проректор Государственного института физической культуры имени С.Рахимова, тел:90-101-82-47, abrinakalandar.cov@gmail.com

THEORIES ABOUT SIGHNIFICANCE OF SPORT IN MODERN SOCIETY

In this article author note the problem of definition of thermion of health life and style theories about sighnificance of sport in modern society in point of view of social philosophy. Author note that actuality of theme and conducted that this discussion very important for modern science. Because only after right definition of this problem we can find the only conceptual enlightenments about the life style. In this moment as author note, the life style knowledge stay in study of creation and its very important to analyses the difference opinions of scientists about the life style to create the conceptual conclusion in this trend of research.

Kew words: sport, thermion, life style, health, opinion, western scientists, physical teach, culture.

About the author: Kalandarbekova Bunavsha Khudoiorbekovna – candidate (doctor PhD) pedagogical scienses, Deputy of rector in State institute of physical culture after S.Rahimov, tel. 90-101-82-47, sabrinakalandar.cov@gmail.com

УДК 821.222.8

МАФҲУМИ ИСТИЛОҲИ «АҲЛИ ҚАЛАМ» ДАР ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Қаландариён Ҳ.С., Саидмуродзода Ш.Ш.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандаров,

Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) бо ибрози андешаҳои тараққихоҳонааш ҳамчун асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна шаҳир гардидааст. Маълум аст, ки таҳсили илм ва таҳкими маориф аз андешаҳо ва пешаҳои намояндагони миллати тоҷик будааст ва он дар ҳар давру замон ба таври худ талаққӣ ва дар хизмати мардум гузошта мешуд. Аммо Аҳмади Дониш дар ин ҷода илму маорифро на танҳо тарғиб, балки онро асоси дигаргун сохтани давлату давлатдорӣ муаррифӣ намуд ва барои ин ғоя то охири умр мубориза бурд. Барои ӯ «аҳли қалам» табақаи иҷтимоие буд, ки бояд кулли тарбияту сиҳатии ҷомеаро дар даст медошт. Дар ин мақола аз мафҳуми ин истилоҳ дар осори мутафаккир ёд мешавад ва ҳадафи ӯ муайян мегардад.

Ибораи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш ҳамчун истилоҳ баромад мекунад ва ғолибан ба маънои қишре аз ҷомеа мафҳум мегардад. Вале бояд гуфт, ки истилоҳи «аҳли қалам» аз назари Аҳмади Дониш гурӯҳи иҷтимоие аст, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ ва тақдири халқу мамлакат нақши калидӣ дорад. Муҳим ин аст, ки аҳли уламо, удабо ва шуаро низ шомили ҳамин гурӯҳ ҳастанд ва онҳо дар сиёсатдории султон рисолати махсус доранд.

Ба назар мерасад, ки истифодаи истилоҳи «аҳли қалам» аз ҷониби Аҳмади Дониш аз «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» оғоз мегирад. Чунончи, дар фасли дуюми «Рисола...», ки «Дар муомилаи мулук бо умарову сипоҳ ва тансиқи уммолву мутасаррифон ва услуби аскардорӣ» [Рисола, с. 35-63] баҳс мекунад, ба шарҳи тартиби аскардорӣ пардохта, менигорад: «Ва султон тартиби аскар аз ду табақа муҳайё дорад: аҳли сайф ва аҳли қалам. Барои қатъи низоъу даъовӣ ва ҷамъи мол аҳли қаламро насб гардонад; ва барои дафъи аъдо ва ҳарбу ҷидолу қитол аҳли сайфро махсус донад. Ва муҳимми ҳар кадомро ба дигаре тахлиту тамзиҷ надиҳад, ки ҳар ду муҳим муаттал монад; яъне кори аҳли сайф ба аҳли қалам роҷеҳ надорад. Ва ба аҳли қалам амали асҳоби сайфро насупорад» [3, с. 38].

Ба пиндори Аҳмади Дониш тахти ҳар як султон бар чаҳор қоима: сипоҳу раоё ва зару об муштамил аст. «Пас лозим омад султонро, ки ҳама ҳимматаш дар бақову суботи ин чаҳор асл бошад» [3, с. 36].

Вазифаи ин ҳар чаҳор аслро Аҳмади Дониш дар идомаи андешаҳояш оварда, менигорад, ки обро ҷамъияти халқ барои зироату иморат истифода барад то молу зари лозима ҷамъ оварда шавад ва бо ин молу зар аскар омадаву нигоҳ дошта шавад. Аскар, ки лавозимоти зарурии салтанат аст, дар навбати худ барои ҳифзи раият ва забти об муваззаф аст. Раият чун ба ионати султон соҳиби обу замин гаштанд, бояд «ушру хироҷи иртифооти мамлакатро ба хазина расонанд» ва «султонро воҷиб аст, ки аз ин мол касон омода дорад, то эшонро аз хусум ҳаросат кунад ва роҳҳои тараддуди эшонро аз ашрор пок гардонад ва низоъу ҷидол, ки миёни онҳо афтад, ба қатъ расонад» [3, 37-38]. Ва чуноне, ки дар боло иқтибос шуд, тартиби аскарро Дониш аз ду табақа - аҳли сайф ва аҳли қалам донистааст ва масъулияту вазифаҳои онҳоро муайян намудааст.

Дар масъалаи ҳадди нафақоти аскария изҳори андеша намуда Аҳмади Дониш менависад: «Ва агар аз аҳли қалам аст ё асҳоби сайф, аммо комил нест, нафақаи

мутавассит аз хизона бад-ӯ тақдир мекунанд ва хидмат мефармоянд» [3, с. 39]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш султонро роҳнамоӣ ба он мекунад, то аҳли қалам ва аҳли сайфро на танҳо ба ҳангоми хизматшоям буданашон дастгирӣ намояд, балки дар тамоми ҳолат онҳоро кумак ва тақдир намояд ва мувофиқи ҳавсалаву зарфияташон хидмат фармояд.

Дар мариди дигар муаллифи «Рисола...» вазифаи аҳли қаламро ба ин тавр мушаххас месозад: «Ва бояд, ки ашхоси мунсиф аз аҳли қалам дар ҳар фавҷ мансуб бошанд, то беҳунаронро аз ҳунармандон мумтоз гардонанд ва ҳаққи ҳунарпарваронро зоеъ насозанду напӯшонанд» [3, с. 43].

Аҳли қалам дар миёни фавҷ ва аскария масъулияти хосса ба уҳда доранд ва ин масъулият иборат аст аз тарбияву таъмини адолат ва расондани ҳаққи ҳар ҳунарманд мувофиқи ҳунар ва фаъолияти ӯ мебошад. Аҳли қаламро шахсе бояд раҳнамоӣ ва идора кунад, ки олим бувад ба ҳамаи илмҳо. «Ва ҳамчунин, дар табақоти аҳли қалам раисе вазъ кунад – мустақил, соҳибамр, ки ҷуз ба азли касе истиҷоза ба подшоҳ набарад ва олим бувад ба ҳама фунун аз шароеу бадоеъ. Агар инчунин шахс ба ҳам нарасад, ду раис мансуб дорад: яке барои шароеъ, дигар барои бадоеъ» [3, с. 44].

Аҳмади Дониш «раиси бадоеъ»-ро ба ҳайси дидбоне медонад ва насиҳати мулук мекунад ва мегӯяд «...лозим аст, ки дар мамлакат аз пайи ҳар амалу шуғл дидбоне чун раиси бадоеъ омода бувад, ки ҷавҳари мардум ба султон менамояд» [3, с. 46]. Бо амри султон ва бо кӯшиши раиси бадоеъ аҳли қаламро бояд «аз амал ба амал ва аз ҷой ба ҷой ҳар якчанд» фиристода шаванд, то агар «тахлите карда бошад, маълум гардад» [3, с. 58-59].

Бино ба қавли Аҳмади Дониш, ҷомеа аз чаҳор табақаи асосӣ иборат аст, чунончи: «Бидонад (яъне султон бидонад – Ш.Ш.), ки баъди аҳли сайфу аҳли қалам раият ду фирқаанд: аҳли ҳирфа ва аҳли деҳқанат» [3, с. 66]. Аҳли ҳирфа, яъне ҳунармандону косибон ва деҳқанат, яъне аҳли деҳқонон, ки ҳар дуи онҳо истеҳсолкунанда мебошанд. Онҳо раият ҳастанд ва хироҷсупоранда, аҳли сайф ва аҳли қалам муҳофиз ва тарбиятгар, таъминкунандаи адлу дод ва расонандаи ҳаққ ба ҳақдор.

Акнун тасниф ва шарҳи аҳли қаламро дар саҳифаҳои алоҳидаи боби «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ» мушоҳида мекунем [1, с. 358-374]. Дар ин сафаҳот мутафаккир аз ибтидо ба тариқи умумӣ пешаҳои махсуси аҳли сайф ва аҳли қаламро ном бурда, ҳадафи шарҳу таснифи онҳоро чунин баён доштааст: «Ва ман қабоҳати он пешаҳо, ки муфтахари арбоби қалам аст, алалҷумла баён мекунам ва бад-он ҳоли ҳамаи пешаҳо маълум шавад, ки сойири халқ бад-он саъю тараддуд оранд. Ва ҳол он ки пешаҳои аҳли қалам бар ҳамаи саноеъ шараф дорад, чунки худи аҳли қалам ашрафи табақоти мардуманд» [1, с. 358]. Сабаби «баёни қабоҳати он пешаҳо» аз ҷониби Аҳмади Дониш сирф ба сиёсати нодурусти замони мутафаккир ва беқадрии илму ҳунар вобаста буда, шарҳи он таҳлили алоҳидаро талаб мекунад. Аммо лозим ба такрор ин аст, ки Аҳмади Дониш шарафи аҳли қаламро бар тамоми саноеъ ва ҳунарҳои дигар бартарӣ дода, худи аҳли қаламро «ашрафи табақоти мардум» мешиносад. Дар зайл тасниф ва ташреҳи пешаҳои аҳли қаламро аз ҷониби Аҳмади Дониш дида мебароем ва хулосаҳои хешро роҷеъ ба мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар афкор ва осори ин мутафаккир баён хоҳем дошт.

Аҳмади Дониш илми русум ва дарсу тадаррус ва таълиму тааллумро дар ҷои аввал (мувофиқи тартибе, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» баён шудаанд) мегузорад ва онро «аълову ашрафи пешаи аҳли қалам» номидааст, ба шарте ки ихтиёраш «холисанл-Иллоҳ» бошад ва аз он «ғарази дунявӣ аз ҷоҳу мансаб ва тақарруби ҳукком дар миён надорад» [1, с. 358-359].

Пешаи дигаре, ки матбуъ, яъне писандидаву дилкаш аст ва «аҳли қалам дину имон дар сари он кунанд, мансаби қазост ва раёсат» [1, с. 364].

Дар шарҳи пешаи навбатӣ Аҳмади Дониш аҳли қаламро бо муродифи он – «арбоби қалам» ном бурдааст ва ин пеша «мансаби мушрифӣ ва дабирии доруссалатанат аст», ки «мунтаҳои мутаманнои арбоби қалам аст», яъне хоҳиши ниоҳӣ ва ягонаи аҳли қалам мебошад [1, с. 365].

Пешаи дигар, ки аҳли қалам дар «таҳсили кому маром» ба он «тамассук ҷӯянд... илми фатво ва таҳрир ва маҳзароту сукук (сикказанӣ – Ш.Ш.) аст» [1, с. 366]. Ва илми тибро, пас аз ин дар таҳсил коммумидд номида, илми нуҷумро «мафхари аҳли қалам» маънидод мекунад [1, с. 367].

Тафсири шеъру шоирӣ, ки дар навбати тасниф пешаҳо ҳафтум омадааст, боиси таваҷҷуҳи махсус буда ва унвони пурраи он чунин аст: «Дигар пеша, ки аҳли қаламро бад-он мубоҳоту ифтихор ояд ва маншаи тафаввуқ ва тафаззул гардад, муқовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун бошад…» [1, с. 368].

Пешаи охирине, ки мутафаккир «аҳли қаламро бад-он мумтоз медонад» «навиштани хутути мутаориф ва нигоштани нақшҳо ва тасвирҳо» мебошад [1, с. 371]. Шарҳи пешаҳоро Аҳмади Дониш чунин ҷамъбаст мекунад: «Ин аст ҳақиқати ҳоли пешаҳо ва саноеъ, ки дар ҷавҳари ақлу рӯҳ меафзояд» [1, с. 372].

Пешаҳое, ки марбути аҳли қалам ҳастанд, аз чанд ҷиҳат ва вобаста ба чанд хосияту ҳадафашон ба ҳамдигар робитаи қавӣ доранд.

Пеш аз ҳама, аҳли қалам соҳиби савод ва илми комил аст ва аз ин хотир «...лозим аст, ки дар мамлакат аз пайи ҳар амалу шуғл дидбоне чун раиси бадоеъ омода бувад, ки ҷавҳари мардум ба султон менамояд» [3, с. 46].

Дуюм, онҳо пешоҳанги кулли мардум дар ҳамаи умур мебошанд ва ҳатто аҳли сайфро низ онҳо тарбиятгар ҳастанд.

Сеюм, ин табақоти мардум аз адлу адолат бохабар ҳастанд ва низоми адлу додро таъминкунанда мебошанд. Бо ҳамин мақсад Аҳмади Дониш мегӯяд, ки аҳли қалам барои «қатъи низоъу даъовӣ», яъне ҷудо кардани ҳақ аз ноҳақ ва расондани ҳақ ба ҳақдор, зарур аст.

Чаҳорум, ин қишри ҷомеа баинсоф аст ва нисбати кулли вазъу корҳо мунсифона рафтор мекунад. Аз ин рӯ, мутафаккир мефармояд: «Ва бояд, ки ашхоси мунсиф аз аҳли қалам дар ҳар фавҷ мансуб бошанд, то беҳунаронро аз ҳунармандон мумтоз гардонанд ва ҳаққи ҳунарпарваронро зоеъ насозанду напӯшонанд» [3, с. 43].

Панҷум, онҳо аксаран аҳли адабанд. Аҳли қалам, пеш аз ҳама, дар андеша ва осори Аҳмади Дониш маънои мардуми аҳли саводу илм буда, онҳо тавассути дониш ва хиради хеш неку бади оламу одам, иҷтимоъву иқтисодро ҷудо карда метавонанд. Бо вуҷуди чунин мазмун доштани истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш, ин истилоҳ ба маъно ва мазмуни «аҳли адаб», ба истилоҳи имрӯза «намояндагони шеъру адаб» низ аз ҷониби мутафаккир мустафод гардидаст, чунончи дар ин ҷумла: «Ман доим ба паҳлӯ афтода будам ва нафаси ман ба хизмати абнои ҷинс ризо намедод, чунон ки аҳли қалам санъатеву китобате кунанд (ва) музду учре бардоранд, магар ба қадри зарур» [2, с. 272]. Ҳамчунон, дар ҷои дигари ҳамин хотирот, ҳангоме ки мутафаккир «аҳли қалам» мегӯяд, сирф аҳли шеъру адабро дар назар дорад: «Ва аксаре панҷ-шаш нафар доим ба даврам муҷтамеъ буданд аз аҳли қаламу табақоти зуҳравия» [2, с. 272-273].

Ҳамин тариқ, агар аҳли сайф барои нигоҳдории марзу буми кишвар ва тартиботи раоё муваззаф бошад, пас аҳли қалам барои тарбияи ахлоқу одоб, таъмини сиҳҳативу солимӣ, барқарор намудани адлу дод ва таҳкиму илму маорифи ҷомеа вазифадор мебошад. Аҳли сайф ҳам то андозае тобеи аҳли қалам аст, зеро «аҳли қалам ашрафи табақоти мардуманд» [1, с. 358].

АДАБИЁТ:

1. Дониш, А. Новодир ул-вақоеъ (Мунтахаб) / Аҳмади Дониш. Таҳия, тавзеҳот, луғатномаи Баҳриддин Мирзоев ва Иззатулло Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
2. Дониш, А. Осори баргузида / Аҳмади Дониш. Ба чоп ҳозиркунандагон Р. Ҳодизода ва А. Абуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 376 с.
3. Дониш, А. Рисола дар назми тамаддун ва таовун / Аҳмади Дониш. Таҳия, тавзеҳот, ва муқаддимаи Исроилов Раҳматшо. – Душанбе: Сайрон, 2020. – 160 с.

МАФҲУМИ ИСТИЛОҲИ «АҲЛИ ҚАЛАМ» ДАР ОСОРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Дар осори Аҳмади Дониш мо бо истилоҳоти гуногуни сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ дучор меоем, ки онҳо маҳсули ақидаҳои ӯ буда, муносибати мутафаккиронаашро нисбати самтҳои боло муайян мекунанд. Ин истилоҳот андешаҳои олимонаи Аҳмади Донишро фароҳам оварда, ӯро ҳамчун олими ин ё он соҳаи илм муаррифӣ менамоянд. Аз ҷумла, истилоҳи «аҳли қалам», ки дар мутуни «Рисола» ва «Наводир ул-вақоеъ» ба таври фаровон истифода гардидааст, андешаҳои Аҳмади Донишро нисбат ба масъалаҳои салтанту давлатдорӣ, табақаҳои ҷомеа, вазифаҳо ва масъулиятҳои онҳо ва соири масъалаҳои марбутро муайян менамояд. Дар мақола ҳамаи ин андешаҳо мавриди таҳлил қарор гирифта, нахустин маротиба мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар андеша ва осори Аҳмади Дониш баррасӣ гардидааст. Бар замми ин, муаллифи мақола истифода гардидани истилоҳи «аҳли қалам» нисбат ба шоирону адибонро аз ҷониби Аҳмади Дониш ба қайд гирифтааст.

Калидвожаҳо: Аҳмади Дониш, маорифпарвар, мутафаккир, давлатдорӣ, аҳли сайф, аҳли қалам, аскария, раоё, аҳли ҳирфа, аҳли деҳқанат, аҳли адаб.

Маълумот дар бораи муаллифон: Қаландариён Ҳоким Сафар - доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ. Нишонӣ: ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯч. У. Холдоров, 4. Тел.: (+992)934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода, унвонҷӯйи Институти забон ва адабиёти ба н. Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, тел.: +992 98 884 3334, почтаи электронӣ: sharifi_2016@mail.ru.

ЗНАЧЕНИЕ ТЕРМИНА «ЛЮДИ ПЕРА» В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АХМАДА ДОНИША

В творчестве Ахмада Дониша мы встречаем различные политические, исторические, социальные, экономические, культурные и литературные термины, которые являются продуктом его идей и определяют его мыслительное отношение к вышеуказанным направлениям. Эти термины излагают научные взгляды Ахмада Дониша и представляют его как ученого той или иной области науки. В частности, термин «люди пера», широко используемый в книгах «Рисола» и «Навадир уль-вакае», определяет взгляды Ахмада Дониша на вопросы суверенитета и государственности, социальных слоев, их обязанностей и ответственности, и другие сопутствующие вопросы. В статье были проанализированы все эти мнения, а также впервые рассмотрено понятие термина «люди пера» во взглядах и трудах Ахмада Дониша. Кроме того, автор статьи отметил использование Ахмада Донишем термина «люди пера» по отношению к поэтам и писателям.

Ключевые слова: Ахмади Дониш, просветитель, мыслитель, управление государством, военные люди, люди пера, солдаты, рядовые люди, люди профессии, крестьян, писатели и поэты.

Сведения об авторе: Каландариён Хоким Сафар - доктор филологических наук, директор Института гуманитарных наук имени академика Б.Искандарова НАНТ. Адрес: ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992)934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Шариф Шарифходжаи Саидмуродзода, соискатель Института языка и литературы им. Абуабдуллох Рудаки НАНТ, тел.: +992 98 884 3334, электронная почта: sharifi_2016@mail.ru

MEANING OF THE TERM "PEOPLE OF THE PEN" IN THE WORKS OF AHMAD DONISH

In the works of Ahmad Donish, we come across various political, historical, social, economic, cultural and literary terms that are the product of his ideas and define his mental attitude to the above-mentioned areas. These terms set out the scientific views of Ahmad Donish and present him as a scientist in a particular field of science. In particular, the term "people of the pen", widely used in the books "Risola" and "Nawadir ul-waqaye", defines Ahmad Donish's views on issues of sovereignty and statehood, social strata, their duties and responsibilities, and other related issues. The article analyzed all these opinions, and for the first time considered the concept of the term "people of the pen" in the views and works of Ahmad Donish. In addition, the author of the article noted Ahmad Donish's use of the term "people of the pen" in relation to poets and writers.

Keywords: Ahmadi Donish, educator, thinker, governnance, military people, people of the pen, soldiers, ordinary people, people of the profession, peasants, writers and poets.

Information about the author: Qalandariyon Hokim Safar - Doctor of Philological Sciences, Director of the Institute of Humanitarian Sciences named after academician Bahodur Iskandarov of the NAST. Address: GBAO, Khorog, st. U. Kholdorov 4. Tel.: (+992) 934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Sharif Sharifkhojai Saidmurodzoda, applicant of the Institute of Language and Literature named after Abuabdullohi Rudaki, Phone: +992 98 884 3334, E-mail: sharifi_2016@mail.ru

УДК: 340.12:32

ХУДШИНОСӢ-МАФҲУМИ АСОСИИ ФАЛСАФАИ ИНСОН

Қосумшоева З.С.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Худшиносӣ яке аз мафҳумҳои муҳими фалсафиест, ки ба масъалаи ахлоқӣ вобастагии зич дорад, зеро ахлоқи пок ва ҳамидаи инсонӣ танҳо тавассути худшиносияш муайян мегардад. Худшиносӣ ин падидаи муҳимтарини ҳастии маънавиест, ки нахуст аз тасаввурот, худбаҳодиҳӣ ва муносибати шахс нисбат ба худаш оғоз меёбад. Худшиносӣ дар ҳаёти инсон мавқеи муайянкунандаро иҷро менамояд, зеро тамоми қобилият, маҳорат ва шавқу рағбати шахсро дар бар гирифта, ҳамаи комёбиҳо ва накӯкориҳоро дар зиндагиаш маҳз аз тариқи он ба даст мебиёрад.

Инсон тавассути фикр кардан худашро медонад, яъне тамоми ҳаракат фаъолият ва амалу рафторашро ҳис менамояд. Вай худро ҳамчун шахс дарк карда, дар муносибат ва муошират бо дигарон ба худшносӣ бешар ноил мегардад.Худшносӣ ба ҷамъият вобасатагӣ дорад, зеро ба воситааш инсон одобу рафорашро мувофқи меёрҳо иҷтимоӣ ба роҳ монда, мақомашро дар ҷомеа муайян менамояд. Худшносӣ ин амал кирдор ва талаботест,ки дар ташаккулёби инсонӣ бе тааъсир намемонад. (5,с.131) «Худшиносӣ яке аз мафҳумҳои муҳими фалсафӣ ба ҳисоб меравад, ки аз даврахои қадим диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Ба ақидаи файласуф Сукрот Худро шинохтан маънои худро ҳамчун мавҷуди ахлоқӣ ва маънавӣ,яъне ҳамчун инсон дарк кардан аст.Худшиносӣ яке аз талаботҳои муҳимтаринест,ки ба воситааш инсон тамоми олами мавҷударо ҳам дарк менамояд.(6,с211).

Дар натиҷаи фикрронӣ ва шинохт маҳз инсонҳо аз ҳайвон фарқ мекунанд. Инсон дар ибтидо дар ҳар як давраи иҷтимоӣ таърихӣ ҳамчун махлуқи тафаккуркунанда ба ҳисоб меравад. Ӯ қадами аввалро дар роҳи мушкил ва тулонии худ мебардорад ва кушиши дарк намудани мақоми худро дар ин олам ҷустуҷу мекунад. Ӯ дар бораи ин саволҳо меандешад, ки чаро ба дунё омадааст ва барои чӣ зиндагӣ мекунад ва моҳияти мавҷудияти ӯ аз чӣ

иборат аст» [2, с. 4].

Инсон бо ақл қобил аст, ки гузаштаро ба ёд орад, ояндаро пешгуйӣ кунад ва давронеро, ки касе надидааст, мавриди андеша қарор бидиҳад. Инсон дорои чунин як қувваи қавию ғании тахайюлотест, ки метавонад тибқи диду назари хеш тарҳи олами дигарро ба вуҷуд биорад. Вале инсон бо вуҷуди ҳассосаш хешро на ҳама вақт шинохта метавонад. Худшиносӣ аз аломатҳои ҷаҳони маънавии фард аст.

Худшиносӣ чист? Худшиносӣ аз ҷониби инсон шинохтани ҷисмаш, фикраш, эҳсосаш, мавқеаш ва муносибаташ ба дигарон, хуллас ба ҳайси шахсияти хосу воҳид шинохтани хеш мебошад. Худшиносӣ маркази махсуси шуури мост»[4, с. 286].

Дарвоқеъ, расидан ба решаи афкор, эътиқод ва одатҳо он қадар муҳим аст, ки одамони муваффақ дар соҳаҳои гуногун кӯшишҳои аввалини худро ба он равона мекунанд. Зеро дарёфти сабаби рафторҳое, ки ба худ эҳтиром мегузорад, табиист, ки муошираті шахсӣ ва дар ниҳоят муваффақияти кор, таҳсил ва иҷтимоии одамонро зиёд мекунад.

Худшиносӣ маънои дарёфти ангезаҳои ботинии худро дорад, ки дар тӯли солҳо дар гӯшаи бароҳат ва торик пинҳон карда будед.

Худро чӣ гуна бояд шинохт, саволест, ки пас аз як саволи аҷибу андешаангез дар зеҳни ҳамаи мо пайдо мешавад: Ман кистам? Худшиносӣ моро водор мекунад, ки тамоми ҳолати ботиниамон, аз ҷумла эҳсосот, андешаҳо ва эътиқодҳоро бидонем. Одамоне, ки ба худ медароянд ва ҳар рӯз чанд дақиқаро барои тафтиши фикрҳо, эҳсосот ва рафтори худ сарф мекунанд, онҳо одамони муваффақ ҳастанд, ки мо пайваста ҷустуҷӯ мекунем, то сирри муваффақияти онҳоро дар ҳаёти касбӣ ва иҷтимоӣ фаҳмем.

Ҳарчанд одамони муваффақ дорои хислатҳои нотакрор ҳастанд, онҳо медонанд, ки худшиносӣ чист ва чӣ гуна он ба ҳаёт ва ояндаи онҳо таъсири мусбат мегузорад. Онҳо аз фарқиятҳои хос ва шахсии байни худ ва дигарон огоҳанд ва аз ин рӯ, эҳтиромі бештар ва ҳисси арзишро эҳсос мекунанд.

Худшиносӣ чист?

-Худшиносӣ маҳорати худшиносӣ аст, ки асоси афзоиш ва ташаккули маҳорати шахсият мебошад.

Чаро мо бояд худро бидонем?

- Бузургтарин манфиати худшиносӣ дар он аст, ки мо аз заъфҳо ва ҷиҳатҳои тавонои худ огоҳ мешавем ва пас аз он ҳадафҳои равшан ва оянда дорем. Худшиносӣ барои рушди шахсӣ, қабули қарор ва арзёбии дақиқ муҳим аст ва он инчунин ба мо кӯмак мекунад, ки таҷрибаи худро дарк кунем.

Худшиносӣ ба донистани ҳолатҳои равонии шахс, яъне эътиқод. хоҳишҳо ва эҳсос дахл дошта, якбора ба вуҷуд омада наметавонад. Раванди тӯлонӣ ва беохирест, ки аз овони кӯдакӣ оғоз шуда, то охири умри инсондавом меёбад. Барои ба шинохти худ расидан дар тули ҳаёт инсонро лозим аст, ки марҳилаҳои муайянеро аз сар гузаронад. Марҳилаи ибтидоӣ ин марҳилаи эҳсосотӣ буда, дар он узвҳои ҳис роли муайянкунандаро иҷро менамоянд. Одам маҳз тавассути эҳсос, яъне узвҳои ҳис маълумоти аввалинро гирифта, ҳама чизро маърифат карда метавонад. Аз ин ҷост, ки тамоми ҳаракат, амал ва фаъолияти худро тавассути узвҳои ҳискунанда, ба монанди ломиса, шомма, босира ва зоҳиқа эҳсос менамояд. Ин раванд дар инкишофи дарккунӣ ва ташаккули худшиносӣ хеле муҳим ва зарур мебошад” [1, с. 178].

Худшиносӣ воситаи муҳимест, ки ба раванди тағйирот мусоидат мекунад. Тағйирот душвор аст ва ирода ва ҷасоратро талаб мекунад. Мо одамон қисми зиёди ҳаёти худро барои пешгирӣ кардани ранҷу азоби тағйирот сарф мекунем. Эйнштейн дар ин бора бовар дорад: «Баъзе одамон дар одатҳои ҳаррӯзаи худ ба дом афтодаанд: одамони карахт, одамони тарс ва издиҳоми бепарво. Мо бояд роҳи зиндагиамонро интихоб кунем, то

зиндагии беҳтаре дошта бошем.»

Надонистан, тарсу ваҳм ва бепарвоӣ барои ба даст овардани худшиносӣ ва тағироти мусбатангеза намедиҳад. Аз тарафи дигар, худбаҳодиҳӣ ба худшиносӣ оварда мерасонад, ки қадами аввалин барои оғози татбиқи тағйироти мусбӣ мебошад.

Дуруст аст, ки худшиносӣ ва омӯхтани худ як роҳи равшангар аст, аммо ҳатман роҳи осон нест. Ақли мо механизмҳоро моҳирона истифода мебарад, то фикрҳо ва эҳсосоти ногувор ё ташвишоварро аз огоҳии мо дур созад. Ин механизмҳо, аз ҷумла механизми фаромӯш кардан метавонанд моро аз фикрронии зарурӣ барои ноил шудан ба худшиносӣ боздорад.

Ин аз он сабаб аст, ки мо майл дорем, ки симои муайяни дохилии худро нигоҳ дорем, на донем, ки дар асл кӣ ҳастем. Натиҷа ин аст, ки аксари мо аз худшиносӣ бехабарем ва аз манфиатҳои худшиносӣ дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ бехабарем. Муносибати байни худшиносӣ ва худшиносии ҳақиқӣ чӣ гуна аст? Ҷавоби табиӣ ва маъруф ба ин савол ин аст, ки худшиносӣ дониши он чизест, ки баъзан «худии ҳақиқии шумо» номида мешавад. Ин аст он чизе ки мо онро «худшиносӣ» меномем.

Худшиносӣ таърифҳои зиёде дорад ва мо боварӣ дорем, ки шахсияти ҳақиқии шумо «шумо»-и ҳақиқӣ буда, шахсияти ҳақиқии шумо, арзишҳо, хоҳишҳо, эҳсосот ва эътиқоди шуморо дар бар мегирад. Ин аст он чизе, ки шумо дар ҳақиқат ба назар мерасед, новобаста аз он ки шумо ё дигарон ба шумо боварӣ доред. Худи ҳақиқии шумо он чизест, ки шахсияти ҳақиқии шумост. Худшиносӣ ин ҷустуҷӯи шахсияти ҳақиқии шумост.

Худшиносӣ хеле арзишманд аст. Бархе бар ин бовaранд, ки худшиносӣ аз он сабаб арзишманд аст, ки бо он хушбахттар хоҳед буд. Шояд дар бораи шумо ҳақиқатҳое вуҷуд дошта бошанд, ки шумо аз онҳо огоҳ набудед. Барои зиндагии пурмазмун худшиносӣ лозим аст ва барои «воқеӣ» зиндагӣ кардан ва ба худ содиқ будан худшиносӣ лозим аст. Дар луғати ҷомеашиносӣ мафҳуми худшиносӣ чунин шарҳ дода шудааст: “Худшиносӣ ҳамчун натиҷаи фаъолиятҳои таҷрибавии инсон ба шумор меравад. Дар фаҳмиши худшиносӣ таъсири одамон ва табиат, мувофиқи фаҳмиши худ ҳамчун як падидаи диалектики истеъсол намудан ва зинаҳои гуногуни маҳорату таҳрибаи одамонро дар бар мегирад. ”[3, с.128].

Ба гуфтаи Шелдон Страйкер, ҷомеашиноси амрикоӣ “ҳувият бахше аз шахсияти инсон аст, ки ҳангоми муошират бо дигарон истифода мешавад. Шумораи шахсиятҳои марбут ба шахс ба нақшҳое, ки дар он шахс иштирок мекунад, ба монанди фарзанд, волидайн, корманд, дӯст ва ҳамсар алоқаманд аст. Бартарияти шахсият ба он ишора мекунад, ки шахс чӣ гуна ба таври иерархӣ ташкил карда шудааст, зеро на ҳама шахсиятҳо як маъно ё мақоми якхела доранд.”

Консепсияи худӣ тасвирест, ки мо дар бораи худамон эҷод мекунем ва бар хилофи худшиносӣ, он метавонад ба воқеият асос ёбад ё на. Консепсияи худ дар асоси эътиқоде, ки шахс дар бораи худ дорад, ташаккул меёбад, дар ҳоле ки худшиносӣ аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоот, аз ҷумла далелҳои беруна ба даст меояд. Набудани возеҳӣ, устуворӣ ва пайвастагӣ дар консепсияи худӣ бо худбаҳодиҳии паст, худшиносии музмин, невротикии баланд, мувофиқати паст ва виҷдони паст алоқаманд аст.

Моделҳо ва назарияҳои гуногун кӯшиш мекунанд, ки худшиносиро шарҳ диҳанд. Мафҳумҳои зеринро шарҳ медиҳанд, ки чӣ гуна худшиносӣ ба даст оварда мешавад.

1. Модели мушоҳидаи бидуни миёнаравӣ: Модели худшиносии бидуни миёнаравӣ яке аз муҳимтарин назарияҳои файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт аст, ки мегӯяд, мо тавассути андешаҳои мустақими худ ва новобаста аз воридот ё манобеъи беруна ба худшиносӣ мерасем. Ин модел одатан барои муқоисаи моделҳои фалсафии дигар истифода мешавад;

2. Модели шаффофият: Модели шаффофият назарияи дигари марбут ба худшиносӣ аст. Модели шаффофият қабули қарорҳо ва тафаккури оқилона барои ба даст овардани хулосаҳо дар бораи вазъи ҷаҳонро дар бар мегирад. Бо истифода аз ин модел, мо на танҳо дар бораи эътиқоди худ, балки дар бораи ҳама гуна муносибат маълумот мегирем.

3. Сохти иҷтимоӣ: Ба ақидаи равоншиноси амрикоӣ Кеннет Герген, сохти иҷтимоӣ роҳи расидан ба худшиносӣ аст, инчунин барои дарки худ ва ҷаҳони атроф тавассути истифода аз забон барои эҷоди воқеияти умумӣ мусоидат мекунад. Созандагони ин назария бар ин бовaранд, ки маъно нисбат ба дигарон офарида мешавад;

4. Худи айнак: Худи айнак як назарияи дигари худшиносӣ аст ва аз ҷониби ҷомеашиноси амрикоӣ, профессори Донишгоҳи Мичиган Чарлз Хортон Кули пешниҳод шудааст. Вай иддао мекунад, ки худшиносии мо тавассути муносибатҳои мо бо дигарон ташаккул меёбад. Дар ин назария, ки дар бораи расидан ба худшиносӣ аст, гуфта мешавад, ки намуди зоҳирии мо тавассути шахси дигар инъикос меёбад. Сипас мо дар бораи қазовати онҳо дар бораи худ фарзияе пешниҳод мекунем ва эҳсосеро эҳсос мекунем, ки аз ин доварӣ бармеояд;

5. Худи ҳикоят: Худшиносӣ як назарияи дигари худшиносӣ аст ва барои тафаккури ботинӣ ва бозсозии хотираи тарҷумаи ҳоли шумо зарур аст. Ин назария дар бораи худшиносӣ ду шохаи тафаккурро дар бар мегирад. Реҷаи парадигма, ки шарҳҳои мантиқиро барои эҷоди шарҳи мантиқии воқеият истифода мебарад. Усули нақлӣ, ки тафсирҳои пурмазмуни худро барои пешниҳоди ҳисоботи ҳамоҳангшуда дар бораи шахсияти мо истифода мебарад. Ин ривоятҳо воқеаҳои гузашта, имрӯза ва ояндаро пай дар пай муттаҳид мекунанд;

6. Назарияи худшиносӣ: Ин назарияи дарки худшиносӣ, ки равоншиноси иҷтимоӣ ва профессори фахрии Донишгоҳи Корнели Дэрил Бем пешниҳод кардааст, нишон медиҳад, ки одамон бо мушоҳидаи рафтори онҳо ва хулосабарории он худшиносӣ пайдо мекунанд.

Мо дар бораи якчанд манфиатҳо ва асосҳои тарбияи худшиносӣ сӯҳбат кардем. Тарбияи худшиносӣ мекӯшад, ки моро аз минтақаи бароҳати худ берун кунад, то ҷанбаҳои худро кашф кунем, ки мо умуман нодида мегирем ё саркӯб мекунем. Ҳарчанд тағйир додан душвор аст, табобат, эҷодкорӣ, устуворӣ ва ҳавас тавассути тағирот пайдо мешавад ва дар мо як тамомияти ниҳон интизори мост ва худшиносӣ ба мо кӯмак мекунад, ки аз худамон огоҳ шавем.

Дар ҷомеаи имрузи мо мафҳуми худшиносӣ хеле серистеъмол буда, дар китобҳои илмӣ ва барномаҳои ВАО аз он зиёд истифода мешавад ва бештар дар масъалаи содиқ будан ба миллату ватан фаҳмида мешавад. Албатта шахси худшинос тамоми фаъолиятҳои худро пайваста назорат карда метавонад ва кушиш ба харҷ медиҳад, дар ҷомеа мавқеи муайяни худро дошта бошад. Шахси худшинос дар ҷомеа обруйу эътибори баланд дорад ва муносибаташ бо атрофиён хуб буда, соҳиби эҳтиром аст. Масъалаи худшиносии шахс бояд пайваста дар макотиб, донишгоҳҳо ва суҳбатҳои хоса ба наврасону ҷавонон фаҳмонда шуда, моҳияту натиҷаи он шарҳ дода шавад, зеро рушду пойдории ҷомеаи мутамаддин аз дарки худшиносии аъзоёни ин ҷомеа вобаста мебошад. Худшиносӣ роҳи асосии маърифати ҳақиқист, ки инсонро ба қуллаи баландтарини маънавиёт бурда мерасонад.

АДАБИЁТҲО:

1. Давлатов М. Психология.Душанбе.Маориф.1991 с 178. 335с
2. Подольный Р. Человечество открывает себя. М.: Издательство политической литературы. 1982, с. 4, 110 с
3. Словарь – справочник по обществоведению. М.: Просвещения.-1985, 207с

4. Фалсафа (қисми 1). Душанбе:Маориф.- 1997,352с
5. Основы философии А.Г. Спиркин, Душанбе;Маориф 1991,544с
6. Таърихи фалсафа Диноршоев М., Душанбе: “Собириён”. 2010, 336с

ХУДШИНОСӢ-МАФҲУМИ ФАЛСАФИИ ИНСОН

Дар ин мақола роҷеъ ба мафҳуми худшиносӣ сухан рафта, он аз нигоҳи илми фалсафа шарҳ дода шудааст. Дар мақола иқтибосҳои илмӣ аз назари файласуфони ҷаҳон оварда шуда, мафҳум ва моҳияти он шарҳ дода шудааст. Бояд қайд намуд, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо худшиносӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими инкишофи инсон бояд бештару дурусттар шарҳ дода шуда, дар ниҳоди насли наврасу ҷавон зарурату аҳамияти ин мафҳум амиқтар ҷойгузин гардад, зеро падидаҳои ахлоқӣ ва рушду инкишофи ҷомеа аз сатҳи маънавиёти аъзоёни ҷомеа сахт вобастагӣ дорад. Албатта шахси худшинос тамоми фаъолиятҳои худро пайваста назорат карда метавонад ва кушиш ба харҷ медиҳад, дар ҷомеа мавқеи муайяни худро дошта бошад. Шахси худшинос дар ҷомеа обруйу эътибори баланд дорад ва муносибаташ бо атрофиён хуб буда, соҳиби эҳтиром аст. Масъалаи худшиносии шахс бояд пайваста дар макотиб, донишгоҳҳо ва суҳбатҳои хоса ба наврасону ҷавонон фаҳмонда шуда, моҳияту натиҷаи он шарҳ дода шавад, зеро рушду пойдории ҷомеаи мутамаддин аз дарки худшиносии аъзоёни ин ҷомеа вобаста мебошад. Пас бояд ба хулоса омад, ки шахси худшинос аз ҷониби худаш дар бораи ҷисмаш, фикраш, эҳсосаш, мавқеаш ва муносибаташ ба дигарон, хуллас ба ҳайси шахсияти хосу воҳид шинохтани хеш мебошад.

Калидвожаҳо: фалсафа, инсон, маънавиёт, ҷамъият, маърифат, эҳсос.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қосумшоева Зуҳро Саидшоевна-ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи Хоруғ ба номи М.Назаршоев. zqosumshoeva@gmail.com Тел.93 955 48 60

SELF-AWARENESS IS A PHILOSOPHICAL CONCEPT OF MAN

This article examines the concept of self-awareness and explains it from a philosophical perspective. The article presents scientific quotations in termsof world philosophers and explains its meaning and essence. It should be noted that in the contextof globalization and the clashof civilizations, self-awareness as one of the important factors in the development of humanity should be explained more and more correctly, and the necessity and importance of this concept should be more deeply understood by the younger generation, because morol phenomena and the development of society largely depend on the level of spirituality of the members of society. Of course, a self-aware person can constantly control all his activities and strives to have a certain position in society. A self-aware person has a high reputation in the society and has a good relationship with the people around him and is respected. The issue of self-awareness of a person should be constantly explained in schools, universities and special conversations to teenagers and young people, and its essence and results should be explained, because the development and sustainability of a civilized society depends on the self-awareness of members of this society. So it should be concluded that a self-aware person is self-recognition of his body, thoughts, feelings, position and attitude towards others, in short, as a unique and special personality.

Kcy words:philosojphy, man,morality, education, feeling.

Information about avtor: Qosumshoeva Zuhro Saidshoevna – fssistant of the Department of Philosophy of the Khorog State University. M.Nazarshoeva; zqosumshoeva@gmail.com TeL.93 955 48 60

САМОСОЗНАНИЕ – ФИЛОСОФСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ ЧЕЛОВЕКА

В данной статье говорится о понятии самопознания что чобъясняется с точки зрения философии. В статье представлены научные цитаты с точки зрения мировых философов и объяснены их смысл и суть. Следует отметить, что в условиях глобализации и столкновений цивилизаций самосознание как один из важных факторов человеческого развития должно объясняться все более правильно, а необходимость и важность этого понятия должны замещаться в институтах молодого поколения, поскольку нравственные явления и развитие

общества сильно зависят от уровня духовности членов общества. Конечно, осознающий себя человек может постоянно контролировать всю свою деятельность и старается занять определенное положение в обществе. Осознающий себя человек имеет высокую репутацию в обществе, имеет хорошие отношения с окружающими людьми и пользуется уважением. Вопрос самосознания человека должен постоянно разъясняться в школах, университетах и специальных беседах с подростками и молодежью, разъясняться его суть и результаты, ведь от самосознания зависит развитие и устойчивость цивилизованного общества. членов этого общества. Итак, следует сделать вывод, что самосознание человека – это самоосознание своего тела, мыслей, чувств, положения и отношения к другим, словом, как уникальной и неповторимой личности.

Ключевые слова: философия, человек, нравственность, общество, воспитание, чувство.

Сведения об авторе: Косумшоева Зухра Саидшоевна – асисстет кафедры философии и политологии Хорогского государственного университета имени М Назаршоева zqosumshoeva@gmail.com TeL.93 955 48 60

УДК-09 (93)

АНЪАНАИ ДОДАНИ ШИРИ МОДАР БА КӮДАК ДАР БАЙНИ СОКИНОНИ ШУҒНОН

Қурбонбекова Ҳ.М.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Дар маросими таваллуди кӯдак, баъди он дар байни мардуми Шуғнонзамин як қатор расму оинҳо дучор мегарданд. Аз ҳама асос ин русуми сина додани модар ба кӯдаки навзодаш мебошад. Оид ба маросими сина додан ба кӯдаки навзод аз тарафи муҳаққиқони соҳаи мардумнигорӣ пажуҳишҳои назаррас анҷом дода нашудаанд. Мардумшиноси рус И.И. Зарубин дар мақолаи худ «Рождение шугнанского ребенка и его первые шаги» [1, с. 364] қайд намудааст, ки зани навзод то се рӯзагӣ ба кӯдакаш шир намедод, ва дар байни мардум чунин шумурда мешуд, ки ӯ ҳанӯз нопок аст ва наметавонад ба кӯдакаш шир диҳад. Аз ин рӯ, то серӯзагӣ ба кӯдак равғани тоза медоданд, ки мо дар поёнтари мақола оид ба ин масъала ба таври муфассал маълумот медиҳем. Мардумшиноси дигари рус М.С. Андреев дар китоби худ « Таджики долины Хуф» [2, с. 70-71] доир ба оини сина додан ба кӯдак дар гаҳвора маълумот дода, қайд намудааст, уи ҳангоми кӯдакро ба гаҳвора хобондан, модар дар худи дохили гаҳвора ба ӯ шир медод. Шир додан ба кӯдак дар гаҳвора бо чунин тарз амалӣ мегардад: модар барои он ки шакли сари кӯдак дар гаҳвора тағйир наёбад, яктарафа нашавад давоми 20 рӯз аз як тарафи гаҳвора ва 20 рӯзи дигар аз тарафи дигари он ба кӯдак шир медиҳад.

Дар замонҳои пеш баъди таваллуди кӯдак дарҳол ба ӯ сина намедоданд. Дар се рӯзи аввал кӯдакро spith[1] мекарданд. Яъне равғани дар айлоқ тайёршударо гирифта ба даҳони ӯ мемолиданд. Ба гуфти шахсони калонсол рӯдаҳои ӯ мулоим шаванд «шуғ. kudāk darmunen čarv sen». Мутобиқи бовариҳои мардуми Шуғнон шахсе, ки 3 рӯзи аввал кӯдакро spith мекунад, ҳамон кӯдак хислати ҳамон шахсро мегирад, барои ҳамин мардуми Шуғнонзамин барои spith кардани кӯдакашон шахси меҳрубон, доно ва хислати хуб доштаро меоварданд, ки дар оянда кӯдак мисли ӯ гардад. Тарзи spith кардани кӯдаки навзод чунин мебошад: кай вақте ки кӯдак таваллуд мешавад, як зани хонадон ё момодоя равғани spith-ро гирифта, миқдори камашро дар ангушт гирифта бо сухани «Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим», «Ба номи Худованди бахшоянда ва меҳрубон», ба даҳони кӯдак меандозад ва чунин рафторро рӯзе се маротиба дар тӯли 3 рӯз анҷом медиҳад. Баъдан, дар рӯзи 3-юм модар метавонист ба кӯдакаш шири худро диҳад. Таҷрибаҳои

1 Spith- бори нахуст ба даҳони кӯдаки навзод андохтани равғани тоза.

соҳаи тиб таҳлил намудаанд, ки бояд кӯдакро spith накунанд, чунки равғани тоза дар худ коллорияи зиёд дошта, рӯдаҳои кӯдаки навзод қодир нестанд, ки равғанро ҳазм намоянд ва дар синни калонсолӣ ҳамон кӯдак метавонад ба касалии гурдаю талха гирифтор гардад. То солҳои наздик тибқи анъана тамоми кӯдаконро spith мекарданд, вале аксарияташон то пиронсолагӣ ба касалии гурдаю талха гирифтор нашудаанд.

Дар замони пеш ба гуфти яке аз ҳамсӯҳбатам чунин ҳам буд, ки хонавода барои «spith» кардани кӯдак равған дарёфт кардан натавонист ва кӯдак бе «spith» мемонд. Худи модари ман мегӯяд, ки бобо Карамшо, дар як стакан равған дошт ва онро дар ҷойи махсус нигоҳ медошт, то ки мо онро нагирем. Ӯро дар идҳо барои чароғравшан «cirowākðéd» истифода мебурданд. Модарам он давра дар айлоқ «yēl» қариб 16 сол кор мекард, вале оилаамон равғанро дар хона надида буданд [3].

Барои зиёд гардидани шири модар ба ӯ хӯрокҳои махсуси гарм аз ҷумла атолаи ордӣ, равғанатола, гуштшурбо, хомшурбо, ширбиринҷ, яъне хурокҳои серғизо (каллориягӣ) медоданд, то ки ҷисми зани навзоъро гарм нигоҳ дошта шавад.

Дар давраи «zeča[2]»-гиаш аз зани волида метавонад шир кам, ё тамоман гум гардад, ки ин ҳодиса дар замони ҳозира хеле зиёд ба назар мерасад. Барои кам, ё гум нагардидани шири волида як қатор мамнӯъниятҳо мавҷуданд. Масалан, дар Шуғнон барои гум нашудани шири зан ӯро то 40-рӯзагиаш аз хона бо либоси тунук ва ба танҳоӣ баромадан намемонданд. Чунин боварӣ вуҷуд дошт ва дорад, ки ҷиҳати иҷро нашудани русумҳои дар боло овардашуда шири модар гум мешавад «puẋta thed». Барои баргардондани шири зани навзоъ ӯро ба пеши руҳониён, ки гӯё онҳо ба авлоди авлиёҳо мусбат доранд мебурданд ва онҳо дар ҳаққи он зани навзоъ дуо ва иҷоботро хонданд. Мувофиқи бовариҳои мардуми Шуғнон гӯё, ки бо ин усул шири волида бармегардад.

Инчунини дигар дар байни мардуми Шуғнон боварӣ вуҷуд дорад, ки баъди таваллуди кӯдак ба зан аз тарафи руҳҳои фавқултабиӣ офат ё шиддат мерасад ва шири ӯ захрнок гардида, ҳангоми додани шир ба кӯдак ӯ метавонад бимирад. Як мисол меорем; ки инро дар Шуғнон - šiddat čīdowi zečatir – шиддат овардан ба волида меноманд. Шиддат асосан аз тарафи Ал-мастӣ ба зани навзоъ мерасад. Дар тасаввуроти мардум Ал-мастӣ махлуқи ҷинси занона мебошад, ки метавонад худро ба ҳар шакл табдил диҳад ва ба мардум зарар расонад, аз ҷумла ба зани навтаваллудкунанда ва фарзанди навзоди ӯ низ. Бисёр ҳамсӯҳбатонам шаҳодат медиҳанд, ки Алмастӣ ба зани волида шиддат намудааст. Чи тавре ки яке аз ҳамсӯҳбатонам нақл карда буд, «вақте маро баъди таваллуди духтарам ба ҳуҷраи беморхона оварданд, дар ҳамон ҳуҷра ягон кас набуд ва вақте ман рӯйамро ба сӯйи дари баромад гардондам, дидам, ки аз он ҷо як зани бо либоси ҳамшира ва рӯймол дар сар (лекин ҳамон ҳамшираҳои он ҷо рӯймол дар сар надоштанд) ба тарафи ман омад. Ман ҳамонно хурсанд шуда, ба худ гуфтам, ки ҳозир аз ӯ мепурсам «xubikbor ŝičtash az dam pexcum» лекин чӣ пурсиданамро ҳам надонистам ва сарамро бардошта, дидам, ки дар он ҷо касе нест. Вақте ки духтарамро ба наздам оварданд, ман барояш шир додам, лекин ҳоли духтарам бад гардид. Ҳамширахо ба ӯ шири суннӣ доданд, ҳолаш хуб мегардид, лекин вақте ман шир медодам, ӯ беҳол мегашт. Ман ҳамоно ба хоҳарам занг зада аз ӯ хоҳиш намудам, ки ба пеши халифа равад ва тумор[3] аз вай гирад. Хоҳарам дарҳол шабона рафта аз як халифа туморро гирифта овард. Халифа барояш гуфтааст, ки ман сахт тарсидаам «aksum čuj », яъне рӯҳҳои бад ба мисли Ал-мастӣ ба ман шиддат овардааст ва аз ҳамин рӯ ширам захр гардидааст ва барои ҳамин духтарам беҳол мегардад, вале ман набояд пеш аз хӯрдани таштоб ба духтарам шир медодам. Агар шир доданро давом медодам духтарам баъди чанде метавонист вафот кард» [4]. Ин воқеа дар замони ҳозира рух додааст. Шояд

2 Zeča (шуғ)-зани навтаваллудкунанда, волида ё навзоъ мебошад.

3 Тумор- дуо дар порчаи қоғази дароз, ки барои муҳофизат аз рӯҳҳои бад мебошад.

ҳамин гуна сабабҳое буданд, ки дар давраҳои пеш баъди таваллуд даррав ба кӯдак шир намедоданд, мабодо аз тарафи руҳҳои бад ба кӯдак ва модараш шиддат расад. Ин расмро аҷдодонамон риоя мекарданд.

Аз гуфтаи боло бармеояд, ки дар ҳар давру замон бояд зани волида ва кӯдаки ӯро аз таъсири қувваҳои фавқултабиӣ нигоҳ дошт. Аз ин сабаб зарур аст, ки зани волидаро дар хона бояд танҳо намонанд.

Агар аз зани таваллудкунанда кӯдаконаш паси ҳам вафот мекарданд, дар ин маврид барои муҳофизати зани навзоъ ва кӯдаки ояндааш чораҳо меандешиданд. Масалан, то 3-рӯзагӣ ба кӯдак шир намедоданд ва фақат дар рӯзи 3-юм пеш аз додани сина ба кӯдак зани волида шири худро дар як зарф дӯшида ба сагбача медод, агар сагбача мемурд, кӯдаки навбатиаш зинда мемонд. Чунин амал мувофиқи тадқиқотҳои И.И. Зарубин дар Орошор дида мешавад. Дар Шуғнон бошад, зани навзоъ то 3 рӯзагӣ ширашро дӯшида ба девор мерезонд, то ки шираш ба замин нарезад.

Агар зани ширдиҳанда ба маросими мотам равад баъд аз баргаштан ба хонаи худ синаҳои худро мешӯяд, ки мабодо ба кӯдак ҳангоми сина додан ягон офат аз тарафи шахси мурда расад ва ӯ касал гардад.

Зане, ки ба кӯдакаш шир намедиҳад, боиси таънаю маломати хешовандони шавҳараш мегардад. Кӯдак то синни 2-солагӣ шири модарро мехӯрад. Ҳатто ҳастанд чунин кӯдаконе, ки то синни 6- солагӣ шири модарро мехӯранд. Барои баровардани кӯдак аз сина, модар ба синаҳои худ мурч ё ягон тезӣ мемолад, то ки кӯдак дигар шири модарро нахӯрад. Инчунини дигар агар кӯдак ба синни 6 моҳагӣ ё яксолагӣ расида бошаду модараш аз сари нав ҳомиладор гардад, дар ин маврид кӯдакро аз шири модар мебароваранд.

Дар миёни мардуми Шуғнон як қатор бовариҳо оид ба шири модар вуҷуд дорад. Аз ҷумла, чунин боварӣ вуҷуд дорад, ки « nan ẋuvd fukčiz darthard davo» «шири модар табобатгари тамоми бемориҳои кӯдак мебошад», «nan huvdta wi darth ẋičigd», «шири модар дарди кӯдакро мебурад» ҳангоме, ки кӯдак касал мешавад, модараш шири худро ба ӯ дода, касалиаш бартараф мегардад. Баъди таваллуд агар чашмони кӯдак аз ҳад кабуд намоянд, модар шири худро ба чашмонаш мепошад ва онҳо сиёҳтар мегарданд. Агар рӯйи кӯдак аз ҳад сермӯй бошад, дар ин маврид модар бо шири худ рӯйи кӯдакашро мешӯяд ва муйи рӯяш тоза мегардад.

Модар ба кӯдак ҳадди ақал бояд то 6 моҳагӣ фақат сина диҳад. Дар як шабонарӯз кӯдак бояд 8 маротиба сина маконад ва аз рӯи талаботи кӯдак чӣ қадаре ки хоҳад, маконад. Саволе ба миён меояд, ки оё модар метавонад ин қадар шир ба вуҷуд оварад? Ҷавобаш чунин аст, ки бале, қариб ҳамаи занҳо ин имкониятро доранд. Яъне ҳар қадаре, ки модар ба кӯдак бештар шири сина диҳад, ҳамон қадар имконияти бисёр шудани шир ба вуҷуд меояд. Ҳангоми сина макондан кӯдак бояд дар ҳолати бароҳат ва дуруст дар бағали модараш бошад ва нӯги пистон пурра дар даҳони кӯдак ҷойгир бошад. Дар замони муосир дар мардуми Шуғнон боз чунин боварӣ вуҷуд дорад, ки агар дар кӯдаки нахустин модар шири кам дорад ҳангоми таваллуд кардани кӯдакони навбатӣ низ шир пайдо намегардад. Лекин ба гуфти яке аз ҳамсӯҳбатонам агар модар баъди таваллуд шири кам дошта бошад, ӯ набояд даррав ба истифодаи шири сунъӣ гузарад, вай бояд тез-тез ба кӯдакаш шир диҳад, ҳар қадар зиёде, ки кӯдак сина мемакад, ҳамон қадар шири модараш зиёд мегардад. Агар шуду кӯдак сина қапидан дар рӯзҳои аввали баъди таваллуд натавонад, дар замони ҳозира дар дорухонаҳо резинаҳои махсус барои додани шир вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо модар ба кӯдакаш шир медиҳад. Тарзи истифодабариашон чунин мебошад: ҳамон резинаҳоро гирифта болои синаҳои волида мемонанд ва кӯдак тавассути ҳамон резинаҳо аз сина шир мемакад. Ин асосан дар заноне, ки кӯдаки нахустинро таваллуд мекунанд, мушоҳида мегардад. Усули дигар ин тавассути соранг дӯшидани синаҳои волида мебошад,

ки баъдан ширро ба шиша холӣ карда ба кӯдак медоданд.

Аз 6- моҳагӣ модар метавонад дар баробари шири сина, додани ғизоҳои иловагиро ба кӯдакаш шуруъ намояд. Ғизоҳои иловагӣ барои кӯдаки аз синни 6 моҳагӣ боло инҳо ғизоҳои дорои Витамини А, синк, оҳан ва йод мебошанд, ки ба онҳо ҷигар, тухм, афлесун, сабзавот, сабзӣ, маҳсулоти ширӣ, гӯшт, чормағзи заминӣ ва лубиёгиҳо дохил мешаванд. Аз синни 7- моҳагӣ сар карда, модар дар баробари сина макондан ба кӯдак шавлаи биринҷиии нимсуюқ, пюреи картошка ва сабзӣ, ордбирён ва оби ҷӯшонида ва ширгармшуда медиҳад. Дар синни 8- моҳагӣ модар ба кӯдакаш шавлаи биринҷӣ, пюреи сабзавот ва лубиёгӣ, зардии тухм 2/1 ҳисса, ҷурғот ва афшурдаи меваи тару тоза медиҳад. Аз синни 9 то 11 моҳагӣ сар карда, модар ба кӯдакаш ба ғайр аз додани сина лубиёгиҳо, нон, пюреи банан ва себ, творог, кулчаҷанд ва пюреи сабзавот, лубиёгиҳо ва гушти гов медиҳад. Аз яксолагӣ боло дар баробари сина додан ба кӯдак модар барояш панир, творог, тухми обҷӯш, шири ҷушонидашудаи гов, дода мешавад.

Шири модар беҳтарин ғизо ва нӯшокӣ барои кӯдак дар давоми 6 моҳи ҳаёти вай аст. Дар таркиби шири модар назар ба маводи сунъӣ шири хушк ва, ё шири гов беҳтарин элементҳои ғизоӣ мавҷуданд, ки барои солим ва дуруст ба воя расидани кӯдак кӯмак мерасонанд. Шири модар рӯзҳои аввали таваллуд аз ҳама бисёртар фалла (яъне шири ғафси зард) дорад, ки дар таркибаш моддаҳои муҳофизатӣ зиёданд ва онҳо кӯдакро аз беморихо эмин медоранд. Шири модар ҳам дар фасли гармо ва ҳам сармо талаботи кӯдакро бо обу ғизо пурра қонеъ мекунад. Шири синаро кӯдак осон ҳазм мекунад. Шири сина алоқаи махсусро байни модар ва кӯдак барпо месозад [5, с.14-17].

Ба гуфти мардуми Шуғнон кӯдаке, ки то 2-солагӣ шири модарашро хӯрдааст, зеҳни тез ва дараҷаи қабулкунии хубро доро мегардад. Кӯдаке, ки бо шири сунъӣ калон шудааст, зеҳни сустар ва дараҷаи қабулкунии паст дорад. Лекин ба фикри шахсиам ин аз ирсият вобастагӣ дорад. Инчунини дигар барои кӯдак ва модараш дар соҳаи тиб ҳангоми ҳомиладорӣ доруҳои махсус дода мешаванд, ки ба инкишофи мағзи сари кӯдак фоидаи калон доранд.

Агар шуду ҳангоми сина додан ба навзод синаҳои волида ба дард гирифтор гарданд, он дам шонаи чубинро гирифта се маротиба як тарафи сина ва 3 маротиба тарафи синаи дигарро шона мекарданд. Мувофиқи бовариҳои шуғнониҳо гӯё ки баъди ин кор синаҳои зани волида сиҳат мегарданд.

Агар ба расму оинҳои дигар халқиятҳо асосан сина додан ба кӯдак назар афканем, мо дармеёбем, ки бештари расму оинҳои халқиятҳои ҷаҳон ба сина додан ба кӯдаки навзод аҳамияти калон дода, бештар расму оинҳо ба тоҷикон монандии зиёд доранд. Аз ин лиҳоз мо тасмим гирифтем, ки оиди оини сина додани модар ба кӯдак дар байни мардуми Полша, Чехия, Словакия, Сербия ва Славенияро таҳлил намуда, ба таври муқоисавӣ дар мақолаамон мавриди таҳлил қарор диҳем.

Аз ҷумла дар байни лаҳистониҳо (Полша) дар охири асри XI ва аввалҳои асри XX кӯдакро то синни 6 моҳагӣ сина медоданд, дар баъзе мавридҳо бошад, дарозтар, ё ки то ҳомилагии навбатӣ. Яке аз усулҳои баровардани кӯдак аз шири модар зани лаҳистонӣ шири худро ба болои оташ медӯшад, то ки ӯ дигар бознагардад. На ҳама ба ин усул даст мезаданд, чунки бо ин усул шир метавонист якумра гум шавад. Усули дигари баровардани кӯдак аз шири модар дар он буд, ки шири гов ё бузро бо об омехта карда ба кӯдак медоданд. Масалан, ба кӯдак об медоданд, ки дар он харшалғамро ҷӯшонидаанд. Дар он ҳангоме ки модар ҳанӯз ба кӯдак шир медод, аз ҷумла, аз 2-моҳагӣ сар карда шираш камӣ мекард ба кӯдак шӯларо аз картошкаи буғикарда ё нони дар шир таршуда медоданд. Хеле тез кӯдаконро ба истеъмоли хӯрокҳои калонсолон одат мекарданд. Хӯрокашон на танҳо шурбо, хӯрок аз картошка ва шӯла, балки карам, нахӯд мебуданд, ки барои меъда

ва рӯдаҳои кӯдак зарар меоварданд [6,с. 17].

Дар байни халқҳои Чехия ва Словакия кӯдакро то як солагӣ сина медоданд. Такрибан аз синни 6- моҳагӣ ба кӯдак шӯла ва ё нони дар шир таршуда медоданд. Дар словакҳо занони волида маснуоти спиртиро зиёд истеъмол мекарданд, гуё ки бо ин усул кӯдак хуб хоб меравад. Ба ғайр аз ин ба кӯдакашон латтапораро бо нони қандин барои макидан медоданд, ки пешакӣ дар спирти дар хона тайёршуда тар мекарданд. Оҳиста-оҳиста кӯдакро ба хӯроки калонсолон омухта мекарданд. Кӯдаки яксоларо аз шири модар бо тарзҳои гуногун мебароварданд:

Модар синаашро бо ранги сиёҳ мемолид

Ба синаҳояшон пусти хорпуштро мебастанд

Ба пистонҳо намак, ё мурч мемолиданд

Дар Моравияи Шарқӣ ва Шимолу Шарқии Словакия чунин расм вуҷуд дошт, ки кӯдакро то 2-3 солагӣ шири сина медоданд. Чунин боварӣ вуҷуд дошт, ки дар ин муҳлат модар метавонад аз ҳомилагии навбатӣ худро муҳофизат кунад. Кӯдакеро, ки аз шири модар мебароварданд, набояд аз сари нав сина диҳанд. Ба гардани кӯдак тангаи мисӣ, ё нуқрагӣ овезон мекарданд, ки ин маънои « шири модари худро фурухт» дошт. Чунин боварӣ доштанд, ки кӯдаке, ки баъди баровардан аз шири модар боз макидани синаро сар мекунад, дар оянда ба « мора4» табдил меёбад. Дар мифологияи словакҳо «мора» шабона тавассути сурохии қулф ба назди одам даромада барои худ рудаҳоро мегирад. Барои муайян намудани «мора» ва дар сураташ ягон шахси шиносро дидан, мувофиқи бовариҳо ин рудаҳоро бо хокистар мепошанд, чунки барои тоза кардани онҳо « мора» то субҳи дам дар он ҷо мемонад. [6, с. 42-43]

Дар байни сербҳо шир додан ба кӯдак то яксолагӣ, баъзе вақтҳо то 2 солагӣ ва аз ин ҳам зиёдтар давом мекард. Баъзе занон чунин ақида доштанд, ки то он даме, ки онҳо ба кӯдакашон шир медиҳанд, ҳомиладор намешаванд. Чунин боварӣ дар тамоми халқҳои Европа мушоҳида гардидааст. Занони серб кӯдаки худро бисёрии вақтҳо дар фасли зимистон аз шири модар мебароварданд. Инчунин ҳангоми баровардани кӯдак аз шир ояндаи кӯдакро тавассути фол дидан муайян мекарданд. Дар назди кӯдак китоб, нон ва танга мемонданд. Агар кӯдак аввал танга мегирифт дар оянда сарватманд мегардид, агар нон мегирифт аз камбағалӣ дар оянда азият намекашид ва агар китобро мегирифт дар оянда шахси донишманд мегардид[6,с.56].

Дар байни славянҳои ҷанубӣ шири нахустинро ба кӯдак асосан славянҳои мусулмон на модари навзод, балки зани дигари ширдор медоданд. Мувофиқи бовариҳои халқӣ ин барои он ичро мешуд, ки кӯдак эрка нашавад, лекин маънои рамзии ин оин хеле васеъ аст. Муҳимияти ин оин дар он зоҳир мегардад, ки зане, ки ба кӯдак шир медиҳад, хеши кӯдак ҳисоб мешавад ва кӯдакони ӯ бародар ва хоҳарони ҳамшир ҳисоб мешуданд ва никоҳ байни чунин кӯдакон манъ буд (чуноне, ки байни кӯдакони ҳамхун). Тамоми умри ҳамон кӯдак занро модар ном мебурд ва зан дар навбати худ ӯро писар ё духтар мехонд. Ҳангоми нахустин маротиба додани сина ба кӯдак ба ӯ куртаи падарашро мепӯшиданд, барои он, ки зиндагиаш мисли ҳамон куртаи дароз бошад. Зани синадиҳанда ба кӯдак ҳамчун туҳфа қумоч ва куртачаи пешкушода меовард. Модари кӯдак низ дар навбати худ ба ӯ тӯҳфа медод. Чунин амал ба кӯдак мувофиқи бовариҳо зиндагии дабдабаноки якумра ато мегардид. Инчунини дигар чунин боварӣ вуҷуд дошт, ки барои чапдаст нагардидани кӯдак, сараввал ба ӯ синаи ростро медоданд. Нигоҳ доштани шири модар як қатор хусусиятҳои сеҳромез низ дошт. Дар Сербия масалан, барои он, ки зан шири зиёд дошта бошад ва нест нагардад вай ба лаби дарё рафта дар он ҷо оббозӣ карда, аз

4 Мора-дар мифологияи словакҳо ҳамчун худои марг ҳисобида мешавад. Ба ақидаи ҳурофотии баъзе халқҳо-мурдаи аз гӯр баромада хуни одамро мемакидагӣ мебошад.

он об менӯшад ва якчанд қатраро ба худ пошида дар ин бора азоим мехонад. Дар баъзе деҳаҳо чунин расм ба тарзи дигар рух медод. Агар аз модари ҷавон шир дар пистонаш кам буд, вай саҳарӣ пеш аз тулӯи офтоб дар як дасташ орд ва дар дасти дигараш пораи нон, як дона сирпиёз ва дар бағалаш либосе, ки бо вай кӯдакашро таваллуд кардааст ба лаби дарё рафта се маротиба ба об илтичо карда мегуфт « Эй оби равон ба кӯдаки ман хӯрокашро баргадон». Баъд аз ин ордро ба об партофта мегӯяд « чи тавре, ки орд дар об сафед мегардад, шири ман низ сафед гардад» Нон ва сирпиёзро тар карда бо худ мегирад. Баъдан либосашро тар карда дар болояш чорзону нишаста аз оби дарё менӯшад ва ин дам ба хона баргашта боз чунин суханон мегӯяд « чӣ хеле ки тез меравам,ҳамин қадар тез ширам пайдо гардад». Зан ба хона расида дарҳол ба кӯдакаш шир доданро сар мекунад ва нону сирпиёзро бошад истеъмол мекунад [6, с. 84-86].

Хулоса аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар тамоми ҷаҳон мардум аз замонҳои қадим то замони ҳозира ба сина додани модар ба кӯдаки навзод диққати ҷиддӣ медодаанд ва барои аз марг начот додани кӯдак расму оинҳои сеҳромези мувофиқи анаъаноти худ анҷом медоданд. Дар замони муосир бо тағйир ёфтани тафаккур ва тасаввуроти мардум, аксарияти ин амалҳои сеҳромез аз байн рафтаанд.

ПАЙНАВИШТ:

1. Зарубин И. И. Рождение шугнанского ребёнка и его первые шаги. // В кн.: Сборник В. В. Бартольду. –Ташкент: 1927.-С. 361-373.
2. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму- Дарьи). //Труды АН Тадж. ССР. Институт истории, археологии и этнографии. Материалы к изучению культуры и быта таджиков. -Сталинабад: Изв. АН Тадж. ССР, 1953. Вып. 1.- 260с.
3. Шонеъматуллоев Карамшо соли таваллуд 20.08.1928, сокини ҷамоати Поршинев, деҳаи Хоса, ноҳияи Шуғнон // Сабт кард Қурбонбекова Ҳ. санаи 25.01.2018.
4. Ашурбекова Шукрия соли таваллуд 03.08.1878, сокини ҷамоати Ғарибшо Шаҳбозов, деҳаи Нишусп, ноҳияи Шуғнон// Сабт кард Қурбонбекова Ҳ. 10.10.2023.
5. Дастури Роҳнамои солимии модар ва кӯдак. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ- 32с
6. Рождение ребенка в обычаях и обрядах Страны зарубежной Европы.-М.: Наука, 1999. 518 с.

АНЪАНАИ ДОДАНИ ШИРИ МОДАР БА КӮДАК ДАР БАЙНИ СОКИНОНИ ШУҒНОН

Дар мақола оид ба анъанаи додани шири модар ба кӯдак дар байни мардуми Шуғнон мавриди таҳқиқи этнографӣ ва этнологӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ҳангоми ҷамъ намудани маводҳои этнографию этнологӣ аз мавзеъҳои ноҳияи Шуғнон маводи шифоҳиро омода намуда, таҳлил намудааст, ки дар давраи пеш алалхусус дар охири асри XIX ва аввалҳои асри XXI дар ҳаёти мардум нисбати додани шири модар ба кӯдак чи гуна тағйирот ворид гардидаанд. Ҳамзамон дар мақола маводҳои муқоисавӣ бо баъзе халқҳои Аврупо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааанд. Барои кӯдак сина додан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи модар ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб ба додани шири модар ба кӯдак аз замонҳои қадим то инҷониб диққати аввалиндараҷа медиҳанд, ки дар байни халқи тоҷик ва дар байни халқҳои дигари ҷаҳон ганҷ аст.

Вожаҳои калидӣ: кӯдак, зани навзоъ, шири модар, рӯҳҳои фавқултабиӣ, Шуғнон, Албастӣ, сина додан ба кӯдак.

Қурбонбекова Ҳамида Масруровна- докторант Phd кафедраи таърих ва диншиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоеви Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишонӣ: ВМКБ, н. Шуғнон, ҷ. Ғарибшо Шаҳбозов, деҳаи Нишусп. Тел.: 501080649; e-mail: qurbonbekovahamida@gmail.com

ТРАДИЦИЯ КОРМЛЕНИЯ ГРУДЬЮ НОВОРОЖДЕННОГО РЕБЕНКА У ЖИТЕЛЕЙ ШУГНАНА

Данная статья является предметом этнографического и этнологического исследования и традиции кормления грудью новорожденного ребенка шугнанского народа. Автор, собирая этнографический и этнологический материалы у жителей Шугнанского района, подготовил полевые материалы и проанализировал изменения в жизни людей, связанные с кормлением грудью, особенно в конце XIX –начало XXI -го века. Также в статье исследуется сравнительные материалы с некоторыми европейскими народами. Кормление грудью- одна из главных обязанностей матери. По этой причине кормлению грудью ребенка издавна уделялось первоочередное внимание, как у таджикского народа, так и у других народов мира.

Ключевые слова: ребенок, роженица, материнское молоко, сверъестественные силы, Шугнан, Аль-Басти, вскармливание ребенка грудью.

Курбонбекова Хамида Масруровна- Докторант PhD кафедры истории и религии факультета истории и права Хорогского государственного университета им.М. Назаршоева Республики Таджикистан, Адрес: ГБАО, р. Шугнан, с/с Гарибшо Шахбозов, село Нишусп. Телефон: 501080649; Эл. адрес: qurbonbekovahamida@gmail.com

BREASTFEEDING A NEWBORN BABY IN THE TRADITIONS OF THE SHUGHNI PEOPLE

This article is the subject of ethnographic and ethnological research in the tradition of the Shugnan people. The auther, collecting ethnographic and ethnological materials from residents of the Shugnan region, prepared field materials and analyzed what changes in people's lives related to breastfeeding have occurred over the past period, especially at the end of the 19th and beginning of the 21st century. The article also examines comparative materials with some European nations. Breastfeeding is one of the main responsibilities of a mother. For this reason, breastfeeding a child has been given priority attention, both among the Tajik people and among other peoples of the world.

Key words: child, woman in labor, mother's milk, supernatural powers, Shugnan, Al-Basti, breastfeeding a child.

Kurbonbekova Hamida Masrurovna- PhD student of the Department of History and Religion, Faculty of History and Law, Khorog State University named after M. Nazarshoev of the Republic of Tajikistan, Address: GBAO, R. Shugnan, c. Garibsho Shahbozov, Nishusp village. Phone: 501080649; Email address: qurbonbekovahamida@gmail.com

УДК 398. (33)

МАНБАЪҲОИ ОМӮЗИШИ ЖАНРИ АФСОНА ДАР ФОЛКЛОРИ БАДАХШОН

Қурбонхонова Н.М.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Яке аз жанрҳои маъмули фолклори мардуми Бадахшон афсона ба ҳисоб меравад. Афсона инъикоскунандаи андешаҳои бадеии одамони қадим буда, ифодагари орзую омоли одамон, ки вижагии тарбиявӣ дорад ва тавассути андешаҳои нек анҷом мепазирад. Фолклоршинос Р. Раҳмонӣ мафҳуми ин жанрро чунин шарҳ додааст: "Афсона дар адабиёти гуфторӣ, дорои сохтор, тахайюли бофта, сохта, қаҳрамонҳо, персонажҳо ва дигар намодҳои вижае буда, барои саргарму машғул намудан, тарбия кардан аз ҷониби гӯянда барои шунаванда баён мегардад" [9, 269]. Шарҳу тавзеҳи афсона дар луғатҳо маънои гуногунро гирифтааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» афсона вожаи «фасона» - ро гирифта, зикраш чунин аст: «Фасона мухаффафи афсона, ба маънии саргузашт, моҷаро ва ба маънии ҳикояти беасли маҷоз аст [6, 105]. Дар дигар фарҳангу луғатномаҳо, аз

қабили «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [12, 101], “Фарҳанги Муин” [5, 108] ва «Фарҳанги амид» [11,120] афсона ба маънои қисса, достон, саргузашт, нақл, ҳикоят, сафсатта, дурӯғ, суханҳои бофтаву сохта шарҳу тафсир ёфтааст.

Дар Бадахшон низ истилоҳи афсонаро бо гунаҳои мухталиф шарҳ медиҳанд. Дар ноҳияи Дарвоз афсонаро «матал», дар ноҳияи Ванҷ «осуна», дар Рӯшон «суг», дар ноҳияи Шуғнон ва Роштқалъа «сӯг» ва дар ноҳияи Ишкошим бо номи «ҷинда» ё «жинда» ёд мекунанд. Ҳамин навъ ном бурдани истилоҳи афсонаро фолклоршинос Р. Раҳмонӣ ба тағйироти фонетикӣ дар забонҳои мардумони минтақаҳо вобаста дониста, ишора бар он дорад, ки дар баъзе деҳоти Суғд “авсуна” ва дар Кӯлоб афсонаро бо истилоҳи “афсуна” ёд мекунанд [9, 269].

Фолклоршинос Гулнисо Ризвоншоева таи чанд соли фаъолияти илмиаш, ки бевосита ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни афсонаҳои мардуми Бадахшон машғул буд, истилоҳи афсона ва мафҳумҳои онро дар муқоиса бо дигар халқҳо нишон дода, қайд кардааст, ки дар вилояти Самарқанд нисбати афсона мафҳуми суг (сӯг) ба кор меравад [10, 7]. Барои исботи андеша, ба натиҷагирҳои фолклоршиноси тоҷик Б. Шермуҳаммадов такя кард, ки ӯ нигоштааст: «Тоҷикони вилояти Самарқанд навъҳои гуногуни эҷодиёти даҳанакии худро бо истилоҳҳои махсус, ки аксарияти онҳо дар дигар маҳалҳо хос нестанд, муайян мекунад. Аз ҷумла, афсонаро дар аксари деҳот (Фориш, Торинҷак, Камонгарон, Оқсой, Оҳалик) «матал» меноманд. Дар шаҳраки Самарқанд истилоҳи «матали намеёфтагӣ» низ маъмул аст. Дар афсонаҳои китобӣ ё достонҳои ишқӣ бошанд, истилоҳи «қисса» - ро низ истеъмол мекунанд. Дар ноҳияи Нурато қариб дар ҳама ҷо истилоҳи «суг» (сӯг), «саргузашт» ва «ҳикоят» кор фармуда мешаванд. Дар ноҳияи Фориш афсонаро бештар ба истилоҳи «сег» (Каттаҳеҷ), «сӯг», «саргузашт» (Сентоб) ва «эртакӣ» (Фориш) муайян мекунанд» [1, 11-12]. Дар Бухоро афсонаро «шуг», «ушуг», «афсона», «қисса», «матал», «ҳикоя» мегӯянд. Шояд вожаи “шуг” шакли тағирёфтаи “суг” бошад. Дар «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ афсона бо вожаи «шуг» ёдовар шудааст. Фолклоршинос Равшани Раҳмонӣ тахмин карда гуфтааст: «агар вожаҳои «шук, шуг, суг, сег, ушук, шугун, суричак, саргузашт» - и форсии тоҷикиро; «сказ, сказка»-и русиро; «saga»-и англисиро ва дигар калимаҳои ба онҳо шабеҳи хонадони забонҳои ҳиндуавропоиро забоншиносон аз нигоҳи этимологияи таърихи забон муқоиса кунанд ва аз назар гузаронанд, шояд нисбати робитаи ҳамаи онҳо ҳаддалақал ба ягон натиҷаи илмӣ бирасанд» [1, 16-17]. Албатта, ин далелҳои муҳаққиқ дар мавриди афсона хеле нишонрас арзёбӣ мегарданд.

Ҷамъоварӣ ва пажуҳиши жанри афсонаҳо дар миқёси кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз хеле барвақт таваҷҷуҳи муҳаққиқону сайёҳонро ба худ ҷалб карда буд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо аввалин маротиба сайёҳи англис Бернард Шоу солҳои 1876-1877 ба омӯзиши фолклори мардуми Бадахшон машғул гардида, се матни афсонаро ба забони сариқулӣ, як матни афсонаро ба забони шуғнонӣ ва як матни афсонаро ба забони вахонӣ аз чоп бароварда буд [14, 45]. Солҳои 1900 – 1901 бошад, муаррихи рус А. А. Семёнов аз Дарвоз 26 матни афсонаро навишта гирифтааст, ки 8 матнашро аз водии Ванҷ ва 18 матнаштро аз водии Дарвоз гирд овардааст. Пас аз он солҳои 1914 - 1916 мардумшиноси рус И. И. Зарубин дар баробари маводди мардумшиносиву забонӣ, маводди зиёди фолклорӣ аз ҷумла афсонаро низ аз байни сокинони Бадахшон, ҷамъоварӣ намудааст. Солҳои 1930, 1937, 1960 дар баробари дигар навъу намудҳои фолклорӣ шаш матни афсонаро ба табъ расонида буд (Ниг:. Зарубин, 1930, - С. 17-28; 1937 - С. 17-32; 1960 - С. 51-74.).

Пас аз И. И. Зарубин мардумшинос М. С. Андреев дар баробари гирдоварии маводди этнографӣ ба ҷамъоварии матнҳои гуногуни фолклорӣ низ машғул гардида буд. М. С. Андреев чанд афсонаро аз ду нафар мардикори дарвозӣ дар Тошканд соли 1900 навишта гирифта, маҷмуаеро таҳти унвони “Дарвазский сказка” аз чоп бароварда буд [9, 105]. Дар

баробари ин М. С. Андреев матни афсонаи машҳури «Шоҳдухтари морон»-ро дастрас намуда, онро соли 1924 рӯи чоп овард. Дар ибтидои солҳои сиюми асри гузашта олими олмонӣ Лентс Волфганг матни се афсонаро ба чоп расонида буд. Соли 1936 бошад, яке аз ҳамтоёни В. Лентс Швед Шелд Ҳаннес чор матни афсонаро ба табъ расонидааст [14, 14].

Дар асоси маводди фолклории аз водиҳои Ванҷу Дарвоз гирд омада, А. З. Розенфельд соли 1956 маҷмӯаеро бо унвони «Намунаҳои фолклори Дарвоз» ба чоп расондааст. Дар ин маҷмӯа дар баробари дигар жанрҳои маъмули фолклори ин сарзамин 24 матни афсона гирд оварда шудаанд. Соли 1970 «Фолклори Вахон» ном мақолаи И. М. Стеблин-Каменский ба табъ мерасад, ки қисми аввали он маълумот дар бораи мавқеи ҷуғрофии водии Вахон, дараҷаи омӯзиши ҳаёти моддӣ ва маънавии сокинони ин водӣ, маълумот дар бораи жанру намудҳои асосии фолклори мардум, нашру табъ ва хусусиятҳои дузабонии онҳоро фаро гирифта буд. Тибқи муҳтавои мақола, Стеблин-Каменский аз байни сокинони Вахон 52 матни афсонаро навишта гирифтааст. Дар мақола муҳаққиқ роҷеъ ба тарзи зисту зиндагонии мардуми водии Вахон андешаронӣ намуда, дар заминаи он қайд кардааст, ки жанри афсона дорои қаринаҳои худ мебошад.

Соли 1976 бо ибтикори муҳаққиқони рус А. Л. Грюнберга ва И. М. Стеблин-Каменский афсонаҳои мардуми Помир аз чоп баромад. Дар ин китоб матни 80 афсона, ки аз тарафи муҳаққиқони рус ҷамъоварӣ ва ба забони русӣ тарҷума шудаанд, гирд оварда шудааст. Омӯзгори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик Моёншо Назаршоев Аноятшоев М. ба таҳқиқи афсона дар миқёси ВМКБ машғул шуд, вале таҳқиқоташ ба анҷом нарасида, риштаи умри ӯ канда шуд. Соли 2002 мақолаи ӯ «Инъикоси воқеияти зиндагӣ дар афсонаҳои Бадахшон» рӯи чоп омад. Дар мақола, зимни чанд афсонаи сеҳромез, инъикоси лавҳаҳои алоҳидаи рӯзгори воқеиии мардуми Бадахшон тасвир шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки саҳми фолклоршинос Гулнисо Ризвоншоева дар ҷамъоварӣ ва пажуҳиши афсонаҳои мардуми Бадахшон арзанда арзёбӣ мегардад. Мавсуф дар давоми таҳқиқоти илмиаш афсонаҳои сеҳромезро аз ҷиҳати мавзуъ ва сюжаашон табақабандӣ намуда, моҳияти аслӣ ва маҷозии бархе аз афсонаҳои сеҳромез, ҳамрангии типологиву тавофути афсонаҳои сеҳромези мардуми Бадахшонро аз дигар халқиятҳо равшан нишон дода, арзёбии онҳоро аз нигоҳи фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, мардумнигорӣ баррасӣ намудааст.

Дар баробари ин фолклоршинос Г. Ризвоншоева ҷилди сеюми “Фолклори Помир”-ро бо унвони «Афсонаҳои ҳаётӣ - маишии мардуми Бадахшон» мураттаб намуда буд. Дар китоби мазкур матни 43 афсонаи ҳаётӣ – маишӣ дар шакли асл ва тарҷума ба забонҳои тоҷикию русӣ гирд оварда шудааст. Ҳамчунин дар сарсухани ин китоб андешаҳои илмиро роҷеъ ба афсонаҳои ҳаётӣ – маишӣ баён намуда, нишон додааст, ки бархе аз афсонаҳои халқияти дуру наздик ба ҳам шабоҳат доранд. Муҳаққиқ сабаби умумият доштани ин жанри фолклориро дар ягонагиву яклухтӣ қарор доштани раванди зисту зиндагонии одамон нишон додааст. Барои исботи ин андеша афсонаи маъмули мардуми Бадахшон “Моҳпешонӣ”-ро бо афсонаи ветномии “Туфличаи тиллоӣ”, кореягии “Кхончихӣ ва Пханчихӣ”, англисии “Кулоҳи қамишӣ”, русии “Кафши тиллоӣ”, лаҳистонии “Золушка” муқоиса намуда, ишора кардааст, ки дар ҳамаи ин афсонаҳо симои духтари угай, ки оқибат соҳиби бахти баланд мегардад, мақоми асосӣ ишғол намудааст. Инчунин дар ҳамаи ин афсонаҳо аз хусуси меҳнатдӯстӣ, софдилӣ, сидқу сафо ва ҳусну ҷамоли беҳамто сухан рафтааст [13, 13]. Фолклоршинос Г. Ризвоншоева дар як қатор мақолаҳои илмӣ низ роҷеъ ба афсонаҳо андешаҳои илмӣ баён намуда, нишон дод, ки бо вуҷуди оне ки афсонаҳои халқу миллатҳои гуногун аз ҷиҳати мазмун ва шакли худ умумияти зиёд доранд, вале аз рӯи хусусиятҳои миллии ҳар як халқ, афсонаҳо дар баробари ин ҳамрангӣ,

махсусиятҳои хоси ҳамон маҳалро дар худ касб карда, онро таҷассум намудаанд. Саҳми дигари назарраси фолклоршинос Г. Ризвоншоева дар он намудор мегардад, ки ӯ баробари ба таҳқиқи жанри афсона машғул будан, худ эҷодкунандаи ин жанр низ буда, афсонаи "Харгӯшак", "Бехинур гуҷак"(Бузичаи беқарор) ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Дар солҳои охир бо таъсис ёфтани муассисаҳои рушди барвақтии кӯдак аз тарафи бархе аз муҳаққиқону устодон ва дигар қишри ҷомеа афсонаҳо таҳия гардидаанд. Аз ҷумла, аз тарафи доктори илмҳои филологӣ Аламшоев М. дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илмҳои педагогӣ Зоолшоева Б., кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ А. Аҳмадбекова, У. Отамбекова ва М. Балхова афсонаҳо бо забони тоҷикӣ ва англисӣ барои хурдсолон бо номҳои "Гунҷишкак", "Гулхотун", "Ятимак", аз тарафи корманди ин донишкада Фируза Хоҷаназарова афсонаҳои "Занбуруғчинӣ", "Гурбачаи доно", Садафмо Абдулназарова "Шукрона ва шаҳпарак", Гулистон Соҳибназарова "Баргак ва шамолак", Муборккадамов Музаффар "Мурғи пӯпидор" аз чоп баромаданд. Дар онҳо беҳтарин хислатҳои инсонӣ тасвир ёфта, дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ арзиши калон доранд. Ҳамчунин, дар соли 2015 маҷмӯаи осори мардумӣ таҳти унвони "Вух диёр ганҷ"(Ганҷи вахонзамин) аз тарафи муҳаққиқон А. Мирбобоев ва С. Матробиён таҳия ва нашр гардид. Дар ин китоб 10 матни афсона ба забони вахонӣ, ки аз байни сокинони ин водӣ гирдоварӣ шудаанд, таҳия гардид. Соли 2022 аз тарафи Хадича Ҷалолова китобча бо номи "Шыкошшым усовдон" (Сабади Ишкошим) аз чоп баромад. Дар ин китоб 17 матни афсона, оварда шудаанд. Ҳамзамон китобе бо унвони "Афсонаҳои Помир" аз чоп баромад. Қайд кардан зарур аст, ки соли нашр дар китоб дарҷ нашудааст, вале мутасаддиён нашри китобро соли 2019 мегӯянд. Дар ин китоб ду матни афсона "Руштик" ва "Се хоҳар" аз тарафи Ёралӣ Бердов ҷамъоварӣ ва таҳия гардида, бо забони маҳалии шуғнонӣ, тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, қирғизӣ ва бо ҳуруфи форсӣ низ таҳия гардидаанд. Афсонаи "Руштик" қаринаи нави афсонаи "Алкамонбодур" буда, дар шакли нав ҷамъоварӣ ва таҳия гардидааст. Афсонаи "Се хоҳар" бошад, бо матн ва шакли пештарааш таҳия гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар яке аз ин китобчаҳо нигоҳдорандаи сарвати бебаҳои фарҳангӣ ва таърихии мардумӣ мебошанд. Имрӯзҳо китобчаҳои зиёде бо номи "афсона" таҳия ва паҳн гардидаанд, вале онҳо на афсона, балки жанри дигари фолклориро фарогир мебошанд. Ин китобчаҳо аз як тараф агар, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забон ва бедор намудани шавқу рағбати кӯдакон нисбат ба китоб, муфид бошанд, аз сӯи дигар, онҳо барои омӯзиши фолклори мардуми Бадахшон маводди хуб ба ҳисоб мераванд. Аз тарафи дигар, машғул гардидани шахсони воқеӣ ба таҳияи матнҳои фолклорӣ баъзе мушкилиҳоро дар илми фолклоршиносӣ ба вуҷуд меоранд. Масалан, тахминан солҳои охир афсона бо номи "Корвони тиҷорат" (соли нашр, ҷои нашр ишора нашудааст) дар шакли китобча барои хурдсолон таҳия гардидааст. Гарчанде таҳиягарон онро афсона ном бурда бошанд ҳам, матн бо ҷумлаи "ривоят мекунанд, ки..." оғоз гардидааст, ҳол он ки афсона бо "буд на буд" оғоз мегардад. Шаклу мазмуни он ҳам бештар вижагии ривоятро касб карда, анҷоми он низ мувофиқи талаботи шакли ривоят ҷамъбаст гардидааст. Бо вуҷуди оне ки ин гуна китобҳо хусусияти тарбиявӣ дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати назариявӣ кӯдакон минбаъд байни жанрҳои фолклории афсона ва ривоят тавофут гузошта наметавонанд. Дар ин раванд шахсони воқеӣ ва ғайри ихтисос, ки ба таҳияи ин китобҳо машғуланд, ҳатман бояд бо мутахассисони соҳаи фолклоршиносӣ ҳамкорӣ барқарор намоянд.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки афсона яке аз жанрҳои хеле маъмули фолклори мардуми Бадахшон буда, хеле барвақт таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳавиву ғайри соҳавиро ба худ ҷалб намуда, анъанаи ҷамъовариву омӯзишаш давом ёфта истодааст.

КИТОБНОМА:

1. Афсонаҳои Самарқанд. Тартибдиҳанда Б. Шермуҳаммадов.- Душанбе: Дониш, 1965. – 357с.
2. Зарубин И. И. Орошорские тексты и словарь. Труды экспедиции 1928 г. / И. И. Зарубин. –Ленинград, 1930. Вып. 1 – 110стр.
3. Зарубин И. И. Бартангские и рушанские тексты и словарь / И. И. Зарубин. - М.-Л. 1937. – 32стр.
4. Зарубин И. И. Шугнансике тексты и словарь / И. И. Зарубин. -М.-Л.1960. – 289стр.
5. Муин, М. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. – Теҳрон, 1371 ҳиҷрӣ. – 1238 с.
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот - Душанбе: Адиб, 1988. Ҷ. 2. - 416 с.
7. Охониёзов В. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон / В. Охониёзов. - Душанбе, 2022. -326с.
8. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. (Дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ – Душанбе, 1999 – 104с.
9. Раҳмонӣ Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ / Р. Раҳмонӣ – Душанбе, 2021. - 544с.
10. Ризвоншоева Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон (Таҳқиқи ғоя ва образ) / Г. Ризвоншоева – Душанбе – 2011. - 256с.
11. Фарҳанги форсии Амид.- Теҳрон 1353.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. / Мураттибон Зеҳнӣ Т., Капронов Н., Ализода И., Арзуманов С. ва диг. – Москва: Советская Энциклопедия, 1969. – 962 с.
13. Фолклори Помир. Ҷ. 3. Афсонаҳои ҳаётӣ - маишии мардуми Бадахшон / Мураттиб, муаллифи муқадима ва тавзеҳот Г. Ризвоншоева. - Душанбе: Дониш, 2012. - 508с.
14. Шакармамадов Н. Бадахшон – дар масири тамаддуни умумибашарӣ / Н. Шакармамадов. – Душанбе, 2007. - 163с.

МАНБАЪҲОИ ОМӮЗИШИ ЖАНРИ АФСОНА ДАР ФОЛКЛОРИ БАДАХШОН

Афсона яке аз жанрҳои асосӣ ва маъмули фолклори мардуми Бадахшон ба ҳисоб меравад. Ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқу таҳияи ин жанри маъмули фолклорӣ ҳанӯз аз ибтидои асри XIX оғоз гардидааст. Ин жанри фолклорӣ қадимтарин андешаҳои бадеиро дар худ акс намуда, дорои вижагии тарбиявӣ низ мебошад. Маҳз ҳамин нишонаи жанри афсона аст, ки имрӯз низ мақомашро устувор нигоҳ доштааст. Таи солҳои охир аз тарафи шахсони алоҳида низ ин жанр эҷод мегардад. Дар мақолаи мазкур дар хусуси масъалаҳои ҷамъоварӣ, пажӯҳиш ва таҳияи ин жанри маъмул сухан рафтааст.

Калидвожаҳо: ҷамъоварӣ, пажӯҳиш, афсона, вижагӣ, тавофут, монандӣ.

Қурбонхонова Нуриҷаҳон - номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Нишонӣ: ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Охонҷонов, 35. тел: (992) 93-460-90-93, e-mail: ms.nurijakhon@mail.ru.

ИСТОЧНИКИ ИЗУЧЕНИЯ ЖАНРА СКАЗКИ В ФОЛЬКЛОРЕ БАДАХШАНА

Сказка считается одним из основных и популярных фольклорных жанров народа Бадахшана. Сбор, исследование и публикация этого популярного фольклорного жанра начались ещё с XIX века. Этот жанр фольклора отражает древнейшие представления людей и тем самым имеет просветительскую функцию. Именно эта отличительная черта сказочного жанра сохранила свою позицию и по сей день. Даже сегодня также можно услышать от некоторых сказителей этот вид жанра. В данной статье рассматриваются вопросы сбора, исследования и публикации этого популярного жанра.

Ключевые слова: сбор, исследование, сказка, особенность, различие, сходство.

Курбонхонова Нуричаҳон - кандидат филологических наук, заведующий отделом фольклора и литературы Бадахшана Института Гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова Национальной академии наук Таджикистана. Адрес; ГБАО, г. Хорог, ул. Охонджонова 35. тел: (992)93- 460- 90 -93, e-mail: ms.nurijakhon@mail.ru.

SOURCES OF THE STUDY OF THE FAIRY TALE GENRE IN THE FOLKLORE OF BADAKHSHAN

The fairy tale is considered one of the main and popular folklore genres of the people of Badakhshan. The collection, research and publication of this popular folklore genre began in the 19th century. This genre of folklore reflects the most ancient ideas of people and thus has an educational function. Exactly this distinctive feature of the fairy tale genre has retained its position to our day. Even today one can also hear this type of genre from some storytellers. This article examines the collection, research and publication of this popular genre.

Keywords: collection, research, fairy tale, peculiarity, difference, similarity.

Qurbonkhonova Nurijahon - candidate of philological sciences, The head of the department of folklore and Badakhshan literature of the Institute of Humanities of the National Academy of Sciences of Tajikistan; Address: GBAO, Khorog, st. Ohonjonov, 35. Phone:+ 992 93- 460- 90 -93, e-mail: ms.nurijakhon@mail.ru.

УДК 37.013

ТАЪСИСЁБИИ АВВАЛИН МАКОТИБИ ОМӮЗИШӢ ВА ИЛМИИ БАДАХШОН ДАР ОХИРИ АСРҲОИ МИЁНА ВА ТАҲИЯИ НАХУСТИН ДАСТУРҲОИ ТАЪЛИМӢ

Муллоҷонов С., Мамадшерзодшоев У.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.И.Искадарови АМИТ

Чуноне ки аз осори муаррихон ва адабиётшиносони муосири тоҷик ва рус маълум мегардад ҳар яки онҳо доир ба арзи вуҷуд кардани мактабҳо ва мадрасаҳо дар Бадахшон то соли 1917 андешаҳои гуногун иброз доштаанд. Бархе аз онҳо собит мекунанд,ки мактаб ва илм дар Бадахшон то замони давлати Шӯравӣ вуҷуд надошта, он аз солҳои 20-ӯми қарни бист ба вуҷуд омадааст. Гурӯҳи дигари олимон баръакс исбот мекунанд, ки дар асрҳои гузашта дар Помир мактабҳо ва мадорис вуҷуд доштанд ва теъдоди муайяни муҳассилин дар онҳо тарбия ёфта, ба мардум хидмат мекарданд.

Муаррих Давидов А.С. бо ақидаҳои забоншинос Л. Ф. Моногарова баҳс намуда, ба хулосае омадааст, ки Л.Ф. Моногарова аҳамияти аввалиндараҷа доштани забони форсиро дар Бадахшон нодида мегирад ва кӯшиш мекунад забонҳои помириро, ки онҳо забонҳои шифоҳии мардум маҳсуб мешаванд ва танҳо дар миёни соҳибони ин забонҳо истифода мешаванд, дар ҷои аввал мегузорад. Л. Моногарова бо ин ақида исбот карданӣ мешавад, ки гӯё то инқилоби октябр дар Помир мактабҳо вуҷуд надоштаанд. А.С. Давидов ин фикрҳои Л.Ф. Моногароваро ботил ҳисобида, менависад, ки ин ақидаҳо дорои аҳамияти аввалиндараҷа доштани забони форсӣ дар Бадахшон ва вуҷуд доштани мактабҳоро дар ин минтақа зери шубҳа мегузорад. Бо ин исбот карданӣ мешавад(Л.Ф. Моногарова-У.М.), ки гӯё то барқарор шудани ҳокимияти Шӯравӣ дар Помири Ғарбӣ «мактаб вуҷуд надоштааст». Вале ин чунин нест. Дар Кӯҳистони Бадахшон мактабҳои мазҳабӣ (макотиб), арзи вуҷуд мекарданд, ки дар онҳо таълим ба забони форсӣ сурат мегирифт. Доир ба мактабҳои Кӯҳистони Бадахшон муҳаққиқони зиёд навишта буданд ба мисли С.П. Ванновский, Б.В. Станкевич, А. Сребренников ва дигарон. Аз ҷумла А.

Серебренников менависад: «Одамони бодавлат фарзандони худро байни 3-12 сола ба мактаб медоданд, ки дар он ҷо ба онҳо хондан ва навиштанро ёд медоданд. Дараҷаи баланди таҳсил омӯзиш ва тафсири Қуръон маҳсуб мешуд, ки он танҳо бо раҳбарии яке аз пирон гузаронида мешуданд… Дар Шуғнон саводнокӣ хеле кам рушд ёфта буд, барои мисол дар тамоми ҳудуди Шохдара фақат як мактаб фаъолият мекард, ки дар он ҷо 8 писарбача ва 4 духтар таҳсил мекарданд» [6, с. 49-50].

Ҳамчунин А.С. Давидов собит мекунад, ки то соли 1917 дар Помир натанҳо мактабҳои хусусӣ вуҷуд доштаанд, балки аз фаъол будани як мадраса низ иттилоъ медиҳад. Масалан ӯ менависад: «Хабаре мавҷуд аст, ки дар Бадахшони Кӯҳӣ мадраса-муассисаи олии динӣ низ вуҷуд доштааст. А. И. Болдирев дар соли 1935 ба ин вилоят ташриф оварда, менависад: «…мувофиқи ҳикояти Муҳаммад Азим сокини деҳаи Сист, 41 сола, маълумоти дусоларо дар мадрасаи Дорумадори Ғорони боло гирифтааст ва ба омӯзиши таърихи қалъаи Сист шуғл дорад»» [6, с. 50].

А. С. Давидов андешаҳои худро идома дода, зикр мекунад, ки ғайр аз мактабҳо ба мисли ноҳияҳои дигари Осиёи Миёна шогирдон дар хонаҳо савод меомӯхтанд. Шахсони босавод ба фарзандони худ ва фарзандони хешону ҳамсояҳо таълим медоданд. Доир ба ин масъала як қатор муҳаққиқон навишта буданд. Яке аз онҳо шарқшинос А.Е. Бертельс аст, ки менависад: «Тасаввурот паҳн шудааст, ки то инқилоб фоизи шахсони саводнок дар миёни аҳолии Помир фавқулъода паст буд ва дастрас шудани дастнависҳо аз ҷониби И.И.Зарубин ва А.А. Семёнов барои ин маконҳо рӯйдоди нодир маҳсуб мешуданд, ки онҳо ба рӯҳониёни калон тааллуқ доштанд. Вуҷуд доштани дастнависҳои зиёд дар китобхонаҳои хусусии колхозчиён гурӯҳи эъзомии соли 1959-ро мӯътақид сохт, ки вазъият дар ин минтақа дигар аст. Дар ҳақиқат чуноне, ки калонсолони маҳаллӣ иттилоъ медиҳанд, то пойдории Ҳокимияти шӯравӣ дар Помир ҳатто шабакаи сустарини мактабҳои асрмиёнагӣ ба мисли ноҳияҳои дигари Аморати Бухоро вуҷуд надоштанд. Шахсони босавод- кӯҳансолон (донандагони хуби адабиёти классикӣ) нақл мекунанд, ки онҳо маълумотро ба таври хусусӣ аз ҳамсояҳо гирифтаанд, ки ин дониш ба онҳо аз бобоёну падарон мерос мондааст, ё ин ки аз шахсоне, ки онҳо дар Бухоро, Афғонистон ё Ҳиндустон таҳсил намудаанд. Ба назар мерасад, ки дар он давра теъдоди шахсони босавод кофӣ буданд.

Ҳамин тавр далелҳо собит мекунанд, ки то инқилоб саводнокӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ барои он давра хеле баланд буд ва забони ягонаи омӯхтан ва навиштан тоҷикӣ буд» [6, с. 50-51] .

Академик Б.И.Искандаров доир ба вазъи саводнокии мардуми Помир то пирӯзии ҳокимияти Шӯравӣ сухан ронда менависад: «То барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ аҳолии Помир тамоман бесавод буданд. Сокинони Помири Ғарбӣ аз фиристодани фарзандони худ барои таҳсил ба Бухоро, ки то инқилоб он маркази динӣ ва омӯзишии тамоми Осиёи Миёна маҳсуб мешуд, худдорӣ мекарданд. Ба фикрам ин дар баробари дурдаст будан сабаби дигар низ дошта буд- мушкилоти мазҳабӣ. Аҳолии Аморати Бухоро пайрави мазҳаби суннии ислом буданд, вале дар Помири Ғарбӣ аксари аҳолӣ пайрави исмоилияи шохаи фирқаи шиаи исломӣ ба ҳисоб мерафтанд.

То ифтитоҳи мактабҳои Шӯравӣ дар минтақа дар деҳоти ҷудогона метавон мактабҳои ба тарзи кӯҳна, ки дар онҳо шахсони босавод аз ҳисоби сокинони деҳот, маъмулан муллоҳо дарс медоданд. Чунин мактабҳо 9-10 шогирд доштанд, ки ҳамаашон писарбача буданд. Духтарҳо фақат дар хона таҳсил мекарданд. Дар он давра фақат фарзандони шахсони сарватманд имкони таҳсил кардан доштанд. Ба ғайр аз ин дар он ҷо таҳсил фақат дар фасли зимистон оғоз мешуд, вале дар мавсими тобистон бо оғоз шудани корҳои саҳроӣ тамоми таҳсилот қатъ мегардид. Дар ин мактабҳо асосан алифбо ва панду

ҳикматҳо аз Қуръон ва адабиёти форсу тоҷик ёд дода мешуд. Худи муаллимон дониши кофӣ надоштанд» [9, с.13].

Муҳаққиқон Т.В.Каширина ва Д. Давлатёров сабаби ин ақибмонии мардуми Помирро дар суст будани тараққиёити иқтисодӣ ва фарҳангии ин минтақа ва зери зулми ҳокимон қарор доштани мардуми оддӣ меҳисобанд: «Қариб ҳамаи аҳолии ғайри руси Осиёи Миёна дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани Инқилоби октябр бесавод буданд. Ин натиҷаи рӯйдоди таърихии ақибмондагии ин мардум дар масъалаи рушди иқтисодиёт, фарҳанг ва сиёсати истисморгароёнаи ҳукумати подшоҳӣ буд. Теъдоди мактабҳо дар ин ноҳияҳо нисбат ба навоҳии марказии Россия даҳҳо маротиба кам буданд» [10, с. 242].

Вале новобаста аз он, ки то инқилоб ҳаёти иқтисодӣ ва маънавии мардуми Помир ба сабаби нобасомониҳои вазъи сиёсӣ кам рушд карда буд, сокинони ин минтақа мувофиқи иконоти худ илмҳои мухталифро дар Помир инкишоф дода, донишмандонро ба воя расонида буданд. Онҳо ҳамеша орзӯ мекарданд, ки фарзандонашон босавод бошанд ва бо ин ният онҳоро ба назди муллое ба мактаби хусусӣ медоданд. Ҳамчунин баъзеҳо ба фарзандонашон дар шароити хона дарс медоданд. Академик Б.И. Искандаров дар ин бора чунин навиштаанд: «Тавре аллакай гуфта будам, баъзеҳо аз сокинони маҳаллӣ худашон ба фарзандони худ савод меомӯхтанд. Дар хотир дорам, ки читавр яке аз сокинони деҳа барои фарзандони худ дарси навбатиро мегузарониданд. Кӯдакон бо овози баланд алифбои кӯҳнаро мехонданд ва ман дар болои бом нишаста, онҳоро бо диққат гӯш мекардам. Ин чанд рӯз давом кард. Рӯзе муаллим санҷид, ки шогирдон то чи андоза дарсро аз худ намуда буданд, вале онҳо чизеро ба хотир оварда натавонистанд. Ман аз болои бом овоз баровардам: «Ман барои шумо дарсатонро такрор мекунам! Муаллим розӣ шуд, ман такрор кардам, вале рости гап бо хатоҳо.Зеро дар он давра ман бесавод будам, вале ҳама чизро ба таври механикӣ ҳифз мекардам. Вале муаллим бо ин қадар ҳам дар ҳайрат афтод.

Ман муболиға намекунам, вале фикр дар бораи гирифтани маълумот аз синни хурдсолӣ дар дил мепарваридам. Аммо то замоне, ки дар деҳаи мо мактаби ибтидоӣ кушода намешуд, ман дар бораи таҳсил кардан орзӯ намекардам. Зеро дар мактабе, ки дар он фарзандони шахсони сарватманд таҳсил мекарданд, барои кӯдакони аз оилаҳои камбағал мушкил буд, ки ба он дохил шаванд» [9. с. 14] .

Муаррих А. Набиев менависад, ки то соли 1917 на амири Бухоро ва на ҳукумати подшоҳии Россия барои инкишоф додани маданияти мардуми Помир ягон чорачӯӣ накарда буданд. Дар давоми чоряк аср, ки Помир дар ҳайати ҳукумати подшоҳии Россия буд, дар ин вақт тамоми мардум бесавод буданд. А. Набиев доир ба мактабҳои тоинқилобии Помир ишора намуда менависад: «Дар мактабҳои камшумори хусусӣ, ки халифаю муллоҳо дарс медоданд, талабагон асосан хондани китобҳои диниро ёд мегирифтанд» [13, с. 19].

Қурбон Аламшоев вазъи саводнокии мардуми Помирро то пойдории ҳукумати Шуравӣ таҳқиқ намуда, ба хулосае омаданд, ки то таъсисёбии ҳукумати Шӯравӣ 95 фоизи мардуми Бадахшон бесавод буданд ва дар мактабҳо шогирдон фақат таълими динӣ мегирифтанд: «Камбуди макотиб ва нарасидани афроди саводнок бузургтарин мушкилоти сартосарии Помир дар охири асри `XIX ва аввали асри XX буд. Тавре таърихнигорон менигоранд 95 дарсади сокинони Бадахшон бесавод будаанд ва ин бесаводӣ албатта ба сифати ҳаёти онҳо таъсири сахти манфӣ мерасонд. То ин вақт одамони шавқманд саводро танҳо аз охонҳо ва муллоҳо ёд гирифта метавонистанд. Ин савод албатта сатҳӣ ва сирф динӣ буд ва асосан хондану навиштан ва аз худ кардани рукнҳои асосии диниро талқин мекарду халос. Ва охонҳо ҳам танҳо дар фасли зимистон , яъне дар замони фароғат аз киштукор ба шавқмандон таълим медоданд » [2, с. 69].

Муҳаққиқи дигар Абусаид Шохуморов низ ба вазъи саводомӯзии мардуми Бадахшон

дар асрҳои гузашта, ишора намуда, иброз доштанд, ки бархе аз донишмандон ба сабаби нодорӣ имкон пайдо накарданд, ки дар мадрасаҳои кишварҳои ҳамсоя таҳсил кунанд. Яке аз чунин донишмандони Бадахшон ғазалсарои машҳури нимаи дуввуми қарни XVIII ва нимаи якуми асри XIX Сайид Ҷаъфар ибни Сайид Шоҳтемур ба ҳисоб меравад ва ӯ саводро дар назди падараш омӯхтааст. Абусаид Шохуморов дар ин бора менависад: «Тамоми умри худро ӯ(Сайид Ҷаъфар ибни сайид Шоҳтемур –У.М.) дар зодгоҳаш гузаронидааст. Таҳсили илмро низ дар ҳамон ҷо дар назди падараш фаро гирифта буд. Чун дар тӯли беш аз навад соли умри худ шоир ба шаҳре сафар накарда буд, бинобар ин таҳсили олӣ дар мадраса барояш муяссар нашуд. Аз ин сабаб аст, ки дар «Девон»-аш баъзан иштибоҳоти сарфу наҳв, вазну қофия, истифодаи калимоту иборот дучор меоянд. Ин ҳолро худи шоир дар яке аз рубоиҳои охиринаш эътироф намуда, аз хонандагонаш хоксорона узр хостааст:

Ин гуфтани шеър дар китоб охир шуд,
Ин назми ғалат ба изтироб охир шуд.
Аз фаҳму хирад пиёдаам,- айб магир,
Ин нусха ғалат ба ёдгор охир шуд».

Барои рафъи ин гуна навоқиси имлоии шоир бино ба қавли худаш, ба шахси форсизабоне муроҷиат карда будааст, вале вай тавре, ки аз ҳолати нусхаи мавҷудаи «Девон» бармеояд, ин хоҳиши Сайид Ҷаъфарро иҷро накардааст, зеро дар ин сурат бояд нусхаи дуввуми китоб ба шакли тасҳеҳшуда тадвин мегардид» [15, с. 3].

Адабиётшинос Лоло Давлатбеков доир ба саводомӯзии Сайид Ҷаъфар ишора намуда, навиштаанд: «Воҷиби зикр аст, ки дар мулкҳои Рӯшону Шуғнон дар ягон маъхази адабию таърихӣ аз хусуси мавҷудияти мадрасаҳо маълумот нест.Омӯхтани хату савод ва илму дониш дар мулкҳои зикршуда дар хонаводаҳо чун мероси бобоӣ аз насл ба насл идома доштааст. Яъне хонаводае, ки ба касби чӯбтарошӣ машғул буданд, ҳунарашонро ба ворисони худ меомӯзонданд. Хату савод ва илм низ дар инҳисори як гурӯҳи иҷтимоӣ буд ва аз доираи авлоди онҳо берун намерафт. Сайид Ҷаъфар баъд аз он, ки соҳиби хату савод гардид, ба омӯзиши Қуръон ва таъриху фалсафаи дину мазҳаб машғул шудааст.

Дар бораи маълумоти кофии диниву адабӣ ва мазҳабии Ҷаъфар худи девони ӯ низ гувоҳи хубе шуда метавонад. Зеро вақте ки девони шоирро мутолиа менамоем, мебинем, ки ӯ дар муҳити хонаводагӣ аз Қуръону ҳадис, улуми шаръӣ ва осори шоирони гузаштаи форсу тоҷик хеле хуб огоҳ будааст» [5, с.46].

Тавре аз иттилооти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори пажӯҳандагон собит мегардад, аввалин донишманде, ки дар Бадахшон илмҳои мухталифи замонро поягузорӣ намуд ва макотиби омӯзиширо ифтитоҳ намуданд, пири исмоилиёни Бадахшон Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ маҳсуб мешавад. Аз асарҳои фалсафӣ ва адабии ин мутафаккири тоҷик маълум мегардад, ки ӯ касби илму ҳикматро дар ҳаёти ҳар инсон муҳим мешумурд ва шахси донишмандро инсони ба камолрасида меҳисобид. Профессор Нозир Арабзода андешаҳои фалсфии Носири Хусравро мавриди таҳқиқ қарор дода, навиштааст: «Чунонки мебинем, Носири Хусрав маърифатро (касби илму дониш-У.М.) мақсади асосии ҳаёти инсон пиндошта, дар охир онро ба маромномаи дин(дар охират ёфтани саодати ҳақиқӣ тобеъ гардонидааст)…Дар ин ҷо чанд нуктаи асосии назарияи маърифати Носири Хусрав ифода гардидааст, ки барои тавзеҳи дурусти моҳият ва тамоюли ҷаҳонбиниаш муҳим мебошад. Аввалан ӯ бепоёнии роҳи маърифатро эътироф мекунад, сониян иқрор мешавад, ки маърифати олам на амри якбораю фавқулъода, балки тадриҷию пайдарҳам аст. Аз ин лиҳоз одам ҳамеша машғули омӯзиш буда, дар ин роҳ ҳаргиз осоиш намеёбад» [3, с. 121-122].

Ҳаким Носири Хусрав дар ибтидо дар зодгоҳаш Қубодиён таҳсили илм намуд

ва мувофиқи маълумоти асари «Оташкадаи озар»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ ва «Саргузаштномаҳои Носири Хусрав»-и дар Бадахшон мавҷудбуда, ӯ ҳанӯз пеш аз сафари ҳафтсолаи худ аксари илмҳои замонашро азбар намуда буд. Муаллиф Лутфалибек дар асари худ фаслеро бо унвони «Аҳволоти Ҳаким Носири Хусрав раҳматуллоҳи алайҳи» ба зиндагиномаи Ҳаким Носири Хусрав ихтисос дода, доир ба усули таълими замони ин донишманд ва кадом илмҳоро ин мутафаккир дар зодгоҳаш омӯхта буд ёдовар мешавад. Мувофиқи иттилои ин тазкира Ҳаким Носири Хусрав дар хурдсолиаш китобҳои осмонӣ Таврот, Забур, Инҷил ва Қуръонро мутолиа кард. Ҳамчунин илмҳои дигари замонаш ба мисли луғат, сарфу наҳв, арӯз ва қофия, тиб, нуҷум, ҳайат, рамл, фиқҳ, тафосири Қуръон, ахбори носих ва мансух аз бар намуда, бо осори файласуфони юнонӣ ва ҳиндӣ низ ошноӣ пайдо намудааст [11, с. 655-656]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Носири Хусрав дар баробари дониш омӯхтан, пайравонашро низ ба илмҳои замон ошно мекард. Ӯ китобҳоеро таълиф намуда дар миёни муридонаш пахш мекард. Масалан дар яке аз шеърҳои худ дар ин бора ишора мекунад:

Ҳар сол яке китоби даъват
Б-атрофи ҷаҳон ҳамефиристам.

Ҳаким Носири Хусрав ҳангоми ҷонро ба Ҳақ таслим кардан ба бародари худ Абусаид чунин васият карда буд, ки Лутфалибек онро дар китобаш ба ин тариқ овардааст: «Ва чун маро дар хок дафн кунӣ, он китоби маро, ки дар илми юнонист бо китоби дигари ман, ки дар сеҳриёти мулҳидия аст бисӯз, агарчӣ машҳур шудааст. Ва «Қонуни аъзам»-ро наздики писари амми ман ба ҳадя фирист ва китоби дигари ман, ки «Зод-ул-мусофирин» ном дорад, ба наздики малик сайид-ал-ҳукамо Алӣ ибни Асад ал-Алавӣ фирист ва китоби дигари маро, ки дар фиқҳ аст ва «Дастури аъзам» ном дорад ба фақеҳ Насруллоҳ қозии Бадахшон бидеҳ ва китоби ашъори маро ба Ҷаҳоншоҳ ибни Геви Юмгонӣ соҳиби хутбаи шиъа бидеҳ ва боқиро мавқуф барои худ бикун ва он чи хоҳӣ бидеҳ ба ҳар ки хоҳӣ» [11, с. 664].

Мувофиқи иттилои сокини н. Шуғнон М. Шозодамамадов чун дар замони Носири Хусрав дар Бадахшон макотиб ва мадорис вуҷуд надоштанд, аксари мардум таҳсилкарда набуданд. Дар натиҷа на ҳамаи мардум маънии асарҳои фалсафӣ аз ҷумла осори Носири Хусравро дарк мекарданд. Махсусан дар он асрҳо сокинони соҳили рости Бадахшон дорои саводи кофӣ набуданд. Ба ин хотир Носири Хусрав китобҳои худро ба ду гурӯҳ ҷудо кард: китобҳое, ки даркашон саҳл ва осон аст ва китобҳое, ки ба ҳикмату фалсафа бахшида шудаанд ва на ҳар кас қодир аст онҳоро дарк кунад. Носири Хусрав савияи дониши сокинони соҳили рости Омуро санҷида, барои онҳо осори осонфаҳми худро ба мисли «Девони ашъори кӯҳистонӣ»-и Носири Хусрав, «Шаш фасл ё рушноинома», «Саодатнома» ва «Рушноинома»-ро тавсия медиҳад. Ва китобҳои душворфаҳми худро ба мисли «Зод-ул-мусофирин», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш»-ро барои муридони Афғонистон ва Эрон тавсия мекунад [12].

Дар мактабҳои суннатии Бадахшони то инқилоб зинаҳои таълимро мисли мадориси Бухоро ва Самарқанд сабақ мегуфтанд. Устод Садриддин Айнӣ низ дар асараш «Мактаби кӯҳна» ба ин масъала ишора намуда будааст [14, с.22-23].

Дар мактабҳои тоинқилобии Бадахшон шогирдон сабақ мегирифтанд ва дониши худро такмил медоданд. Вақте ки фаҳмиданд донишашон доир ба ин ё он илм такмил ёфт, онҳо барои санҷидани дониши худ бо шахсони соҳибилми дигар мунозира мекарданд. Мунозира кардан ҳам дар гузашта расму одоби махсусе дошт. Масалан чанд соҳибилм дар як хона ҷамъ мешуданд ва китоби мавриди назари худро дар назди худ мегузоштанд ва як кас онро мехонд ва шахси дигар онро шарҳ медод. Шахсони дигар низ фикр худро изҳор мекарданд. Баъзан баҳсҳои сахт ва тулонӣ низ ба вуҷуд меомаданд.

Масалан мувофиқи маълумоти сокини 82 солаи н. Шуғнон М. Шозодамамадов вақте ки муаллифи китоби «Таърихи Бадахшон» Қурбон Муҳаммадзода (Охон Сулаймон) аз илмҳои замон баҳравар гардид, барои санҷиши дониши худ назди донишманди дигари Бадахшон Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфаррухшоҳ меравад. Вақте ки Охон Сулаймон бо Шоҳзодамуҳаммад вомехӯрад, мақсади худро ба ӯ мегӯяд, ки эшон ба хотири мунозира омадааст. Шоҳзодамуҳаммад ин талаби ӯро қабул карда, китобҳоро мебароранд ва ба мунозира мепардозанд. Ин мунозираи онҳо соатҳо давом мекард. Пас аз мунозира Охон Сулаймон гуфтааст, ки Шоҳзодамуҳаммад дар илмомӯзӣ аз ман ҳафт сабақ пеш аст [12].

Аҷиб ин аст, ки устодон бо он китобҳое, ки дар макотиби сунннатии Бадахшон ба шогирдон дарс мегуфтанд, айнан ҳамон китобҳоро омӯзгорон дар мадориси Афғонистон, Эрон, Самарқанд ва Бухоро низ истифода мекарданд. Яке аз сабабҳои дар макотиби Бадахшон пайдо шудани ин дастурҳои таълимӣ он буд, ки муҳассилини бадахшонӣ то инқилоб ба мадрасаҳои кишварҳои хориҷ ба мисли Самарқанд, Бухоро, Афғонистон,Ҳиндустон ва дигар мамолик барои таҳсили илм мерафтанд ва онҳо пас аз фарҷоми таҳсил дастурҳои зарурии таълимиро дастрас намуда, бо худ ба Бадахшон меоварданд. Дар натиҷа донишмандони мазкур дар Бадахшон мактабҳо ташкил намуда, бо ин дастурҳои таълимӣ ба шогирдон илм меомӯхтанд.

Тавре ишора намудем, ки аввалин мутафаккире, ки дар Бадахшон илмҳои гуногунро поягузорӣ намуда буданд Ҳаким Носири Хусрав мебошад. Вале аз асри XII то XIV вазъи ҳаёти илмӣ ва адабии Бадахшон норавшан мебошад. Зеро дар ин асрҳо вазъи мардуми Осиёи миёна хеле сангин гардида, дар ин манотиқ давлатҳои Салҷуқиён, Ғазнавиён, Ғуриён ва Чингизиён ба сари қудрат омаданд ва фарҳанги мардуми тоҷик дар ин асрҳо мавриди таҳоҷуми аҷнабиён қарор гирифт. Адабиётшинос Амирбек Абибов ба ин масъала ишора намуда навиштаанд: «Аммо дар натиҷаи ҳаводисоти замон, аз осори хатти шоирони асрҳои XI-XIV Бадахшон чизе ба мо дастрас нагардид» [1, с. 26]. Вале аз асри XV-XVI сар карда дар тазкираҳо доир ба ҳаёти фарҳангии Бадахшон иттилооти бештарро дучор шудан мумкин аст. Бояд хотиррасон кард, ки ҳарчанд дар ин асрҳо доир ба осори адабии Бадахшон маълумоте пайдо кардан мумкин бошад, аммо рушди илм дар миёни худи зодагони Бадахшон асосан аз асри XVI ба инкишофёбӣ оғоз намудааст, ки ба ин гуфтаҳо бархе аз сарчашмаҳои таърихии дар Бадахшон пайдогардида ба мисли «Саҳифат-ун-нозирин» ва рисолаи «Нуҷум»-и Ғиёсиддин Алии Амирон ал-Исфаҳонӣ, ки муаллифи ин асарҳо дар охирҳои асри XV ва авоили асри XVI умр ба сар бурдааст, шаҳодат медиҳад. Дар ин давра ҳам аз миёни худи бадахшониён шоирон ва олимон ба майдони илм қадам гузоштанд ва ҳам бо дархости бадахшониён аз ҷониби олимони эронӣ барои онҳо рисолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ таҳия мешуданд. Масалан дар он солҳо мардуми Бадахшон ба илми ҳисоб ва нуҷум хеле мӯҳтоҷ буданд ва чун дар он давра донишмандеро дар ин ришта надоштанд, аз олими эронӣ Ғиёсиддин Алии Исфаҳонӣ дархост мекунанд, ки дар ин илм барои онҳо як дастури таълимиро таълиф намояд.

Албатта доир ба Ғиёсиддини Исфаҳонӣ иттилооти зиёде дар даст нест, вале чуноне, ки аз зиндагиномаи кӯтоҳи ӯ, ки дар охири рисолаи фалсафиаш «Саҳифат-ун-нозирин» зикр шудааст, номбурда дар хонаводаи ғайриисмоилӣ ба дунё омада, дар синни 12 солагӣ кеши исмоилиро пазируфтааст ва аз мактаби доия гузаштааст. Аз ному насаб ва зиндагиномаи мухтасари ӯ бармеояд, ки насабаш аз содоти Ҳусайнӣ буда, зодгоҳаш Исфаҳон мебошад. Ғиёсиддин дар миёни солҳои имомати Муҳаммад ибни Исломшоҳ ва Мустансири Биллоҳи дуввум сиву якумин ва сиву дувумин имомони исмоилӣ зиста, зоҳиран аз ҷониби яке аз онҳо чун шахси донандаи улуми ақлӣ ва нақлӣ ба ҳайси доии исмоилӣ ба Бадахшон фиристонида шудааст ва чанд муддат дар хидмати бадахшониён будааст [16, с. 13-14].

Муаллиф дар муқаддимаи рисолаи «Нуҷум» собит мекунад, ки ин асарро бо хоҳиши дӯстони бадахшонӣ навиштааст: «Ва баъд аз ҳамду салавот намуда мешавад, ки шуҳуди шуҳури синнин сита ва самона миъа (866 ҳ. Мутобиқи 1461 м.) буд, ки дар мавзеи Бадахшон баъзе аз бузургон ва азизон амсол фармуданд иттифоқи мутеъони эшон бар ваҷҳи исол бар ин камтарин бандагон Ғиёсуддин Алӣ Амирон Сайид ал-Ҳусайнӣ ал – Исфаҳонӣ воҷиб ва лозим менамуда ва талаби баъзе аз фавоиди нуҷум забт ва фаҳм бар атфол ва асғори эшон саҳл ва осон бошад. Бар лисони бекизб ва нуқсон ҷарайён меафтад» [4, с. 1].

Ё ин ки муаллиф дар муқаддимаи рисолаи «Саҳифат-ун-нозирин» роҷеъ ба сабаби таълифи он ишора мекунад: « Баъда намуда мешавад, ки ин бандаи хонадони ал-муъассимул муътасим ба таъйиди илоҳӣ Ғиёсиддин Алӣ ибни Ҳусайн ибни Амирон ал-исфаҳонӣ бинобар хоҳиши баъзе азизон (бадахшониён-У.М.) ин чанд сатр, ки фавоиди он аз мубойиноти таъвилот аёнест на аз мушобеҳоти танзилот баёне дар силки таҳрир дароварда шуд. Ҳасб-ул-амр вал маъмур ба тартиби ин мухтасар иқдом намудам ва он «Саҳифат-ун-нозирин» ном ниҳода шуд, муштамил бар сиву панҷ саҳифа» [4, с.1].

Ин рисоларо Ғиёсиддин барои бадахшониён ба таври фишурда ва бо забони содда дар риштаи фалсафаи исмоилия таълиф намуданд, то ин ки шогирдон дар макотиб аз ақоиди ботинӣ ба осонӣ воқиф гарданд.

Пас аз асри XVII дар Бадахшон устодон дар макотиб ба шогирдон дар баробари оёти қуръонӣ, осори исмоилӣ ва адабиёти форсу тоҷик китоби шоир ва луғатшиноси нимаи дуюми асри XIII Эрон Абунасри Фароҳии Систонӣ «Нисоб-ус-сибён»-ро ба хотири аз худ намудани забони арабӣ тадрис мекарданд ва ин дастури таълимӣ то ибтидои ҳукумати Шӯравӣ дар Бадахшон шӯҳрати беандоза дошт. Имрӯз дар миёни дастнависҳоое, ки дар китобхонаҳои хусусии мардуми Бадахшон маҳфузанд ду нусхаси куҳани ин асар дучор шуданд, ки яке аз онҳо дар соли 1216 ҳ./ 1801 м. ва дигаре соли 1327 ҳ./ 1908 м. китобат шудаанд.

«Нисоб- ус- сибён» дастури таълимие аст, ки барои кӯдакон ба хотири омӯзиши забони арабӣ ва аз худ кардани вазни арӯз таҳия шудааст. Ин асар нахустин луғатномаи манзуми форсӣ аст, ки он аз 200 байт иборат буда, дар баҳрҳои мухталифи арӯз эҷод шудааст [7, с. 320].

Баъди имзои қарордод байни Англия ва Россия дар соли 1895 қисмати ҷануби Тоҷикистон, ки аз зулми амири Афғонистон Абдураҳмонхон озод карда шуданд, ноҳияҳои ғарбии Помир дар зери итоати амири Бухоро боқӣ монданд [8. с. 343]. Дар натиҷа бо зиёд шудани рафту омади амалдорони Аморати Бухоро ба Помир ва таҳсил кардани муҳассилини бадахшонӣ дар мадориси Бухоро аз ҷониби афроди алоҳида ба Бадахшон теъдоди зиёди дастурҳои таълимӣ интиқол дода шуда, ба воситаи онҳо ба хоҳишмандон дар макотиб таълим медоданд. Дар ин ҷо метавон бархе аз дастурҳои муҳими таълимиро номбар кард, ки ин китобҳо дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро низ омӯзонида мешуданд. Аз қабили «Чор китоб», «Панҷ ганҷ»(Панҷ китоб шомили НомиҲақ, Маҳмуднома, Каримо,Панднома, Қозии қутб), «Қоидаи бағдодӣ» ва «Ҳафтяки шариф». Бо ин китобҳо алифбои арабӣ, дуруст ёд гирифтани оёти қуръонӣ, масъалаҳои ахлоқи исломӣ, худошиносӣ, оинҳои вузӯ, муҷиботи ғусл, таямум, воҷиботи намоз, сунатҳои моҳи Рамазон ва ғайра таълим дода мешуданд.

Профессор Расул Ҳодизода дар китобаш «Самарқанднома» доир ба усули тадрис дар мадориси Самарқанд ва Бухоро маълумот дода менависад: «Кӯдакон дар мактаб баъд аз таҳсили савод « Чор китоб» -ро, ки китоби манзуми динӣ ва ахлоқӣ буд, ҳам дар хона ва ҳам дар пеши домулло мехонданд. Сипас ба хондани дурустараш ба азбар намудани китоби «Ҳафт як», ки баргузидаи сураҳои осон ва кӯтоҳи Қуръони маҷид аст, мегузаштанд» [16,

с. 317]. Устод Садриддин Айнӣ низ дар китобаш «Мактаби кӯҳна» таҳсили худро дар мактаби кӯҳна ба хотир оварда зикр намудаанд: «Ман дар мактаби бибихалифа давом мекардам «Ҳафтяк»-ро тамом кардам, чанд сураҳои онро ёд кардам, қуръонро ба поён расонидам, «Чор китоб»-ро ҳам хондам, қадре аз Хоҷа Ҳофиз ҳам хондам» [14, с. 43].

Академинк Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой низ дар асараш «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ» доир ба усули таълим дар макотиби то инқилобии тоҷик маълумот дода менависанд, ки то инқилоби соли 1917 ва 1920 дар макотиби кӯҳнаи тоҷикӣ «Гулистони Саъдӣ», девони Ҳофиз, девони Бедил ва «Чор китоб» аз ҷумлаи китобҳои асосии дарсӣ ба шумор мерафтанд [13, с. 22]. Ҳамчунин донишманди мазкур доир ба усули таълими макотиби кӯҳна ёдовар шуда, қайд мекунад, ки дар мактаби кӯҳна толибилмони хурдсол осори бузургтарин суханварони форсу тоҷикро мутолиа мекарданд, ки ин барои донишомӯзии онҳо дорои манфиати бузург буд. Яъне вақте ки кӯдаки панҷсола дар мактаб осори Аттор(«Чор китоб», девони Ҳофиз, девони Бедил, «Гулистон»-и Саъдӣ ва дигар саромадони адабиёти форсу тоҷикро меомӯзад ин ба толибилм барои хуб аз худ намудани забони миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ хеле кӯмак мекунад [13, с.68].

Ҳамин тавр метавон ба хулосае омад, ки барномаҳои таълимии мадориси Самарқанд ва Бухоро дар замони ҳукмронии Аморати Бухоро бо макотиби Бадахшон мушобеҳ будаанд. Вале дар макотиби Бадахшон ба замми ин китобҳо Қуръони маҷид, китобҳои аҳодис ва тафосир аз қабили «Чиҳил ҳадис», «Тафсири Ҳусайнӣ», асарҳои адибони форсу тоҷик ба мисли «Маснавӣ»и Румӣ, «Девон»-и Ҳофиз, «Ашъори Бедил», осори Саной ва Аттор, «Гулистон»-и Саъдӣ ва осори Носири Хусрав ба мисли «Ваҷҳи дин», «Рушноинома ва Саодатнома» «Шашфасл» ва мухтасари «Ашъор»-и Носири Хусравро низ меомӯхтанд.

АДАБИЁТ

1. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон/А. Абибов .- Душанбе: Дониш, 1971.-199 с.
2. Аламшоев Қ. Достони муаллим /Қ. Аламшоев.-Душанбе: Ирфон, 2013, 256 с.
3. Арабзода Н. Носири Хусрав /Н. Арабзода.- Душанбе: Маориф,1994, 176 с.
4. Ғиёсиддин Алӣ Амирон ал-Исфаҳонӣ. Рисолаи нуҷум./Исфаҳонӣ Алӣ Амирон Ғиёсиддин.- Бо таҳрир ва иловаҳои Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфаррухшоҳ. Дастхат. Котиб- Шоҳзодамуҳаммад. Санаи китобат 1342/1923.
5. Давлатбеков Лоло. Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон / Лоло Давлатбеков.- Душанбе: «Эр-Граф», 2014, 180 с.
6. Давыдов А.С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана(Памира)/ А.С. Давыдов.- Душанбе: Дониш, 2005, 152 с.
7. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷилди шашум, Теҳрон .-1373, 754 с.
8. Искандаров Б. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в/Б. Искандаров.- Душанбе: Дониш, 2012, 732 с.
9. Искандаров Б.И. Трудный путь к знанию/ Москва: МГУ.- 1999, 160 с.
10. Каширина Т.В.,Давлатёров Д. Культурное строительство в Горно-Бадахшанской Автономной Области/ Т.В. Каширина //Очерки по истории советского Бадахшана. Душанбе: Ирфон.-1981, 384 с.
11. Лутфалибек Озари Бегдилӣ. Оташкадаи озар/ Бегдилӣ Озар Лутфалибек.- Аҳволоти Ҳаким Носири Хусрав раҳматуллоҳи алайҳи. Дастхат аз китобхонаи профессор Ҷо Анн Гросс. Нусхаи фотокопӣ. Сана ва котиб маълум нест. Вараҳи 3.
12. Мусоҳиба бо Мамадшерзодшо Шозодамамадов. Сокини 82 солаи деҳаи Поршиневи н. Шуғнон. Соли тав.1918, таърихи мусоҳиба моҳи марти соли 2000.
13. Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ/ Бухорой

Шакурӣ Муҳаммадҷон.- Душанбе: Чопхонаи Пайванд, 300 саҳ.
14. Набиев А. Советский Памир /А. Набиев.- Душанбе: Ирфон, 1967, 96 с.
15. Садриддин Айнӣ. Мактаби куҳна/Айнӣ Садриддин.- Душанбе: Адабиёти бачагона, 2018, 48 саҳ.
16. Саид Ҷаъфар. Девони ашъор /Саид Ҷаъфар.-Хоруғ: ҶДММ «Хушкор», 2016, 188 с.
17. Ҳодизода Р. Самарқанднома/ Р. Ҳодизода.- Душанбе: Чопхонаи Пайванд, 2002, 392 с.
18. Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфаррухшоҳ. Осори нуҷумӣ /Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайидфаррухшоҳ.- Куллиёт ҷ.2, Душанбе: Паёми ошно, 2017,176 с.

ТАЪСИСЁБИИ АВВАЛИН МАКОТИБИ ОМӮЗИШӢ ВА ИЛМИИ БАДАХШОН ДАР ОХИРИ АСРҲОИ МИЁНА ВА ТАҲИЯИ НАХУСТИН ДАСТУРҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон дар асоси сарчашмаҳо ва осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ доир ба дар асрҳои миёна арзи вуҷуд кардани макотиб ва улум дар Бадахшон иттилоъ медиҳанд. Тавре маълум аст бархе аз олимони муосир аз ҷумла муаррихон собит кардӣ мешаванд, ки мактаб ва илм дар Бадахшон пас аз соли 1917 ба вуҷуд омадааст. Вале ин чунин нест,зеро мактаб ва илм дар Бадахшон ҳанӯз аз асри XI арзи вуҷуд намуда буда, дар асрҳои минбаъда ба зинаи баланди инкишофёбии худ расиданд. Дар мақола исбот карда мешавад, ки дар Бадахшон низ дар асрҳои миёна илмҳои мухталиф ба мисли забон, адабиёт, таърих, фалсафа, тиб, нуҷум ва илмҳои дигар арзи вуҷуд намуда, онҳо барои муҳассилин дар макотиби хусусӣ тадрис карда мешуданд. Албатта ин шароити мусоид фароҳам овард, ки дар Бадахшон низ донишмандони соҳибкитоб аз миёни сокинони бумӣ тарбия ёфта, онҳо барои саводнок кардани мардуми Бадахшон саҳми босазо гузоранд.

Калидвожаҳо: Бадахшон, мактаб, илм, Носири Хусрав, “Саргузаштнома”, “Нисоб-ус-сибён”, “Шаш фасл”, “Зод-ул-мусофирин”, “Саргузаштномаи Носири Хусрав

Маълумот дар бораи муаллифон: Сайфулло Муллоҷонов- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми таърих, профессор. Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, телефон: (+992) 938006109, E-mail: safiullo7272@mail.ru

Мамадшерзодшоев Умед- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.И.Искандаров, ходими илмии шуъбаи таърих ва мардумшиносӣ. Суроғa: 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Холдоров 1. Телефон: (+992) 93 527 26 11, E-mail: umed.sherz@gmail.com

СОЗДАНИЕ ПЕРВЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ И НАУЧНЫХ ШКОЛ БАДАХШАНА В КОНЦЕ СРЕДНЕГО ВЕКА И ПОДГОТОВКА ПЕРВЫХ УЧЕБНИКОВ

В данной статье на основе источников и научных трудов отечественных и зарубежных ученых авторы предоставляют информацию о существовании школ и науки в Бадахшане в средние века. Как известно, некоторые современные учёные, в том числе историки, пытаются доказать, что школа и наука в Бадахшане были созданы после 1917 года. Однако это не так, поскольку школа и наука в Бадахшане существовали с XI века, а в последующие века достигли высокого уровня развития. В статье доказывается, что в Бадахшане в средние века существовали различные науки, такие как язык, литература, история, философия, медицина, астрология и другие науки, и их преподавали учащимся в частных школах. Разумеется, это создало в Бадахшане благоприятные условия для подготовки ученых из числа коренных жителей, и они внесли ценный вклад в повышение грамотности населения Бадахшана.

Ключевые слова: Бадахшан, школа, наука, Насир Хусрав, «Приключения», «Нисаб-ус-сибян», «Шаш фасл», «Зод-уль-мусофарин», «Приключения Насира Хусрава».

Сведения об авторах: Сайфулло Муллоджонов - Национальный университет Таджикистана,

доктор исторических наук, профессор. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, телефон: (+992) 938006109, E-mail: safiullo7272@mail.ru

Мамадшерзодшоев Умед- Национальная академия наук Таджикистана, Институт гуманитарных наук имени академика Б.И.Искандарова, научный сотрудник отдела истории и этнографии. Адрес: 736002, Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Холдорова, 1. Телефон: (+992) 93 527 26 11, E-mail: umed.sherz@gmail.com

THE ESTABLISHMENT OF THE FIRST EDUCATIONAL AND SCIENTIFIC SCHOOL IN BADAKHSHAN AT THE END OF THE MIDDLE AGES AND THE PREPARATION OF THE FIRS TEXTBOOKS.

In this article, based on sources and scientific works of native and foreign scientists, the authors provide information about the existence of schools and science in Badakhshan in the Middle Ages. As known, some modern scientists, including historians, are trying to prove that school and science in Badakhshan were formed after 1917. However, this is not precise, as school and science in Badakhshan existed since the 11th century, and in subsequent centuries reached a high level of development. The article proves, that in Badakhshan in the Middle Ages, various sciences existed, such as language, literature, history, philosophy, medicine, astrology and other sciences, and they were taught to students in private schools. Of course, this created favorable conditions in Badakhshan for the training of indigenous business scientists, and they made a valuable contribution to improving the literacy of the population of Badakhshan.

Key words: Badakhshan, school, science, Nasir Khusraw, "Adventures", "Nisab-us-sibyan", "Shash fasl", "Zod-ul-musofirin", "Adventures of Nasir Khusraw".

Information about the authors: Sayfullo Mullojonov- National University of Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, phone: (+992) 938006109, E-mail: safiullo7272@mail.ru

Mamadsherzodshoev Umed- National Academy of Sciences of Tajikistan, Humanitarian Institute named after academician B.I. Iskandarov, researcher at the department of history and ethnography. Address: 736002, Republic of Tajikistan, Khorog, Kholdorova street, 1.

Phone: (+992) 93 527 26 11, E-mail: umed.sherz@gmail.com

УДК 063(6)

ВАЗЪИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲОИ ВМКБ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Наврузбекова Ҳ.Д.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Истиқлолият асоси шукуфоии илму фарҳанг буда, яке аз паҳлуҳои муҳими сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар бар мегирад. Вазифаи асосии аҳли ҳунар ин рушду нумӯъ ва пешбурди фарҳанги миллӣ, ошно намудани ҷаҳониён бо дастовардҳои тоҷикон дар ин ҷода мебошад. Зеро ба ҳамагон маълум, аст ки дар ҷаҳони имрӯза ҳар як халқу миллат танҳо бо комёбиҳои фарҳангии хеш соҳиби эҳтирому нуфуз ва дастгирии ҷомеаи мутамаддин шуда метавонад.

Яке аз ҳадафҳои олии сиёсати фарҳангии ҳукумату давлат ин рушди санъати миллӣ буда ҳамасола дар Паёми Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ин масъала диққати ҷиддӣ равон карда шуда, дар ин самт як қатор барномаҳои фарҳангӣ таҳия гардида рӯз ба рӯз амалӣ гардида истодаанд.

Дар санаи 21-декабри соли1998 бо қарори №169 раиси вилоят А. Ниёзмамадов ва директори осорхона Шоинбеков А осорхонаи таърихи – кишваршиносии вилоят ба номи

ходими сиёси ва давлати Қирғизбек Хушқадамов гузошта мешавад. Ва бо ташаббуси собиқ директори осорхона Шоинбеков соли 2000- ум шӯъбаи даврони истиқлолият ташкил карда мешавад.Ҳозир осорхона дорои 22 – толори намоиши буд, он аз 4- шӯъба иборат аст. Шӯъбаи табии, шуъбаи бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, шуъбаи даврони Шӯравӣ ва аз шуъбаи Истиқлолият иборат аст. Шумораи умумии нигораҳо 7985 адад буда, 6978 адади он ба фонди асосӣ ва боқимонда ба фонди ёрирасон дохил мешавад. Ҳайати кормандони осорхона аз 21 нафар иборат буда, 6 нафар дорои маълумоти олӣ ва 15 нафар дорои маълумоти миёна ва махсус мебошанд.

Дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон осорхонаи вилоятӣ ба бинои собиқ кумитаи иҷроияи вилоят кӯчонида шуда буд ва онро ба маблағи 65000 сомонӣ аз таъмир бароварда буданд. Бори дуюм бинои осорхонаро аз таъмири ҷорӣ ба маблағи 40000 сомонӣ бароварда буданд. Осорхонаи вилояти дорои шӯъбаҳои таърих, геология, фарҳанг, ҳунарҳои мардумӣ буда, нигораҳои хеле нодирро доро аст, имрӯзҳо осорхона дар бинои (собиқ театри вилоятӣ), имрӯза қасри фарҳанг дар қабати дуюм фаъолият карда истодааст. Осорхонаи вилоятӣ ба ҷои дӯстдоштаи халқ табдил ёфта, ба ин маркази таърихиву фарҳанги сайёҳони хориҷӣ ҳам мароқ зоҳир намуда истодаанд.[1].

Бадахшон, ки тақрибан нисфи ҳудуди Тоҷикистонро фаро гирифтааст, дорои таъриху фарҳанги пурғановат буда, имрӯзҳо дар зери назари ҷаҳонгардони дохиливу хориҷӣ қарор дорад. Азбаски минтақаи Бадахшон аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ ба даҳгонаи беҳтарин мавзеҳои сайёҳии ҷаҳон пазируфта шудааст, омаду рафти меҳмонон ба минтақа сол то сол афзуда истодааст. Мусаллам аст, ки вақте сайёҳ ба кишвар меояд нахуст аз осорхонаи он ҷо дидан мекунад. Айни замон дар ҳудуди вилоят 10 осорхона, ки аз онҳо 2 осорхонаи таърихи-кишваршиносӣ ва 10 хона-осорхона мебошанд. Шумораи умумии кормандони осорхонаҳо 35 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 17-нафар мард ва 18-нафар занон мебошанд. Аз шумораи умумии кормандон 11-нафар бо маълумоти касбӣ ва 10-нафар бо маълумоти олӣ мебошанд.Осорхонаҳои вилоят дар умум дорои 14718 нигора мебошанд, ки аз он 8575 адад ба Осорхонаи вилоятӣ рост меояд. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ВМКБ ягона маркази фарҳангии вилоят аст ки таъриху этнография археология ва маданияту урфу одати мардуми ориётабори моро ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ муаррифӣ менамояд.[8]. Осорхона дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармону қарорҳои Ҳукумати мамлакат ва фармоишу супоришҳои раиси вилоят ва роҳбарияти шӯъбаи фарҳанги ВМКБ фаъолият намуда, дар пешбурди сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар минтақа саҳмгузор аст. Таҳи 5 соли охир фаъолияти осорхона новобаста аз надоштани бино инқироз наёфт, балки бо истифода аз имконоти мавҷуда дар сатҳи қонеъкунанда қарор дошт. Азбаски то вақти ба истифода дода шудани бинои нави театри вилоятӣ осорхонаи вилоят дар як қисмате аз ошёнаи дуюми бинои собиқ театр ҷойгир буд, фаъолияти намоиш хеле маҳдуд шуда буд. Дар ин айём самти фаъолияти осорхона бештар ба корҳои илмӣ-тадқиқотии нигораҳо ва ҳуҷҷатгузории онҳо нигаронида шуда буд.

Соли 2018 бо пурра кӯч бастани кормандони театр ба бинои нав ошёнаи дуюми театр пурра ба осорхона дода шуд. Новобаста аз номутобиқ будан ва маҳдуд будани ҳудуди намоишӣ кормандони осорхона онро пурра аз таъмири ҷорӣ бароварда, дар доираи имконот аз ҳисоби 4 толори хурд ва долони он 5 шӯъба: шӯъбаи археология ва этнография, шӯъбаи табиат, шӯбаи даврони шӯравӣ, шӯъбаи даврони истиқлолият ва шӯъбаи мусаввараҳоро ташкил карда шуд.

Соли охир осорхона дар ташкилу баргузории як қатор чорабиниҳои фарҳангиву сиёсӣ саҳми арзанда гузошта, дар ҳамаи чорабиниҳои дохиливу берун аз вилоят бо намоиши экзпозитониаш самаранок ширкат варзид. Дар намоишҳои оммавии рӯзҳои фарҳанги

ВМКБ дар вилоятҳои Суғду Хатлон иштирок намуда, расму оинн ва урфу одати мардуми Бадахшонро аз тариқи намоишҳои нигораҳои хеш манзури тамошобинон гардониданд. Аз ҷониби осорхона як қатор чорабиниҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳурияви баргузор карда шуданд.[8]. Масалан бахшида 120-солагии қаҳрамони Тоҷикистон Ширинш Шоҳтемур 90-солагии арбоби давлативу сиёси М.Назаршоев, 180-солагии шоир ва файласуф Суфи Мубораки Вахонӣ, бузургдошти шоир Охон Шоҳфутур, 120-солагии шоири халқии Тоҷикистон М.Миршакар, 80-солагии шоири халқии Тоҷикистон Ш.Бунёд, 90-солагии шоири халқии Тоҷикистон М.Қаноат ва ғайра дар сатҳи баланд баргузор шуданд[4;76].

Дар ин муддат осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ВМКБ ба як маркази методӣ барои дигар осорхонаҳои ҳудуди вилоят табдил ёфта, дар базаи он барои бозомӯзии кормандони осорхонаҳо чанд маротиба курсҳои омӯзишиву таҷрибавӣ доир карда шуданд. Бо истифода аз маблағҳои худдӣ ва кӯмакҳои пайвастаи Мақомоти Иҷроияи ҳокимяти давлатии ВМКБ сол то сол базаи модди техникии осорхона низ каме беҳбуд ёфт, алакай осорхона ба шабакаи интернетӣ пайваст аст ва тамоми шӯъбаҳои он бо камераҳои мушоҳидавӣ ва асбобҳои аксбардори рақамӣ муҷҷаз мебошанд.

Новобаста аз имконоти маҳдуд осорхонаи таърихи кишваршиносии ВМКБ соли 2017 дар озмуни ҷумҳуриявии осорхонаҳо таҳти унвони “Оинаи таърих” ширкат варзида соҳиби ҷои сеюм гардид. Корҳои илмӣ ва намоиши илмии осорхона низ рӯ ба беҳбуд ниҳода дар ин муддат аз ҷониби директор беш аз 46 мақолаи илмиву адабӣ ва аз тарафи ходимони илми 20 мақола дар рӯзномаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ рӯи чоп омадаанд. Соли 2021 директори осорхона Х.Алидод дар озмуни байналхалқӣ, ки аз ҷониби рӯзномаи расмии Ҳукумати Тоҷикистон “Ҷумҳурият” бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Точикистон ва бозтоби хизматҳои мондагори Қаҳрамони Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзида, бо гирифтани ҷои аввал соҳиби диплом ва тӯҳфаи хотиравӣ гардид. [8].

Хона-осорхонаи М.Назаршоев дар соли 2022 масоҳати он 135м2, майдони намоишдиҳи он 35м, шумораи утоқҳои осорхона 5 кормандони он 2 нафар, ҳар ду маълумоти олӣ, дар ин сол 8 намоиши оммавӣ ва 10 конфронси илмиро гузаронданд.

Осорхонаи Н.Хусрав: масоҳати он 60м2, майдони намоишдиҳи 60м2, аз 2 утоқ ва 3 корманд, ки 2 нафар маълумоти оликасби ва 1 нафар бо маълумоти олӣ кору фаъолият мекунанд, 16 намоиши оммавӣ ва 3 конфронси илмиро иҷро намуданд.

Хона-осорхонаи М.Вахонӣ:масоҳати умуми 144,38м2, майдони намоишдиҳи 46,24 м2-ро дарбар мегирад, аз 5 утоқ иборат аст кормандони он 2 нафар, мебошанд ҳар ду бо маълумоти олӣ, дар соли гузашта 14 намоиши оммавӣ, 16 конфронси илмиро гузаронданд.

Осорхонаи Шоҳқамбари Офтоб:масоҳати умуми 230м2, майдони намоишдиҳи 100м2, шумораи утоқҳо 4-то ва шумораи умуми нигораҳо 400 адад, 10 намоиши оммавӣ ва 9 конфронси илмиро иҷро намуданд.

Хона –осорхонаи Ш.Бунёд: масоҳати он 15м2, майдони намоишдиҳи 15м2, аз 1 утоқ иборат аст шумораи кормандон 1 нафар бо маълумоти олӣ, дар соли гузашта 3 намоиш ва 3 конфронси илмиро гузаронданд.

Осорхонаи асбобҳои мусиқии н.Рушон: масоҳати осорхона 90м2, майдони намоишдиҳи ҳам 90м2, аз 2 утоқ иборат буда, шумораи нигораҳо 470 ададро ташкил медиҳад.

Осорхонаи таърихи-кишваршиносии н.Мурғоб: масоҳати умуми 92м2 ва майдони намоишдиҳи 92м2, аз 4 уток иборат буда, дар соли 2022, 5 намоиши оммавӣ ва 2 конфронси илмиро гузаронданд.

Хона-осорхонаи Ш.Шоҳтемур: масоҳати умуми он 80м2, масоҳати майдони

намоишдиҳи 80м2, аз 4 утоқ ва 2 нафар корманд, ки яке бо маълумоти олӣ, дигаре бо маълумоти оликасби, фаъолият мекунанд шумораи умуми нигораҳо 230 ададро дарбар мегирад. [6].

Хона-осорхонаи Ш.Шоҳтемур дар нӯҳ моҳи соли 2022 дар асоси нақшаи корӣ фаъолияташро ба роҳ монда, вохӯри бо кормандони комиссариати ҳарбии ноҳия Раҳимов ва хонандагони мактаби таҳсилоти умумии №11-и деҳаи Тишор баргузор намуданд. Бахшида ба ҷашнҳои рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Модар, лавҳаҳо бо 25-адад аксҳои аскарон ва афсарон, занони барӯманди ноҳия ба намоиш гузошта шуда, дар ҳавлии хона- осорхона намоиши ҳунарҳои мардумӣ ба роҳ монда шуд.[7].

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии вилоят дар соли гузашта бахшида ба рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Артиши миллӣ-сипари боэтимоди давлат” акси афсарон ва аскаронро ба намоиш гузоштанд. Бахшида ба “Рӯзи Модар” дар як гӯшаи осорхона бо фарогирии 22-адад аксҳои занони барӯманди вилоят таҳти унвони “Зан ва ҷомеа” ва “Бонувони шарафманд” ба намоиш гузошт. Дар ин муддат ба осорхона 800 нафар ройгон ва 220 тамошобинон ташриф оварданд, ки аз ҳисоби онҳо маблағи 520 сомонӣ ба осорхона ворид гардид.

Бо роҳбарии директори осорхона шӯъбаҳо дар осорхона дар утоқҳои алоҳида ҷиҳозонида шуданд. Осорхонаи таърихи-кишваршиносии вилоят баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 31 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи алоҳида таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он корҳои муайянро ба иҷро расонд. Дар таҷлили рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 31 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи роҳбарияти осорхона намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ ва экспонатҳо дар театри вилоятии ба номи М.Назаров ва боғи фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Хоруғ ба намоиш гузошта шуданд. Дар нӯҳ моҳи соли гузашта ба осорхона 11 нигораи нав дохил гардиданд.[7].

Дар вилоят 2 адад осорхона мавҷуд буда шумораи кормандони онҳо 25 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо бо маълумоти олии касбӣ 2 нафар, маълумоти олии умумӣ 11 нафар, маълумоти миёнаи махсус 7 нафар, бо маълумоти миёнаи умумӣ 5 нафар кор карда истодаанд. Аз ҷумла кормандони техникӣ 9 нафар мебошанд.

Шумораи хона-осорхонаҳо дар вилоят 8 ададро ташкил медиҳад, ки шумораи кормандони онҳо 13 нафар мебошанд. Аз онҳо 7 нафар бо маълумоти олии умумӣ, 3 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 3 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ кору фаъолият мекунанд. Аз ҷумла кормандони техникӣ 4 нафарро ташкил медиҳад.

Хушбахтона ба марҳилаи нави рушд ворид гардидани вилоят диққати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ба осорхона дучанд зиёд гардида, имрӯзҳо осорхона зери назари ҳамешагии роҳбарияти вилоят ба марҳилаи нави пешрафт ва густариш ворид гардид. Соли 2021 бо ташаббуси раиси вилоят ва супоришҳои ӯ як қатор корҳои созандагиву ободонӣ, дар осорхона рӯи даст омада, як қатори дигар дар айни амалишавӣ қарор доранд.[7]. Соли 2016 бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни хона-осорхонаҳои вилоят мусобиқа баргузор гардид. Дар байни хона-осорхонаҳои вилоят хона-осорхонаи Мубораки Вахонӣ ҷои якумро ишғол намуд. Ин хона-осорхона бо нигораҳо ва ёдгориҳои худ дар байни осорхонаҳои вилоят тавонист ҷои намоёнро соҳиб шавад. Дар ин мусобиқа хона-осорхонаи Мубораки Вахонӣ ҳамчун муассисаи беҳтарини сол дониста шуд.[5].

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии Бадахшон бо мақсади шиносоии бештари кӯдакону наврасон бо расму суннатҳои наврӯзӣ ва таърихи пайдоиши ин ҷашни бостонӣмаъмуриятиосорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ВМКБ тасмим гирифт, ки

барои кӯдакону наврасон тамошои ройгони нигораҳо мусаввараву муҷассамаҳои марбут ба Наврӯзро баргузор намояд.

Соли 2019 дар хазинаи ин осорхона 12 ҳазор, нигора мавҷуд будаст. Соли 2018 бошад аз ҳисоби даромади худи осорхона 63 нигора, ба хазина ворид гардидаст. Ягона мушкили осорхона ба талабот ҷавобгу набудани бинои он мебошад. [3]

"Шабе дар осорхона" таҷлили рӯзи осорхонаҳо дар ВМКБ. 22 май дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бахшида ба рӯзи осорхонаҳо дар осорхонаи таърихии – кишваршиносии вилоят чорабинии фарҳангӣ зери унвони "Шабе дар осорхона" баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини раиси вилоят Назира Амирбекзода ва аҳли фарҳанг, ҷавонон ва сокинони шаҳри Хоруғ иштирок намуданд. Назира Амирбекзода ба сухан баромада, ин санаи муборакро ба ҳамаи иштирокчиён, бахусус ба кормандони осорхонаи вилоят табрик гуфта, иброз дошт ки, "Нақши осорхонаҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз сохти давлатдорӣ баҳри васеъ кардани ҷаҳонбинии одамон, омӯхтану аз худ кардани таъриху фарҳанг, ба ояндагон мерос гузоштан ва ба оламиён муаррифӣ кардани ин бузургтарин дастоварди давру замонҳо хеле калон аст. Осорхона ҳамчун барҷастатарин институти ҷомеаи маъданӣ баробари дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ вазифа ва маъсулияти бузургеро дар тарбияи насли наврас ба ӯҳда дорад. Ин боргоҳи маърифатест, ки дар он наслҳои имрӯзу фардои мо сабаки таърихӣ меомӯзанд, аз таърихи гузаштагони худ воқиф гардида, ба ояндагони худ мероси пурғановати моддиву маънавиро ба ёдгор хоҳанд гузошт"[2].

АДАБИЁТ

1. Алидодов Х. сокини шаҳри Хоруғ, соли таваллуд 1973 саҳнаи сабт 17.02.2023.
2. Алидодов Х. Шабе дар осорхона.https:// www .farhang/ tj / khabarho.- саҳнаи муроҷиат. 26.03.2023
3. Алидодов Х. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хоруғ. https://www.tvt. tj. – саҳнаи муроҷиат.15.03.2023
4. Джобиров Р.Ф., Академик А.А. Семенов-исследователь истории и культуры таджикского народа. Душанбе, 2018.172с
5. Исоева А. Осорхонаи вилоятӣ. https://sputnik-tj.com/ Khona-hosorkhonai Mubora-ki-Vakhoni. – саҳнаи муроҷиат. 8.03.2023
6. Ҳисоботи осорхонаи вилоят дар соли 2022. – 4с.
7. Ҳисоботи оид ба фаъолияти шуъбаи фарҳанги ВМКБ дар нӯҳ моҳи соли 2021. №170. – 15 с.
8. Ҳисоботи осорхонаи кишваршиносии ВМКБ аз солҳои 2017-2021. – 12с.

ВАЗЪИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲОИ ВМКБ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Муаллиф дар ин мақола вазъи фаъолияти осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар давраи истиқлолият нишон додааст.Нақши осорхонаҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз сохти давлатдорӣ баҳри васеъ кардани ҷаҳонбинии одамон, омӯхтану аз худ кардани таъриху фарҳанг, ба ояндагон мерос гузоштан ва ба оламиён муаррифӣ кардани ин бузургтарин дастоварди давру замонро таҳлил намудааст. Инчунин қайд на мудааст, ки осорхона ҳамчун барҷастатарин институти ҷомеаи маданӣ баробари дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ вазифа ва маъсулияти бузургеро дар тарбияи насли наврас ба ӯҳда дорад.

Калидвожа: осорхона, фарҳанг, нигора, уток, расму суннат.

СОСТОЯНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МУЗЕЕВ ГБАО В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ.

В данной статье рассматривается деятельность музеев ГБАО в период независимости

Таджикистана. Проанализировав историю музеев в обществе независимо от общественного строя государства, с целью расширения мировоззрения людей, изучения и всем народам, историю достижения культурного наследия нации музеи играют важную роль. Отмечается роль музеев, как самый важный институт культурного наследия, наряду с другими общественными организациями несёт ответственность в воспитании подрастающего поколения.

Ключевые слова: музей , культура, экспонат, помещение, обряд.

THE STATE OF ACTIVITY OF MUSEUMS IN GBAO DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

This article examines the activities of museums GBAO during the period of Tajikistan independence. Having analyzed the history of museums in society, regardless of the social system of the state, with the aim of expanting peoples worldviews, studying and all peoples, the history of achieving the cultural heritage of the nation, museums play an important role.

Keywords: museum, culture, exhibit, room, ceremony.

Маълумот дар бораи муаллиф : Наврузбекова Ҳусноро Давлатшоевна - муаллимаи калони кафедраи таърих ва диншиносӣ Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, тел : (+992) 501835810, navruzbekovahusnoro@mail.ru

Сведения об авторе: Наврузбекова Ҳусноро Давлатшоевна - старший преподаватель кафедры истории и религиоведения Хорогский государственный университет им.М. Назаршоев, тел: (+992) 501835810, navruzbekovahusnoro@mail.ru

Information about the author: Navruzbekova Husnoro Davlatshoevna - Senior lecturer of the Department of History and Religious Studies M. Nazarshoev Khorog State University, tel: (+992) 501835810, navruzbekovahusnoro@mail.ru

УДК 101.1

ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ

Назархудоева Л.Т.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Таърихи миллати тоҷик ин таърихи куҳанбунёди тамаддуни фарҳанг ва давлатдории тоҷикон мебошад, ки дар давоми он арзишҳои беҳтарини миллӣ руи кор омаданд. Аммо дар замони муосир равандҳои навини тағйирёбии ҷаҳони имруза падид омаданд ва бо таъсири онҳо сарҳади арзишҳо бо проблемаҳои омехташавии анъана ва арзишҳо ру ба ру шудааст. Бо расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, аввалин қадами давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самти ҳифзи фарҳанги анъанавии миллӣ дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ гардид. Ин таҳдидҳо дар шаклҳои мухталиф ба вуҷуд омада, ба худшиносии миллӣ зарари маънавӣ мерасонанд. нақши аввалиндараҷаро бозӣ мекунад. Бинобар ҳамин ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳанг, урфу одат ва дигар арзишҳо ба қатори вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ва миллат дохил мегарданд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама вақт ҷабаҳои манфии зуҳуроти ҷахонишавӣ ба назар гирифта мешаванд. Қисми ҷомеа зуҳуроти ҷаҳонишавиро омили пешравӣ дониста аз ҳастии миллӣ дур мегарданд. Бинобар ҳамин, вазифаи асосии давлати соҳибистиқлол аз танзими ҳаматарафаи омилҳои ҷаҳонишавӣ ва бахусус кам кардани таъсири шабакаҳои интернетӣ мебошад., иқтисоди ҷаҳонӣ, фарҳанги ҷаҳонӣ ва дигар зуҳуроти манфии раванди ҷаҳонишавӣ худро ҳифз карда тавонад. Ин омил дар шароити ҷаҳонишавӣ, сабаби асосии сохтани сарҳади маънавӣ мебошад, зеро он метавонад ҳуввияти миллиро аз таҳдиди ҷаҳонишавӣ ҳифз намояд. []9,78] Яке аз равандҳое, ки имруз характери умумиҷаҳонӣ гирифтааст, ин афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, зеро

рушди саноати давлатҳои пуриқтидори ҷаҳон ниёз ба қувваи кории арзон дорад ва инро Маркс «таърихи навтарини инсоният» номида буд.[6,9] Дар шароити афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар сар то сари ҷаҳон, давлати Тоҷикистон чораҳои зиёдеро дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ амалӣ мекунад. мебошад. Бинобар ҳамин, Сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун, роҳҳои стратегии дохилӣ ва дигар сохтмонҳои азим шакли муҳими паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар ин самт давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар якҷоягӣ кор ва фаъолият мекунанд. Ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар самтҳои маориф, фарҳанг, варзиш, кумаки ҳуқуқӣ, тиб, иқтисод ва соҳибкорӣ фаъолият карда, барои таъмини ҷойҳои корӣ миёни табақаҳои осебпазири ҷомеа мусоидат мекунанд. Дар самти паст кардани муҳоҷирати меҳнатӣ инчунин дигар корҳои муфид анҷом дода мешаванд, ки онҳо ба беҳтар кардани сатҳи тахассуси мухоҷирон, донистани забонҳои хориҷӣ, дуруст донистани талаботи бозори меҳнат дар кишварҳои ба қувваи корӣ эҳтиёҷманд равона шудаанд. Зеро чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, давомнокии ҷустуҷӯи кор барои ҷавонон шакли мухталиф дорад ва аксаран аз сатҳи касбии онҳо вобастагӣ дорад. Дар баробари ҳамин банд будани шуури омма бо расонаҳо ва шабакаҳои интернетӣ, тарғиби маънавиёт ва фарҳанги Ғарбро ташкил дода, аломатҳои он бевосита ба фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд.[11,5] Дар раванди муҳоҷират инчунин самти кучидани аҳолӣ ба шаҳрҳо (урбанизатсия) низ ру ба афзоиш дорад. Дар ин ҷо нақши асосиро рушди босуръати иқтисод ва саноат дар шаҳрҳо бозӣ мекунад.[2,55] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо аҳолии шаҳрҳои калон қисми зиёди аҳолии давлатҳоро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр аҳолии Қатар 99,2 фоиз, Қувайт 98, 3 фоиз ва Ҷопон 93,5 фоиз дар шаҳр зиндагӣ мекунанд.[3,34] Раванди муҳоҷиршавӣ ба давлатҳои дигар муҳити мадании муҳоҷиронро иваз мекунад ва дар чунин шароит нигаҳдории мансубият ва аломати миллӣ бо баъзе душвориҳои объективӣ ру ба ру мешавад. Бояд қайд намуд, ки баръакси раванди муҳоҷират ба шаҳрҳои калон инчунин бозгашти шаҳрвандон ба деҳотҳо низ ба мушоҳида мерасад ва ин раванд аз таъсири зиёди фазои шаҳрҳо ба инсон бештар руи кор меояд.[8,56]

Чуноне ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз кишварҳои ҷавон маҳсуб меёбад, зеро қисми зиёди аҳолиро (70 фоиз) ҷавонони то 30 сола ташкил дода, ин таносуб ҳамасола афзоиш ёфта истодааст ва ин нерӯи пешбарандаи ҷомеа аз солҳои аввали истиқлолият дар иҷрои барномаҳои миллӣ нақши калидиро бозӣ мекунад.[1,8] Аз ҳамин ҷиҳат дар аввали таҳқиқот ва баррасии мавзуъ диққати моро бештар маҳз рафтори ҷавонон ва ҳаракати онҳо дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб намуд. Бекорӣ барои ҷавонони муҳоҷир оқибатҳои ногувори иҷтимоиро низ дорад:

- ҳангоми бекорӣ кормандони бекормонда дараҷаи тахассус, дониш ва малакаи касбии худро аз даст медиҳанд.

- бекорӣ боиси заиф гардидани вазъи ҷисмонӣи ва рӯҳонии коргарони бекормонда мешавад. Ин ҳолат дар навбати худ сатҳ ва сифати нерӯи кориро коҳиш медиҳад.

- бар асари афзоиш ёфтани сафи бекорон дар байни ҷавонон дар ҷомеа ҳаракати девиантӣ зиёд мегардад

- бар асари бекорӣ теъдоди зиёди ҷавонон барои дарёфти шуғл ба бозори меҳнати хориҷӣ рӯ меоваранд, вале мавриди дар муҳоҷирати меҳнатӣ шумораи ниҳоят ками онҳо аз рӯи касбу ихтисоси худ кор мекунанд.

Дар доираи фазои фарҳанги бегона ба роҳ мондани рушди индивидулизми миллӣ набояд барои бархурди тамаддунҳо боис гардад, зеро ҷомеаи асосӣ дар аксари мавридҳо ба омилҳои бегона муқобилият нишон медиҳад.[4,79] Дар фазои муҳоҷират баъзан «анъанаҳои ихтироъшуда»-ро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба анъанаҳои миллӣ мувофиқат намекунанд ва бештар арзишҳои ҷаҳонишавиро инъикос мекунанд.[10,34]

Ҳамзамон дар муҳоҷират ва зиндагӣ дар шаҳрҳои калон анъанаҳои хоси мардумӣ аз байн мераванд, зеро бо фарҳанги шаҳрдорӣ мувофиқ намебошанд. Чунин анъанаҳои деҳот ба мисоли гап-гап, ҷурагӣ, меҳмонии шом, қурбонӣ, ҳашар ва дигар маросиму анъанаҳо дар шароити муҳити бегона мавзеъ ва ҷои муносибро тақозо менамоянд. [7,12]

Надоштани таҷрибаи кофӣ, дастгирии хуби машвараті миёни хешовандон ва рақобати азим миёни коргарон, баъзан ба руҳафтодагии ҷавонон меорад, ки дар баъзе мавридҳо сабаби ҷалб гардидани ин тоифаи ҷомеа ба гуруҳҳои ифротӣ мегардад. Яке аз роҳҳои соҳиби ҷойи кори муносиб гардонидани ҷавонон мутобиқгардонии сатҳи ихтисосмандии онҳо ба талаботи бозори меҳнат ва таҳкимбахшидани қобилияти рақобатпазирии онҳо мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳ ва сифати низоми бозори муосири меҳнат ва фарогирии бештари аҳолӣ ба шуғли арзанда ҳаллу фасли масъалаҳои зерин ногузир мебошад:

- таъмин намудани омӯзиши мунтазами талаботи ҷорӣ ва ояндаи бозори меҳнат дар маҳалҳо ва минтақаҳо аз рӯи касбҳои мушаххас, сатҳи таълим ва тахассуси касбӣ.

- ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани сохтори таълими касбӣ ва сифати омода намудани кадрҳо. Дар ин раванд мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, таълимӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат муҳим мебошад.

- роҳандозӣ намудани механизми босамари ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба бозори меҳнат;

- таъсис додани сохтори пуриқтидори давлатӣ ҷиҳати идоракунии раванди муташаккилонаи муҳоҷирати меҳнатии қувваҳои кории мутобиққардашуда ба хориҷи кишвар.

- васеъ ва мустаҳкам намудани заминаи шартномаҳои байнидавлатӣ ҷиҳати татбиқи босамари муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ;

- мустаҳкам намудани системаи таълими калонсолон бо мақсади татбиқи васеи барномаҳои мутобиқсозӣ барои муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ.

Яке аз табакаҳои осебпазири ҷомеа, ки бештар аз ҳама омилҳои манфии муҳоҷирати манфии мухочирати меҳнатиро эҳсос мекунад – ин табакаи занон ва духтарон мебошад. Аз ин ру онҳоро ҳамчун ҷомеаи осебпазир дониста институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳифзи ҳукуқҳои онҳоро дар мадди аввал мегузоранд. Вобаста ба ҳолати ҷомеа ва шароити ҳуқуқӣ, кор дар самти масоили гендерӣ дар самтҳои зерин пешрафт мекунад:

- фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар самти кумак ба занон ва духтарон;

- ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои занон ва духтарон аз оилаҳои камбизоат;

- рушди фаъолноки ва худфаъолиятии занон ва духтарон аз ҷумлаи табақаҳои камбизоати аҳолӣ;

Вазифаи асосӣ, ки давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар назди худ мегузоранд – ин ташкил намудани ҷойҳои кори барои занон ва духтарон, ҷалби занон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва тарбияи меҳнатию ахлоқии ҷавондухтарон мебошад.

Тадқиқоти фаъолияти гендерӣ нишон медиҳад, ки табақаҳои осебпазири ҷомеа – занон ва кудакон бояд дар маркази диққати ҳамкории давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта бошанд. Аммо барои амалӣ кардани ин сиёсат, давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрванди бояд ҳамкории зич дошта бошанд, то ки ба мақсади ниҳоӣ - ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои табақаҳои осебпазири ҷомеа расида тавонанд ва ин фаъолият як кори мавсимӣ набуда, балки сиёсати доимамалкунандаи давлат мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар самти муҳоҷирати меҳнати ташвишовар аст, ин ҷалби

ҷавонони муҳоҷир ба гуруҳҳои ҷиноятқор дониста мешавад. Чунин проблемаҳо ба монанди гирифтор шудани ҷавонон ба доми экстримистон ва бунёдгароён, моро водор мекунанд, ки сатҳи маълумотнокии сиёсӣ ва иқтисодии ҷавононро ба қадри имкон равнақ дода, амалисозии барномаҳои гуногуни соҳибкорӣ, рушди донишҳои соҳавӣ ва мусоидат намудан ба ҳунармандон дар роҳи кушодани корхонаҳои хурдро таҳвият бахшем. Дар ин раванд афзоиши муҳоҷирати минтақавиро низ бояд хотиррасон намуд, зеро нигарониҳо аз ноустувории вазъи Афғонистон ба шаҳрвандони ин давлат кафолат барои зиндагии осоишта таъмин карда наметавонад ва ҳамаи ин барои афзоиши муҳоҷират мусоидат мекунад.[5,45]

Қобили зикр аст, ки дар роҳи пешгирии омилҳои манфӣ дар байни муҳоҷирон ташкилотҳои ҷамъиятии ҳамватанони мо нақши муҳим доранд.

Яке аз самтҳои фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатии муҳоҷирони тоҷик дар Россия ин ташкил намудани тарзи ҳаёти солим ва маданияти варзишӣ дар байни муҳоҷирон мебошад. Бо ҳамин максад аз тарафи ин ташкилоотхо марказҳои варзиши, мусобиқаҳо дар намудҳои гуногуни варзиш ва корҳои таблиготӣ гузаронида мешаванд. Ҳамасола дар давраи ҷашни наврузӣ мусобиқаҳои гуштинирӣ аз тарафи ташкилотҳои тоҷикони муқимии шаҳри Москва «Нур», ташкилоти Фонди ҷамъиятии «Тоҷикистон», дар шаҳри Твер бо дастгирии ташкилоти Маркази фарҳангии Тоҷикон дар шаҳри Санкт Петербург ташкилоти «Сомониен» ва дигар ташкилотҳо дар минтақаҳои мухталифи Россия гузаронида мешаванд. Дар шаҳри Новосибирск мусобикаҳои гуштингири дар байни муҳоҷирон бо дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатии «Авитсенна», Дӯстӣ ва Сомониён гузаронида мешаванд. Муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо дастаи алоҳидаи футбол дар мусобиқаҳои «Лигаи Муҳоҷирон» дар шаҳри Москва фаъолона ширкат мекунанд.

Хулоса, масъалаи танзими муҳоҷирати меҳнатӣ аз сохторҳои дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибати бисёрҷонибаи ҳалли проблемаро таҳозо менамояд, зеро ҳимояи манфиатҳои миллӣ мақсади ниҳоии таоми барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дониста мешаванд. Ҳамин тавр гуфта метавонем, ки ҳатто дар шароити дур аз ватан, дар шароити душвори ғарибӣ, дар ҳаёти ҳаррузаи муҳоҷирон ҷои намоёнро маданият ва фарҳанги тамадунофар ҷои намоёнро ишғол мекунад. Шаҳрвандони боистеъдоди Тоҷикистон маҳорати худро ҳаматарафа сайқал медиҳанд ва бо кувваи тавоногии худ роҳ барои расидан ба мақсадҳои олитаринро ноил мегарданд ва ин ифтихор ва намунаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2018.- Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2015
2. Джаманкулов Б. Легитимизация миграции www.http\\chelovekovedeniearchiv.org\303
3. Дэн КБОООН | Земельные ресурсы: всемирный обзор | Глава 11 | Урбанизация/-2019 год.
4. Клиффорд Гирц, Интерпретация культур/перевод с англ. О.В.Барсукова, Москва,РОСПЭН, 2004 -2004.-560 с.
5. Қудратов Қ.А. Таъсири муноқишаи Афғонистон ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2014) Ихтисоси 07.00.03 – Таърихи умумӣ . - рисолаи номзади илмҳои таърих, Душанбе – 2015
6. Маркс К.и Ф. Энгельс, Соч., 2 изд., т. 46, ч. 1, с. 470.
7. Мадамиджанова З., Юсуфбекова З. Этнографические традиционные практики в

современной Центральной Азии (на примере Таджикистана) www.http\\chelove-kovedeniearchiv.org\
8. Новолодская Т.А., Садовников В.Н. Философские проблемы социально-гумманитарного знания, - Санкт-Петербург 2008.-С.27
9. Сафаралиев Б.С., Из истории духовной культуры таджикского народа. Челябинск 2011.-С. 7
10. Хобсбаум Э. Изобретение традиций .- www.http\\archiv.org\web153
11. Jjma Nazary, Post-soviet chaos.Violence and Dispossession in Kazakhstan.- London 2002 www.plutobooks.com/-

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ВНУТРЕННЯЯ И ВНЕШНЯЯ МИГРАЦИЯ

В статье автор обсуждает вопрос миграции и его влияния на культурные процессы на евразийском пространстве. Автор в частности отмечает, что переосмысление миграционных приоритетов приводит к новым формам интеграции на постсоветском пространстве, частью которого является объединение общих интересов стран в рамках тесной культурной интеграции. Важной задачей формирования и укрепления этих стран является успешное решение миграционного объединения на постсоветском пространстве, что создает почву для развития межгосударственных связей. Автор отмечает, что на постсоветском пространстве существуют общие культурные ценности которые создают условия для развития демографических процессов в зоне экономических интересов на евразийском пространстве.

Ключевые слова: миграция, ценность, СНГ, Россия, интерес, культура, политика.

Информация об авторе: Назархудоева Лола Тошбековна-кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии Хорогского государственного университета имени М.Назаршоев. Тел.: 935229914. Email: lola71@inbox.ru.

GLOBALIZATION AND INNER FORIGHN MIGRATION

In this article author stands upon the role of the migration processes in Eurasian space to rethink integration priorities. The existing associations in the post-Soviet space were not able to fully cover the entire range of interests of countries and not all countries were ready for even closer integration. An important task of forming and strengthening of the values, the most successful integration is to create of the integration and the development of bilateral relations with third countries, including developing a system of trade-economic relations with partners outside the countries. The countries occupy a special place in integration projects in the post-Soviet space and is located on the periphery of the CIS. However, having economic, demographic potential, the country has no real opportunities for their use and the search for new formats of interaction in the globalisation space can provide the countries with a stable cultural situation.

Keywords: migration, values, CIC, Russia, interest, culture, policy.

Information about author: Nazarkhudoeva Lola Toshbekovna-Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political at Khorog State University named by M.Nazarshoev. Tel.: 935229914. Email: lola71@inbox.ru.

МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ, БЕРУНӢ ВА РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф равандҳои муҳоҷиратро таҳлил намуда алоқамандии онро бо раванди фарҳангӣ дар фазои пасошуравӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф махсусан қайд менамояд, ки дар ин минтақа проблемаи муҳоҷирати меҳнатӣ давлатҳоро водор менамояд, ки роҳҳои нави ҳалли ин проблемаро ҷустуҷу намоянд ва дар ин масир муаллиф рушди раванди ҳифзи арзиҳоро дар фазои ҷаҳонишавӣ роҳи асосии ҳалли масъала маҳсуб медонад. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки дар ин минтақа проблемаи муҳоҷирати меҳнатӣ бояд дар асоси манфиатҳои дутарафа ва бисёрҷонибаи давлатҳо ба назар гирифта шавад, зеро баъзе аз давлатҳо ниёз ба қувваи корӣ доранд ва инро низ бояд ба назар гирифт. Дар ин раванд алакай ташктилотҳои мухталиф амал мекунанд, ки барои ҳалли проблемаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди раванди интегратсионӣ мусоидат мекунанд.

Калимаҳои калидӣ: муҳоҷират, арзиш, ИДМ, Россия, манфиат, фарҳанг, сиёсат.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назархудоева Лола Тошбековна – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев. Тел: 935229914. Email: lola71@inbox.ru.

УДК 342

ИНКИШОФИ МАКТАБИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Назархудоева Ф.Ш.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ, яке аз вазифаҳои асосии давлати Тоҷикистон ин ба роҳ мондани фаъолияти системаи ҳуқуқӣ буд. Таъсисёбии системаи ҳуқуқии Тоҷикистон аз охири солҳои 80-ум оғоз гардид. Дар ин давра рисолаҳои мукаммал оид ба масъалаи мазкур «Ташаккули ҳуқуқи Шӯравӣ дар Тоҷикистон», (Душанбе, 1987, ба забони русӣ), «Низоми ҳуқуқии ҶШС Тоҷикистон»(Душанбе, 1988, ба забони русӣ), «Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон» (Душанбе, 1994, ба забони тоҷикӣ) нашр шудаанд. [1,3,9]. Дар шароити нави давлатдорӣ Тоҷикистон ва дигар давлатҳои собиқ шуравӣ мебоист системаи аз идеология озоди ҳуқуқиро таъсис медоданд, ки он пеш аз ҳама ба ҳифзи манфиати қонун ва шаҳрванд равона мешуд [5,90]. Дар инкишофи системаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият, тадқиқотҳои академик Тоҳиров Ф.Т. аҳамияти калон доранд. Асарҳои илмии академик Ф.Т. Тоҳиров, алалхусус дар бахши таърихи ҳуқуқ ва қонунгузории Тоҷикистони таърихӣ ва муосир, дар шароити таҳкими истиқлолияти давлатӣ, истифодаи ҳамаҷонибаи осори таърихӣ, махсусан сарчашмаҳо ва далелҳои таърихӣ аҳамияти бунёдӣ доштанд [6,23].

Дар аввали солҳои 90-уми асри XX, вақте ки тамоми сохторҳои давлатӣ бо таъсири муқовимати гурӯҳҳои силоҳдор фалаҷ гардиданд, фаъолияти органҳои ҳифзи ҳуқуқ дар роҳи таъмини бехатарии мардум ба талабот ҷавоб намедод. Дар чунин шароити вазнини сиёсӣ ва иқтисодӣ аввалин вазифаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини сулҳ ва пойдор кардани системаи қонунӣ буд. Бо ҳамин мақсад қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва интизомӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва ё дигар амали ғайриқонунӣ содир карданд» қабул гардид [7,6]. 27 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро қабул кард. Мувофиқи ин қонун Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи Сарвари давлати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда гирифт. Қонуни асосии давлат, ки соли 1978 қабул шуда буд комилан ба вазъияти мавҷуда мувофиқат намекард. Барқарор гардидани ҳокимиятӣ конституцсионӣ ва таъғироти куллие, ки ба ҳаёти ҷомеаи кишвар ворид шуданд, зарурияти қабули конституцсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро ба миён гузоштанд, зеро таҳия ва қабули конституцсия ва қонунҳои ба талаботи шароити нав ва замони муҳосир ҷавобгӯй яке аз омилҳои асосии устувории иҷтимоиву сиёсии ҷомеа мебошад. Бинобар ҳамин масъалаи кабули Конституцсияи нав ба миён гузошта шуд. Сабабҳои асосии ин омил дар он буданд, ки аввалан Конституцсияи соли 1978, ки Тоҷикистонро бо давраи сотсиализми таҷассум мекард, баръало кӯҳна шуданд [8,5]. Конституцсияи нав мебоист Тоҷикистони нави сохибихтиёрро ҳамчун давлат эътироф мекард ва мардум ба Конституцсияи нав ҳамчун рамзи ваҳдати миллат умедҳои бузург дошта буданд. Пас аз омода кардани Комиссияи

конституцсионӣ лоиҳаи Қонуни асосӣ барои муҳокимаи умумихалқӣ дар рӯзномаҳои марказӣ нашр гардид. Ҳаёти ҷамъиятию сиёсии республика дар атрофи муҳокимаи лоиҳа авҷ гирифт, зеро кабул шудани Конституцсияи нав барои ҳар як халқ воқеаи муҳими сиёсӣ аст ва ҳаёт ва тақдири ояндаи миллат бештар ба он вобастагӣ дорад [2,34].

Ҳамин тавр Иҷлосияи XIX Шурои Олии ҷумҳурӣ, ки 20 июли соли 1994 барпо гардид, лоиҳаи Конституцсияро ба муҳокима қабул кард. Вакилон баъди баҳсу мунозираи тезу тунд Конституцсияи навро маъқул дониста, дар бораи ба райъпурсии умумиҳалқӣ пешниҳод кардани он қарор қабул карданд. Ин раъйпурсӣ рӯзи 6 ноябри соли 1994 баргузор гардида, дар таърихи миллии тоҷикон ҳамчун Рӯзи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад.

Аҳамияти Конституцсияи нави тасвибшуда аз он иборат буд, ки 6 -уми ноябр мардуми тоҷик тамоми ҷаҳонро аз он ҳабар дод, ки ба системаи давлатҳои ҷаҳон давлати нави соҳибиҳтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ворид гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конституцсия гӯё соҳиби шиноснома шуд, ки дар он маълумоти «аввалин» оиди давлатдории тоҷикон ва миллати тоҷик сабт шудааст. Конституцсияи соли 1994 ба бесарусомониҳои Тоҷикистон, аз вокеаҳои нангини феврали соли 1990 сар карда то 2 декабри соли 1992 хотима гузошт.

Вобаста ба меъёрҳои Конституцсияи нав, қонунҳои конституцсионӣ «Дар бораи сохтори суд», «Дар бораи мақоми судяҳо», «Дар бораи Суди Олӣ», «Дар бораи Суди Конституцсионӣ», «Дар бораи судҳои иқтисодӣ», «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» қабул карда шуданд. Ҳамчунин Конституцсияи нав барои коркард ва қабули як қатор қонунҳо, ки ташкил ва тартиби фаъолияти судҳо ва умуман ҳамаи системаи судии ҷумҳуриро муайян мекунад, манбаи ҳуқуқӣ гардид. Дар ин замина, қонунҳои конституцсионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи суди конституцсионӣ», «Дар бораи Суди Олӣ», «Дар бораи Судҳои иқтисодӣ», «Дар бораи Судҳои ҳарбӣ» қабул шуданд. Бешубҳа қонун «Дар бораи сохтори судӣ» ва қонун «Дар бораи мақоми судяҳо»афзалият бештар доранд. Дар ин қонун фарқиятҳои калон ва принсипиалӣ нисбати қонунгузории пешина дида мешаванд. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки ба судҳо мақоми ҳокимияти судии новобаста аз ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дода шудааст. Бо қабулшавии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ситемаи ҳуқуқии дар шакли зерин муайян гардид:

- Конституцсияи ҶТ;
- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи референдум қабул шуданд;
- шартномаҳои байналмиллалӣ, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд;
- қонунҳои конституцсионӣ;
- кодексҳо, қонунҳо;
- қарорҳои муштараки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои вазоратҳо ва комитетҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Раиси ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои маҷлисҳои намояндагони шаҳру ноҳияҳо;
- қарорҳои ниҳодҳои худидоракунии маҳаллӣ дар деҳот [11,28].

Маҳз дар ҳамин лаҳзаҳои тақдирсоз барои миллат, Академияи илмҳо ва умуман илми ватанӣ донишҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим бозиданд. Тайи солҳои 1995-2000 Раёсати Академияи илмҳо бештар аз 60 лоиҳаи қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба дастгирии соҳаи илм дар Тоҷикистон омода намуда, барои баррасӣ

ва тасдиқ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти доимии илми ҳуқуқ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 дар заминаи Шӯъбаи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Инчунин мувофиқаи Комиссияи аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 1995 Шӯрои дисертатсионӣ барои дифои рисолаҳои номзадии бахши ҳуқуқ амал менамояд, ки дар он аз соли 1995 то соли 2002 14 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд, ки 8 нафарашон дастпарвари устод мебошанд. Дар шӯрои мазкур соли 2003 беш аз 30 нафар рисолаҳои номзадӣ ва як нафар рисолаи докторӣ дифоъ намудаанд. Аз он ҷумла чандин рисолаҳо бо раҳнамоии ин олими соҳибмактаб иҷро карда шудаанд.

Аз он ҷумла доктори илмҳои ҳуқуқ Р.Ш. Сотиволдиев, дотсент А.Ғ. Холиқов, номзадҳои илми ҳуқуқ А.Ҳ. Маликова, И.Б. Буриев, К.Н. Холиқов, И.Д. Сафаров ва дигарон вобаста ба даврахои алоҳида ва муайяни давлат ва ҳуқуқ дар сарзамини Тоҷикистон, баъзан бо муқобилаву муқоиса бо кишварҳои дигар монография ва рисолаҳои ҷолиби илмӣ таҳия ва нашр намудаанд. Бад-ин равиш барҳақ вай аз олимони соҳибмактаби ҷумҳурӣ шинохта шудааст ва самараи ин мактаб назаррас аст. То имрӯз беш аз 20 номгӯй китобҳои калонҳаҷми ба ин илм бахшидаи шогирдонаш рӯи чопро дида, таваҷҷӯҳи аҳли илми кишварҳои дуру наздикро ба худ кашидаанд. Бо таъсис ва фаъолияти босуботи Институти давлат ва ҳуқуқи АИ Тоҷикистон натиҷаҳои самарабахши тадқиқотӣ бор хоҳад овард ва дар мавриди Тоҷикистони соҳибихтиёр дар худогоҳию худшиносии миллӣ хидматҳои шоистаи бесобиқае хоҳад намуд [10,9].

Дар робита бо дигаргуниҳои куллии ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза, пеш аз ҳама, бино ба ташаккулу инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ назди олимони ҷумҳурӣ вазифаҳои нав дар бахши таҳлили паҳлӯҳои нави давлат ва ҳуқуқ пеш омаданд [4,67]. Давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи илми ҳуқуқи ҷумҳурӣ такон бахшид. Зарурияти асоснок ва устувор намудани заминаҳои ҳуқуқии давлатдории тоҷик, танзими муносибатҳои нави ҷамъиятии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, молу мулкӣ, ба роҳ мондани робитаҳои хориҷӣ, алоқа бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ нақши илми ҳуқуқро хеле боло бардоштанд. Ба ин муносибат масъалаҳои тайёр ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи олимони соҳаи ҳуқуқ вазифаи муҳим гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи илми ҳуқуқ асоснок ва устувор рушд намуда, заминаҳои ҳуқуқии давлатдории тоҷикро барпо намуд ва ин ҳамчун системаи илм муносибатҳои нави ҷамъиятии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, молу мулкӣ ва дигар соҳаҳоро фаро гирифт.

Дар хулоса ҳаминро бояд қайд кард, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон системаи миллии мактаби ҳуқуқӣ зарур аст, метавонад шуури ҳуқуқии аҳолии Тоҷикистонро ба куллӣ дигаргун сохта, насли нави ҳуқуқии замони истиқлолияти давлатиро дар руҳияи фарҳанги олии ҳуқуқӣ ба воя расонад, ки ин вазифаи муҳими муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Искандаров Ҳукуки инсон ва механизмхои миллии химояи он.- Душанбе, 1992
2. История таджикского народа. Т.5. Душанбе, 2004.Т.6.
3. История таджикского народа. Душанбе, 2011.-С.90
4. Солтиволдиев Р.Г. Назарияи хукук ва давлат, Душанбе 2002.
5. Тоҳиров Ф.Т.Проблемаҳои ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 1997. № 4),-С.56

6. Миронов С.М. Законодательное обеспечение национальной безопасности и антитеррористической деятельности: проблемы и перспективы //Современные проблемы законодательного обеспечения глобальной и национальной безопасности, эффективного противодействия терроризму. М., 2003. С.14.
7. Материали к библиографии ученых Таджикистана,Тахиров Ф.Т. Академия наук РТ Центральная научная библиотека им. Индиры Ганди Материалы выпуск 96, Душанбе – 2009,- С.37
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва интизомӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992
9. Конституцияи ҶТ моддаи 14 кисми 1,2 аз 6.11.1994.
10. Холиков А. Г. Мухтасар аз таърихи хукуки инсон.- Душанбе 2007.
11. Ҳуқуқи инсон. Душанбе 2007.
12. Шодиев И.Р. Современные тенденции развития судебной системы РТ// Академический юридический журнал.-№2.-2012.-С.28

ИНКИШОФИ МАКТАБИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба мавзӯи оила дар замони муосир фикру акидаҳои хешро изҳор намудааст. Муаллиф бахусус хушунат дар оила ва сабабҳои асосии пайдоиши онро таҳлил намуда, роҳҳои бартараф кардани онро мавриди муҳокима қарор медиҳад. Ҳамчунин муаллиф моҳияти иштироки тамоми ҷомеаро дар пешгирии қонунвайронкунӣ дар оила ва таъсири фазои оила ба тарбияи насли наврасро низ қайд мекунад. Муаллиф фарқият ва умумияти байни консепсияҳои асосии оилаи замони муосирро ба миён гузошта нақши давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони алоҳидаро ҳамчун омили асосии таъмини ҳаёти осоиштаи оилавӣ меҳисобад.

Муаллиф дар ин мақола баъзе андешаҳои худро доир ба нақши мактаби ҳуқуқшиносӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик баён кардааст. Аз ҷумла муаллиф рушди мактаби ҳуқуқшиносии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият ба муҳокима мегузорад. Ҳалли ин масъала бо фаъолияти тамоми ҷомеа вобаст карда, чунки масъалаҳои тайёр ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи олимони соҳаи ҳуқуқ вазифаи муҳим гардид. Муаллиф мафҳумҳои ҳуқуқро дар ҷомеаи муосир мавриди таҳлил қарор дода, нақши давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсро дар таҳмини ҳаёти осоиштаи ҷомеа нишон додааст.

Калимаҳои калидӣ: Конституцсия, мактаб, ҳуқуқ, Тоҷикистон, истиклолият, давра.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назархудоева Фотима – ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоев, тел. 93-477-37-79, e-mail. fotima@gmal.com

РАЗВИТИЕ ШКОЛЫ ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье автор излагает свои мысли и идеи относительно роли школы права в современном таджикском обществе. В частности автор ставит на обсуждение вопрос о развитии школы права Таджикистана в период становления независимости. Решение данного вопроса автор связывает с активностью всего общества, поскольку от состояния благополучия в обществе зависит воспитание подрастающего поколения. Автор анализирует концепции права в современном обществе и показывает роль государства, гражданского общества и отдельного человека в обеспечении спокойной жизни общества.

Ключевые слова: Конституция, школа, права, Таджикистан, независимость, период.

Информация об авторе: Назархудоева Фотима - ассистент кафедры философии и политологии Хорогского Государственного Университета имени М.Назаршоева, тел. 93-477-37-79, e-mail. fotima@gmal.com

DEVELOPMENT OF LAW SCHOOL OF TAJIKISTAN IN DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

In this article the author expresses his thoughts and ideas regarding to role of the law school in modern Tajik society.Particulary the author notes he problem of development of law school of Tajikistan in period of independence. The author connects the solution to this issue with the activity of the whole society, since the state of well-being in society the upbringing of the younger generation. Author analyses the role of government, civil society a personals peacefullife in law society.

Kew words: Constitution, school, law, Tajikistan, independence, period.

Information about author: Nazarkhudoeva Fotima - assistant in philosophy and social sc. Dep. Khorog State Univercity, address, тel. 93-477-37-79, e-mail. fotima@gmal.com

УДК 811.221.3

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ФЕЪЛҲОИ АМАЛИ МУШАХХАСИ ҶИСМОНӢ

(дар мисоли феълҳои забони шуғнонӣ)

Назаршоева Ч., Алиназарова Ш.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров

Масъалаи таҳлили семантикии лексикаи феълии забони шуғнонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, зеро ки ҷиҳати семантикии феъли забони шуғнонӣ то ҳол мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст. Маълум аст, ки дар забони шуғнонӣ феъл калонтарин ҳиссаи нутқ аст, ки дорои категорияҳои зиёди грамматикӣ ва хусусиятҳои зиёди луғавӣ-семантикӣ мебошад.

Феъли забони шуғнонӣ дар «Грамматикаи забони шуғнонӣ»-и Т. Бахтибеков дар қатори дигар ҳиссаҳои нутқ бо категорияҳо ва дигар хусусиятҳои грамматикӣ оварда шудааст. Бахтибеков Т. чунин категорияҳои грамматикиии феълҳои ин забонро ба тариқи мухтасар баррасӣ намудааст: категорияҳои шахс, шумора, замон, феълҳои гузаранда ва монда, сиғаҳои феъл [2, 1979].

Ба таҳқиқи семантикаи феъл дар забони шуғнонӣ то ҳол таҳқиқоти махсус анҷом дода нашудааст нашудааст. Маълумот дар бораи баъзе категорияҳои феъл ҳанӯз дар корҳои нахустини забоншиносон, ки ба пажуҳиши забони шуғнонӣ бахшида шудаанд, вуҷуд дорад. Дар мисоли шеваи бачувии забони шуғнонии Карамшоев Д., ки вижагиҳои грамматикии феълро нишон додааст [5]. Соли 1988 монографияи Додихудоева Л.Р. аз чоп баромад, ки проблемаҳои назариявии асоси феълро ҳамчун унсури муайянкунанда дар таърихи системаи феълӣ ҳангоми муносибати системавӣ ба падидаҳои забонӣ дар рушди таърихии онҳо ва муқоиса бо маълумотҳои дигари забонҳои эронӣ таҳқиқ кардааст[3,1988].

Солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносони рус ба таҳқиқи тарафҳои гуногуни феълҳои забони шуғнонӣ зиёд гардида, дар ҳамкорӣ ва ҳаммуаллифӣ бо кормандони илмии Институти илмҳои гуманитарӣ мақолаҳои арзишманд оид ба вижагиҳои маъноии феъл дар забони шуғнонӣ нашр шуданд. Аз ҷумла мақолаҳои Рахилина Е.В. бо Некушоева Ш. «Система глаголов движения вниз в шугнанском языке» [4], Арманд Л. ва Некушоева Ш. дар бораи таҳлили ду феъли забони шуғнонӣ «Глаголы литься и сыпаться в шугнанском языке» [5] ва Рахилина Е.В., Некушоева Ш.С., Арманд Е.Е. “К истории понятий: лингвистический ракурс. Шугнанское ПРЯТАТ” [6] аз чоп баромаданд.

Аз рӯи вижагиҳои маъноӣ феълҳои забони шуғнониро шартан ба феълҳои мафҳумӣ (абстракт) ва ҳиссӣ (конкрет) ҷудо намудем, вале як гурӯҳ феълҳоеро дучор меоянд,

ки ҳолати духӯра доранд, яъне гоҳо мазмуни онҳоро тавассути ақл дарк менамоем ва гоҳо онҳоро бо яке аз аъзои ҳис эҳсос менамоем, ки ин гурӯҳро вобаста ба ҳолат ва мавқеи истеъмол ба ин ё он гурӯҳ мансуб намудан зарур аст. Ба феълҳои мафҳумӣ ҳамон феълҳоеро мансуб бояд донист, ки дар ичро ва фаҳми онҳо узвҳои ҳискунанда нақш надоранд ва танҳо тавассути ақлу заковати инсонӣ амали онҳо дарк карда мешавад. Теъдоди ин гурӯҳи феълҳо дар забони шуғнонӣ хеле зиёд аст. Масалан, феълҳои фāмтow –а.з.ҳ. фāм, а.з.г. фāмт, а.перф. фāмч “донистан”,” вирêдow – а.з.ҳ. вири, а.з.г. вирӯд, а.перф. вирӯүҷ “ёфтан” фикри чӣдow “фикр кардан”, гумӯ̊н чӣдow “гумон кардан), қӣн ситow “ғамгин шудан”, безор ситow “безор шудан ва м.нҳо.

Ба феълҳои “ҳиссӣ” метавон феълҳоеро дохил кард, ки дар дарк ва фаҳми онҳо тамоми аъзоҳои ҳис ва ё яке аз узвҳои ҳискунанда ба мисли биноӣ (чашм), ламс, сомеа (гӯш), бӯёӣ, зоиқа (чашидан) нақш дошта бошанд. Масалан, феълҳои лӯ̊вdow – а.з.ҳ. лу, а.з.г. лӯ̊д, а.перф. лӯ̊вҷ “гуфтан”, wêẋtow – а.з.ҳ. woẋ, а.з.г. wêẋт, а.перф. wêẋч “афтодан”, хӣdow – а.з.ҳ. ха: хāр, а.з.г. хӯд, а.перф. хӯүҷ “хӯрдан” ниғиẋtow – а.з.ҳ. ниғӯүг, а.з.г. ниғуẋт, а.перф. ниғуẋч “шунидан”, цирӣвdow – а.з.ҳ. цирафц: цирафцт, а.з.г.цирӯвд, а.перф. цирӯвҷ “сӯзиш/сӯхтан” ва ғ.

Вобаста ба он ки дар забони шуғнонӣ феълҳои “ҳиссӣ” теъдоди калони феълҳоро ташкил медиҳанд, онҳо ба зергурӯҳҳои алоҳида тақсимбандӣ мешаванд: феълҳои амали ҷисмонӣ, феълҳои ҳаракат, феълҳои гуфтор, феълҳои амалҳои мутақобила, феълҳои дарк ва ифодаи ҳиссиёт ва ғ.

Ҳар яке аз ин гурӯҳҳои феълҳо дар забони шуғнонӣ бо хусусиятҳои лексикӣ-семантикии худ баррасии алоҳидаро талаб мекунанд ва тавре қайд кардем, масъалаи мазкур дар забони шуғнонӣ то ҳол мавриди омӯзиши амиқ нагирифтааст.

Мо кӯшиш ба харҷ додем, ки дар доираи мақолаи мазкур, ки ба яке аз гурӯҳи феълҳои забони шуғнонӣ – феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ бахшида шудааст, ибрози назар намоем. Бояд, гуфт, ки дар баробари маънои лексикӣ ва семантикии ин феълҳо дар атрофи маънои маҷозии онҳо низ ибрози назар намоем. Яке аз вижагиҳои барҷастаи феълҳои забони шуғнонӣ ин ба маънохои зиёди маҷозӣ кор фармуда шудани онҳо мебошад.

Дар мақолаи мазкур баъзе вижагиҳои феълҳои забони шуғнониро дар мисоли феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ дида мебароем.

Феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ амалҳоеро тавсиф мекунанд, ки онҳоро ба таври визуалӣ ё ҷисмонӣ эҳсос кардан мумкин аст. Ин гурӯҳи феълҳо нишон медиҳанд, ки субъект (фоил)-и амал чӣ кор мекунад ва чӣ тавр онро анҷом медиҳад, яъне тавассути феълҳои мазкур мо амалҳои гуногуни ҷисмониро тавсиф мекунем. Ба монанди wӣфtow “бофтан”, зидӣdow “рӯфтан”, ҷуктow “задан” (Мас., мêх ҷуктow, поδ ҷуктow), цидow “дарав кардан”, пêхtow “пухтан”, вириẋtow “шикастан”, ниẋпӣdow “зер кардан”, анцӣвdow “дӯхтан”, мӣздow “сохтан”, нихêрϑtow “вайрон кардан”, тӣdow “рафтан”, жêẋtow “давидан”, зибидow “давидан”, анҷӣвdow “қапидан” бāр δêdow “тела кардан”, ва ғ.

Феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ аз дигар гурӯҳи феълҳо доираи бештари лексемаҳоро дар бар мегиранд ва хусусияти асосии онҳо аз инҳо иборат аст:

Ин феълҳо амали воқеии фаъолро ифода мекунанд. Феълҳое мебошанд, ки амалро тавсиф мекунанд, ки бо амали ҷисмонӣ ва иртибот бо ашё доранд. Масалан, wуз ху чинийен зинӣм ху тāл меф δāδум (Ман) пиёлаҳоро мешӯяму ҷо ба ҷо мегузорам; цow-ет чӯдат ди woẋ-ет ҷāм на-чӯүҷ; Дарав кардеду алафатонро ҷамъ накардед; ту чӣз дӯ̊нд ху кӣл ҷук-и, δewин та ху кин-и ту чӣ ин қадар саратро мезанӣ, худатро девона мекунӣ.

Ба мақсади ичрои амал, мавҷудияти объекте, ки ба он равона шудааст, ишора мекунад. Масалан, wāδ wистоδ-ен-ен там башāнд dewол чӯүҷ (ҳамон) устоҳо девори хуб кардаанд;

ту-т ху-рд хишрӯй жемпир wӣфч ту ба худат жемпери хушрӯй бофтаӣ.

Мушоҳидаи эҳтимолии амал ва иҷрои он дар вақт ва фазо. Масалан, чӯҳт-ум wāδ ғāцбиц-ен ғал арчӣзца тāж-ен (ман) нигоҳ кардам духтаракон чизеро мекашанд.

Хусусияти муҳими дигари ин феълҳо дар он аст, ки онҳо ба маънои аслӣ ё асосӣ кор фармуда шуда, дар аксарияти мавридҳо феълҳои гузаранда мебошанд, чунки амалеро ифода мекунанд, ки он ба объект равона шудааст.

Бояд қайд кард, ки имкониятҳои феъли забони шуғнонӣ ба монанди дигар ҳиссаҳои номии нутқ дар ташаккули маънои маҷозӣ низ зиёд ба назар мерасад. Дар ин маврид феъл на ба маънои конкретӣ, балки мафҳуми абстрактро ифода мекунад.

Ба маънои маҷозӣ омадани феъл, албатта маънои навро пайдо мекунад ва барои ифода ё тавсиф кардани ҳолату амалҳои гуногуни равонӣ, эҳсосотӣ ё иҷтимоӣ истифода мешаванд.

Масалан, ду ҷумлаи зеринро, ки дар онҳо феъли зидӣдow кор фармуда шудаст, муқоиса мекунем: wидӣрм қати-йум ди боғ-ак дис тозā зидӯд бо ҷорӯб боғчаро ҳамин хел тоза рӯбучин кардам ва ẋāб-ен дузд-ен деδҷ тар маш амсойā чӣд ху поγзā-ен wи зидӯγҷ шаб дуздон ба хонаи ҳамсояамон даромада тамоми чизу чораро бурдаанд. Дар ҷумлаи аввал амале, ки аз тарафи фоил иҷро шудааст, амал ба воситаи предмети мушаххас (ҷорӯб) ба объект - боғ равона шудаст. Дар ин ҷо феъли зидӣдow “рӯфтан” ба маънои аслӣ омадаст.

Дар ҷумлаи дувум амали иҷрошуда на ба воситаи ягон ашёи рӯзгор (масалан, ҷорӯб) анҷом дода шудаст, балки он ҳолатеро ифода мекунад, ки касе аз ҷараёни иҷроиши ин амал хабар надоштаст, ба чашмаш надидаст, вале натиҷаашро мебинад. Дар ин ҷо амали мушаххас танҳо байни субъект ва объект дида мешавад. Натиҷаи ин амал дар он зоҳир мегардад, ки аз дохили хона чизу чораро чунон бурдаанд, ки хона ба монанди хонаи рӯфтагӣ тоза шудаст. Феъли зидӣдow “рӯфтан” маънои маҷозиро ифода мекунад.

Ё дар ҷумлаи дис хаẋ ẋӯз сут фуки зидӯд ху тар пиро чунон шамоли сахт шуд, ки ҳама чизи аз пешаш бударо рӯфт, феъли зидӣдow амали мушаххаси ҷисмониро ифода намекунад. Дар ин ҷумла феъл маънои маҷозӣ дорад, ки вазидани шамолу аз пеши худ хасу хошокро бурдан ба рӯфтан тавассути ҷорӯб монанд карда шудаст. Ин намуди маҷозро дар забоншиносӣ метафора меноманд.

Феъли амали мушаххаси ҷисмонии вириẋtow “шикастан” низ дар баробари маънои аслӣ баъзан маънoҳои маҷозиро ифода мекунад. Мас., сāм жӣз вириẋtow ман равам ҳезумро шиканам; ту йах-и wам чӣни вируẋт хоҳарат косаро шикаст. Дар ин ҷумлаҳо амал тавассути таъсири субъект ба предмет анҷом дода мешавад ва ин феъл амали ҷисмонии мушаххасро ифода мекунад. Дар забони русӣ чунин феълҳоро (разрушительные глаголы) ба истилоҳ феълҳои махруб низ мегӯянд ва инҳо як гурӯҳи лексикӣ-семантикиро ташкил медиҳанд [6, с. 25]. Вале дар баробари маънои асосӣ феъли мазкур маънoҳои маҷозиро низ касб мекунад.

Дар ҷумлаҳои йид чой му тухнаги на́-вирухт чой ташнагиамро нашикаст ва йу ту пуц му зарӣз-и вирухт ху, йā шич на-то́рδд ҳамон писарат кабкамро шикаст ва он дигар ҷанг намекунад, феъли вириẋtow маънои маҷозиро ифода мекунад. Феъл дар ин ҷумлаҳо амали мушаххаси ҷисмониро ифода накарда, танҳо мафҳумро ифода мекунад, бинобар ин ба маънои маҷозии бартараф кардан, тарсидан, ҷуръат накардан омадааст. Ҳангоме ки феъл ба маънои маҷозӣ истифода мешавад, як вижагии хосро пайдо мекунанд, ки иртиботи худро бо пояи воқеии амал аз даст медиҳанд ва маънои маҷозиро касб мекунанд. Бинобар ин онҳо ағлаб бахше аз таркибҳои воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Масалан, ибораи фразеологии зорδ вириẋtow (ди wӣнтум wеф зиндаги му зорδ мис вируẋт вақте зиндагашонро дидам, дилам ҳам монд) маънои маҷозии авзо бад шудан, мутанаффир шудан аз касе, ё чизеро ифода мекунад. Ё ибораи фразеологии зарā вириẋtow маънои

маҷозии аз байн бурдани мушкилот, маҳдудият дар робитаи байни касе, ё чизеро ифода мекунад. Мас., йакбор ар ҳац деδум ху зāрā вираγум ху бāд ҳиноwарийум як бор ба об дароям, мушкилотамро бартараф кунаму баъд оббозӣ мекунам.

Ба монанди ин феълҳои зиёди маънои амали мушаххаси ҷисмонӣ дошта дорои маънои маҷозӣ дар забони шуғнонӣ мебошанд, ки таҳқиқотҳои алоҳидаро талаб мекунанд.

Тавре аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ ба маънои маҷозӣ омада иртиботи худро бо объект ва мақсади иҷрои амал аз даст дода, амалро ҳамчун мафҳум маҷозан ифода мекунад. Ҳамчунин барои ифодаи ҳолати ҳиссӣ ба маънои маҷозӣ кор фармуда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Арманд Е.Е, Некушоева Ш..С. Глаголы лить(ся) и сыпат(ся) в шугнанском языке // Родной язык, 1, 2022. – С. 73-108.
2. Бахтибеков Т. Грамматикаи забони шуғнонӣ / Т. Бахтибеков.- Душанбе: Дониш, 1979. – 146 с.
3. Додихудоева Л.Р. Шугнанский глагол в историческом освещении / Л.Р. Додыхудоева. – Душанбе: Маориф, 1998. – 224 с.
4. Карамшоев Д. Баджувский диалект шугнанского языка/ автореферат. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Д. Карамшоев. – Ленинград, 1963. – 35 с.
5. Рахилина Е.В., Некушоева Ш.С. Система глаголов движения вниз в шугнанском языке // Acta Linguistica Petropolitana. elibrary.ru 2020, vol 16.1.
6. Рахилина Е.В., Некушоева Ш.С., Арманд Е.Е. К истории понятий: лингвистический ракурс. Шугнанское Прятать // Известия РАН. Серия литература и языка. – 2021. том 80.- № 6. – С. 69-78.
7. Фомина М.И. Лексика современного русского языка.- Москва: Высшая школа, 1973. -152 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ФЕЪЛҲОИ АМАЛИ МУШАХХАСИ ҶИСМОНӢ (ДАР МИСОЛИ ФЕЪЛҲОИ ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ)

Масъалаи таснифи семантикии лексикаи феъли забони шуғнонӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Зеро ки ҷиҳати семантикии феъли забони шуғнонӣ то ҳол мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст.

Дар мақола гурӯҳе аз феълҳои ҳисси(конкрет)-и забони шуғнонӣ – феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ аз рӯи хусусиятҳои семантикии худ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ амалҳоеро тавсиф мекунанд, ки онҳоро ба таври визуалӣ ё ҷисмонӣ эҳсос кардан мумкин аст. Дар баробари ин хусусияти маънои маҷозиро касб кардани ин гуна феълҳо низ дар мақола шудааст.

Калидвожаҳо: феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ, хусусиятҳои семантикӣ, маънои асосӣ, маънои маҷозӣ, амали воқеӣ, забони шуғнонӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Назаршоева Чила – номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандаров

Алиназарова Шарифа – магистранти шуъбаи забонҳои помирӣ Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандаров

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ КОНКРЕТНОГО ФИЗИЧЕСКОГО ДЕЙСТВИЯ (НА ПРИМЕРЕ ШУГНАНСКИХ ГЛАГОЛОВ)

Проблема семантической классификации глагольной лексики шугнанского языка является одной из самых сложных языковых проблем. Потому что семантическое значение глагола шугнанского языка не являлось объектом исследования.

В статье рассматриваются группа глаголов конкретного физического действия

шугнанского языка по их семантическим характеристикам. Глаголы конкретного физического действия описывают действие, которые можно испытать визуально или физически. Кроме того в статье рассматривается характеристика метафорических значений данного типа глаголов.

Ключевые слова: глаголы конкретного физического действия, семантические характеристики, основное значение, переносное значение, фактическое действие, шугнанский язык.

Сведение об авторе: Назаршоева Чила – кандидат филологических наук, научный сотрудник отдела памирских языков Института гуманитарных наук имени Б. Искандарова

Алиназарова Шарифа – магистрант второго курса таджикской филологии отдела памирских языков Института гуманитарных наук имени Б. Искандарова

SEMANTIC CHARACTERISTICS OF VERBS OF A SPECIFIC PHYSICAL ACTION (USING THE EXAMPLE OF SHUGNI VERBS)

The problem of semantic classification of the verbal vocabulary of the Shugni language is one of the most difficult linguistic problems, because the semantic meaning of the verb of the Shugni language was not the object of research.

The article examines a group of verbs of a specific physical action of the Shugnan language according to their semantic characteristics. Verbs of a specific physical action describe an action that can be experienced visually or physically, but at the same time, the article describes the figurative meanings of these verbs.

Keywords: verbs of a specific physical action, semantic characteristics, basic meaning, figurative meaning, actual action, Shugni language.

About author: Nazarchoeva Chila – candidate of Philological sciences, scientific worker at the Department of the Institute of Humanitarian Sciences named after B.Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan

Alinazarova Sharifa - master student of 2nd course at philology faculty of pamirian languages department Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

УДК: 821.222.8 (тадж)

ИЛОВАҲО БА ШАРҲИ ТОПОНИМИ АЛИЧУЛ

Насрадиншоев А.Н.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Аличул водиест, дар ноҳияи Мурғоб, ки масоҳаташ аз Харгушӣ оғоз ёфта, то Чечекдеҳ тул мекашад. Бояд ёдовар шуд, ки бо ин ном водӣ, деҳа, қаторкуҳҳо, дарё, деҳшуро мустаъмал аст. Дар ин водӣ ғайр аз қирғизҳои кучманчӣ, галаҳои сершумори қутосҳо, чарогоҳҳо ва айлоқҷойҳои сероб дигар чизе ба назар намерасад. Водии тоҷикнишине, ки таърихан дар асри XIX қирғизҳои кучманчӣ онро чун дашти доманфарох дарёфт карда, маскун шудаанд ва бо қутоспарварӣ зиндагии хешро дар баробари тоҷикони бумии ин макон сомон бахшиданд ва имруз дар ин водӣ тоҷику қирғиз бо ҳам умр ба сар мебаранд. Таърихан ин водӣ ва умуман, ноҳияи Мурғоб дар асри XVII тобеи Шуғнон буд ва соли 1932 ноҳияи Мурғоб дар ҳайати ВМКБ таъсис дода шуд ва Аличул чун деҳшуро дар ин ноҳия арзи ҳастӣ [8.18;1.316].

Перомуни таърихи пайдоиши номи Аличул дар байни мардум нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуданд. Дар ривояте омадааст, ки замоне ин водӣ басе ободу зебо будааасту дар он шолӣ мекориданд. Шаҳре, ки дар он ҷо воқеъ будааст, Барбар ном доштааст. Дар он шаҳр мардумони ғайриисломӣ зиндагӣ мекарданд. Ҳазрати Алӣ аз онҳо талаб мекунад,

ки ба тохтутозу мардумозорӣ хотима гузошта, дини исломро қабул кунанд, вале онҳо розӣ намешаванд. Алӣ бо онҳо ҷанг эълон мекунад ва оқибат ин ҷои ободро ба чул, яъне биёбон табдил медиҳад. Мувофиқи ин ривоят ин водиро аз ҳамон замон то ба ҳол Аличул ном мебаранд. Ба Помир омадан ва наомдани Ҳазрати Алиро ба таърихи ҳазорсола ҳавола менамоем, аммо барои таҳлил намудани ин ривоят бояд ба чанд савол ҷавоб дод: Оё шаҳри Барбар дар Помири Шарқӣ буд? Оё аз давраи зиндагии Ҳазрати Алӣ то имруз дар Помир ягон вайроншавии мудҳиши табиӣ ба ҳисоб гирифта шудааст? Ва барои посухи аниқ ёфтан ба ин саволҳо, саҳифаҳои таърихиро варақгардон мекунем. Агар кас Алиномаҳо ва сафарҳои Ҳазрати Алиро хонад,бешак пай мебарад, ки он Алӣ ба Помир наомадааст. Академик Б.Искандаров дар китобаш «Социально-экономические и политические аспект истории Памирских Княжеств » қайд мекунад, ки омадани Алӣ ба Помир фақат ривоят ҳасту бас. Ва он ба ҳақиқати таърихӣ робитае надорад. Маҳз муҳаббати беинтиҳои халқи ин сарзамин нисбат Алист, ки ба номаш чунин ривоятҳоро таъбир додаанд.

Аз тарафи дигар, шаҳри Барбар на дар Помир, балки дар Арабистон ҷой дорад. Дар «Ҳудуд-ул-олам » шаҳри Барбар чунин тасвир шудааст; «Барбар вилоятест дар Мағриб, ки мардуми он ҷо сабзчеҳраанд».

Лозим ба ёдоварист, ки аз асри VI мелодӣ то имруз, вайроншавии табии калон, ғайр аз харобшавии Усой (Сарез) дигар дар Помир ба қайд гирифта нашудааст, бахусус, як шаҳри калон ба номи Барбар.

Профессор Н.Шакармамадов ривояти Аличулро таҳлил карда, Алиро чун аввалин Имоми исмоилиён на чулкунанда, балки чун ҳимояткунандаи манфиати омма аз золимон муаррифӣ кардааст [7.3].

Вожаи Аличул(Аличор) шояд таърихан Элчул (Эличул) ном доштааст, ки имруз ҳам гоҳ-гоҳ дар нутқи сокинони он маҳал ба забон меояд. Калимаи Элчул аз ду ҷузъ эл ва ҷул иборат буда, ҳар яке аз онҳо дорои маънои махсуси лексикӣ мебошанд.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» вожаи эл калимаи тоҷикӣ ба қалам дода шуда, ба маънои гови куҳӣ маънидод шудааст. Гуянд, ин гови куҳӣ чун бемор шавад, бинии худ бар сурохии мор ниҳад ва морро бо нафас ҷониби худ кашида хурад, шифо ёбад [3.159]. Бо чунин усул гови куҳӣ қутос худро табобат мекунад. Калимаи чул маънои дашт, ё худ биёбонро дорад. Ин аст, ки калимаи Элчул маънои дашти қутосҳоро дорад.

Агар мо хусусияти лексикии забонҳои шуғнонӣ- рушониро ба ҳисоб гирем, калимаи эл дар шакли йел “айлоқ” маънои айлоқ дошта, чул маънои дашт, ё худ биёбонро дорад. Дар ин сурат топоними Элчул маънои айлоқи даштиро дорад, ки ин бо хусусиятҳои ҷуғрофию этикии он водӣ баробар меояд.

Дар забонҳои шуғнонӣ- рушонӣ ҷузъи дуюм (чул) дар шакли чор талаффуз шудааст. Дар натиҷаи тағйироту такомиулоти фонетикӣ овози “у” ба “о” ва овози “л” ба овози “р” бадал шудааст. Шояд вожаи чор шакли тағйирёфтаи хорв, шорв, шарв ва чарв маънои обро ифода намояд. Ин калиима шояд ба маънои об омада, дар топонимҳои Рошорв, Рохарв, Сохчарв, Шитхарв ва ғайраҳо амадааст [4.51].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи эл калимаи туркӣ нишон дода шуда, маънои қавм, тоифаи кучманчиро ифода мекунад [6.542]. Ҷузъи дуюм чул бошад, калимаи тоҷикӣ буда, маънои дашт, биёбон, ё худ ҷои холӣ аз одам арзёбӣ шудааст.

Маълум мешавад, ки ин дашти аз одам холиро, ки аслан макони тоҷикнишин буд, қабилаҳои кучманчии қирғиз ҷои истиқомати хеш қарор доданд. Агар мо ин гуна ном гирифтани топоними Аличулро ба хусусиятҳои таърихӣ-этникӣ ва ҷуғрофии Аличул муқоиса кунем ба онҳо ба ҳам мувофиқат карда собит месозанд, ки ин мавзеъ на Аличул (Аличор), балки Элчул (Эличор) ном доштааст.

Ҳамин тариқ, агар мо топоними Аличулро аз руи хусусиятҳои лексикии забони

тоҷикӣ, шуғнонӣ ва рушонӣ, инчунин туркӣ таҳлил кунем, ба хулосаи зерин меоем:

1. Дар забони тоҷикӣ топоними Аличул (Элчул) маънои ба итоат даровардани дашт, ё ки дашти кутосҳо, дашти бузи куҳӣ дорад.
2. Агар мо хусусияти забонҳои шуғнонӣ- рушониро ба ҳисоб гирем, дар он сурат вожаи Аличор (Аличул) маънои дашти айлоқ, ё дашти обдорро дорад.
3. Аз руи хусусияти лексикии забони туркӣ, ки баъдтар номгузорӣ шудааст, маънои дашти кучманчиҳоро дорад.

АДАБИЁТ

1. Баркова А.С., Григорева Н.А. Очерки география Россия ҷ 1. –М., 1897.
2. Дурдонаҳои Бадахшон. Гирдоварандагон Ҷонбобоев Н., Муҳаммадшерзодшоев Ш. –Хоруғ 1992.
3. Мухаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. – Душанбе, 1982.
4. Офаридаев Н. Микротопонимия Ванджа и Дарваза. – Душанбе, 1991.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ.1, мураттибон: Шукуров М., Капрамов В.А., Ҳошим Р., Маъсумӣ Н. –М., 1969.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ.2, мураттибон: Шукуров М., Капрамов В.А., Ҳошим Р., Маъсумӣ Н. –М., 1969.
7. Шакармамадов Н. Мулоҳизаҳо перомуни як ривоят. // Рузномаи Бадахшон № 26. 1998, с 4.
8. Шохуморов А. Памир – страна ариев. – Душанбе 1998.

ИЛОВАҲО БА ШАРҲИ ТОПОНИМИ АЛИЧУЛ

Дар мақола топоними Аличул дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, манбаъҳои фолклорӣ, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои лугавии се забон: тоҷикӣ, шуғнонӣ-рушонӣ ва туркӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: топонимия, микротопонимия, анҷома, таърих, археология, этнография, қабатҳои забонӣ, фолклор, лексика.

Маълумот дар бораи муаллиф: Насрадиншоев Азатшо Насратшоевич номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ, тел: 992938288918. e-mail: nasriddinshoev62@mail.ru

ДОПОЛНЕНИЕ К АНАЛИЗУ ТОПОНИМИИ АЛИЧУЛ

В статье рассмотрен топоним Аличул на основе исторических, фольклорних и географических источников на базе трёх языков; таджикский, шугнано- рушанский и тюркской.

Ключевие слова: топонимия, микротопонимия, формант, история, археология, этнография, языковие пласти, фольклор, лексика

Сведения об авторе: Насрадиншоев Азатшо Насратшоевич. Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева. Тел: 992938288918; e-mail: nasriddinshoev62@mail.ru

SUPPLEMENT TO EXPLORATION ALICHUL TOPONOMY

This article is about toponomy of Alichul based on history, folklore sides, geographical property which based on intermal vocabulary in three languages:Tajik, Shugni-rushani and Turkish

Key words: toponomy, microtoponomy, layer, archeological, history, lingual layer, folklore, lexis

Information about author: **Nasradinshoev Azatsho Nasratshoevich, Candidate of Philological Sciences, Associate professor at the Tajik language Deparment, Khorog State University named after M. Nasfrshoev. Phone 992938288918; e-mail:** nasriddinshoev62@mail.ru

ТДУ 809.155.0

“РИШ” ВА ИФОДАҲОИ ОН ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.Н.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Муҳаққиқони самти сермаъноии вожаҳо бар ин назаранд, ки дар раванди сермаъно гардидани вожа нақши номи узвҳои бадан назаррас мебошад. Калимаҳои марбут ба узвҳои бадан яке аз қабатҳои асосии таркиби луғавии ҳамаи забонҳои ҷаҳон ба шумор мераванд. Онҳо дар осори бадеӣ ва гӯйишҳои мардумӣ дар баробари маънои асосӣ ба маънoҳои гуногуни маҷозӣ мавриди корбурд қарор мегиранд. Бояд тазаккур дод, ки вожаи “риш” аз ҷумлаи луғоти асили тоҷикии серистеъмол ва сермаъно мебошад, ки асли он аз забони паҳлавист. Он аз зумраи вожагони хосси осори Убайди Зоконӣ ба шумор меравад. Аҳаммияти асарҳои Убайди Зоконӣ ҳамчун маъхази таърихӣ барои омӯхтани забони асрҳои XIII-XIV Хуросон ва Осиёи Миёна ниҳоятдараҷа калон аст. Ӯ бо асарҳои худ на фақат амалиёти разилонаи табақаи ҳокими замони худро фош карда, ҳаёти иҷтимоии он давраро нишон додааст, балки дар инкишофи минбаъдаи афкори адибони пас аз худ омада низ таъсири калоне расонидааст.

Дар забоншиносии тоҷик аз тарафи муҳаққиқон доир ба номи як узви бадани инсон мақолаҳои алоҳида фаровон ба назар мерасад. Аз қабили М.Н. Қосимова – “Лаб” ва маънoҳои он дар осори устод Рӯдакӣ ва ашъори ҳамасронаш (2003); А. Ҳасанов ва диг. –“Дил”-и Хоҷа Камол (2000); Т. Шокиров ва диг.: “Тан” ва “бадан”-и ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ” (2013) ва дигаронро ном бурдан мукин аст.

Ф. Алишерзода дар мақолаи хеш таҳти унвони “Тобишҳои маъноию сохтории вожаи “сар” дар ашъори Фарзона” “ба ҷуз маънои соматикӣ” боз ба ҳафт маъно ва аз рӯйи таркиб ба ҳиссаҳои нутқ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо карда, бо мисолҳо шарҳ додааст. Мувофиқи тақиқоти анҷомдодаи ӯ вожаи “сар” дар китоби “Қатрае аз Мӯлиён” 468 маротиба дар таркиби калимаҳои сохтаву мураккаб корбаст гардидааст [ниг.: 2, с. 150].

Ба қавли С.Донаева: “оид ба вожаи “дил”, ки қариб дар ҳамаи ғазалҳои шоир (Анварии Абевардӣ – Н.М.) ду-се маротиба истифода шудааст, метавон як таҳқиқоти пурраи илмӣ анҷом дод” [4, с. 157].

Н. Гулзода [3] дар мақолаи хеш “калимаҳои дида, нигоҳро (иқтибос аз забон арабӣ) ва наргисро (вомвожаи юнонӣ)” ба қалам додааст, ки ба назари мо чандон саҳеҳ нест.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо корбурди вожаи риш ва ифодаҳои он дар ягон асару мақола ба таври чашмрас ва ҷудогона таҳлилу баррасӣ нагардидаасту баъзе муҳаққиқон ҷо-ҷое ишора кардааанду халос. Дар забоншиносии рус аз тарафи В.А. Савченко [9] доир ба муқоисаи консепти “риш” дар паремияҳои забонҳои русиву немисӣ мақолае ба нашр расидааст. Мавсуф дар асоси таҳлили забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) дар паремиологияҳои русӣ ва немисӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи мафҳуми «риш» муайян намудааст. Тавре ки ӯ менигорад: “Дар натиҷаи таҳлили лингвофарҳангӣ хусусиятҳои умумии мафҳуми «риш» дар ҷаҳони паремиологии русӣ ва олмонӣ муайян карда шуданд. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки мафҳуми «риш»-ро русҳо бештар омӯхтаанд. Корбурди вожаи “риш” дар зарбулмасалу мақолҳои забони русӣ назар ба забони немисӣ бештар ба назар мерасад” [9, с. 44].

Бояд гуфт, ки дар мақола бештар доир ба тавсифи “риш” дар эҷодиёти даҳанакии халқ (фолклор) ба назар мерасад. Масалан, мавсуф менигорад, ки: “ҳам дар паремиологияи русӣ ва ҳам немисӣ “риш” рамзи камолот, таҷриба, мардонагӣ ва хирадмандист. Дар баробари ин дар калимасозии ин мафҳум дар паремиологияи русӣ ва немисӣ тафовути муайян ба назар мерасад” [9, с. 48].

Дар забоншиносии тоҷик низ аз тарафи С. Раҳматуллозода ва Ф. Ҷӯрабекзода дар мақолаашон 38 вожаи ифодакунандаи узвҳои бадани инсонро дар осори устод Рӯдакӣ ба чаҳор гурӯҳ аз рӯйи басомад ва дараҷаи корбурди муродифҳояшон муайян кардаанд. Эшон бар ин назаранд, ки вожаи риш (риж) дар осори устод Рӯдакӣ танҳо як маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст [ниг.: 8, с. 5-10].

Ш.Мирзоалиева диссертатсияи хеш доир ба соматизмҳои қисмати сару гардан ва рӯй маълумот дода, соматизми ришро ҳамчун қисмати асосии чеҳраи одам ишора менамояд [ниг.: 7, с. 2024].

Ҳамин тавр, дар забоншиносии тоҷик доир ба узввожаи “риш” ва ифодаҳои он ягон асару мақолаи алоҳида ба нашр нарасид. Аз ин рӯ, дар ин матлаби мо объекти таҳқиқро осори Убайди Зоконӣ ва предмети таҳқиқро яке аз номи узви бадани инсон “риш” ва ифодаҳои он ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки яке аз вижагии хосси фарқкунандаи забони осори Убайди Зоконӣ аз дигар адибон дар корбурди номи узввожаҳо “риш” ва ифодаҳои он мебошад.

Риш, аслан, ба мард тааллуқ дорад. Ҳар гоҳ, ки сухан дар бораи риш равад, ҳатман мард дар назар дошта мешавад. Убайди Зоконӣ дар осораш аз вожаи риш ва ифодаҳои он васеъ истифода кардааст.

Вожаи риш дар осори Убайди Зоконӣ асосан ба маънои аслиаш корбурд дорад, яъне ҳамчун узви бадани инсон, ки мӯйҳое, ки дар манаҳ ва атрофи рӯйи одам мебарояд. Риш – 1. мӯйҳои сурати мардон. 2. мӯйи баланде, ки бар чона (занах –Н.М.) ва зери чонаи бархе ҷонварон меруяд [10, с. 589]. Дар забони арабӣ вожаи риш (реш - ش‌یر) ба маънои пари мурғ ва риши қозӣ ба маънои пунбае (латтае), ки ба даҳони шишаи шароб ва каду банданд, то аз он шароб соф шуда резад, ришговӣ/риши гов ба маънии ҳамоқат (беақлӣ, аҳмақӣ – Н.М.) [1, с. 384-385].

Шахсе мост хӯрда буд, қадре ба ришаш чакида[5] [с. 475].

Қазвиние пеши табиб рафту гуфт: “мӯйи ришам дард мекунад” [с. 484].

Мавлоно, ман намедонам, ки ту чӣ мегӯӣ. Аммо ман бузаке сурх доштам, ришаш ба риши ту мемонд. *Дар ин* ду рӯз сақат шуд. Ҳар гоҳ ту риш меҷунбонӣ, маро аз он бузак ёд меояд ва гиря бар ман ғолиб мешавад [с. 479].

Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс шояд агона адибе бошад, ки доир ба ин узви бадани инсон, яъне риш рисолае нигоштааст. Дар баъзе куллиёт ва мунтахаби осори адиб номи рисола ба ду унвон: рисолаи “Риш”, “Ришнома” ва ё зикри ҳарду ном дар як асар мушоҳида гардидем.

Рисолаи “Риш*” аз иншои соҳиб муаззам Низомуддин Убайдуллоҳи Зоконии Қазвинӣ* [с. 343].

«Ришнома» – асари ҳаҷвиест, ки ба насри мусаҷҷаъ ва омехта бо порчаҳои манзум таълиф шуда, дар шакли мунозираи риш (Ришуддин Абулмаҳосин) ва Убайди Зоконӣ сохта шудааст. Риш худро таърифу тавсиф мекунад, ҳамсуҳбаташ бошад, хусусияти бади ӯро баён карда, дар тасдиқи фикраш ҳикоятҳо меорад. Мақсади Убайди Зоконӣ дар “Ришнома” танқиди зоҳирпарастӣ, одобу кирдори ношоистаи як гурӯҳ ришдорон, аз ҷумла, руҳониён, ҳокимон мебошад [13, с. 473].

Бояд гуфт, ки вожаи риш дар рисолаи “Ришнома” 48 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст. Муҳтавои асосии рисолаи мазкур аз муколамаи Убайди Зоконӣ бо риш, ки дар асар ба унвони Ришуддин Абулмаҳосин омада, дар он андешаҳои аҷибу ҳакимонаи муаллифи асар бо афкори ҳазломезу тамасхуронаи дар пардаи танз ифодаёфта оварда шудаанд.

5 Зоконӣ, Убайд. Куллиёт [Матн] /Убайди Зоконӣ. –Теҳрон: Заввор, 1384. – 548 с. (Минбаъд мисолҳо аз ҳамин асар оварда шуда, саҳифаҳо дар қавс нишон дода мешаванд)

Номи қаҳрамони марказии рисолаи мазкур Ришуддин Абулмаҳосин мебошад, ки ҳам сохтаи адиб ва маънои он баргирифта аз соматизми риш аст. Яъне Ришуддин (Риши дин, чеҳра ва ё симои дин), Абулмаҳосин (падари ҳусну зебоӣ ва хушрӯйӣ) чеҳраи дин, падари зебоӣ.

Ҳей, моро намешиносӣ? Маро Ришуддин Абулмаҳосин гӯянд. Омадам, то доди ин дили бечора аз хаёли маҳбуби ҷафокораш биситонам [с. 347].

Убайди Зоконӣ ҳикоятҳоеро пайдарпай дар мавриди тамасхуру ҳаҷв ва нақзи эътибори шахси ришдор қарор медиҳад. Аз ҷумла, шахси ришдоро бо муродифоти ҷуфти ифодакунандаи маънои манфӣ – шахси нопоку зишт ва бадсурату мардумфиреб ба қалам додааст:

«Оё иблисӣ, ифритӣ, ғӯлӣ, малакулмавтӣ***, ба қабзи руҳ омадаӣ****...»* [с. 346].

Қаҳрамони асар Ришуддин Абулмаҳосин баръакс дар тавсифу ҷойгоҳу мақоми баланд доштани риш далелҳо пеш меорад:

Маншаъ ва мавлудам аз биҳишт аст, гурӯҳе маро пари Ҷабраил хонанд [с. 347].

Адиб вожаи ришро ба ҷуз маънои аслӣ боз воситаи тасвир, муқоиса, ҳусну ҷамол, сарсупурдагӣ ва ҷонфидоӣ бо чунин ифодаҳо ба қалам додааст:

Агар ҳазор сарам бибуранд*, иқтидо бад-ин байт кунам, ки гуфтаанд:...* [с. 355].

Ва агар ҳазор бор аз бехам баркананд*, оқибат* бехашон барканам [с. 355].

Риши рустоиён чаро бузург асту аз они муғулон кам ва аз они хитоиён камтар [с. 350].

Хоҷагону бузургони бемурувватро ба риш тезед [с. 380].

Қаҳрамони асосии рисолаи “Ришнома” (Ришуддин Абулмаҳосин) барои тавсиф ва хеш аз оёту ҳадис далелҳо меоварад: “*... ва Расул алайҳиссалом бар номи ман тасбеҳ кардааст, ки “муназзаҳ аст, он ки* мардонро ба ришу занонро ба гесувон биёрост”*”* [с. 347].

Одам алайҳиссалом мефармояд, ки “ришан ва либосу тақво” (ҷузъе аз ояти 26-уми сураи “Аъроф) [с. 347].

Адиб вожаи ришро дар рисолаи “Ришнома” ҳамчун воситаи худнамоӣ ва такаббур ба қалам додааст:

Сар кард буруну риш дарҷунбонид,
Ришеву чӣ ришеву чӣ ришеву чӣ рише*?* [с. 346].

Ал-риш – дастовези мутафаккирон [с. 376].

Унсури луғавии мазкур дар осори Убайди Зоконӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ низ саҳми сазовор дорад. Аз қабили, “ба риши касе хандидан” ба маънои ба аҳволи касе хандидан, **касе ё чизеро масхара кардан**:

Тамаъ аз хайри касон бибурред, то ба риши ҷаҳониён тавонед хандид [с. 380].

Убайди Зоконӣ мехоҳад бигӯяд, ки ҳар нафаре, ки танҳоиро интихоб кардааст, хушбахти замона аст. Вожаи муҷаррадро аксар дар забони муосир ба маънои танҳо ва шахси танҳо истифода мекунанд. Вале дар бештари осори адиб ба маънои шахси хушбахт истифода шудааст. Ба ҳамин мисол монанд адиб дар рисолаи «Ришнома»-и хеш чунин баён мекунад:

Муҷаррад бошу бар риши ҷаҳон ханд*!*
Зи мардум бигсилу бар мардумон ханд*!* [с. 306].

Ҳамин ифодаи фразеологӣ дар рисолаҳои дигари адиб низ мушоҳида мешавад:

Ал-муҷаррад – *он* ки ба риши дунё хандад [с. 374].

Гуфт: “нек ба риши худ механдӣ. *Валлоҳ, агар мурғ бошад, аз он ҷо натавонад гузашт*” [с. 461].

ВФ “даст ба риш баркандан” ба маънои пушаймон шудан аст:

Дар сарои Барконхон хитоиён дар миёни суратҳо се сурат сохтанд. Яке даст бар сар мезанаду дигар даст ба риш бармеканад ва яке рақс мекунад [с. 483].

ВФ "риш баркандан" дар осори адиб ба маънои "паст задани шаъну шараф" мавриди корбурд қарор гирифтааст:

Далел бар сиҳҳати ин қавм он, ки имрӯз то шахс дар кӯдакӣ таҳаммули бори ғуломборагон ва авбош накардааст ва дар он ҳилму виқор кор нафармуда, акнун дар мачлису маҳофили акобир силию молиш бисёр намехӯрад***…, ришаш*** барнамекананд*, дар ҳавз намеандозанд, дашномҳои фоҳиш бар… зану хоҳараш намешуморанд* [с. 335].

Унсури луғавии мазкурро дар осори адиб дар таркиби зарбулмасалу мақол ба маънои бехирадӣ дидан мумкин аст:

Чунон ки гуфтаанд: "ҳар киро риш бузург аст, хирад кӯтаҳ бувад" [с. 350].

Бояд тазаккур дод, ки вожаи риш аз лиҳози калимасозӣ низ дар осори Убайди Зоконӣ ба назар мерасад. Ба воситаи пешвандҳо: бериш, бориш.

Малакулмавт – соқии бориш [с. 372].

Ғуломбачагони туркро то беришанд ба ҳар баҳо, ки бифрӯшанд бихаред ва чун оғози риш баровардан кунанд, ба ҳар баҳо, ки бихаранд бифрӯшед [с. 382].

Мусаллам аст, ки яке аз аломатҳои барчаста ва асосии калимаҳои аслии тоҷикӣ иштироки фаъоли онҳо дар вожасозист. Инро дар мисоли вожаи риш метавон басо возеҳ мушоҳида кард. Мавриди таъкид аст, ки ташаккули вожаҳои мураккаб бо роҳи баҳамоии вожаи риш бо воҳидҳои луғавии дигар яке аз вижагиҳои барчастаи осори Убайди Зоконӣ маҳсуб мешавад. Чунин калимаҳои мураккаб аз вачҳи мансубияти чузъҳои дохилии онҳо ба ҳиссаҳои нутқ мухталиф буда, бо роҳҳои васли ду исм (Ришиддин, ришнома), сифат ва исм (тезриш), исм ва асоси замони ҳозираи феъл (ришдор**, ришханд**) ба назар расид:

Ал-тезриш – махдуме*,* ки наввоб суханаш нашнаванд [с. 367].

Қирон-ун-наҳсайн – ду масти ришдор*,* ки якдигарро бӯсанд [с. 372].

Шароб аз дасти соқиёни ришдор маситонед [с. 382].

Ал-оина – ришханди рӯбарӯ [III. с. 323].

Ришханд – истеҳзо [10, с. 588].

Вожаи мазкур на танҳо имкони фаровони маъноифодакуниву калимасозиро дорост, балки қудрати ибораороиро дошта, он аз маҳорати Убайди Зоконӣ шаҳодат медиҳад: масҳи риш, буни риш, бехи риш.

Марде Шиъбиро аз масҳи риш пурсид, гуфт: "ангуштонро дар буни риш кун". Гуфт: "тарсам, ки об ба ҳама чо нарасад" [с. 424].

Ал-... – бехи риш [III. с. 325].

Ҳамин тариқ, вожаи риш дар осори Убайди Зоконӣ 76 маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст, ки на танҳо имкони фаровонии маъноифодакуниро дорост, балки қудрати калимасозиву ибораороиро дошта, он аз маҳорати беназири Убайди Зоконӣ шаҳодат медиҳад.

Басомади вожаи ришро дар осори Убайди Зоконӣ дар диаграммаи зерин метавон мушоҳида намуд:

Дар мисоли ба гуна-гуна маъноҳои ачиб корбурд шудани вожаи риш аз чониби адиб, ҳамчунин имконоти калимасозии он метавон ба бардоште расид, ки Убайди Зоконӣ нозукиҳои забони модарии хешро ба таври аҳсант дар осораш мавриди корбурд қарор додааст. Чунон ки аз мисолҳои бармеояд, вожаи риш дар осори Убайди Зоконӣ ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои мачозӣ кор фармуда шудааст. Бо ёрии ин калима таркибҳои устувор сохта шудаанд, ки то ҳол мустаъмаланд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ [Матн]. Ҷилди 12/ С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 564 с.

2. Алишерзода, Ф. Тобишҳои маъноию сохтории вожаи “сар” дар ашъори Фарзона// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2017, №1 (50). – С. 150-157.
3. Гулзода, Н. Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаи «чашм» дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ [Матн]/ Н.Гулзода// Вестник Филиала МГУ имени М.В. Ломоносова в города Душанбе. - Душанбе, 2019. -№2,4 (10,12). -С. 43-49.
4. Донаева, С.С. Корбасти вожаи “дил” дар ашъори Анварӣ [Матн] / С.С. Донаева // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2023. –№8. –С. 163-158.
5. Зоконӣ, Убайд. Куллиёт [Матн] /Убайди Зоконӣ. –Теҳрон: Заввор, 1384. – 548 с.
6. Қосимова, М.Н. “Лаб” ва маъноҳои он дар осори устод Рӯдакӣ ва ашъори ҳамасронаш/ М.Н. Қосимова// Ганҷи сухан. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – С. 531-540
7. Мирзоалиева, Ш. Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он) [Матн] /Ш.Мирзоалиева. Автореф. диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии номз. илми филол. – Душанбе, 2024. –С.16-17.
8. Раҳматуллозода, С., Ҷӯрабекзода Ф. Калимаҳои марбут ба узвҳои бадан дар ашъори Рӯдакӣ [Матн] / С. Раҳматуллозода, Ф. Ҷӯрабекзода // Паёми ДМТ, 2023. – №6. –С. 5-10.
9. Савченко, В.А. Концепт «борода» в русских и немецких паремиях [Текст] / В.А. Савченко // Вестник ВГУ (Лингвистика и межкультурная коммуникация). – Воронеж, 2008. – №3. –С. 44-49.
10. Фарҳанги форсии Муин (якҷилдӣ) [Матн]. Бар асоси “Фарҳанги форсӣ” и шашҷилдии Муҳаммад Муин. Таълифи Муҳаммад Муин. Теҳрон: Муин, 1381. – 1222 с.
11. Ҳасанов, А. “Дил”-и Хоҷа Камол [Матн]/ А.Ҳасанов, М. Додохонов//Эҳёи Ачам. –Хуҷанд, 2000. - №4 (8). –С.19-21.
12. Шокиров, Т. “Тан” ва “бадан”-и ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ [Матн]/Т.С. Шокиров, Ш. Раҳматов, М. Собирова// Оинадори ҳусн. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. –С. 82-94.
13. Энсиклопедияи советии тоҷик [Матн] №7. –Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1987. -С. 473.

“РИШ” ВА ИФОДАҲОИ ОН ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Корбурди мафҳуми “риш” ҳамчун узви бадан (соматизм) дар забоншиносии тоҷик дар асару мақолаҳо ба нудрат ба чашм мерасад. Калимаи “риш” аз ҷумлаи луғоти асили тоҷикии серистеъмол ва сермаъное мебошад, ки асли он аз забони паҳлавист. Яке аз вижагии хосси забони осори Убайди Зоконӣ дар истеъмоли номи узвҳои бадан, ин корбурди “риш” мебошад.

Дар осори адиб вожаи риш асосан ба маънои аслиаш корбурд дорад, яъне ҳамчун узви бадани инсон, ки мӯйҳое, ки дар манаҳ ва атрофи рӯйи одам мебарояд. Бояд гуфт, ки Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс шояд агона адибе бошад, ки доир ба ин узви бадани инсон рисолае навиштааст: “Ришнома” (рисолаи “Риш”). Номи қаҳрамони марказии рисолаи мазкур Ришуддин Абулмаҳосин мебошад. Унсури луғавии мазкур дар осори Убайди Зоконӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ низ саҳми сазовор дорад: “ба риши касе хандидан” ба маънои ба аҳволи касе хандидан.

Бояд тазаккур дод, ки вожаи риш аз лиҳози калимасозӣ низ дар осори Убайди Зоконӣ фаъол аст. Ба воситаи пешвандҳо: бериш, бориш; бо роҳҳои васли ду исм (Ришиддин, ришнома), сифат ва исм (тезриш), исм ва асоси замони ҳозираи феъл (ришдор, ришханд), ҳамчунин имкони ибораороиро дорост: масҳи риш, бехи риш. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо вожаи риш дар осори Убайди Зоконӣ 76 маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, забони асари бадеӣ, узви бадани инсон, соматизм, риш, ифода, маъно, маъниофаринӣ, калимасозӣ, ибора.

Маълумот дар бораи муаллиф: Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич – докторанти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Суроғa: 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6. E.mail: n.muhammad@mail.ru. Телефон: (+992) 93-405-52-55.

«БОРОДА» И СПОСОБЫ ЕЕ ВЫРАЖЕНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ УБАЙДА ЗАКАНИ

Использование понятия “борода” как части тела (соматизм) в таджикском языкознании встречается редко в работах и статьях. Слово «борода» — одно из наиболее широко используемых и значимых таджикских словарных слов, происходящее из языка пехлеви. Одной из особенностей языка произведений Убайда Закани в использовании названий частей тела является употребление слова «борода». В литературных произведениях слово борода преимущественно употребляется в своем первоначальном значении, то есть как часть человеческого тела, представляющая собой волосы, растущие на подбородке и вокруг лица. Следует сказать, что Убайд Закани, пожалуй, единственный писатель в истории таджикской и персидской литературы, написавший трактат об этой части человеческого тела: «Ришнома» (трактат «Риш» («Борода»)). Имя центрального героя данного трактата – Ришуддин Абулмахосин. Этот лексический элемент в произведениях Убайда Закани также вносит достойный вклад в образование фразеологизмов: «смеяться над чьей-то бородой» означает смеяться над чьим-то состоянием.

Следует отметить, что слово «борода» активно встречается и в творчестве Убайда Закани: 1) через предлоги: бериш, бориш; 2) путем соединения двух существительных (Ришиддин, ришнама); 3) прилагательного и существительного (тезриш); 4) существительного и основы настоящего времени глагола (ришдор, ришханд). Также есть возможность самовыражения: масҳи риш, бехи риш. По нашим наблюдениям, слово борода в произведениях Убайда Закани использовалось 76 раз.

Ключевые слова: Убайд Закани, язык художественного произведения, часть человеческого тела, соматизм, борода, понятия, выражение, значение, создание смысла, словообразование, фраза.

Сведения об авторе: Насруллоев Мухаммад Нуриллоевич – докторант Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E.mail: n.muhammad@mail.ru. Телефон: (+992) 93-405-52-55.

“BEARD” AND ITS EXPRESSIONS IN THE WORKS OF UBAYD ZAKANI

The use of the concept of beard as a part of the body (somatism) in Tajik linguistics is rare in works and articles. The word «beard» is one of the most widely used and significant Tajik vocabulary words, originating from the Pahlavi language. One of the features of the language of Ubayd Zakani’s works in the use of names of body parts is the use of the word “beard”. In literary works, the word beard is mainly used in its original meaning, that is, as a part of the human body, which is the hair growing on the chin and around the face. It should be said that Ubayd Zakani is perhaps the only writer in the history of Tajik and Persian literature who wrote a treatise on this part of the human body: “Rishnoma” (Treatise of “Rish” (“Beard”)). The name of the central character of this dissertation is Rishuddin Abulmahosin. This lexical element in the works of Ubayd Zakani’s also makes a worthy contribution to the formation of phraseological units: “to laugh at someone’s beard” means to laugh at someone’s condition.

It should be noted that the word “beard” is also actively found in the works of Ubayd Zakani. Through prepositions: berish, borb; by combining two nouns (Rishiddin, rishnama), an adjective and a noun (tezrish), a noun and the stem of the present tense of a verb (rishdor, rishkhand). There is also the possibility of self-expression: mashi rish, bekhi rish. According to our observations, the word beard was used 76 times in the works of Ubayd Zakani.

***Key words**: Ubayd Zakani, language of a work of art, part of the human body, somatism,*

beard, expression, meaning, creation of meaning, word formation, phrase.

Information about the author: Nasrulloev Muhammad Nurilloevich – candidate of Philology, associate Professor of the Tajik International University of Foreign languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734019.

E.mail: n.muhammad@mail.ru. Phone number: (+992)93-405-52-55.

УДК 812

ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРӢ ВА НИЗОМӢ ДАР “ТАЪРИХИ БАДАХШОН”-И СУЛАЙМОН ҚУРБОМУҲАММАДЗОДА ВА ШОҲФИТУР МУҲАББАТШОҲЗОДА

Офаридаев Н., Латипов М.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ

“Таърихи Бадахшон” асарест, ки ба қалами ду нафар адиб, омӯзгор ва зиёии маҳалии Кӯҳистони Бадахшон тааллуқ дошта, дар солҳои сиюми асри гузашта навишта шудааст. Баъдтар дастхати онро муаррихи намоён, академики АФ РСС Тоҷикистон Б. Искандаров аз осорхонаи вилоятии шахри Хоруғ пайдо намуда, соли 1973 нусхаи факсималии онро дар нашриёти “Наука” –и АИ собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо муқаддимаи муфассал ба нашр расонд [1]. Солҳои 2020 Қ. Охонниёзов “Таърихи Бадахшон”-ро бо хати ҳозираи забони тоҷикӣ ба нащр кард [2]. Соли 2021 бо кӯшиши Д.Ниёзбеков ва Ҳ. Дорғабеков матни асл ва баргардони он аз нав ншр гардид[3].

“Таърихи Бадахшон” асари таърихӣ буда, маълумоти зиёди таърихиро дар бораи Бадахшон ва махсусан яке аз манотқи он – Шуғнон дар бар гирифтааст. Арзиши таърихии асар дар пажуҳиши алоҳидаи муаррихон Курбонбек ва Қудратбек Элчибековҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [6].

Ба вижагии забони асар Б. Искандаров ва Қ. Охонниёзов ишораҳо карда, таъкид мекунанд, асар дар асоси лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ таълиф ёфтааст [1;2].Бояд ёддовар намоем, ки дар шевашиносии тоҷик таҳти унвони лаҳҷаи бадахшонӣ – гӯйишҳои тоҷикии водии Ғорон ва баъзе деҳоти тоҷикзабони Вахон дар назар дошта мешаванд. Дар шеваи нигориши ин асар таъсири ин лаҳҷаҳо дида шавад ҳам, вале асар ба забони адабии тоҷик навишта шуда, дар услуби нигориши муаллифон таъсири забону гӯйишҳои минтақа мушоҳида мешавад. Ба ибораи дигар вижагии забони асар як гунаи этнолекти тоҷикии забони шуғнониро инъикос мекунад.

«Таърихи Бадахшон» асари таърихӣ буда, вожаю истилоҳоти гуногуни таърихиро дар бар гирифтааст.Дар асар оид ба дастгоҳи идораи маъмурӣ,ғуломфурӯшӣ, шаклҳои моликияти замин, меросият, андозгирӣ, қисми асосии рентаи замин, сохтори иҷтимоӣ – иқтисодӣ маълумоти муфасал дода щудааст.

1.Луғати маъмурӣ ва қишрҳои иҷтимоӣ. Ин қабати истилоҳу вожаҳо вобаста ба сохтори маъмурии Шуғнон ва ҳокимияти шоҳони минтака дар асар ба кор бурда щуда, номи мансабдорони қишри маъмурӣ ва мазҳабиро дар бар мегиранд. Дар байни инҳо табақаҳои шоҳӣ ва динию мазҳабӣ ҷудо мешаванд: шоҳ, шана, мир, ақсақол, акобир, қушбегӣ, девонбегӣ,лашкарбошӣ, қозӣ, саркорбошӣ, арбоб, навкар; сайид, пир, раъият

Шоҳ – подшоҳи мулк, султони мулк. Дар “Таърихи Бадахшон” нисбати шоҳони Шуғнон бештар кор фармуда мешавад.Вожаи асили ориёист. Оид ба пайдоиши он дар осори илмӣ маълумот оварда шудааст. Шакли қадимаи он аз хšауа- и эронии қадим мебошад, ки ҳанӯз дар матнҳои форсии қадим ба кор бурда шудааст. Калимаи “шоҳ”(шаҳ) дар дар забони адабии тоҷикӣ дорои тобишҳои нави маъноӣ гардидааст ва ибораҳои

зиёди маҷозӣ низ бо ҷузъи он таркиб ёфтаанд. Инчунин дар таркиби калимаҳои мураккаб низ бо маъноҳои маҷозӣ ба кор бурда мешавад (шоҳасар, шоҳроҳ, шоҳпул, шаҳбол ва ғ.), бо пешванду пасвандҳои гуногун низ маъноҳои гуногунро ифоада мекунанд (шоҳӣ, шоҳона ва ғ.).

Дар асар ин калима дар шакли шаҳ :дучор меояд: Дар ин байн чанд муддат гузашта, кадоме барои шаҳи Шуғнон бардурӯғ гуфта... Ҳар гоҳ ҷудо-ҷудо хоб мекунем, мо ҳар дуро шаҳи Щуғнон ҳалок мекунад. (67)

Оқподшоҳ – подшоҳи Руссия, тарҷумаи ибораи русии “Белый царь” мебошад.

Якуним сол ба истиқомат кардани началник гузашта, ки аҳвол омад кӯҳистони Бадахшонро Оқподшоҳ ба ғайр аз Помири Шарқ, дастархон барои амири Бухоро бахшида дод.[3,116]

Аз рӯйи асар маълум мешавад, ки шоҳони Шуғнон занони никоҳӣ ва ғайри никоҳиро чун канизакон дар дарбори худ нигоҳ медоштанд, ки онҳоро зани қумо меномиданд. Фарзандоне, ки аз занони қумои щоҳ таваллуд шуданд, онҳоро шаъна мегуфтаанд.

Ва ӯро дувоздаҳ зан никоҳ будааст ва қимо (қумо) яъне каниз бисту ҳашт зан, ҷамъ чиҳил зан дар ҳарами худ доштааст (48).

Воҳиди луғавии шана (ẋāna) дар заминаи забони шуғнӣ арзи ҳастӣ карда, аз вожаи шоҳона ба маънои “мансуб ба шоҳ” мебошад. Муқоса шавад: баҳона дар шуғнӣ шакли бана- ро гирифтааст.Илова бар ин, шаҳна ҳмчун калимаи арабӣ ба маъноҳои “посбони шаҳр”, “миршаб”, “доруға”, “сардори шабгардон” ба кор бурда шудааст.

Ҷамъ ҳашт писар аз шаҳ Абдураҳимхон будааст ва қимо (қумо) яъне шана бисёр аз бисёр дошт(48)

Вожаи қумо (дар ибораи зани қумо) бо калимаи қама ба маънои «аз озодӣ маҳрумшуда» “каниз”робита дорад.

Вожаи мир дар “Таърихи Бадахщон” хокми минтақае аз шоҳигариро ифода мекунад. Ин воҳиди луғавӣ щакли ихтисоршудаи амир буда,дар фарҳангҳо чунин маънӣ щудааст: 1.лақаби сайидҳо, 2.ҳокими ягон вилоят,3. мансаби маъмурию ҳарбӣ(мирщаб, миршикор) 4. ҳокими шаҳр, раиси шаҳр[5].

Ва мухтасар кунем, ба ҳузури мири Қундуз расиданд. Мири Қундузро нофор ҳукм дода, ки ба сари дарвоза бимонед (51).

Бий – яке аз рутбаҳои олӣ дар аморати Бухоро

Ва Акбархонбий аз насли шаҳҳои Шуғнон ба Хоруғ Ҳокммулкӣ омада, аз шуғнон то ҳадди Вахон бародари худ Мансурхонро ба Ғорону Ишкошим то Вахон им карда фиристонд ва худ дар шаҳри Хоруғ қаролр гирифт(116).

Табақаи динӣ – мазҳабиро сайидҳо, пирҳо ва халифаҳо ташкил медиҳанд. Ба табақаи сайидон онҳое худро дохил мекарданд, ки аз хонаводаи пайғамбар бошад ва шаҷарааш ба Муҳаммад (с) мерасад.

Магар деҳқононе, ки аз наслу насаб сайиду авлод буданд, аз фурӯхтан ва борҳои ғайра додан озод буданд(50).Аммо мукофоти он заминро солиёна ҳар тирамоҳ аз он сайидони замин додагӣ .....бад-ин тариқ солиёна аз он сайидон , ки замин ба онҳо дода буд, мегирифтанд (51).

Вожаи Пир дар фарҳангҳо маъноҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Яке аз маъноҳои он муршид, раҳнамо, шайхе, ки ба худ мурид ва эътиқодмандон мегирифт. Дар ҷамоати исмоилияи Бадахшон пирҳо раҳнамои пайравони мазҳаб буда, бо Имоми Замон алоқаманд буданд. Халифаҳо ҳамчун сохтори муайяни ниҳоди (институти) пирҳо буданд.

Истилоҳи халифа дар фарҳангҳо ҳамчун истилоҳи динӣ «лақаби подшоҳони ислом, ки ноиби Муҳаммад пайғамбар(с) ва пешвои мусулмунон маҳсуб мегаштанд» шарҳ дода шудааст.

Шоҳҳусайн ханда зада, он хати ҷандролро ба халифа Қадамшо нишон медиҳад, ки лашкари рус ба Щохдара пур шудааст (с.108).

Эшон- рӯҳонии намоён, шайх, мулло, ки гузаштагонаш ҳам ба ҳамин табақа мансуб бошанд, лақаби шайхон, муллоҳо ва хоҷагони калон.

Пас он аҳвол чунон аҳвол шуд, ки Абдулғаёсхон омада ҳароҳи эшони Шохдара ва эшони Сучон бо ҳам маслиҳат карда, ки аризаро, ки ба хокими Қалъаихум мекунед, ба ҳузури ман оварда, ман ҳам онро муҳр карда,ба дасти одами шумоён дода, мураххас мекунам(137).

Уроқ – яке аз унвонҳои фахрӣ, ки аз тарафи дарбори амир ба донишмандон дода мешуд (5,371).

Ва эшонҳое, ки мурид доштанд, яъне Юсуфалишоҳ ва монанди он, ҳар чанд эшонҳое, ки дар Шуғнон буданд, ба онҳо мансаби уроқӣ, дода, дар сол аз амири Бухоро барои ҷамъи амалдорони Бадахшони кӯҳӣ аз уроқҳо, мирохӯрҳову қарвулбекиҳо ва ҷебачиҳо хилъат омада.

Истилоҳоти дигари маъмурию низомӣ.

Қушбегӣ – шахси дуюм дар идораи шоҳ маҳсуб меёфт, корҳои идорию давлатӣ дар дасти ӯ буд. Ин калима аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст: қуш бегӣ. Куш - дар хонигарихои Осиёи Миёна андозаи замини зироатӣ буд, ки ба 40-50 таноб (10-12 га) рост меомад. Қушбегӣ дар ибтидо ба заминҳои зироатӣ сару кор дошт. Вожаи бегӣ аз ҷузъи бек шакл гирифта, маънои «идораи бек»-ро дошт. Дар бораи пайдоиши калимаи бек ақидаҳои гуногун мавҷуданд.Дар аксари фарҳангҳо ин калимаро чун вожаи туркӣ нишон додаанд. Дар «Таърихи Бадахшон» ба ҷойи он калимаи вазир ба кор рафтааст.

Аммо номи шаҳӣ аз шаҳи Шуғнон буд, магар ҳоким Шуғнон Муҳаммадкарим буд, чаро ки ҳам вазири шаҳи Шуғнон буд ва ҳам девонбегӣ буд [3,61].

Девонбегӣ – мансабдори қисми молиявӣ ва хоҷагӣ, мансабдоре, ки ба дахлу харҷи дарбор машғул мебошад

Шаҳи Шуғнон он шабро рӯз карда ,баромада рост ба хонаи девонбегӣ рафта тамошао мекард, ки девонбегӣ Муҳаммадкариро монанди ош қима-қима кардаанд… [3,61].

Ишағабошӣ – ба маънои раиси ташрифот дар аморати Бухоро ба кор бурда мешуд. Намояндагии аморати Бухоро дар минтақа ба шумор мерафт.

Ба соли дуюм Эшонқул ишағбошӣ ба Рӯшон мулкӣ шуда қарор ёфт [3,116].

Чеваҷӣ – номи яке аз мансабҳои поёнӣ дар аморати Бухоро, сардори қаровул ва дидбонҳо …ва ҷевачиҳо як ҷома, дувоздаҳ газ дастор, панҷоҳ танга. [3,161].

Лашкарбошӣ – сардори сипоҳ, сардори ҳарбии дарбори шоҳ, ки ба корҳои низомию ҳарбӣ машғул мешуд.

Мирохӯр- маъмур ва мутасадии аспхона (яке аз мансабҳо дар дарбори амирони Бухоро)

Мингбошӣ – унвони ҳарбию маъмурӣ, ки дар Осиёи Миёна ва дар Эрону Хуросон ба сардори ҳазор саворaи ҳарбӣ итилоқ мешуд.

Ва мирохурон, яъне мингбошиҳо, ҳар чанд, ки дар Бадахшони Кӯҳӣ буданд, як чакман болопӯш, сездаҳ газ дастор, саду сӣ танга бухорӣ [3,161].

Тура – 1. унвони валиаҳдон – фарзандони амирони Бухоро 2. Унвони эҳтиромии эшонҳо, 3. Унвони амалдорони ҳукумати полшоҳии рус дар Туркистон 4. Маҷ. Мансабпараст, калонгир [5.361].

Дар асари мавриди назари мо ба маънои унвони амалдорони ҳукумати подшоҳии рус омадааст.

Ва дар соли гӯсфанд дар моҳи июли ҳиҷрӣ , мелодӣ 1894 буд, Бинковс тӯра ҳамроҳи камтар фавҷ омада дохили шаҳри Хоруғ шуда , ьқарор гирифт ва ҷойи иморат талаб

карда. [3,115].

Қаровулбегӣ - сардори посбонони дарбори амирони Бухоро.

Ва қаровулбегиҳо як ҷома, дувоздаҳ газ дастор, саду сӣ танга бухорӣ. [3,161].

Қозӣ – судья, аз рӯйи қонунҳои шариат амал мекард.

Аммо дар он се рӯзи ид ба ҷуз аз мингбошиҳо ва эшонҳову қозиҳо ва оқсақолҳову навкария, яъне қаровулбегиҳо ва ҷебачиҳо, ба каси дигар хӯрок надод [3,118].

Саркорбошӣ – сардори корҳо дар заминҳои шоҳ ҳангоми ҷамъоварии ҳосил аз заминҳои шоҳ дар тақсими он ширкат меварзид.

Ақсақол (Оқсақол)– сардори ҷамоати деҳот,махалла ки аз якчанд деҳа иборат буд.

Миршоҳ аз оқсақолони худ маслиҳат пурсид, ки шумоён чӣ мегӯед, ки ман ҳамоҳи Абдулазиз аҳд карда будам…..

Оқсақолони Бадахшон ҷавоб доданд, ки Абдулазизхон худ аҳдшиканӣ карданд 3,45].

Арбоб – ёрдамчии ақсақол, калони деҳа, ё ягон маҳаллаи шаҳру ноҳия

Ва бори подшоҳӣ аз раъият бад-ин тариқ гирифтанд, ки ҳар кадом раият, ки ба маърифи оқсақолу арбоб ҳарчанд тухмбар кам, ё туғрии замини худро гирифта иқрор намуд… [3, 94].

Амлокдор – соҳиби замин, замидори калон, мансабдори андозгиранда аз амлок дар аморати Бухоро.

Ва як нафар амлокдор дар шаҳри Хоруғ қарор дод вап иморат қурған кашида, дарвоза нишонданд. …..[3,117].

Навкар – аъзои дастаи ҳарбии шоҳон ва мирон,ки на танҳо дар ҷанг иштирок карданд, балки дар рӯзҳои осоишта низ ҷамъоварии андоз ва тартибу низомро назорат мекарданд.

Бинобар щунидани ин аҳвол Амирбек ҳамроҳи чанд навкари худ Роҷқалъаи Шохдараро монда, ба қалъаи Барпанҷа омада, ба қалъаи Барпанҷа омада, Муҳаббатхон ва Юсуфалихон ҳамроҳи акаи худ Амирбек маслиҳат ба миён монданд…..[3,117].

Акобир - калонон, бузургон, аъён.

Баъд Муҳаммадазим ном аз акобирони Баҳшор аз шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон дуо талаб карда, барои ман дуо дода, як бор ҳарифро мкарда, камони худро ба рӯи душман холӣ кунам. [3,65].

Панҷа – воҳиди ченаки ҳудуди маъмурӣ.

Чунончи, даҳ рӯз панҷаи Шохдара харҷи миру рус гӯсфанду равган дода буд, даҳ рӯз панҷаи Ғунд дода, ҳашт рӯз панҷаи Поршинеф.

2. Лексикаи заминдорӣ

Қуш – зиёфат, меҳмонӣ, андозаи замини зироатӣ, ки дар мавсими деҳқонӣ бо як ҷуфти гов кор карда мешуд.

Ва аз ҳузури сардор шаҳ ҳамроҳи оқсақолону навкарон мураххас шуда, ба қӯши худ ба ЗаҒирчӣ баромаданд ва харҷу хӯрданиро диданд, ки аз ҳар гуна таом тайёр аст, ҳозир карданд. [3,82].

Хироҷ – андоз, бо роҳи зӯрӣ исломро паҳн карда андоз мегирифтанд.

Ушр – андози худихтиёрӣ, аз аҳолие, ки исломро қабул кардааст.

Ва Гулзорхон раиятпарвар буд, касеро озор намедод ба ҷуз аз ушри замин ва никоҳпулӣ чизи дигар раиятро чандон озор намедод [3,94].

Бор – андози замин

Пут - андозаи ченаки вазн.

Пут гандум шаш танга, пут ҷав яксӯм, лашак –пут чаҳор танга, коҳи ришқа агар дарзаи калон буд, се дарзаро як дарза ҳисоб кардан два агар майда буд, панҷ дарзаро як дарза ҳисоб карданд, дарза се пулӣ. [3, 121].

Пис – воҳиди андоз аз замин

Аммо кам аз ду пис нагирифтаанд [3, 104].

Тухмбар - воҳиди андоз аз ҳосил

Миқдори шаш улоғ тухмбар аз боғ то замин ва як сер тухмбар аз ҳавлӣ то иморати ободонӣ, ҳамаро хонаи падарии Устошанбеи Роҷқалъа бароварда, қарор додаанд [3,120].

Кафш – воҳиди андоз аз замин

Анбун – воҳиди андоз аз замин

Сер – воҳиди андоз аз ҳосил

Тоқӣ - воҳиди андоз аз ҳосили замин

Аз ҷиҳати ин ба сер ҳафт тоқина панҷ сер гандум як рупия, як аспи миёна понздаҳ рупия…..[3, 105].

Қулоч – воҳиди масофаи дарозӣ

Ва агар кадоме ба тортиқбачӣ карданд, дусад рупия, ду чакмани навқулочӣ, ё қичқори калон, ё бузи калон тортиқ дода, то ҷибрчӣ шуд [3, 117].

Мол – чорвои майдаи шохдор

Молиёти деҳқонро ба чунин арзонӣ дар никоҳпулӣ ва боқиётпулӣ гирифтаанд. [3,105].

Паймона – воҳиди андоз аз ғалла

… деҳқони бечора як паймона ғалларо дар он холӣ мекард, аз як тараф он монанди об мерафт ва тарафи дигар пур нашуда нима монда [3,105].

Барот – санади андоз

Агар як рӯз ҳезумро бор кард, рӯзи жигар коҳро бор карда, ҳама бепул ва гӯсфандро баротӣ гуфта, шикан карданд [3,104].

Пули боқиёт - як намуди андоз

Аммо то ба тайёр кардани пули боқиёт ду баробари он қӯшӣ гирифта аз ғӯсфанд то равған ҳар чанд равғану фарбеҳ буд,…. [1,104].

Мосал – нозири андоз

Касе нотавону камбағал буд, аз ҷиҳати қимат будани пул хонаи падари худро фурӯхта , сесад тангаро мавҷуд карда, оварда ба мир супорид ва бист танга касе ки мосал буд, он мосалона мегирифт.[3,119].

Подшоҳӣ – намуди андоз баро пур кардани хазинаи шоҳигарӣ ситонда мешуд.

Ва кадоме, ки аз деҳқонон писари худро аз нав ихтиёри кадхудо кардан буд, қозӣ як коса равған ҳаҷи худро гирифта ва ҳафт рупия нав никоҳ гуфта, қозӣ ба подшоҳӣ гирифт [3,94].

3, Лексикаи низомӣ

Ҷарнайл – маъмури низомӣ, аз вожаи англисии jeneral маншаъ мегирад.

Карнайл – маъмури ҳарбӣ, аз вожаи олмонии Kapral маншаъ гирифтааст, ки дар артиши як қатор кишварҳои Аврупо, Аргентина, Канада, Австралия ҳамчун рутбаи ҳайати хурди сардорӣ ба кор бурда мешавад.

Каминдон – шояд шакли таҳрифшудаи истилоҳи қумандон ба маънои командир бошад.

Муддати ҳашт моҳ Ҳоҷихон ба Шуғнону Мирманзаршоҳ ба Рӯшон ҳокимӣ карданд, ки охирон моҳи тирамоҳ, қариби зимистон аҳвол омад, ки ҷарнайл ба маърифати карнайл ва каминдон ҳамроҳи шашҳазор нафар фавҷ ба ҷанги Щуғнон дар Зебок расиданд [9,90].

Тупхона – иншооти мудофиавӣ

Фурсат ьа лашкар ҷамъ намудан наёфтааст, аммо тӯпхонаҳоро гирифта, дарвозаро маҳкам карда, ба назорати душман камин карда, ором гиртфтанд.

Баъд аз тӯпхонаҳо вақти мурғбонг хотирҷамъ шуда, фарозер омаданд [3.55].

Пайра – посбон, қаровул.

Дар муддати ҳафт рӯз ащғоли шаҳро ба Файзободи Бадахшон расонида, пайра дар болои онҳо муқаррар карданд [3,84].

Ясавул , Ясовул – хидматгори дарбори амир, ҳоким, шаҳ, ки чӯб ва яроқ гирифта, тартиб нигоҳ медошт ва дар сафар ҳамроҳи мекард.

Ясавулбошӣ - сардори ясавулон дар дарбори ҳокимон.

Додхудои Сучонӣ ва Марсеи ясавулбошии шаҳро ҳам ба болохона талабида, мазкурон баромада, аз ақибу чапи сардор истодаанд [3,84].

Хосадор – сарбозон аз қабилаҳои афғон, ки хизмати худро ба ивази маоши муайян ан ҷоммедоданд.

Дафдор – унвони вазифаи низомӣ, сардори гурӯҳи муайяни ҳарбӣ.

Садбошӣ – унвони маъмурии ҳарбӣ, сардори сад нафар сарбоз.

Вақте ки щаҳ Юсуфалихонро, сардори Абдуллоҳҷон тарафи Кобул фиристонид, адади сад нафар хосадор ҳамроҳи дафдор, ҳамчунин садбошии калон, он сесад нафар ба қалъаи Барпанҷа муқаррар намуда, фиристонид [3.86].

Кифтон – мансабдори ҳарбии афғонон.Эҳтимол бо калимаи русии капитан, ки бо capitaneus-и лотинӣ ба маънои «пешоҳанг», «пешрав» алоқаманд буда, ба забонҳои Афғонистон низ ворид гардида, шаклан тағйир ёфтааст.

Ва дар соли мори ҳичрӣ , милодӣ 1888 буд, ки кифтон ҳамроҳи панҷоҳ нафар сипоҳи афғон аз ҷиҳати гирифтани роҳи рус тарафи Помир баромаданд [3,106].

Биркат – рутбаи ҳарбӣ дар артиши ҳамондавраи Афғонистон, генерали бригада, «бригадный генерал».

Дар ҳамин кашокаш буданд, ки аз тарафи ьсардор Абдуллоҷон аз Бадахшон ба роҳи Шева биркат омада, берун аз қалъа фаромада, ба меҳмонхонаи шаҳ омада, бо ҳам мулоқот шуданд. [3, 80].

Тирум – табли ҷанг. Вожаи тирумб дар забони шуғнонӣ ба маънои «овози дастаи мусиқии нафасӣ, ки ҳангоми қадамзании низомӣ» ичро мешуд.Манбаи он вожаи тромбон ба маънои номи яке асбобҳои мусиқии дастаи нафасии ҳарбӣ мебошад.

Тирум кашида ҷанг давом карданд [3, 96].

Началик – сардори дастаи низомиёни рус, шакли тағйир ёфтаи калимаи русии начальник «сардор»

Ва ба тамошоҳгоҳ началик ҳамроҳи фавҷи худ….. ба тамошо ҳозир шуданд [3,117].

Ҳамин тариқ, дар «Таърихи Бадахшон» гуруҳҳои гуногуни истилоҳот мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки ба мазмуну мундариҷаи асар алоӯаманданд. Аз рӯйи мансубияти забонӣ вожаю истилоҳоти соҳавии асарро метавон ба гуруҳҳои зерин ҷудо кард:

1. Вожаю истилоҳоте, ки аз луғатҳои аслии забони тоҷикӣ таркиб ёфтаанд;

Ин қабати луғат бештар мансабу рутба, воҳидҳои маъмурӣ, намудҳои андоз, воҳидҳои андоз, ченакҳои замин ва дигар мафҳумҳоеро ифода мекард, ки ба замони гузашта тааллуқ дощтаанд;

2. Истилоҳу вожаҳое, ки мансуб ба забони арабӣ мебошанд;

3. Истилоҳу вожаҳои соҳавии мансуб ба забонҳои аврупоӣ, ки бевосита ба забонҳои Афғонистон дохил шуда, ба хусусияти забонҳои минтақа мутобиқ шудаанд;

4. Воҳидҳои луғавие, ки аз забони русӣ баъд аз ҳамроҳ гардидани Кӯҳистони Бадахшон ба Россия ва дар давраи барқарор гардидани

Ҳокимияти Шӯравӣ ба забонҳои минтақа ворид гардиданд ва дар таъсири вижагиҳои савтии забонҳоги маҳаллӣ ба тағйироти шаклӣ дучор шудаанд.

Таркиби луғавии «Таърихи Бадахшон» вазъи даврони гузаштаро инъикос намуда, пайдоиши истилоҳоти гуногуни соҳавии он ба даврахои муайяни таърихи ин диёр

иртибот мегиранд.

Истилоҳу вожаҳои соҳавӣ мафҳумҳоеро ифода кардаанд, ки ба тартибу низоми ҳокимиятдории шоҳигариҳои маҳалӣ алоқаманд буданд.

Гурӯҳи дигар чунин мафҳумҳо бо забт гардидани минтақа аз тарафи афғонҳо пайдо шудаанд.

Ба ҳайати аморати Бухоро ҳамроҳ гардидани манотиқи Кӯҳистони Бадахшон боиси пайдо шудани мафҳумҳои нави маъмурию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид.

Бо омадани русҳо ба минтақа мафҳумҳои нав дар соҳаи низомӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Ёдоварӣ намудан ба маврид аст, ки омӯзиши луғавии “Таърихи Бадахщон”-и Шоҳфитур ва Охон Сулаймон барои муайян намудани вижагиҳои гунаи минтақавии забони адабӣ ва масоили печидаи лексикологияи таърихии забони адабии тоҷикӣ, таъсири мутақобилаи забони тоҷикӣ ба забонҳои маҳаллии минтақаи Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Таърихи Бадахшон История Бадахшана. С предисловием академика АН ТССР Б. Искандарова. – М.: Наука, 1972.- 310 с.
2. Қурбонмуҳаммадзода (Охон Сулаймон), Муҳаббат Шоҳзода (Сайид Шоҳфитур) Таърихи Бадахшон. Таҳияи матн, пешгуфтор ва тавзеҳот Давлат Ниёзбеков ва Ҳаким Дорғабеков. – Душанбе: Сифат офсет, 2021 – 154 с.
3. Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон, Сайид Шоҳфитур Таърихи Бадахшон. Баргардони Қосум Охониёзов. – Душанбе: Сифат офсет, 2021 – 169с
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҷилди 2, Зери таҳрири С. Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. –Душанбе, 2008. – 960 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.ҷилди 2. Зери таҳрири С. Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. –Душанбе, 2008. – 945 с.
6. Элчибеков Қ., Элчибеков Қ. Анализ «Истории Бадахшана» важного источника по изучению истории социально-экономических отношений Шугнана и Рушана. Описание некоторых редких рукописей найденных в ГБАО. УЦА Высшая школа развития. Научный доклад, №13, 2021. -82с,

ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРӢ ВА НИЗОМӢ ДАР “ТАЪРИХИ БАДАХШОН”-И ОХОН СУЛАЙМОН ҚУРБОМУҲАММАДЗОДА ВА САЙИД ШОҲФИТУР МУҲАББАТШОҲЗОДА

Дар мақола вожаю истилоҳоти маъмурӣ, заминдорӣ ва низомии «Таърихи Бадахшон, ки ба мазмуну мундариҷаи асар алоқаманданд. Аз рӯйи мансубияти забонӣ вожаю истилоҳоти соҳавии ба гуруҳҳои зерин ҷудо мешаванд: вожаю истилоҳоте, ки аз луғатҳои аслии забони тоҷикӣ таркиб ёфтаанд,ин қабати луғат бештар мансабу рутба, воҳидҳои маъмурӣ, намудҳои андоз, воҳидҳои андоз, ченакҳои замин ва дигар мафҳумҳоеро ифода мекард, ки ба замони гузашта тааллуқ дощтаанд,истилоҳу вожаҳое, ки мансуб ба забони арабӣ мебошанд ,истилоҳу вожаҳои соҳавии мансуб ба забонҳои аврупоӣ, ки бевосита ба забонҳои Афғонистон дохил шуда, ба хусусияти забонҳои минтақа мутобиқ шудааанд,воҳидҳои луғавие, ки аз забони русӣ баъд аз ҳамроҳ гардидани Кӯҳистони Бадахшон ба Россия ва дар давраи барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ ба забонҳои минтақа ворид гардиданд ва дар таъсири вижагиҳои савтии забонҳоги маҳаллӣ ба тағйироти шаклӣ дучор шудаанд.

Таркиби луғавии «Таърихи Бадахшон» вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии даврони гузаштаро инъикос намуда, пайдоиши истилоҳоти гуногуни соҳавии он ба давраҳои муайяни таърихи ин диёр иртибот мегиранд.Истилоҳу вожаҳои соҳавӣ мафҳумҳоеро ифода кардаанд, ки ба тартибу низоми ҳокимиятдории шоҳигариҳои маҳалӣ алоқаманд буданд, гурӯҳи дигар чунин мафҳумҳо бо

забт гардидани минтақа аз тарафи афғонҳо пайдо шудааанд. Ба ҳайати аморати Бухоро ҳамроҳ гардидани манотиқи Кӯҳистони Бадахшон боиси пайдо шудани мафҳумҳои нави маъмурию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид. Бо омадани русҳо ба минтақа мафҳумҳои нав дар соҳаи низомӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Омӯзиши лексикаи "Таърихи Бадахщон"-и Сайид Шоҳфитур ва Охон Салмон барои муайян намудани вижагиҳои гунаи минтақавии забони адабӣ ва масоили печидаи лексикологияи таърихии забони адабии тоҷикӣ, таъсири мутақобилаи забони тоҷикӣ ба забонҳои маҳаллии минтақаи Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Вожахои калидӣ: "Таърихи Бадахшон" шаҳ, мир, сйид, қушбегӣ, ушр, девонбегӣ, оқсақол, акобир, навкар, хироҷ, мингбошӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Офаридаев Н., докт.илм.фил. сарходими шуъбаи забонҳои помирии ИИГ ба номи Б. Искандарови АМИТ. Тел.:939314032. E-mail: nazri53@mail.ru

Латипов М., унвонҷӯи шуъбаи забонҳои помирии ИИГ ба номи Б. Искандарови АМИТ Тел.:502076474.

АДМИНСТРАТИВНЫЕ И ВОЕННЫЕ ТЕРМИНЫ В "ИСТОРИИ БАДАХШАНА" ОХОНА СУЛАЙМОНА КУБОНМАМАДЗОДЕ И САЙИД ШОХФИТУРА МУХАББАТШОХЗОДЕ

Статья посвящена рассмотрению вопросов функционирования административных, земельных и военных слов и терминов в «Таърихи Бадахшон», связанные с содержанием произведения. По языковой принадлежности отраслевые слова и термины разделяются на исконные таджикские термины, которые относятся к должностям, званиям, различным видам налогов, единицам налогов и меры, отражающим понятия прошлого региона, арабские термины и слова, тюркские термины, отраслевые термины и слова заимствованные из европейских языков в языки Афганистана, адаптированные к особенностям местных языков региона. Отраслевые термины, проникшие с русского языка относятся к периоду присоединения Горного Бадахшана к России и первых годах установления Советской власти, адаптированные к фонетическим особенностям местных языков региона.

Лексика «Таърихи Бадахшон» отражает социально – политическое положение прошлого и появление различных отраслевых терминов связанных с определённом периодом истории региона. Отдельная группа терминов связана с правлением местных шахов, другая группа отраслевых терминов связана с присутствием афганцев и вхождением региона в состав Бухарского эмирата, В связи с укреплением влияния русских в Горном Бадахшане в письменном и устном употреблении вошли слова, термины русского происхождения для выражения различных административных и военных чинов

Изучение лексики «Таърихи Бадахшон» Сайида Шохфитура и Охона Салмона важно для выявления особенностей регионального этнолекта таджикского литературного языка, определения нерешенных проблем исторической лексикологии таджикского языка, может пролить свет на некоторые вопросы отношений и взаимовлияний таджикского языка и местных языков Горного Бадахшана.

Ключевые слова: "Таърихи Бадахшон" шах, мир, сайид, қушбеги, ушр, девонбеги, аксакал, акобир, навкар, хиродж, мингбоши, налог

Сведение об авторах: Офаридаев Н., докт. фил. наук. главный научный сотрудник отдела памирских языков ИГН им. Б. Искандарова НАНТ

Латипов М., соискатель отдела памирских языков ИГН им. Б. Искандарова НАНТ

ADMINISTRATIVE AND MILITARY TERMS IN «HI STORY OF BADAKHSHAN» BY OKHON SULAIMON KUBONMAMADZODE AND SAYYID SHOHFITURA MUKHABBATSHOHZODE

The article is devoted to the consideration of the functioning of administrative, land and military words and terms in «Tahrihi Badakhshon» related to the content of the work. By language, industry

words and terms are divided into original Tajik terms, which refer to positions, titles, various types of taxes, tax units and measures reflecting the concepts of the past region, Arabic terms and words, Turkish terms, industry terms and words borrowed from European languages into the languages of Afghanistan, adapted to the peculiarities of the local languages of the region. Industry terms that penetrated from the Russian language refer to the period of the accession of Gorny Badakhshan to Russia and the first years of the establishment of Soviet power, adapted to the phonetic features of the local languages of the region.

The vocabulary of «Tairihi Badakhshchon» reflects the socio-political situation of the past and the emergence of various industry terms is associated with a certain period in the history of the region. A separate group of terms is associated with the rule of local shahs, another group of industry terms is associated with the presence of Afghans and the entry of the region into the Bukhara emirate. In connection with the strengthening of the influence of Russians in Gorny Badakhshan, words and terms of Russian origin were included in written and oral use to express various administrative and military ranks

The study of the vocabulary of «Tairihi Badakhshon» by Sayyid Shokhfitur and Okhon Salmon is important to identify the peculiarities of the regional ethnolect of the Tajik literary language, to determine the unresolved problems of the historical lexicology of the Tajik language, can shed light on some issues of relations and mutual influences of the Tajik language and local languages of Mountain Badakhshan.

Key words: «Tairihi Badakhshon» shah, peace, sayyid, ushbegi, ushr, devonbegi,

Information about the authors: Ofaridaev N., Dr. Phil. Sci. Chief Researcher of the Department of Pamir Languages at the IGN named after. B. Iskandarova NAST Тел.:939314032. E-mail: nazri53@mail.ru

Latipov M., applicant for the department of Pamir languages of the Institute of Humanities named after. B. Iskandarova NAST

УДК 7.046

БАРРАСИИ РИВОЯТХОИ БАДАХШОН ДОИР БА САНГҲО

Охониёзов В., Шакармамадов О.

Институи илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Ривоятҳо ҳамчун қисме аз фарҳангу анъанаи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ба шумор рафта, аз даврони қадим ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ то замони мо омада расидаанд. Ривоят ба унвони яке аз маъмултарин ва писандидатариин навъи эҷодиёти даҳанакии мардумӣ дар фолклори тоҷик мақоми хоса пайдо намуда, аз ҷиҳати пайдоиш ба давраҳои гуногуни таърихӣ иртибот дорад. Аз рӯи ақидаи муҳаққиқ Д. Обидов «ривоятҳо бештар дар асоси шарҳу эзоҳи этимологии калимаҳо ва тавзеҳу тафсири пиндоштҳо, тасаввурот ва нуқтаи назари мардум дар бораи деҳаҳо, мавзеъҳо, маҳалҳо, ёдгориҳои таърихӣ, ашёҳои табиат, мазору зиёратгоҳҳо, шахсиятҳои машҳури таърихӣ ва ҳамчунин дар хусуси ҳайвоноту наботот ва дигар ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд омадаанд» [6, 30].

Дар Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое интишор ёфтаанд, ки доир ба нақш ва сурат дар рӯи сангҳо, мубаддал гаштани одамону ҷонварон ба санг ва пайдоиши сангҳое, ки имрӯз онҳо ба зиёратгоҳҳо табдил ёфтаанд, маълумот медиҳанд. Дар ин мақола чанд андеша роҷеъ ба ривоятҳои марбут ба санг ё сангҳо дар Бадахшон иброз мегарданд ва алоқаи онҳо ба фаҳмиш, дарк, бовар ва эътиқоди мардуми ин сарзамин ба таври фишурда муайян мешавад.

Парастиши санг аз ҷониби маскунони сарзамини кӯҳистон ба мисли ихлос ба хоки диёру зодгоҳ ба умқи давраҳои хеле қадим рафта мерасад. Дар давраҳоипеш одамон ҳангоми сокини ягон мавзеъ шуданашон, қаблан, барои ба ҷо овардани расму оин ва маросими суннатӣ ҷоеро интихоб мекарданд, ки дар он ҷо ягон ашё ё чизе барояшон

муқаддас вуҷуд дошта бошад. Маҳз ҳамин гуна ашёҳои табиат ба мисли дарахт, чашма ва санг, ки бо намуди зоҳириашон дар назари аввал хеле аҷиб метофт, дар нисбати онҳо ихлосу эътиқод пайдо намуда, бо гузашти солҳо доир ба онҳо ривоятҳо низ пайдо шуданд.

Ба назари устоди зиндаёд, фолклоршинос Н. Шакармамадов яке аз омилҳои парастидани санг ин «...аз водиҳо ба маҳалҳои кӯҳистон дар давраҳои гуногун иҷборан фирорӣ шудани одамон аст. Санг чун болину сарпаноҳи нахустини онҳо буд:

Имшаб чи шабе? Шабаки ҷавзо имшаб,
Оби дидаюм чу мавҷи дарё имшаб.
Ҳар шаб сари зулфи ёр болинум буд,
Болини мани носуда санг аст имшаб.

Дар байти охири як варианти ин рубоӣ бошад, омадааст:

Ҳар шав, ки аз болини баланд хов мекардум,
Болини мани ғариб сангай имшаб.

Чунин рубоиҳое, ки дар онҳо санг ба болини шахси ғарибу ноосуда табдилёфтаро акс кардаанд, кам нестанд. Чун маҳалҳои кӯҳистон паноҳгоҳи мусофирони ҳар давру замон қарор гирифтаанд, ҳар санги он низ барои онҳо арзиши махсус пайдо кардааст. Онҳо ба сифати зиёратгоҳи онҳо низ интихоб шудаанд. Чаро ки онҳо идомабахши насли авлоди онҳо гаштаанд» [10, 68].

Барои сокинони манотиқи кӯҳистон ҳамчун сарпаноҳ хизмат кардани сангҳо то солҳои охири асри сипаригашта ба назар мерасид. Дар баъзе манотиқи Кӯҳистони Бадахшон мавзеъҳое бо номи Бойен ё Бойин вуҷуд доранд. Ба унвони мисол, яке аз ин мавзеъҳо дар қишлоқи Хабости ноҳияи Роштқалъа ва дигаре дар қишлоқи Дашти деҳоти Бартанги ноҳияи Рӯшон воқеъ ҳастанд, ки дар ин мавзеъҳо сангҳои азим хобидаанд ва онҳо чун паноҳгоҳ барои одамон хизмат мекарданд. Солҳои пеш хонаҳои маскунон болопӯш надоштанд ва ҳангоми боришоти зиёди борон дар хонаҳои онҳо аз шифти хона ба даруни хона об ҷорӣ мешуд. Одамон маҷбур мешуданд, ки муваққатан дар таги харсангҳои калон то ба охир расидани боришот рӯзу шабро гузаронанд ва онҳоро чун сарпаноҳ истифода мебурданд. Аз ин сабаб чунин мавзеъҳоро, ки аз сангҳои калон иборат буданду дар зери онҳо ҷойи паноҳ гудан мавҷуд буд, «Бой» ё ки «Бойин» мегуфтанд.

Аз баъзе ривоятҳо пайдост, ки барои остон (санги зиёрат) санг ё сангҳое интихоб мешуданд, ки аз санги муқаррарӣ набуда, ё ба назар аҷиб расидаанд ва ё ягон аломати ҷолибе доштаанд. Дар ин сангҳо панҷаи даст, изи сумби асп ё ягон аломати дигар нақш бастаанд ва ё онҳо аз рӯи шаклашон ба чизе монанд ҳастанд. Дар он сангу камари кӯҳҳое, ки изи пои аспу панҷаи дасти одамӣ, сурати морону аждаҳор ва дигар инсу ҷинс акс ёфта, онҳо имрӯз бо номи ашхоси бузург, намояндаҳои дину мазҳаб иртибот пайдо кардаанд, ба замонҳое тааллуқ доранд, ки инсонҳо нисбати онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, онҳоро мавриди парастиш қарор дода буданд. Нақши «Панҷаи шоҳ» аз ин ҷумла аст.

Аз рӯи ривояте омадааст, ки «дар деҳаи Баррӯшон (н. Рӯшон) як санге ҳаст калон ва дар он санг изи панҷаи шоҳ аст ва дар қадим онро остоне карданд ва вақте ки роҳ сохтанд, он остон гум шуд ва он сангро ба ҷои дигар бурданд ва он ҷоро остон карданд» [13].

Файласуф Абӯсаид Шоҳхуморов дар тар китобчаи «Памир – страна ариев» («Помир – кишвари ориён») аз хусуси осори оташкадаҳо, қурбонгоҳҳо, зиёратгоҳҳо ва манзалати онҳо дар рӯзгори мардум ақидаҳоҳояшро баён намудааст, ва мулоҳизаҳои олим дар бораи нақши панҷаи даст дар рӯи сангҳо, ки чун зиёратгоҳҳо бо унвони «Панҷаи Шоҳ» («Панҷаи Шоҳи Мардон») байни мардум эътибор пайдо кардаанд, аз ҳар ҷиҳат ҷолиб мебошанд [7, 72-84].

Дар деҳаи Дашти Андароб (н. Ишкошим) ривояте ба қайд гирифта шудааст, ки аз

чанд ҷиҳат ҷолиб аст: «Танҳо медонам, ки замоне подшоҳгардиш шудааст ва кӯч-кӯч сар шуда ва Худованд онҳоро санг кардааст. Бибӣ Некзан дар айлоқ будааст ва баъд тӯфон мешавад ва вай бо бачаву качаи хеш ва ҳайвоноташ ба лаби кӯл омада, дар он ҷо аз қудрати ҳақ бо ҳамаи онҳо санг гаштааст. Шавҳараш бошад дар поёнтар дар пушт кулвори пур аз орд санг мегардад. Дар ҳақиқат, агар гирем, онҳо аз зулми кофирон ва қинкунии онҳо ба ин диёри мо кӯчида омадаанд ва чун боз кофирон наздик шуданд, онҳо боз санг гаштаанд» [12].

Пеш аз ҳама, дар ин ривоят ба ҳодисаи таърихие ишора шудааст, ки ба давраҳои хеле қадим тааллуқ доштанаш низ аз эҳтимол дур нест. Хусусияти асотирӣ пайдо кардани мазмуни он ҳам бесабаб нест. Ин ҳолат мазмуни амиқи иҷтимоӣ доштанашро барҷаста бозгӯй мекунад. Ҳодисаҳое, ки дар ин намуди ривоятҳо тасвир шудааст, маҳз, боиси он гардидананд, ки гурезаҳо ҷойҳои душворгузари кӯҳистон – девлохҳоро паноҳгоҳи худ қарор додаанд. Ба санг табдил ёфтани фирориён, ки ин ҳодиса дар тафаккури мардуми пешин, ки танҳо хоси як халқ набуда, хусусияти қолабӣ пайдо кардааст, чандин мулоҳизаҳои дигарро ба вуҷуд овардаанд.

Яке аз нақшҳои дигари маъмул нақши суми асп дар санг мебошад, ки дар Кӯҳистони Бадахшон нисбати он миқдори зиёди ривоятҳо ба вуҷуд омадаанд. Имрӯз аксар ин нишонаҳои рӯи сангҳоро, ба мисли қисми зиёди ашёҳои табиат, ки ба номи шахсҳои бузурги таърихӣ насб шудаанд, ба номи аспи Ҳазрати Алӣ - Дулдул нисбат медиҳанд. Дар маҳалҳои гуногуни Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба ҳамаи шахсҳои таърихӣ дида, остонҳое, ки ба номи Ҳазрати Алӣ (а) иртибот доранд, аз ҳама зиёдтар мебошанд. Дар деҳаи Деҳ (н. Рӯшон) остоне бо номи «Ворҷостон» (айнан: Аспостон) вуҷуд дошта , дар ҷамоати Сежд (н. Роштқалъа) мавзеъе бо номи Ворҷбиδ (изи пои асп) ёд мешавад. Дар ҷамоати деҳоти Сохчарв (н. Шуғнон) бошад остоне бо номи Пири Нутман(д) хеле маъруф аст. Ба қавли сокинони ин деҳа дар он ҷо изи сумби аспи пири Нутман аст. Дар мавриди шарҳу тафсири ин қабил мавзеъҳо, дар баробари эътиқоду эҳтиром ба шахсияти соҳиби Дулдул, ҳамчунин эътиқоду ихлоси одамонро нисбат ба асп ҳам зери назар бояд гирифт, чаро ки аз рӯи як ривоят асп қабл аз офарида шудани одам вуҷуд дошта, ба таъбири ривояти дигар вай аз ҷумлаи аввалин ҳайвонот будааст, ки муниси одамон гаштааст.

Дар қишлоқи Вери н. Шуғнон низ ба ҳамин монанд санге вуҷуд дорад, ки дар он изи суми асп нақш бастааст. Аз рӯи ривояти мардум дар давраи қадим гӯё Ҳазрати Алӣ бо аспаш Дулдул аз он ҷо гузашта, ҷои суми аспаш боқӣ мондааст. Мардум он ҷоро ба ҳайси остон-зиёратгоҳ қабул карда, онро остони «Сумби Дулдул» ном мондаанд [8, 235].

Мундариҷаи ғоявии баъзе ривоятҳо ақидахои мухталифи мардумро оид ба ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд овардааст. Дар қисми муҳими ин ақидаҳо панду ҳикмате нуҳуфта аст. Ба ақидаи мардум иддае аз ҷонварони олами табиат аз носипосӣ ва мунофиқӣ нисбати соҳибонаш бо ҳукми Худованд ба санг табдил ёфтаанд. Чунин маънӣ аз ривояте, ки байни сокинони водии Вахони ноҳияи Ишкошим маъмул аст, ба назар мерасад. Аз рӯи он гӯё замоне саиде бо шутураш ба айлоқ рафтааст. Ногоҳ шутур соҳибашро зада куштааст. Мардум дар ҷустуҷӯи соҳиби шутур шуда, аз дур онҳоро ба сурате мебинанд, ки гӯё соҳиби шутур дар паҳлӯяш хоб рафта бошад. Наздик омада мебинанд, ки шутур ба ҳукми худо ба санг табдил ёфта ва соҳибаш мурдааст. Аз ҳамон рӯз он сангро шутурсанг номидаанд. Ин санг, ки дар мавзеи Ямг (н. Ишкошим) ҷойгир мебошад, воқеан, ба шутур бисёр монанд аст [8, 233].

Мувофиқи муҳтавои бисёре аз ривоятҳо дар аҳди бостон инсон ва ҳайвонот бо сабабҳои гуногун ба санг табдил меёфтанд, ки осор аз онҳо имрӯз ҳам дар бисёр ҷойҳо вуҷуд доранд. Масалан, хурӯсе, ки дар баландии қуллаи кӯҳе дар ноҳияи Роштқалъа мавҷуд аст, чашмаи Биби Фотимаи Заҳро, мавзеи «Чилдухтарон» дар Муъминобод ва

ё «Аждаҳорсанг» аз ҷумлаи чунин мавзеъҳо мебошанд, ки доир ба онҳо ривоятҳои зиёд интишор ёфтаанд.

Ақидаҳои анимистӣ ва тотемистӣ, ки ба воситаи ривоятҳои аз байни мардуми Бадахшон гирдомада пеши назар меоянд, бори дигар собит мекунанд, ки ин мардум бовуҷуди аз замонҳои хеле қадим дар дараю водиҳои душворгузар сукунат доштанашон бо дигар халқҳои сарзамину кишварҳои дуру наздик дар пайвастагӣ ва алоқа будааст. Ин қабил ривоятҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамрангу ҳамсанг будани ҳаёти моддӣ ва маишии мардуми Бадахшон ва баъзе халқҳои дигарро нишон медиҳанд.

Тибқи асотири қавму қабилаҳои кишварҳои дигар ҳам мор – аждаҳор яке аз образҳои маъмул будааст. Аз ҷумла, дар Африқо худои Фаро ва дар Хитои қадим олиҳаи Пангу бо намуди зоҳириашон ба мор шабоҳат доштаанд. Ғояи муборизаи қаҳрамонони асосии асотир махсусан дар осори Мисри қадим таҷассум ёфтаанд, ки дар муборизаи доимӣ байни Офтоб ва мори Апоп намудор мегардад [4, 51-54].

Ба ҳамин маънӣ байни сокинони Куҳистони Бадахшон нусхаҳои ривоятҳое, ки дар бораи «Аждаҳорсанг» тафсир медиҳанд, интишори васеъ доранд. Яке аз чунин аждаҳорсанг, воқеъ дар деҳаи Ширгини ноҳияи Ишкошим, аз қадим боз на танҳо дар Вахон, балки берун аз он ҳам машҳур аст. Аз рӯи ривоят ин санг гӯё замоне аждаҳо будааст, ки одамонро мехӯрдааст. Бо қудрати Худованд ин аждаҳоро паҳлавоне сар бурида, он ба санг мубадал гаштааст [8, 141]. Санг бо шаклу намуди зоҳириаш ба аждаҳо хеле шабоҳат дошт, лекин одамон дар тӯли солҳо ба хотири он ки сангчаҳои он ба ҳар гуна беморихо даво мебахшад, аз ҳамон аждаҳосанг пораҳоро шикаста бо худ мебурданд ва имрӯз он аждаҳосанг қисман вайрон шудааст.

Монанди ҳамин аждаҳорсанги дигар дар мавзеи Бозордараи ноҳияи Аличор, деҳаи Синдеви ноҳияи Роштқалъа ва деҳаи Вознавди ноҳияи Рӯшон воқеъ ҳастанд, ки дар бораи онҳо ҳам ба ҳамин мазмун ривоятҳо байни мардум паҳн гаштааст ва аксари он ҳодисаҳоро ба Ҳазарати Алӣ, ки мардумро аз аждаҳо халос намудааст, нисбат медиҳанд [8; 232, 246].

Дар бораи дашти Зӯрозимой, ки дар ноҳияи Шуғнон мавҷуд аст, ривояте боқӣ мондааст, ки аз рӯи мазмуни он гӯё дар замони қадим Беҳмани Кӯҳистонӣ ва амир Ҳамза дар ин ҷо бо ҳам муҳориба кардаанд ва чун ҳеҷ кадоме аз онҳо мағлуб нагаштааст, даштро Зӯрозимой ном ниҳодаанд. Дар ин дашт сангҳои кулӯлаи даҳманӣ ва аз ин ҳам вазнинтар то ҳанӯз боқӣ мондаанд, ки ҳар як паҳлавон бояд онҳоро боло мебардошт ва қувваташро месанҷид [3, 14].

Вобаста ба ин дар Ёгед (н. Дарвоз) расме барқарор аст, ки бо ривояти фавқ иртибот дорад. Дар ин деҳа санге ҳоло ҳам вуҷуд дорад, ки онро фақат дар айёми Наврӯз истифода мекарданд. Он санг сӯрохӣ дорад, ки ангушти одам дар он ҷо меғунҷад. Ба он сӯрохӣ ангушт меандохтанд ва қувваи худро месанҷиданд ва агар касе бо як ангушт онро мебардошт, ғолиб ҳисоб мешуд [11, 146].

Гурӯҳи махсуси ривоятҳои доир ба сангҳоро нақлҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо тасаввуроти қадимии одамон инъикос гаштааст. Ин ривоятҳо ба таври генетикӣ бо асотири даври қадим алоқаманд буда, баъзан тасаввуроти қадимаи одамонро дар худ маҳфуз доштаанд. Одамон тавассути чунин ривоятҳо фикру ақидаҳои худро нисбати ба вуҷуд омадани сангу кӯхпораҳои азим шарҳ медоданд. Аз рӯи мазмуни бархе аз ин ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки дар гузаштаи дур дар ин макон одамони азимҷусса мезистанд, ки бо қувваи ғайричашмдошт сангҳои даҳманӣ ё кӯҳпораро ба ҳар тараф ҳаво медоданд. Чунин ҳаст мазмуни яке аз ривоятҳо, ки гӯё боре яке аз чаҳор қаландарони машҳур - Шоҳбурҳони Валӣ болои тахтасанге, ки ҳозир ҳам дар гӯшаи мавзеи Лангари ҷамоати Теми ш. Хоруғ ҷойгир аст, намоз мехондааст. Рафиқу ҳамсафараш Сайид

Шоҳмаланг аз он соҳили дарё ӯро дида, барои шӯхӣ санги калонеро дар фалахмон монда, ба сӯи Шоҳбурҳони Валӣ ҳаво медиҳад. Санги фалахмон андаке дуртар аз Шоҳбурҳон ба замин меафтад. Он санг ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва мардуми Тем онро «виздоҷжир» (санги фалахмон) меноманд [3, 14].

Ё аз рӯи ривояти дигаре гӯё Ландаҳур аз тарафи соҳили чапи дарёи Панҷ санги фалахмонро ба сӯи Хуҷаи Хизр ҳаво медиҳад. Он санг ба Хуҷаи Хизр намерасад ва ӯ дар навбати худ бо белча хокро гирифта ба сӯи Ландаҳур мепартояд ва дар ҷое, ки Ландаҳур истода буд, он белчаи хок аз болояш ба теппаи сангин табдил ёфтааст. Он сангтеппа дар мобайни қишлоқи Наводаки Афғонистон воқеъ аст ва мардум онро гӯри Ландаҳур ном мебаранд. Ба монанди ҳамин дар байни сокинони қишлоқи Сохчарви ноҳияи Шуғнон дар бораи ду санги калоне, ки он ҷо вуҷуд доранд, ривояте ҳаст, ки яке гӯё кулоҳи Ландаҳур ва дигаре «виздоҷжир» - санги фалахмони ӯ будааст. Дар рӯ ба рӯи ҳамин мавзеъ, дар тарафи соҳили чапи дарёи Панҷ бошад сангтеппаи калоне бо номи «гӯри Ландаҳур» воқеъ аст.

Аксари кулли ривоятҳое, ки байни сокинони Кӯҳистони Бадахшон интишор ёфтаанд, хусусияти таърихӣ доранд. Лекин қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи санаду далелҳое, ки дар он ҷо зикр мешаванд, ҷавобгӯи дурусти асли воқеаву санаҳои таърихӣ нестанд. Албатта, чунин санаду маълумотҳои тахминӣ ва хилофи ҳамдигар аз салиқаю дониш ва ба муносибати шахсии ҳар як гӯянда нисбати воқеият вобаста аст. Вале қисми муҳими ҳодисаҳое, ки дар ин ривоятҳо тафсир ёфтаанд, бебунёд нестанд. Онҳо асоси воқеӣ доранд. Аз рӯи мазмуни бархе аз ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки дар даврахои пеш қисме аз сарзамини Кӯҳистони Бадахшон дар тасарруфи ҳокимони Чин будааст: «Дар соҳили баланди кӯли Суман (Яшиккул) сандуқи сангин истодааст. Он сандуқро гӯё сарлашкари чинӣ Фу Де, ки аз Синцзян ронда шудааст, бо худ ба соҳили кӯл оварда дар он симу зари ғораткардаашро пинҳон кардааст». Аз рӯи нақли дигар гӯё Фу Де, ки аз таъқибкунӣ ба ҳалокат омада буд, дар он сандуқ васиятнома гузошта, худашро ба кӯл ғарқ мекунад. Асоси воқеӣ доштани ин ривоятро гуфтан амри маҳол аст, аммо он сандуқи сангин то кунун дар ин мавзеъ мавҷуд аст [3, 30].

Дар ин гурӯҳи ривоятҳо боварӣ ва эътиқоди мардум оид ба омилу сабабҳои ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои табиат ва ҷомеа инъикос гардида, онҳо ҳамчунин, одамонро ба корҳои хайру нек ҳидоят мекунанд. Аз онҳо чунин маънӣ низ бар меояд, ки ҳар кас бояд ба молу давлати хеш мағрур набошад, зеро он дар нисбати ақлу хирад бақое надорад. Ва ё агар дили бечорагон дар муқобили ин боигарӣ озурдаву хор гардад, он бегумон завол хоҳад ёфт.

Маскунони сарзамини кӯҳистон аз даврони қадим ба воситаи сангҳо ва ё теғаи кӯҳ инчунин ҳаракати офтоб ва рӯзҳои солро муайян мекардаанд. Дар мавзеъҳои Кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз аз даврахои қадим расадхонаҳои сангин боқӣ мондаанд, ки онҳоро имрӯз «сангҳои тақвимӣ» ё «сангҳои офтобӣ» ном мебаранд. Чунин тақвимҳои сангин дар деҳаҳои Хуф, Равмед ва Савноби ноҳияи Рӯшон, водии Шохдара, мавзеъҳои Рин, Зумудг, Зугванд, Ямги ноҳияи Ишкошим вуҷуд доранд, ки аз ин бора мардумшиносон ва бостоншиносон М. С. Андреев [1, 162], И. Муҳиддинов [5, 137], М. А. Бубнова [2, 17-26] дар таълифоти худ маълумоти муфассал додаанд.

Маъмултарин тақвими сангин тақвими донишманди маъруфи охири асри XIX ва ибтидои асри XX Сӯфӣ Муборакқадами Вахонӣ мебошад. Доир ба ин тақвим профессор Н. Шакармамадов [9, 17-19], муҳаққиқон А. Шоинбеков ва Ш. Юсуфбеков [11, 35-36] дар тадқиқоти худашон маълумоти пурраро дарҷ намудаанд.

Ҳамчунин дар Помири Шарқӣ, дар ноҳияи Мурғоб тақвими сангин мавҷуд аст, ки онро «Тақвими офтобӣ» мегӯянд ва он ҳазорсолаҳо пеш аз мелод арзи вуҷуд кардааст [2, 22-25].

Ривоятҳо доир ба сангҳо на фақат хусусияти иттилоотӣ доранд, балки онҳо аз ҳар ҷиҳат баёнгари бисёр расму оин ва маросимҳои суннатии мардуми кӯҳистон низ мебошанд ва онҳо бо баъзе вижагиҳояшон бо расму оини дигар халқият шабоҳат доранд. Масалан, дар деҳаи Бароҷи ноҳияи Роштқалъа мавзеъест бо номи «Жирwеδд-дара» (айнан, сангпаронӣ дара) вуҷуд дорад. Сокинони ин деҳа дар фасли баҳор «Иди ҷӯйбори Шоҳ Бурҳони Вали»-ро қайд мекунанд. Тарзи тайёрӣ дидан ва гузаронидани ин «ид» дар таълифоти Н. Шакармамадов муфассал дарҷ гардидааст [9, 70-72] ва мо танҳо аз як ҷанбаи он ёдовар мешавем. Баъди таъмиру тоза кардани рӯдхона, ҷавонону калонсолони деҳа ба ҳамин мавзеъ мерасанд ва то ғуруби офтоб ба бозии «жирwеδак» (сангпаронӣ) машғул мегарданд. Онҳо бо навбат сангчаҳоро гирифта ба тарафи таъиншудаи баландии кӯҳ аз болои рӯдхона ҳаво медиҳанд ва санги касе ба нишон расад, ҳамон нафар ғолиби бозӣ дониста мешавад.

Чунин расм ба яке аз маросими ҳатмӣ, ки ҳангоми ҳаҷҷи муккарама дар Макка баргузор мешавад, шабоҳат дорад. Ҳоҷиён дар дашти Мино ба таври рамзӣ ҳафт дона санг ба тарафи се сутун «Ҷамрат-ал-сағрӣ», «Ҷамрат-ал-васатӣ» ва «Ҷамрат-ал-кабирӣ», ки ин сутунҳо гӯё нишонае аз шаётин ҳастанд, ҳаво медоданд. Онҳо ба ин восита ҳодисаеро аз зиндагии Иброҳим (а) ба хотир меоранд. Дар ин дашт Иброҳим (а) писари ягонааш Исмоилро қурбонӣ карданӣ мешавад ва ба тарафи Шайтон сангҳоро ҳаво медиҳад, то ки аз васвасаи Шайтон, ки ба қурбонӣ кардани писараш монеа мешуд, халосӣ ёбад.

Дар ҳар ду маврид ҳам, баъд аз сангпартоӣ дар дашти Мино дар рӯзи дигар Иди Қурбон баргузор мегардад ва ҳамчунин дар «Иди ҷӯйбори Шоҳ Бурҳони Валӣ» дар болои рӯдхона низ қурбонӣ ба ҷо меоварданд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар баъзе манотиқи ҷумҳурӣ занҳои тоҷик ҳангоми пухтани таоми наврӯзӣ суманак чунин сангчаҳоро, ки миқдорашон ҳафт адад аст, ба дег меандозанд, ки рамзи фаровонӣ ва файзу баракат ба шумор меравад. Аз рӯи маълумоти Н. Шакармамадов сангчаҳоеро, ки дар назди остон мегузоштанд, «онҳо дар ибтидо аз ҳафт дона иборат буда, ҳар яки онҳо ранги алоҳида доштаанд ва ин гуна сангчаҳо дар рӯи аксари сангҳои барои остон интихобшуда гузошта мешуданд. Ин сангчаҳо бо миқдору рангҳои худ вобаста ба ривояти оиди пайдоиши оламу одам дар рӯзгори мардум ба гузашти айём маъниҳои гуногуни рамзӣ пайдо намудаанд. Аз ҷумла, дар тасаввури қадимии одамон осмон (сипеҳр ё фалак) аз ҳафт табақа иборат буда, ҳар кадоми онҳо мадори яке аз ҳафт сайёра мебошанд ва ҳафт ранги гуногун ба ҳафт сайёра нисбат дода мешавад: сиёҳ ба Зуҳал, ҷигарӣ ба Муштарӣ, сурх ба Миррих, зард ба Офтоб, сафед ба Зӯҳра, кабуд ба Аторуд ва сабз ба Моҳ» [10, 66].

Ҳар яке аз ин ривоятҳо ва амалҳои ба санг иртиботдошта, таърихи куҳани мардуми кӯҳистонро нишон медиҳанд. Масалан, ҳангоми ҷашни Наврӯз дар Кӯҳистони Бадахшон оини «обдуздӣ» иҷро мешуд, ки тибқи он пас аз пур кардани кӯза ё ашёи дигар аз об ба даруни он сангчаҳо ва майсаро партофта, сангчаҳоро тариқи равзан ба хона мепартофтанд. Пас аз он сангрезаҳоро ба умеди серҳосилии замин ё зиёд шудани мева ва сарсабзу хуррамӣ, ба зери дарахти мевадор ё худ замини корам мепартофтанд.

Дар баробари ин дар ҷашни Наврӯз духтарон як навъи бозиро бо сангчаҳо, ки шумораашон аз се то панҷ адад буд, ба анҷом мерасонданд. Ин бозиро тарзе иҷро мекарданд, ки гӯё чорворо дохили оғил менамуданд. Ин бозӣ низ ба хотири зиёд гардидани шумораи чорво анҷом дода мешуд. Бояд қайд кард, ки танҳо дар иди Наврӯз ва ё даъвати борон ҳамин бозиро ба иҷро мерасонданд. Дар дигар мавридҳо ин намуди бозӣ манъ буд. Мардум бовар доштанд, ки агар ин бозиро иҷро мекарданд, ҳатман борон меборид. Дар айлоқҷой бошад, қатъиян манъ буд, ки бо сангчаҳо бозиро ба иҷро расонанд. Ба хотире, ки пои чорво нашиканад ё чорво несту нобуд нашавад. Дар баъзе ҷойҳо бошад, ҳангоми пухтани боҷ, яке аз хӯрокҳои маросимӣ, сангчаҳоро дар лаби оташдон, ки дар забони

шуғнонӣ онро «ҳӣнгак» мегӯянд мегузоштанд. Ин амал низ ба умеди зиёд шудани чорво ва ҳосили фаровони замин ба анҷом расонда мешуд.

Бояд қайд кард, ки суннатҳои вобаста ба санг алоқаманд таърихи қадима доранд. Дар асоси ин андешаҳо на танҳо фарҳанги қадимии халқу миллат, балки тасаввуроти мадании одамони ибтидоӣ низ ошкор карда мешавад. Дар Бадахшон натанҳо дар Наврӯз, балки ба ғайр аз он ҳам бисёр расму оинҳоро дар алоқамандӣ бо санг ба анҷом мерасонданд. Ҳар яке аз ин амалҳо таърихи куҳан ва фарҳанги волои мардумиро нишон медод. Чунин расму таомулҳои мардумӣ аз бисёр ҷиҳат ҳамрангу ҳамсанг будани ҳаёти моддӣ ва маишии мардуми Бадахшон ва баъзе халқҳои дигарро нишон медиҳанд. Онҳо бори дигар собит мекунанд, ки ин мардум, бовуҷуди аз замонҳои хеле қадим дар дараю водиҳои душворгузар сукунат доштанашон, бо дигар халқҳои сарзамину кишварҳои дуру наздик дар пайвастагӣ ва алоқа будааст.

Ҳамин тариқ, ривоятҳоро равшангари муносибаҳои таърихи тӯлонии одамон нисбати ҳамдигар ва ба олами мавҷудоте, ки онҳоро иҳота кардааст, маънидод кардан мумкин аст. Вобаста ба ин, ривоятҳо донишу биниш, марому матлаби табақа ва синну соли гуногуни одамон буда, дараҷаи дарку маърифати ашё ва ҳодисаҳои табиат ва воқеаҳои таърихиро аз ҷониби онҳо бозгӯй мекунанд. Ривоятҳое, ки доир ба ашёҳои табиат, аз қабили чашмаву дарахтҳо ва сангҳо гуфта мешаванд бо расму оинҳо ва маросими суннатии сокинони манотиқи кӯҳистон дар ҳамбастагии зич қарор ёфта, баёнгари афкори фарҳангӣ ва фалсафии мардум мебошанд. Маҳз ҳамин гуна ашёҳои табиат то имрӯз ҳам дар аксари расму оинҳои мардумӣ моҳияти муҳими худро нигоҳ дошта омадаанд.

АДАБИЁТ:

1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Вып. I-II. Переизд. – Бишкек: Джем Кей Джи. – 2020. – 776 с.
2. Бубнова М. А. Навруз – день весеннего равноденствия // Вестник Международного Института Центрально Азиатских Исследований, № 5. 2007.
3. Дурдонаҳои Бадахшон (Асотир ва ривоят). Гирдоварандагон Н. Ҷонбобоев, Ш. Муҳаммадшерзодшоев. – Хоруғ. – 1992. – 54 с.
4. Иванов В. В., Топоров В. Н. Инвариант и трансформации в мифологических и фольклорных текстах // Типологические исследования по фольклору. – М.: Наука, 1975. - 320 с.
5. Муҳиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей в XIX – начале XX века. 1984.
6. Обидов Д. Андешаҳо перомуни ривоятҳои тоҷикӣ // Фолклор, адабиёт, забон. – Душанбе: «Эр-Граф», 2004. – 144 с.
7. Шохуморов А. Памир – страна ариев. - Душанбе, 1997. – 195 с.
8. Фолклори Помир. Асотир, ривоят ва нақлҳо. Ҷ. 2. Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Н. Шакармамадов. - Душанбе: Империал-групп, 2005. - 430 с.
9. Шакармамадов Н. Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон / Н.Шакармамадов. – Душанбе: РТСУ, 2012. – 100 с.
10. Шакармамадов, Н. Остонҳо – осори таърих ва фарҳанги мардум (Таҳқиқи зиёратгоҳҳои Кӯҳистони Бадахшон). – Хоруғ: Логос, 2010, 244 с.
11. Юсуфбеков Ш., Шоинбеков А. Шогуни Баҳор. Душанбе: «Эр-Граф», 2019. – 216 с.
12. Гӯянда Мирзоева Фариштамо, 68 сола, деҳаи Дашти Андароб, н. Ишкошим. Сабти Э. Ҳочибеков, 20.10.1999.
13. Гӯянда Назардодова Моҳҷон, 82 сола, сокини деҳаи Баррӯшон, ҳофизи мардумӣ. Сабти Ҳ. Таваккалов, Н. Шакармамадов, 13.04.2000.

БАРРАСИИ РИВОЯТҲОИ БАДАХШОН ДОИР БА САНГҲО

Дар Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое интишор ёфтаанд, ки доир ба нақш ва сурат дар рӯи сангҳо, мубаддал гаштани одамону ҷонварон ба санг ва пайдоиши сангҳое, ки имрӯз онҳо ба зиёратгоҳҳо табдил ёфтаанд, маълумот дода мешавад. Аз рӯи мазмуни ин қабил ривоятҳо чунин ба назар мерасад, ки агар парсатиши сангҳо аз тарафи маскунони сарзамини кӯҳистон ҳамчун ихлос ба хоку диёри зодгоҳ фаҳмида шавад, аз тарафи дигар чунин амал омили дигареро низ дорад, ки решааш ба умқи даврахои қадим рафта мерасад. Дар замони пеш мусофирон, ғарибон ва фирориёне, ки ба ин диёри кӯҳистон макони зист ихтиёр намудаанд, санг ҳамчун сарпаноҳ барои онҳо хизмат намудаст. Бо гузашти солҳо ин сангҳо ба монанди чашмаву дарахтҳо, ки бо намуди зоҳириашон дар назари мардум аҷиб менамуданд, ба мавзеъҳои таърихӣ ва макони остону зиёратгоҳҳо табдил гаштанд. Чунин омил боиси он гашт, ки доир ба онҳо ривоятҳои гуногун ба вуҷуд оянд. Ҳамчунин, дар аксари расму оинҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон амалҳое дида мешаванд, ки бо санг вобастаанд ва онҳо низ суннатҳои мардумироаз ҳар ҷиҳат бозгӯй мекунанд.

Калидвожаҳо: ривоят, санг, расму оин, зиёратгоҳҳо.

Маълумот дар бораи муаллифон: Охониёзов В.Д. - доктори илмҳои филология, ходими пешбари илмии шуъбаи фолклор ва адабиёт Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ.

Шакармамадов О. - ходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ.

ОБЗОР ЛЕГЕНДЫ БАДАХШАНА О КАМНЯХ

В Горном Бадахшане бытуют легенды, повествующие о следах и фигурах на камнях, о превращении людей и животных в камень, а также происхождении камней, которые стали святыми местами. По содержанию подобных легенд создается впечатление, что если почитание камней со стороны жителей горной местности означает их приверженность к родной земле, то с другой стороны, такая приверженность людей имеет ещё один фактор, корни которого уходят в глубокую древность. В прошлом странникам или беженцам решившим поселиться в этом горном крае, скала служила для них убежищем. С годами эти камни, как родники и деревья, которые имели необычный вид, превращались в исторические места или в святые места. Такой фактор стал причиной того, что сегодня о них ходят разные легенды. Также в большинстве обрядах горцев Бадахшана просматриваются действия, связаные с камнями. Именно такие легенды, которые рассказывают о природных объектах, камнях в том числе, во всех отношениях отражают эти народные обычаи и традиции.

Ключевые слова: легенда, камень, обычаи и обряды, святые места.

Сведение об авторах: Охониёзов В. - доктор филологических наук, ведуший научный сотрудник Института отдела фольклора и литературы Института гуманитарных наук им. Б. Искандарова НАНТ.

Шакармамадов О. - научный сотрудник отдела фольклора и литературы Института гуманитарных наук им. Б. Искандарова НАНТ.

REVEW OF THE BADAKHAN'S LEGENDS ABOUT STONES

In Gorno-Badakhshan there are legends telling about traces and figures on rocks, the transformation of people and animals into stones, as well as the origin of stones that became sacred places. Based on the content of such legends, it seems that if the worship of stones by the inhabitants of mountainous areas means their regard to their native land, then on the other hand, such regard of people has another factor, the roots of which go back to ancient times. In the past, for wanderers or refugees who decided to settle in this mountainous region, the rock served as a refuge for them. Over the years, these stones, like springs and trees that had an unusual appearance, turned into historical places or holy places. This factor has become the reason that today there are various legends about them. In addition, in most of the rituals of the mountaineers of Badakhshan, actions related to stones are visible. It is the same legends

that tell about natural objects, including stones, in all respects reflect these folk customs and traditions.

Keywords: legend, stone, custom and tradition, sacred places.

Information about authors: Okhoniyozov V. - Doctor of philological sciences, leading researcher of Department of folklore and literature of the Institute of humanitarian sciences named after academic Bahodur Iskandarov of NAST.

Shakarmamadov O. - researcher of Department of folklore and literature of the Institute of humanitarian sciences named after academic Bahodur Iskandarov of NAST.

ТДУ: 124.16.21

АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОИИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Раҳмонова Б.

Донишгоҳои байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Дар таърихи ҷаҳонбинии миллӣ ва вижагиҳои матраҳсозии тафаккур донишманд ва шоири қарни Х1Х тоҷик Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нақши муассире бозидааст. Муҳаммадҳусайн мутахаллис ба Ҳоҷӣ соли 1868 дар деҳаи Қарақамиши Кангурти Хатлон дар оилаи мирохур Раҳим ибни Зокирдевонбегӣ ба дунё омадааст. Гузаштагони Ҳоҷӣ аз деҳаи Дашти Канаки Сарихосор буда, дар қишлоқи Тутқаволи Кангурт умр ба сар бурдаанд. Ҳоҷӣ Ҳусайн саводи ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифтааст. Баъд ба шаҳри Бухоро рафта, дар мадрасаҳои Турсунҷон ва Рашид таҳсилашро идома медиҳад. Шоир илмҳои расмии замонаш, сарфу наҳви забони арабӣ, фасоҳату балоғати шоирӣ, инчунин ҳунарҳои лаввоҳи, тарроҳи, саҳҳофи, наққоши, муҳркани ва хат- тотиро мукаммал аз бар кардааст[1].

Ҳоҷӣ_Ҳусайни_Кангуртӣ Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳангоми таҳсил ба шахсиятҳои шинохтаи илму адаби Бухоро, чун, Ҳоҷӣ Рафеъ Садри Зиё, Ҳомидхоҷаи Ҳомид, Мулло Бурҳони Муштоқӣ рафтуомад ва муносибати дӯстӣ дошт. Ӯ баъди таҳсил ба ҳаҷ меравад ва се сол дар Арабистон мемонад. Ӯ дар мамлакатҳои Фаронса, Ҳиндустон ва Эрон низ мусофират доштааст. Аксар ҳамватанони мо бо эҷодиёти мавсуф дар замони соҳибистиқлолӣ ошно шуданд. Чунки дар даврони Шуравӣ табъу нашри осори бисёре аз андешамандон мамнуъ буд ва дастрасӣ ба онҳо мушкилӣ эҷод менамуд. Бинобар ин, Ҳоҷӣ Ҳусайнро аксар кӯҳансолон то кунун намедонанд ва бо осори ӯ ошноӣ надоранд. Ҷиҳати матраҳсозии андешаҳои иҷтимоии донишманд куллиёти шоирро дастрас намуда, бобати пажӯҳиши андешаҳояш камари ҳиммат бубастем.

Куллиёти мавсуф соли 1998 дар нашрияи “Ирфон” интишор гардида, ба ҷуз ғазалиёту қасоид, боз номаҳои мусаннифро дар бар мегирад. Масалан: “Ба яке аз муҳиббон тарқим шуд”, ҷои дигар: “Ба яке аз фузало дар тасаллои хотир марқум шуд” ва ғайра. Ҷиҳати пажӯҳиши осор ва таҳқиқи афкори номбурда доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, рӯзноманигорон Абдуқодири Раҳим ва Давлат Сафар машғул гардида, ба таври бояду шояд мақолаҳо пешкаши хонандагон намудаанд. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ Муҳтарами Бухороӣ дар мавриди фасоҳати шеъри шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ андешаашро баён намуда, ӯро аз зумраи “сухансанҷи волофитрату нуктарасу нозуктабиат” номидааст. Ба қавли Амирхуҷа Абдураҳимӣ зиндагии ӯ ба дурустӣ таҳқиқ нагардидааст ва он тасҳеҳро мехоҳад[2, с.8].

А. Маҳмадов маҳз баланд будани афкори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро ба инобат гирифта зикр менамояд, ки: «Эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн бояд бе шакку шубҳа, ақаллан баъди дарёфти истиклолияти сиёсии Тоҷикистон ба барномаи таълимӣ ворид мегашт»[3, с.131].

Бояд гуфт, ки соли 2007 дар барномаи таълимии адабиёти точик дар мактабдои

миёнаи х,амагонӣ омӯзиши рӯзгор ва осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ворид гардидааст. Абдулқодири Раҳим низ дар мавриди осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ андеша намуда, зикр мекунад, ки: “Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, дар ҳақиқат, ба омӯзишу пажӯҳиши махсуси илмиву адабӣ ниёз дорад. Ҳанӯз бисёр паҳлуҳои рӯзгору кору эҷоди ин шахсияти маъруф омӯхтаву пажуҳиш нашудаанд” [4].

Бояд гуфт, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ муҳитро хуб дарк намуда, дар аксар мавридҳо бобати ошкор кардани хусусиятҳои он иқдом намудааст.Назари мавсуф ба иҷтимоъ ва хусусиятҳои ахлоқии ҷомеа, ки дар он шоири тоҷик иқомат дошт, нигаронкунанда мебошад. Агар ба тасвирҳои шоир назар кунем, хулоса хоҳем кард, ки шоир аз муосиронаш дилсард буду бо онҳо чандон эътимод надошт. Чунки номбурда дар ғазалиёташ орифу оммии ҷомеаро зеои тозиёнаи танқид гирифта, нохудогоҳии ононро омили асосии инҳитоти маънавӣ маҳсуб мекунад. Масалан, ин мисраъҳо:

Аз сӯҳбати золимнафасон фитна барояд,
Оташ ҷаҳад аз теғ, чу гирад ба фасон баҳс.
Бо мавлавӣ натвон шудан имрӯз муқобил,
Ҷуз ҳарза надорад дигар он сафсатахон баҳс[5, с.94].

Яъне, зимни суҳбат бо мақомдорону амр ба маъруфкунандагон бӯйи фитна меояд ва агарчи алайҳи мавлавӣ- муллоҳои давр сухан гуфтан имкон нест, бо вуҷуди он баҳсу мунозираҳо қолабӣ ҳастанд ва ҷуз ҳарзагӯйӣ чизе нестанд.Масъалаҳои иҷтимоӣ дар фазои андешаҳои шоир вобаста ба замон инъикос меёбанд. Раҳмон А. ҳангоми таҳлили маърифати замон ва макон дар насри бадеӣ оид ба робитаи замонҳо чунин менигорад: «Замонҳои бадеӣ ва фалсафӣ дар якҷоягӣ дар таснифоти фаъолиятмандии инсон ва равшан намудани шахсияти вай аз оғоз то анҷом иштирок намуда, барои падид овардани ҳақиқати иҷтимоӣ ва таърихии давраи мушаххас ба санъаткор хидмат мекунанд» [6, с.15].

Ҷои дигар шоири воқебин менигорад:

Мадеҳ ризо, ки занад бӯса зери пот рақиб,
Ки кас чигуна ниҳад бар даҳони мор ангушт[5, с.89].

Бо вуҷуди ин ҳама бесарусомонӣ, шоири ширинкалом ва воқебин дурандеш асту айбҷӯйиро ба хеш муносиб намебинад. Дар тасаввури ӯ, он кӣ айби худро дида тавонист, бар дигарон намеафтад, чунки айб ҷустани аввом дар натиҷаи ғафлат аз худ пайдо мешавад. Таваҷҷуҳ кунед ба ин байт:

Ҳоҷиё, некӯтарини мардумон донӣ, ки кист?
Он ки айби хеш диду аз касон нодида рафт[5, с.76].

Аҷиб ин аст, ки зимни баррасии нуру зулмот, Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ рӯзу шабро муқоиса карда, нотавониҳои рӯзро шабҳангом алорағми он ҳақиқат тасвир менамояд. Ба андешаи ӯ, омили равшанороии инсон дар табиати ӯст, вагарна дар ҳеҷ сурат одамӣ майл ба қудратдорӣ нахоҳад кард. Намебинед, ки рӯзона осмон ҳамаро равшан мегардонад ва моҳ шабро:

Нотавононро ба хилват дастгоҳи дигар аст,
Чеҳраи сайёрагон аз парда шоён кард шаб.
Синаи бикшода аз гарди кудурат форағ аст,
Осмонро баҳри рӯзу моҳ тобон кард шаб[5, с.53].

Ҳар як эҷодкор фарзанди замони худ буда, ба воқеаҳои замони гузашта аз нуқтаи назари муосирони худ ва аз нуқтаи назари имрӯзу фардои замонааш менигарад. Дар навбати худ тасвири вазъи таърихии як давра аз нависанда дониш ва малакаи хосро тақозо менамояд. Факат дар ҳамин сурат манзараҳои амиқи зиндагонии як давраи таърихӣ, тафаккуру руҳияи мардумро дуруст нишон дода метавонад ва тарзи тафаккури

мардумро мисли як одами замон пеши назар оварда, онро инъикос намояд.

Аллома Иқболи Лоҳурӣ ҳаводиси инсонро дар тӯли умраш ин гуна матраҳ менамояд: «Таърихи зиндагии фард дар маҷмӯъ он ваҳдате аст ва танҳо як ришта аз ҳаводис нест, ки ба шакле носозгар ба якдигар баста шуда бошанд» [7, с.82].

Гузашта аз ин, дар таълимоти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тафаккури ирфонӣ мавқеи шоиста дошта, муаллиф бештар бехудиро омили худорӣ мепиндорад, вале ирфони шоир аз дигарон тафовут дошта, интиқоди муҳит ва ҷомеа дар он бештар ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар мисраъҳои зер шоир кӯшидааст то ишқро мавриди баррасӣ қарор дода, аз он натиҷагир бошад:

Зи гармиҳои шамъи ҳусни базморои ин маҳфил
Пири парвонаи моро саропо гулхан аст имшаб.
Хумори бехудон, эй соқии паймоншикан, бишкан,
Шикан бишкан, шикан бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб.
Гуландоме ба рақс омад, ки аз файзи тамошояш,
Ду олам чун пари товус гул дар доман аст имшаб.
Шикастам дар тамошояш тилисми хештандорӣ,
Чу шамъ аз мағзи худ, Ҳоҷӣ, чароғам равшан аст имшаб[5, с.52].

Воқеан, ишқу ишқварзӣ аз нигоҳи шоир худшиканист ва ҳеҷ инсони солимфикр ишқро қабул намекунад, аммо афроде, ки дар ҳоли бехудӣ қарор доранд, худшиканиро пеша намудаанд. Зеро тибқи тафаккуре, ки эшон қабул доштаанд, худогоҳии асил тавассути бехудӣ пайдо мешавад. Бо дарназардошти ин мафҳум, Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ низ чун дигар андешамандони Шарқ ба тасаввуф алоқа дошта, дар силки он ғазал сурудааст. Масалан, ба ин мисраъҳо таваҷҷуҳ кунед:

Айши ин маҳфил ҳама тимор медонем мо,
Шахси махмалхобро бемор медонем мо,
Мардикорони ҷаҳон бекор медонем мо,
Бо ҷунун хӯ кардаро ҳушёр медонем мо,
Ранги дар хун рафтаро гулзор медонем мо[5, с.45].

Ирфон дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо вижагиҳои хештаншиносӣ рмехта мебошад. Бинобар ин, тафовут дар миёни эҷодиёти ӯ ва дигар андешамандони Машриқзамин маҳз ҳамин омехтагист, чунки дар маҷмуаи ғазалиёти шоир аксар масоили иҷтимоӣ бепарда инъикос шуда, пасон дар шакли васеътар мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба қавли шоир, пурсиш нишона аз беҳудагуфторӣ маҳсуб мешавад:

Машав мӯйи димоғи нола аз беҳуда пурсидан,
Бигир аз доғҳои лола ранги имтиҳонамро[5, с.52].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чунонки дар боло зикр кардем, мусаннифи номаҳост ва дар он номаҳо шоир талош намудааст, ки баъзе ақидаҳояшро дар мавриди ҷаҳон ва ҷаҳониён пешниҳод намояд. Аз ҷумла, дар мактубе, ки ба Авлиёқулибекбии парвоначӣ навишта шудааст, оламро ибраткада ном бурда, аз ҷумла менависад: “Олам ибраткадаест, ки ба ғайр аз тааммулпардозӣ миннати як турфае бар мижгон ҷоиз набояд дошт, ва ҳасраткадае, ки ба ҷуз аҷзнавоии шӯхӣ лаб во бар табиат раво натвон ангошт” [5, с.500].

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба сифати воситаи иртиботи инсон бо яздон инъикос ёфтааст ва бо дорои бадеияти махсус буда, дар рӯҳияи бехудиву ишқи илоҳӣ суруда шудааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар пайравӣ аз фалсафаи тасаввуфӣ ба тавсифи ишқ пардохта, ғазалро дар асри XIX ба дараҷаи мақбул расонидааст. Масалан, дар ғазалҳояш бештар омилҳои иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар эҷод намудани он падидаи навоварӣ дорад. Дар тасвири бадеии ишқ ирфон дар таҳаввулот ва такомули ғазал нақши муҳим дорад. Орифи аҳли дил ва соҳибзавқ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

пайваста дар фазои хаёлот ва эҳсосот ғазали худро тавонист бо бадеияти зебову дилкаш эҷод кунад. Ғазали ирфонии бо шӯру шавқи худ василаи муҳимми таҷассуми андешаҳои ирфонӣ гашт. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ байни ишқ ва Офаридгор робитаи муштараки бадеӣ мушоҳида мегардад. Таъкид карда мешавад, ки ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ лутф ва зебоӣ, маънӣ ва вижагиҳои ирфонӣ дорад ва бо завқи ирфонӣ ба Офаридгор навишта шудааст. Ғазали ҷаҳд ва шӯри ғаноӣ дорад. Ғазали ғаноии маҳмили бештар барои эҳсоси ирфонӣ аст. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чизе, ки ҳамеша талошу таҷзияву муқовимат мекунад ишқ аст. Бинобар ин, зимни матраҳшавии мавзуъ, Ҳоҷӣ Ҳусайн ғолибан бо интиқод аз сифоти зоҳидон ба масъала ворид мегардад. Чунончи:

Зоҳид, бигӯ, андар куҷо дидӣ, ки суннат бошад ин,
Баҳри фиреби мардумон бар сар задан мисвокро[5, с.23].

Дар осори ирфонии хеш мусаннифи ғазалиёти дилошӯб ғолибан масъулину минбардоронро ба фирефтани мардум айбдор дониста, аз онҳо даъват ба амал меорад, ки судҷӯйиро бо дин тавъам надонанд.

Дигар аз вижагиҳои осор ва тарзи андешарониҳои Ҳоҷӣ Ҳусайн пайравӣ аз сабки ҳиндӣ мебошад. Ин сабк, ки ба нозукхаёливу мушкилбаёнӣ, корбурди тамсил ва бедилгароӣ машҳур аст, дар ғазалҳои шоир беш аз пеш мушоҳида мешаванд. Вақте шеъри Бедил дар асри XVIII дар Мовароуннаҳр интишор ёфт, адабу ахлоқи сарзамин зери таъсири осори Бедил қарор гирифт ва шоирон дар асорати тақлиди осори Бедил афтоданд. Аммо Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки тибқи таҳлилҳои коршиносон аз пайравони мактаби Бедил аст ва хусусан, дар ғазалу маснавии «Комде ва Мадан» ба ӯ пайравӣ намудааст, зимни баёни андеша мустақилияти худро ҳифз намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар шеъри Бедил худро шаҳид насозад. Аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн бо он ки ба Бедил пайравӣ менамуд, на танҳо сабки худро ҳифз кард, балки худшиносии адабӣ ва ғурури ҳунарии хешро нигаҳ дошта, баҳудаву беҳуда аз ӯ ном намебарад.

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX зиндагию эҷод кардааст. Тибқи ахбори муҳаққиқон, ӯ сафари ҳаҷ кардаву муддате дар кишварҳои араб рӯзгор гузаронида, Фаронсаву Ҳинду Эронро ҳам мебинад. Албатта, ин сафарҳо дар тафаккури ӯ бетаъсир намемонад, аммо, бо ин ҳама осори шоир нишон медиҳад, ки ӯ бо сабабҳои айнию зеҳнӣ имкони ҳамовозӣ бо воқеоти даврро надоштааст. Шояд сафарҳои ӯ ба кишварҳои гуногун буд, ки ӯро водор кард, ки ба миллалу одамон баҳогузорӣ кунад. Масалан:

Ҷӯшад зи лаб табхолоҳо, бинам чу он бебокро,
Аз бас шунидам борҳо бераҳмии атрокро[5, с.23].

Шоир ба мантиқу фалсафаи юнонӣ таваҷҷуҳ карда, назари хешро оид ба чигунагии он изҳор медорад.Дар яке аз ғазалҳои хеш аз фирқаи қуръониву шубҳаи юнонӣ бозкушоӣ карда, оқибат зимни баҳогузорӣ ба ҳайронии румиён афкори юнониёнро нигоҳи аз амал маҳрум медонад:

В-эй аҷаб з-онҳо, ки андар фирқаи қуръониянд,
Музтар андар водиҳои шубҳаи юнониянд[5, с.138].

Гузашта аз ин, дар ҳамин ғазал ба Арасту рӯ оварда, илми ӯро қабул надорад:

Возеи илме, ки юнонист, кай дорад ҷавоз,
Чун Арасту бо табаъ машҳури беимониянд[5, с.138].

Дар анҷоми ҳамин ғазал, ки сартосарӣ ба фалсафа иртибот дорад, мавқеи худро ба фалсафа ва андешаи юнониён ифшо месозад:

Ҳоҷӣ, бо мо ҳикмату мантиқи юнонӣ чи кор,
Ҷумлаи инҳо, чу донистем, нофармониянд[5, с.138].

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар яке аз мактуботи худ ба чигунагии зисту тафаккур баҳогузорӣ

карда, ҳадалимкон дар баҳси одамият таваққуф менамояд ва мо зарур донистем, порае аз онро ин ҷо чун иқтибос биоварем: “Дастгоҳи ҳарфроние, ки аз ҳирфаи амал дар ҳарф инҳироф бошад, нобошад ва ҳамадоние, ки ҳамчун ҳамадон тазкияи авсофу табаддули ахлоқ надонад, надонад. Чи афсусҳо, ба хотир надоштаему дорем ва чи надоматҳо, ки дар табиат наанбоштаему миянборем. Пас ба кадом васила аз шуғлварзиҳои кудурати халқ баёни узр намонм ва ба кадом зариа аз тарки шуғлдориҳои суфути халқ забони истеъфо гушоем? Исми одамият бар худ чун ронем ва худро дар расми мардумият чаро хонем?” [5, с.504].

Агар ба тариқи суханофаринӣ ва баёни андешаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ таваҷҷуҳ бинмоем, дер ё зуд эҳсос мекунем, ки мавсуф новобаста аз тариқаи тасаввуфӣ дорои ҷаҳонбинии мушаххаси илмӣ аст ва ҳар мактаберо бо лаҳни хоси худаш муаррифӣ кардааст.

АДАБИЁТ:

1. https://tg.wikipedia.org/Ҳоҷӣ_Ҳусайни_Кангуртӣ.
2. Маҳмадов А. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ дар масри арзишҳои динию фарҳангӣ // Садои Шарқ. - 2008. № 9. - С.126-133
3. Амирхуҷа А. Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ ё Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиӣ/ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт, Душанбе, Ирфон, 1998. - с.8-9.
4. Абдулқодири Раҳим. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ(тоҷ.). Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурият (1 феврали 2023). 15 феврали 2023 .
5. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт, Душанбе, Ирфон, 1998, - 521 с.
6. Раҳмонов А. Маърифати замон. /А. Раҳмонов - Душанбе: Адиб, 1995. -112 с.
7. Лоҳурӣ, Муҳаммад Иқбол. дар китоби Эҳёи фикри динӣ дар ислом. /Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ- Душанбе: Эргаф, 2010. -с.267
8. Давлат Сафар. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ кӣ буд?(тоҷ.). Садои мардум (21 май 2019). 15 феврали 2023.

АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОИИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Осори манзум ва насрии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки соли 1998 аз тариқи нашрияи “Ирфон” чоп гардид, ҷиҳати шинохти донишманд ва шоири тоҷик нахустин иқдом дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Мавсуф дар замоне зиндагӣ ва фаъолият намудааст, ки сарзамини аҷдодии тоҷикон аз ҷониби артиши императории Русия ғасб гардид ва то андозае ба ҳокимону рӯҳониёни маҳаллӣ барои зулми тасаввурнопазир шароит намемонд. Бинобар ин, дар осори мутафаккир ин ду тоифа аз иҷтимоъ зери тозиёнаи танқид гирифта шудааст. Нақши Ҳоҷӣ Ҳусайн дар муаррифии равишҳои мухталифи фалсафӣ ва ҷаҳонбинии ирфонӣ бештар дар он инъикос шудааст, ки каломи мавзунаш ғолибан ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, аз тарзи ривоятии матн фарсаҳо дур мебошад. Аз ҳамин хотир, муҳаққиқон ба осори мавсуф баҳогузории мусбат дода, нақши ӯро дар густариши фалсафаи маорифпарварӣ ёдовар гардидааанд.

Калидвожаҳо: шубҳаи юнонӣ, фирқаи қуръонӣ, ирфон, ишқ, бехудӣ, ғафлат, пир, ҳикмат, мантиқ.

Маълумот дар бари муаллиф: Раҳмонова Бунавша Ҳамидовна - омӯзгори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.Ҷойи зист: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел(+992) 988646366.

СОЦИАЛЬНЫЕ МЫСЛИ ХАДЖИ ХОСЕЙНА КАНГУРТИ

Сборник стихов и прозы Хаджи Хусейна Кангурти, изданный в 1998 году издательством «Ирфан», является первым шагом на пути признания таджикского учёного и поэта в период независимости. Он жил и творил в то время, когда исконная земля таджиков была узурпирована российской императорской армией, и у местных правителей и духовенства в какой-то степени

не было условий для невообразимых притеснений. Поэтому в произведениях мыслителя подвергаются критике эти две категории общества. Роль Хаджи Хусейна в изложении различных философских подходов и мистических мировоззрений во многом выражается в том, что слова его сюжета имеют социальный аспект и далеки от повествовательного стиля текста. По этой причине исследователи дали положительную оценку трудам Ходжи и отметили его роль в расширении философии образования.

Ключевые слова: греческое сомнение, кораническая секта, гнозис, любовь, невежество, невежество, старейшина, мудрость, логика.

Сведения об авторе: Рахмонова Бунавша Хамидовна–преподававтель кафедры философии и политологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзаде. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел(+992) 988646366.

SOCIAL THOUGHTS OF HAJJI HOSSEIN KANGURTI

The works of poetry and prose letters of Haji Husayn Kangurti, published in 1998 by the "Irfan" publishing house, are the first step in the recognition of the Tajik scholar and poet in the period of independence. Mawsuf lived and worked at a time when the ancestral land of the Tajiks was usurped by the Russian imperial army, and to some extent, the local rulers and clergy did not have the conditions for unimaginable oppression. Therefore, in the works of the thinker, these two categories of society are criticized. Haji Husain's role in presenting various philosophical approaches and mystical worldviews is mostly reflected in the fact that the words of his subject have a social aspect and are far away from the narrative style of the text. For this reason, researchers have given a positive assessment of the works of Mawsuf and mentioned his role in expanding the philosophy of education.

Keywords: Greek doubt, Qur'anic sect, gnosis, love, ignorance, ignorance, elder, wisdom, logic

Information about autor: Rahmonova Bunavsha Hamidovna– the teacher of the department of phylosophy and politics of Tajik International University of foreign languages named after SotimUlugzoda. Addres: : 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone(+992) 988646366.

УДК 930.1

СООТНОШЕНИЕ ИСТОРИИ И МИФОЛОГИИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ Н.А. БЕРДЯЕВА

Саидасанов Ю.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Философия исторического развития является частью аналитического подхода к развитию этой науки. История культуры, искусства и литературы народов мира развивается разными путями и причины этой дихотомии требуют глубокий анализ всего процесса истории, что приводит ученых к философствованию по данному вопросу. Элементы такого подхода к истории заметны в трудах ученых, которые со времен Древней Греции [1,13] до периода Нового времени [9,10,11] современности искали истинные причины развития истории человечества. [12] Одним из ярких представителей философского подхода к исторической науке является русский философ Николай Александрович Бердяев (1874—1948), теория которого в равной мере отрицает материалистический подход к процессу истории. Бердяев Н.А. жил в эпоху исторического перехода общества от самодержавия к социализму, которая поставило перед историками и философами вопрос о смысле истории и причинах общественного катаклизма. Бердяев Н.А. был одним из ярких представителей русской философской школы данного периода, являясь сторонником идеалистического подхода к пониманию истории.

Вынужденный покинуть Россию после установления Советской власти, Бердяев жил во Франции и размышлял над теми событиями, которые охватили Россию. [7,34] Но постепенно его работы принимают характер философского размышления и в них Бердяев ищет смысл истории, как отдельных народов, так и историю человечества в целом. [3,23] Но, по мнению историков и философов, «становление Бердяева как самостоятельного и оригинального мыслителя произошло именно через философию истории. В работе «Смысл истории» (1923) он дает следующее ее базисное определение: «Философия истории, историческое познание, есть один из путей к познанию духовной действительности. Это есть наука о духе, приобщающая нас к тайнам духовной жизни… Философия истории берет человека в совокупности действия всех мировых сил, т.е. в величайшей полноте и величайшей конкретности… И эта совокупность мировых сил порождает действительность высшего порядка, которую мы именуем исторической действительностью». [2,14]

Самым главным тезисом в философии истории Бердяева является духовное начало истории. Он связывает земную историю с небесной историей и именно небо по мнению Бердяева является источником истории. В качестве доказательства связи земной и небесной истории, Бердяев приводит в пример мнение германских мистиков о трагедии Христа. Развивая мысль немецких философов, Бердяев утверждает, что критика преданий и даже священного писания, ходила вокруг истории христиан но не могла объяснить тайну его возникновения.

Он подвергал критике идею дуалистов, которые рассматривали раздельно мир человеческий и мир Божества. Свобода в отношений Бога и человека есть процесс истории и его разгадка - утверждает Бердяев. Основными силами истории он считает три начало - начала необходимости, начало свободы и начало начала благодати. И с их сложностью Бердяев связывает «всю сложность исторической судьбы человека». [2,14]

Рассматривая историю как миф и предание, Бердяев отрицает поиск объяснения истории в философии истории. Пути развития истории, его противоречия драмы и трагедии Бердяев связывает не с философией истории а с мифологемой. События которые происходят вокруг нас и которые мы находим в наших преданиях, по мнению Бердяева приходят не извне а находятся внутри нас. Такой подход к истории ставит личность впереди истории и возвышает человека над его историей, что является прогрессом в мировоззрение Бердяева. «Предание не есть нечто трансцендентное навязанное извне, оно имманентное исходящее изнутри нас». [5,35] По утверждению Бердяева «история не есть объективная эмпирическая данность. История это миф». Эта миф по мнению Бердяева существует объективно только в памяти народа. Историки изучают события с точки зрения постороннего наблюдателя с расстояния времен, но Бердяев видит историка как часть этой истории. «Историк должен изучая историю видеть себя частью этой истории». [2,16]

Противоречивое понятие истории у Бердяева заметно по его отношению к преданиям, в которых он видит намек на исторические события: «В преданиях нет основания для истории, но в них есть внутренняя ценность, намекающая на то, что все так и было». [2,24]

Бердяев, рассматривая философию истории, дает толкование понятию «историческое», когда наступает перелом в старой обжитой системе и с его концом люди начинают размышлять над тем, что они пережили, и наступает познание истории. Он приводит пример судьбу еврейского народа и сравнивает историю еврейского народа с историей Древней Греции и пишет следующее:«У греков история не имела конца, и она вращалась в круговороте и они не принимали историю как совершающиеся драмы с

трагическим концом и наступлением исторического. Историческое было введено евреями которые познали драматизм истории и смотрели в грядущее в ожидание Мессии- событие разрешающее историю». [7, 26]

Указывая на важность конца истории, Бердяев отмечает то, что «без этой перспективы конца процесс не может быт воспринят как историческое движение. Такое движение не есть история, поскольку оно не имеет эсхатологии, внутреннего плана, внутреннего смысла и внутреннего свершения». [7, 26] Роль истории для человека и для воспитания в нем личности, по мнению Бердяева заключается в том, что «через историческую память, через внутренние предания через внутренние ощущения себя как часть истории человечества, человек приобщается к более богатой действительности и побеждает свою тленность и малость, преодолевает свой малый кругозор». [2,34]

По мнению Бердяева история имеет два элемента, без которых она не может существовать:

-консервативный элемент – связь с духовным прошлым, с преданием и принятие того, что есть священное в прошлом;

- творческий элемент – создание творческого пути к динамическому разрешению истории к концу истории.

Особенно важно для определения философской мысли Бердяева является его отрицательное отношение к активной роли народа в творении истории. Противопоставив понятию свободы по Марксу своё мнение , Бердяев видит свободу человека в рамках его судьбы не связанную с его активной ролью. Бунтующее же начало, Бердяев связывал с «рабским духом а не со свободой». [2,35] Результат Октябрьской революции Бердяев назвал «осуществившейся утопией» и пишет следующее: «Социализм в опыте осуществления своего будет не тем, к чему социалисты стремятся. Он вскроет новые внутренние противоречия человеческой жизни, которые сделают невозможным осуществление тех задач, которые выставило социалистическое движение. Он никогда не осуществит ни того освобождения человеческого труда, которого Маркс хотел достигнуть связыванием труда, никогда не приведет человека к богатству, не осуществит равенства, а создаст лишь новую вражду между людьми, новую разобщенность и неслыханные формы гнета». [12,175]

Вывод всех мыслей о философии истории, по мнению Бердяева таков; история не есть раздельное от судьбы человека, а она есть внутренняя сущность человеческого духа, она не раздельно от него как что- то внешнее, они едины и человеческая история есть Божественная история.

Подводя итоги данного исследования, стоит отметить, что Бердяев внес большой вклад в развитие философской мысли по изучению роли истории. Несмотря на противоположность его идей современному пониманию истории и идеям материалистического понимания истории, взгляды Бердяева имеют научное значение и открывают альтернативные направления изучения хода истории человечества.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аристотель. Этика. Политика. Риторика. Поэтика. Категории. - М., 1998.-456 с.
2. Бердяев Н.А. Смысл истории. М.: Мысль, 1990.-145 с.
3. Бердяев Н.А. А.С. Хомяков. М., 1912. С. 148—149.
4. Бердяев Н.А. Я и мир объектов. // Бердяев Н.А. Философия свободного духа. М., 1994. С. 254-259.
5. Бердяев Н. Новое средневековье. Берлин: Обелиск, 1924.-45 с.
6. Бердяев Н.А. Русская идея // О России и русской философской культуре / Отв. ред. Е.М. Чехарин. Сост. М.А. Маслин. М.: Наука, 1990.-С.67-72

7. Бердяев Н.А. Проблема истории и эсхатология // Очерк русской философии истории. Антология. М.: Ин-т философии РАН, 1996.-С.90-104
8. Вестермарк Э. Краткая история брака. – М., 1926.-56 с.
9. Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. Том 3. Философия духа. - М., 1977.- 456 с.
10. Морган Л.Г. Древнее общество или исследование линий человеческого прогресса от дикости через варварство к цивилизации / Перевод с англ. М. О. Косвена. – Л., 1935.- 78 с.
11. Мертон Р. Социальная теория и социальная структура. - М., 2006.
12. Панарин А.С. Философия истории, Москва.-1999- 234 с.
13. Платон. Сочинения. – М., 1971.- 589 с.

ТАНОСУБИ ТАЪРИХ ВА РИВОЯТ АЗ НИГОҲИ Н.А. БЕРДЯЕВ

Дар мақолаи мазкур муаллиф фалсафаи таърихи олим ва файласуфи рус Бердяевро мавриди тахлил қарор медихад. Дар мақола нуқтахои асосии назари Бердяев ба таърих ва бахусус алокаи он бо идеализми фалсафаи немис нишон дода мешавад. Муаллиф инчунин фикру афкори олимро нисбати накши шахсият дар таърих қайд мекунад ва онро бо назарияи идеалистӣ пайваст мекунад.

Калимахои калидӣ: Бердяев, олим, таърих, шахсият, афкор, фалсафа, идеализм.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидасанов Юсуф – дотсенти кафедраи Таърихи халқи тоҷик, Донишгоҳи Давлатии Хоруғ, ходими илмии Институти илмҳои гумманитарии Академияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адрес: кӯчаи Н.Атобек 23 ,х.8, тел. 50-191-08-67, yusuf.saidasan.72@bk.ru

СООТНОШЕНИЕ ИСТОРИИ И МИФОЛОГИИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ Н.А. БЕРДЯЕВА

В данной статье автор Саидасанов Ю. анализирует основные мысли философии истории русского философа Бердяева. В статье автор указывает на мысли ученого относительно истории и в особенности отмечается связь его философии с идеалистами немецкой философии. Автор также указывает на мнение ученого по отношению роли личности в истории, которую Бердяев рассматривает с точки зрения идеализма.

Ключевые слова: Бердяев, ученый, история, личность, мнение, философия.

Информация об авторе: Саидасанов Юсуф - доцент кафедры Истории таджикского народа ХоГУ, научный сотрудник Института гуманитарных наук Национальной Академии Республики Таджикистана. Адрес: ул. Н.Атобек 23 , кв.8, тел.+992 - 50-191-08-67 (viber, imo), yusuf.saidasan.72@bk.ru

THE RELATIONSHIP BETWEEN HISTORY AND MYTHOLOGY FROM N.A BERDYAEVS POINT OF VEW

In this article the author U. Saidasanov analyzes the main ideas of the philosophy of history of the Russian philosopher Berdyaev. In the article the author points to the scientist thoughts regarding history and in particular the connectionof his philosophy with the idealists of German philosophy. Moreover the author points out the scientists opinion reparding the role of personality in history, wich Berdyaev views from idealism.

Kew words: Berdyaev, scientist, history, individual, thought, philosophy.

Information about author: Saidasanov Yusuf – associate professor of Tajik history in Khorog State University, scholar employee of Institute of Hummanitarian scienses of National Academy of Republic of Tajikistan, address: N.Atobek st. 23,f.8,tel. +992-50-191-08-67 (viber, imo), yusuf. saidasan.72@bk.ru

УДК 930

ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ОБОСНОВАННОСТЬ МЕТОДА ИСТОРИКО-СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА

Саидасанов Ю.Ш.

Метод сравнительного анализа является важным направлением исследования, которое широко использовали классики сравнительного анализа Тойнби, Хаттингтони другие исследователи.[7,9]Важность использования сравнительного анализа состоит в выявлении причин, исходя из сравнения явлений, поскольку качественный сравнительный анализ позволяет найти новый взгляд на теорию развития в контексте становления и прогресса цивилизаций. [6,67] В качестве основы и парадигмы историко-сравнительного анализа, можно привести работы некоторых исследователей, которые сформулировали модель сравнительного анализа. Так, например историческая модель сравнительного анализа цивилизаций приведена в работах А. Тойнби, Хаттингтона, модель культуры отражена в исследованиях П. Сорокина, А. Крёбера, М. Бебера, Дюркегейм[11,29],которые создавали формы и модели сравнительного анализа нескольких обществ. Эти работы представляют собой абстрактные конструкции, в которых избранные методы и логические выводы в основном отражают субъективные мысли авторов. Созданные ими типологии объектов исследования – обществ и цивилизаций, подчеркивают идеализм, повлекший за собой отрицание объективного содержания и предполагают отход от реальности. В данной диссертационной работе, нами допускается склонение к использованию методов социологии, поскольку исследуются общества, социальные слои и страны указанного периода истории.

Исторический анализ является важным инструментом исследования событий, вследствие которого объект рассматривается в синергетическом порядке с точки зрения двойственного взгляда на развитие. Методика сравнительного анализа обладает богатым арсеналом различных методов, среди которых нужно отметить метод макрокаузального анализа Скочпол-Сомерса, метод сравнительно-исторического анализа Тилли, индуктивного метода сопутствующих изменений Бэкона-Милля, метод анализа миросистем Чейз-Данн и другие. Миросистемный анализ, теоретически ориентирован на охват всех главных аспектов социального бытия: экономического, политического, военного, культурного и других направлений развития общества. Чейз-Данн выделяет шесть групп исследовательских методов: исследование временных рядов, сравнительные исследования, анализ истории событий, сравнительные исследования миросистем анализ миросистемного влияния, построение и проверка многоуровневых моделей. В связи с различием направлений и многовекторности исследования, наиболее эффективным методом сравнения относительно выбранного нами исследования стало метод многоуровневого анализа. Многоуровневый подход отличается тем, что единицы анализа и отношения между ними представлены в явном виде как единый сложный предмет исследования, причем зависимые переменные относятся, как минимум, к двум различным единицам анализа.[5,56]Инструментальную базу исторического анализа при исследовании однотипных явлений составляют такие категории анализа как контраст, оценка, сходства, отличия, противоречия и т.д.

Проведение сравнительного анализа развития систем раскрывает причины, определяющие нынешние достижения и новое о состояние. Исходя из данного тезиса можно констатировать тот факт, что изучение истории, сравнительный анализ и «наглядные уроки истории не только открывают перед нами картину прошлого, они также помогают осознать настоящее и будущее».[1,239]

Практика исторической науки показывает, что история может и не знать сослагательного наклонения, но это не означает игнорирование его анализа, поскольку историк обязан просчитывать различные варианты развития событий, что и составляет функцию сравнительного анализа явлений истории. Мы исходим из того, что целью науки было и остается доступное и убедительное изложение материала, а история науки становится дисциплиной, которая фиксирует как прирост в культуре, так и трудности, которые препятствовали накоплению знаний. Поэтому, историк, интересующийся развитием общества, ставит перед собой задачу определить, кто и когда открыл или изобрел каждый научный факт, закон и теорию, и вместе с этим он должен объяснить наличие массы ошибок, мифов и предрассудков, которые препятствовали современным научным знаниям. Именно поэтому, многие исследования предоставляют более очевидные факты при сравнительном анализе и большинство современных ученых преследует именно эти цели. [8,255]

Например исследуя развитие цивилизаций и методологические принципы сравнительного анализа цивилизаций, необходимо определить вопрос о сцеплении обстоятельств, которые по мнению М.Вебера привели к тому, что именно на Западе возникли такие явления культуры, которые развивались в направлении, получившем универсальное значение и культура западного общества стала парадигмой для развития остального человечества. Данное значение западной цивилизации особенно на современном этапе является бесспорным, но вместе с этим нужно отметить тот факт, что на определенном этапе истории, образцом для человечества были и другие цивилизации, такие как Египетская, Греческая, Персидская цивилизации. В течение периода X-XII вв. еще не было выявлено явных признаков преимущества западного общества над восточным, поскольку в таких отраслях как наука, просвещение, философия, техника, производства восточное общество превосходило Запад. Среди причин прогресса Запада, ученые называют такие факторы как благоприятный климат, обусловленный Гольфстримом, и исключительная изрезанность береговых линий, подкрепленная выгодным расположением рек, благодаря чему из любой точки Европы водным путем быстро можно было добраться до удобных гаваней открытого моря (а морские перевозки грузов обходились в десять раз дешевле речных и в сотни раз дешевле сухопутных). Сама природа создала Европу максимально приспособленной для активной торговой экспансии, опирающейся на богатство внутренних зон. К тому же латинский Запад, единственный из регионов старых цивилизаций, сумел избежать соседства с кочевыми империями. Кроме этого, по мнению Уварова П.Ю. после X-го века, Европа была защищена и от постоянных набегов и от калейдоскопической смены государственных образований. Относительное равновесие поддерживалось без объединения всего латинского Христианского мира под властью одного монарха и наступил период «роскошного феодализма». [10,4]

Цивилизационный подход к сравнительному анализу имеет ключевое значение для исследования исторических процессов в переходный период, под которым мы имеем в виду период с X по XVвека, когда произошли радикальное изменение и трансформация в мировой системе. Основоположник теории цивилизаций философ и публицист Николай Яковлевич Данилевский (1822–1885) выдвинул концепцию культурно-исторического типа цивилизаций, которые он назвал «самобытные цивилизации». По его мнению они отличались по этнографическим признакам высшего нравственного начала, общественного и политического строя. [2,67]

Процессы двигающие историю Запада и Востока имеют некоторые национальные и религиозные отличия, но с точки зрения содержания этих процессов они подчиняются единым законам развития человеческого общества. Поэтому было бы неправильным мнение

о том, что отсталость или прогресс каждого из этих обществ зависят от каких-то элементов свойственных только одному обществу. При одинаковых условиях развития эти общества могли иметь одинаковые успехи в своём развитии, но от того, что в этих обществах были разные условия для развития, результат получился разным и не одинаковым. Рассматривая основные условия способствующие развитию или регрессу этих обществ, можно назвать такие факторы как форма правления, идеология, общественный строй, климатические условия, географическое положение, характер, мировоззрение и др.

Тафаккури ифротӣ ва созмонҳои терористӣ бо зуҳуроти харобиовари худ аз сатҳи миллӣ ва минтақавӣ бурун шуда, хусусияти глобалӣ ё худ умумиҷаҳониро ба худ касб намудаанд. Таҳдиди ин зуҳуроти харобиовар дар шакли иделолгияи экстремизми динӣ-сиёсӣ барои тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бар зидди давлатҳои мусулмоннишин бараъло эҳсос карда мешавад. Барои дарки ин маънӣ ҳаводиси чанд соли охири тақдири талхи давлати Либияро, ки шакли давлатдории беназирро дар зарфи чил сол сохта буданд аз назар мегузаронем. Таҳти роҳбарии Муҳаммар Қаззофӣ якуми сентябри соли 1969 дар кишвари Либия инқилоб бо номи «Ал-фотеҳ» ба вуҷуд омад. Инқилоби сентябрӣ ҳокимияти шоҳии ғарбпарастро шикаст дода, дар Либия шакли нави давлатдориро ба миён овард.

“Муаммар Қаззофӣ аз фуруши сузишвориҳои нефтӣ даромади давлатро ба ҳар сари аҳолӣ ба 14192 доллари амрикоӣ расонид, ки дар он давра ин беҳтарин нишондиҳанда ҳисоб меёфт.Аз ҳисоби фурӯши нафт, барои ҳифзи иҷтимоиёти мардум Қаззофӣ, ҳамасола ба ҳар як сокини мамлакаи зиёда аз 1000 доллар чун даромад-дивиденд пардохт менамуд. Ба оилаҳои ҷавони барпошуда барои харидани манзил ба миқдори 65000 доллар ва ба кӯдаки тавлидшудаи либиягӣ, ҳамчун кӯмак ба миқдори 7000 долар ба суратҳисобашон ирсол мегардид. Маоши халқи заҳматкаш дар Либия дар қиёс бо давлатҳои манотиқи Африқо ва ҳатто Аврупо ба маротиб зиёд ва фарққунанда буд.” [7.] (“Минбари халқ” №11 (1095) 15.03.2017. Хатоҳо тавлидкунандаи хатарҳоянд.С. Собиров.)

Либия дар як муддати кӯтоҳтарин аз як давлати қашоқ ва ақибмондатарини Африқо ба кишваре табдил гашт, ки на танҳо дар минтақа, балкӣ дар ҷаҳон намунаи беҳтарини риоя намудани ҳуқуқҳои иҷтимои инсон ба шумор мерафт. Либия дар кӯтоҳтарин мӯҳлат, он қадар тараққӣ намуд, ки боиси тавлиди рашку ҳасади як идда давлатдорони ғарбу мамолики Амрико гардид. Мақсадмандон бо истифода аз нотавонии ақлии бошандагон воситаҳои таъсиррасониро зиёд намуда, дар кӯтоҳтарин вақт “тарафдорон”-и хешро пайдо намуда, паи аз байн бурдани ҳарифони сиёсӣ ва идеологии хеш гардиданд. Онҳо дар ин раванд молики ду ҳадаф, яке бо дасти худи мусулмонон давлати иҷтимоиро бо

ҳама дастовардҳояш ба нестӣ расониданд, сонӣ соҳиби муҳимтарин манбаи даромади ҷаҳонӣ - нефт гардиданд. Маблағҳои масрафшуда дар камтарин муҳлат барқарор ва даромадҳои ниҳоят бузургро ба манфиати хеш азони худ намудаистодаанд.

“Таърих исбот намудааст, ки ба ҳам омадани масоилҳои кучаки дохилӣ ва омилҳои бузурги геополитикӣ дар шакли ҷорӣ намудани идеологияи махсус, сабаби аз байн рафтани давлатҳои миллӣ мегардад.” [8.с.166.] (С.Собир. Марзи андешаҳо. Душанбе-2016. С.166.) Имрӯз ҳамагонро зарур аст, аз сабаҳҳои талхи таърихи давлатдории Либия хулосагирӣ намоем.

Шакли маъмулии таъсиррасониҳо дар заминаи идеология ин мақсадҳои пешгузоштаи мақсадмандон дар шароити имрӯза ба ҳисоб рафта, он хеле ва хеле айёронаву мӯшикофона амалӣ мегардад. Бо як назари аввалия, шахс бо он ҳама пешниҳоду назарияҳои ғоявӣ розӣ (таслим) шуда, онро қабул менамояд. Вале, баъдтар инсонҳо моҳияти аслии корро сарфаҳм мераванд, вале он хеле мушкилотҳоро ба бор оварда зиёновар мегардад. Вақт беҳуда гузашта, ҳама чиз ба бод меравад. Товони кор ҷуброннопазир мегардад. Аз ин хотир моро зарур аст, паи ҳар даъвату пешниҳод, иҷоран қабул намудани қарорҳо андеша намоем.Корҳоро тавре роҳандозӣ намоем, ки барои худи мо мушкилиҳо пеш наоянд. Пеш аз ҳама мо бояд корро аз тарбияи фардӣ дар оила аз кӯдакону наврасон оғоз намоем.Ба хотири он ки инсон ба эътироф ва назардошти манфиатҳои мусбӣ одат кунад, онро чизи ҳатмӣ шуморад, ба ақидаи И.Кант : « …ба ин низом бояд аз овони хурдӣ одат кунонида шавад. Вагарна дер мешавад, ислоҳи ӯ имконнопазир мегардад. Дар ӯ эҳсоси худписандӣ, мағрурӣ, ман-манӣ ғолибият пайдо мекунад… Ниҳоят зарур аст, ки инсонро хеле барвақт барои ба талаботи ақл тобеъ кунонидан омӯзиш кард».[9.с.446.] (И. Кант. О педагогике. М. 1980. С 446) Андӯхтани дониш дар баробари гирифтани тарбия инсонро аз ҷаҳолат, аз раҳгумзадагӣ, аз ҳаҳириву нотавонӣ, аз ғуломии рӯҳиву равонӣ, аз ноумедӣ ва муҳимтар, аз ҳама тақдирписандӣ берун ва раҳоӣ менамояд.Бар хилофи ин мақсадмандони хурофапардоз дар амалу фаъолияти хеш аз тангдастӣ, бесаводӣ ва рамзу розҳое кор мегиранд, ки барои ҷалб ба тарафи худ хеле осон ва чун побанд намуданд, нуфӯзи худро дар аҳкоми бошандагон ҳадафмандона ҷорӣ менамоянд. Манфиатбарони ин равия бар он мекӯшанд, ки дар натиҷаи таблиғи ҷаҳолату нодонӣ ва бовармандӣ ба амлҳои абстрактӣ, дигар ҳама тамаддуну арзишҳои қаблии инсониятро инкор намоянд.

Дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо маром идома дорад, дар баробари дигар ҳаракату омил ва ҷаррайёнҳо, паҳлӯҳои манфию хатарзои экстремизми динӣ-сиёсӣ бараъло намоён гардидаистодааст. Дар ин замина ибрози андешаю афкори пешқадам баҳри пешгирӣ аз амлҳои номатлуб аз ҷониби олимону коршиносон ва пажуҳишгарон хеле муҳиму саривақтист. Таъкидан иброз медорем, ки ҳамагон бояд дар ҳама вазъу ҳолат ҳушёру огаҳманд бошем. Зеро васоити таъсирот, дасисаву фитнаҳои дохилаву хориҷа, ба доми фиреб кашидани шаҳрвандон ва амлинамоии манфиатҳои зиддиинсонии фосидонаи нерӯҳои ифротгарои терористӣ ҳар лаҳзаву замон, дар шаклҳои мухталиф таъсиргузор ба тамоми сокинон гашта, майл ба инкишоф дорад. Аз ин хотир; “Омӯзиш ва ташхиси доимии психологияи ҷамъиятӣ, унсур ва равандҳои он, бо дарназардошти истифодаи омили мазкур дар самтгирии шуури рӯзмарра, вобаста ба таъмини субот ва амният аз муҳимтарин самтҳои кор бо ҷавонон мебошад”.[10.с.96.] С.Ятимов.,С.Собиров. Худшиносии миллӣ ва масъулияти ватандорӣ. Душанбе- 2021. С.96.)

Фаъолияти гурӯҳҳои экстремизми динӣ-сиёсӣ имрӯз бараъло намоён гардида, хосияти таҷовузкоронаро ба худ касб намудааст. Он аз рӯи принсипи “ҳар касе бо мо нест, душмани мост” фаъолият менамояд. Онҳо дунболи андешаву таълимотҳои хусусияти динӣ дошта, амал намуда, онро то ба сатҳи ифрот мерасонанд. “Ҳоло, ки экстремизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷарраёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи

васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷониба пеш меояд”. ”[11.с.5.] (Зокиров Г.Н. Терроризм. –Душанбе, 2004.-С.5.) Аз ин хотир, барои рафъ ва ё худ коста намудани фаъолияти гурӯҳҳои экстремизми динӣ-сиёсӣ нақши муборизаи идеалогӣ дар ҷомеа аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, пайваста дар низоми сертаваҷҷӯҳӣ амал намудани бошандагон ва муттасадиён ба фоидаи кор аст. Мавриди пешгирии мақсад ва идеяҳои ғаразноки ташкилотҳои экстремизми динӣ-сиёсӣ зарурати ташкили намудани сомонаи махсуси иттилоотӣ дар бораи кушодан ва байёни ҳадафҳои ғаразноки як зумра ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ заруру саривақтист. Таъсиси чунин сомона имконият медиҳад, ки шаҳрвадони кишвар аз ҳама мақсаду ҳадафҳои ғаразноки мақсадманди гурӯҳҳои ифротӣ бохабар гардида,ба созандагиву бунёдкорӣ, машғул гарданд.

Мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки экстремизми сиёсӣ-динӣ дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада барои густариши он омилҳои мушшахас мусоидат менамоянд. Аз рӯи таҳлили муҳақиқон омилҳои мусоидаткунанда мавриди инкишофёбии терроризм ва экстремизми динӣ-сиёсӣ дар ҷомеа аз инҳо иборатанд;

а) Баланд гардидани нуфузи рӯҳониёни иртиҷоӣ дар ҷомеа ва инкишофи фасодии фарҳангӣ;

б) Зиёд гардидани имконоту шароит мавриди таблиғҳои мақсаднок дар заминаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет, телефонҳои мобилӣ, васоити авдио-видео ва фиттаҳои таъинотшуда;

в) Сатҳи пасти донишҳои динӣ, дунявӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони ҷомеа, хусусан насли наврас ва ҷавонон;

г) Ба маротиб зиёд гардидани муассисаҳои динӣ дар ҷомеа;

д) Риоя нагардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи ҷашну маросимҳо”, хусусан маросимҳои динӣ;

е) Зиёд гардидани теъдод ва фаъолияти мактабҳои ғайрирасмии динӣ;

ё) Фаъолияти муташакилонаи ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои экстремизми динӣ-сиёсӣ дар заминаи таъсиррасонӣ ва ҷалби шаҳрвандон;

ж) Истифодаи ҳамаҷонибаи мақсадмандонаи тарғибот ва ташфиқотҳои хусусияти ифротгароёна дар заминаҳои истифодаи таъсиррасонии иттилоотӣ, аз ҷумла интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО;

з) Фаъолияту амали хатмкардагони донишкадаҳои динӣ ва дигар толибилмони дар зери ақидаҳои ғаразнок монда, бо назардошти аҳкоми бегонаи динӣ;

и) Истифода аз воситаҳои навтарини технологияҳои камуникатсионӣ аз ҷониби ҷараёнҳои мамнӯъ;

к) Истифодаи маблағҳои бо роҳҳои ғайриқонуни воридгардида ба манбаҳои мухталифи ҷараён, ҳаракат ва ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳҳои мамнӯъ;

л) Тағйир додани аҳкоми шаҳрвандони муҳоҷири кишварҳо дар давлатҳои дуру наздик бо назардошти дигарсозии мафкура, дид, назар ва мағзшӯӣ;

м) Зери нуфуз ва таъсироти ташкилотҳои хоричӣ, мондани аҳолӣ.

Омӯзишу тадқиқотҳо оиди фаъолияти экстремизми динӣ-сиёсӣ дар раванди инкишоф, бозгӯи онанд, ки «маҳкумшудагон»-ин ҷараёнҳо дар бисёр мавридҳо роҳи бозгашт ба ҳаёти озоду осоишта надоранд. Зеро онҳо мавриди мағзшӯӣ қариб тамоми ниҳодҳои инсониро гум намуда, ба ҷӯз мақсад, вазифа ва ҳадафи дар наздашон гузошта дигар ҷизеро намебинанд. Онҳо мисли соатҳои мурватдори механикии пуркардашуде ҳастанд, ки вақти истифодабариашон анҷом ёфт, аз фаъолият мемонанд. Мавриди куштору ваҳшоний ва террор, ҳисси инсонӣ ба табиати ҳайвонӣ табдил меёбад.

Зимни таҳқиқу пажуҳишҳо мо ба чунин хулоса омадем, ки экстремизми динӣ- сиёсӣ

ба равандҳои ҷомеа, хусусан ба оромӣ ва сулҳу суботи кишвар ба таври воқеӣ таҳдид намуда, рушду такомул ва ҳаёти осоиштаи аҳолии кишварро зери хавфу хатар қарор медиҳад. Ин ҷараён бо фаъолияти ғайриқонунӣ ва пинҳонӣ мавриди амал қарор дошта, ҳадафи асосиаш бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохтори давлатӣ, ғайриқонунӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои роҳандозӣ намудани мақсадҳо, намояндагони экстремизми динӣ- сиёсӣ аз таълимотҳои динӣ ва шиорҳои динӣ истифода намуда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ дар раванди мубориза роҳу усулҳои зӯроваронаро ба кор мебаранд. Намояндагон ва пайравони фаъолияти ҷаррайёни экстремизми динӣ-сиёсӣ дар равнди кор аз ҳама амалҳои зиддиинсонӣ, аз қабили куштор, терор, суиқасд ба ҷони инсон, даҳшатафканӣ ва ғайраҳо истифода намуда, мавриди ҳалли масоили иҷтимоию сиёсии ҷомеа, гуфтушунид, муколлама ва ҳамагуна созишро рад менамоянд.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАГАРДИДА;

1. Андешаҳо доир ба таълифоти С.Ятимов. “Ганҷ нашриёт”, 2019.С.52.
2. Сун Цзи, журн. “Вапросы философии”, 1989, №1, стр.153.
3. Рӯзномаи “ Садои мардум” № 71 (3551), аз 02.06.2016.
4. Рӯзномаи “ Минбари халқ” №11 (1095), аз 15.03.2017.
5. Сафар Собир. Марзи андешаҳо. Душанбе-2016. С. 160.
6. Г. В.Ф. Гегель. Работы разных лет. В двух томах.Т, 2.- М,; Мысль, 1971. –С.69.
7. Рӯзномаи “Минбари халқ” №11(1095) 15.03.2017.
8. С.Собир. Марзи андешаҳо. Душанбе-2016. С.166.
9. И. Кант.О педагогике. М. 1980. С 446.
10. С.Ятимов.,С.Собиров. Худшиносии миллӣ ва масъулияти ватандорӣ. Душанбе - 2021. С.96.
11. Зокиров Г.Н. Терроризм. –Душанбе, 2004.-С.5.

НАҚШИ МУБОРИЗАИ ИДЕОЛОГӢ БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ – СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола масъалаҳои нақши муборизаи идологӣ бар зидди экстремизми динӣ- сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Дар заминаи пажумҳиш муайян гардидааст, ки муборизаи идологӣ бар зидди экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳимтарин омили рафъи мушкилотҳои ҷойдошта дар заминаи берун гаштан аз дидгоҳи таасубию хурофотӣ мебошад.

Зимни пажуҳиш муаллиф, сабабҳои пайдоишу густариш, омилҳои ба он мусоидаткунанда ва консепсияи муосири таъсири мутақобилаи идеалогияро мавриди назар қарор дода, роҳҳои муборизаи идологӣ ба муқобили экстремизми динӣ- сиёсиро дар ҷомеа байён намудааст.

Калидвожаҳо: идеология, идеологияи динӣ, идеологияи сиёсии ислом, экстремизм, экстремизми динӣ- сиёсӣ, ҷаҳонишавӣ, низоми геополитикӣ.

Собиров Фаррух Сафаралиевич - унвонҷуи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ тел.: +992 93 934 4488

Роль идеологической борьбы против религиозно-политического экстремизма в условиях глобализации

В статье рассматриваются вопросы роли идеологической борьбы против религиозно - политического экстремизма в условиях глобализации. На основании проведенных исследований установлено, что идеологическая борьба против религиозно-политического экстремизма в условиях глобализации является важнейшим фактором преодоления существующих проблем на почве отхода от догматической и суеверной точки зрения. В ходе исследования автор рассмотрел причины возникновения и расширения идеологии, способствующие этому факторы и современную концепцию взаимодействия идеологии и идеологии, разработал пути идеологической борьбы против религиозно - политического

экстремизма в обществе.

Ключевые слова: идеология, религиозная идеология, политическая идеология ислама, экстремизм, религиозно - политический экстремизм, глобализация, геополитическая система.

Собиров Фаррух Сафаралиевич - соискатель Института философии, политологии и права имени А. А.Баховаддинов тел.: +992 93 934 4488

THE ROLE OF THE IDEOLOGICAL STRUGGLE AGAINST RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

The article examines the role of the ideological struggle against religious and political extremism in the context of globalization. Based on the conducted research, it has been established that the ideological struggle against religious and political extremism in the context of globalization is the most important factor in overcoming existing problems based on a departure from the dogmatic and superstitious point of view. In the course of the study, the author examined the causes of the emergence and expansion of ideology, contributing factors and the modern concept of the interaction of ideology and ideology, developed ways of ideological struggle against religious and political extremism in society.

Keywords: ideology, religious ideology, political ideology of Islam, extremism, religious and political extremism, globalization, geopolitical system.

Sobirov Farrukh Safaralievich is a graduate student at the Bakhovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Lawtel.: +992 93 934 4488

УДК 82.0

ТИМСОЛИ ЗАН ДАР РОМАНИ «САРОЙИ САНГ»-И АТО МИРХОҶА

Тошмамадова Ф.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ

Аз давраҳои гузашта дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ нобиғаҳои бешуморе ба майдони илму адаб ворид гардидаанд, ки дар осорашон масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат тарғиб ёфтаанд. Тасвири зан дар адабиёти ҷаҳон нақши густарда дошта, дар адабиёти муосири тоҷик ин мавзуъ бештар матраҳ шудааст. Бузургони суханвар ба муҳим будани мақоми зан дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, рафтору кирдор, хулқу атвор ва сифатҳои махсуси занонро бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёташон хеле моҳирона тасвир карданд.

Ато Мирхоҷа яке аз нависандагони моҳири даврони истиқлолият аст, ки бо осори гаронбаҳои худ, бахусус бо таълифи романи «Саройи санг» мақому мартабаи сазоворро соҳиб гаштаанд.

«Саройи санг» асари пурқимату тарбиявӣ буда, аз се ҷилд иборат аст, ки ҳар қисмати он дар бораи ҳукмронии шоҳони Шуғнон, бадкирдориву мансабпарастӣ, ғоратгариву бедодиҳо, таҳқир кардани халқи бечора ва зулму ситам кардани онҳо нисбати тамоми мардум сухан меравад. Нависандаи мумтоз дар романи безаволи хеш оиди мақому манзалат, сабру тоқат, ҷасуриву далерӣ ва хирадмандии занон андешарониҳои ҳавасангезеро баён кардааст. Дар ин асари беназир чандин образҳои занона офарида шудаанд ва дар онҳо мақоми зан дар ҷойгаҳи баланд ба қалам дода шудааст.

Ато Мирхоҷа лиқои занро мутобиқ ба замону макон ва дар доираи расму русум ва одатҳои он давра хеле моҳирона тасвир намудааст. Образи зан дар ин роман дар тамоми сатҳҳои ҷомеа нақш дошта, махсусан муборизa бо талхиву душворие, ки онҳо дар давоми зиндагияшон бо он рӯ ба рӯ шуданд, дар романи мазкур бисёр ҷолиб тасвир ёфтаанд. Одобу ахлоқи ҳар фард муаррифкунандаи фарҳангу тамаддуни ҳар ҷомеа буда, ба ин

васила фарҳангӣ будани миллат низ маълум мегардад. Ва ҳамаи ин хислатҳоро дар инсон танҳо як шахс бедор карда метавонад, ки он ҳам зан-модар аст. Мақоми зан дар оила ва муносибати байни зану мард дар асар хеле ҷолибу шавқовар тасвир ёфтааст. Таваҷҷуҳ фармоем ба пораи зер аз роман:

«-Гулҷамол, ҳо, Гулҷамоли соҳибҷамол, баро, ки меҳмон аз худи Баҳрпанҷа омадааст.

Зани болобаланди сурхмӯи ниличашм бо куртаи чити наппа-нав ва рӯймоли сафеди гулҳояш бунафш аз хона баромад. Ӯ нимтаъзими зебое карду гуфт:

- Ассалом, бародари азизам, Муборакшо, хуш омадӣ, маро миннатдор кардӣ.

- Салом, хоҳарҷон, мебинам, ки сиҳату бардамӣ. Илоҳо, ҳамеша хонаатон ободу худатон дилшод бошед.

- Аввал ду коса мости хунук биёр, баъд чизе паз, ки оқсақол дар пеши шоҳ ҳам таъриф карда тавонад, - амр дод Мирҷамол.

Гулҷамол «хуб» гуфту рафтанӣ шуд, ки меҳмон ӯро нигоҳ дошт:

- Хоҳарам, як рӯз бафурсат ҳунари пазандагиатро нишон медиҳӣ...» [1, 192-193].

Дар ин сатрҳо аз рафтори зан бо шавҳараш ва дар пеши меҳмон рафтори хуби зан тасвир шудааст. Зан аз нигоҳи нависанда, дӯсти наздик ва чароғи ҳар як хонадон аст. Дар тасвирҳои эшон зани хушмуомила ва хушгуфтор сарбаландии шавҳар аст ва ӯ бояд тарзи кирдору рафтори худро дар назди дигарон дар чаҳорчӯби ахлоқи оиладорӣ анҷом диҳад.

Ато Мирхоҷа ба модар ва эҳтирому икроми ӯ диққати махсус додааст. Дар баробари меҳру шавқати зиёд доштани зан ӯ дорои хислати дар ҳарос будан аз наздикони худ ва дар ташвиши ҷону саломатии наздиконаш доимо дар таҳлука аст:

«Ширинбек шоми танг ба Демарғон расид. Қисса бо дасти шоҳ паронда шудани сӣ маҳбусро то ба деҳа расидани раҳгузарон барояш нақл карда буданд. Зану фарзандонаш мотамзадагонро мемонданд. Ӯро бо ҳоли парешон пешвоз гирифтанд. Занаш баробари салом инони гиряро сар дод:

-Гумон кардам, ки туро ҳам ҳабс карданд. Аз ғусса ба ҷон расидам.

-Ман ягон гуноҳ накарда бошам... Барои сафари Рӯшон иҷозаашро гирифта будам.

-Ширин, хаёл мекунӣ ин маҳбусон гуноҳ доштанд? Худоё, ин чӣ рӯзе буд, ки ба сари халқ омад?!... » [2, 24-27].

Дар таърихи мардуми Кӯҳистони Бадахшон ҳангоми ҳукмронии шоҳони қатағанӣ ягон оила ё ягон кас рӯзи хуше надидаанд, зеро тарсу бим ҳамеша онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Падарону модарон аз он дар ҳарос буданд, ки имрӯз ё фардо аз фарзандони худ ҷудо мешаванд ё занҳо аз он метарсиданд, ки аз шавҳарони худ маҳрум бимонанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки занро чун модар ва тарбиятгар дониста, аз мардон талаб мекунад, ки сипари хонадон бошанд, то ба ӯ зараре нарасад. Зан аз барои аз даст додани шавҳараш қариб буд, ки сакта кунад. Вале замоне, ки ӯро сиҳату саломат дид, хеле шоду масрур гашт.

Оила ва фарзанд барои зан аз ҳама чиз пештару азизтаранд. Зеро ҷомеаи солим ба вуҷуди занони покдоман вобастагии қавие дорад. Агар дар ҷомеа зани солим набошад, дар он ҷо оилаи солиму кӯдакони солим пайдо нахоҳанд шуд. Фарзанд барои модар бештар аз ҳаёт аст, бе фарзанд модар чун баргҳои зардшудаи фасли тирамоҳ афсурдаву пажмурда мегардад. Дар ҷое Ато Мирхоҷа ҳолати рӯҳии зане, ки фарзандашро аз даст медиҳат, бо чунин абёте тасвир мекунад:

«Фарёд, ки фарёдрасе нест маро,
Дил сӯхт, аниси дил касе нест маро.
Гуфтум, ки ба ҷониби ту парвоз кунум,
Афсӯс, ки боли магасе нест маро.
Эй дуди сияҳ, дар осмонҳои манӣ,

Зангори фалак, дарду аламҳои манӣ.
Бишкуфта гули сафед дар боғи ҳама,
Эй хори ҷафо, ҳамеша дар пои манӣ – еее!!» [2, 54-60].

Зан мавҷудест. ки қалбаш пур аз меҳру муҳаббат, латофату нафосат мебошад. Аммо, вақте ки ӯро ранҷонӣ, вай чунон интиқоме мегирад, ки ҳушат ҳам хабардор намешавад ва агар бо ҷону дил дӯсташ дорӣ, бо ишқаш тамоми зиндагиро рангину пур аз муҳаббат мегардонад. Адиб ба ин маънӣ дар асар фикрашро чунин иброз кардааст:

«...ду навкаре, ки Гулнозро аз роҳи Рӯшон то Бартанг мебурданд, пас аз як ҳафта баргашта, хабар оварданд, ки Гулноз ҳангоми гузаштан аз дарё ғарқ шудааст. Ин мусибат Сарвинозро ба дараҷае маъюс сохт, ки се соли тамом либоси сиёҳ ба бар кард, аз хушиҳои зиндагӣ даст бардошт ва ба мотами модараш нишаст. Ин мотами дарозмуддат эътироз ва эътисоби ҷиддии Сарвиноз буд ба шавҳари золимаш» [3, 89-94].

Ва ин нафрати як занро нависанда ба таври зайл нишон медиҳад. Зан чунон кинаву адовате дар дил доштааст, ки шавҳарашро бо ёрии шоҳ Муҳаббатхон ба қатл мерасонад: «Маҳмадхон (Муҳаббатхон) духтари Мирбобошбекро гирифта ва ҳафт сол ба он ҷо истиқомат карда ва аз он хато карда ба Сарвиноз ном зане, ки ӯ аз дохили ҳарамхонаи Абдурахмонхон буда ва ин зан аз рӯи хати Маҳмадхон (Муҳаббатхон) ба Абдурахмонхон заҳр дода, ӯро ҳалок кард...» [11, 6-19].

Ва албатта бояд зикр намуд, ки доир ба ин мавзуъ дигар олимону донишмандон низ таҳқиқотҳое гузаронидаанд, ки яке аз онҳо Элчибеков Қ. мебошад, ки дар китобаш «Шугнан и Рушан в исторических источниках» доир ба ин мавзуъ чунин фикреро баён кардааст:

«Абдурахманхана отравила Сарви Ноз, женщина, имеющая доступ в шахский грем (Абдураҳмонхонро Сарвиноз ном зане, ки ба ҳарами шоҳӣ дастрасӣ дошт, заҳр дода мекушад)» [12, 99-100].

Аммо дар худи романи «Саройи санг» ақидаи дигаре мавҷуд аст, ки Муҳаббатхон ба Занҷири демурғонӣ фармон медиҳад, ки пас аз куштани бародарони модарҷудояш аз роҳи баргашт падарашро қатл кунаду ҷасадашро ба Баҳрпанҷа меорад ва мегӯяд, ки он аз сактаи дил вафот кард.

Бо вуҷуди ҳамаи он хислатҳои шоистаи зан вай боз дорои хислатҳои далерӣ, ҷасурӣ ва нотарсӣ мебошад. Дар роман ин нукта чунин таъкид шудааст:

«-Не, нагӯ, бародари азизам Дарвеш! Нагирӣ ҳам, калтаке бардошта, аз қафоят меравам.

Дарвеш медонист, ки мақсади асосии Сангинбахт чист, аммо чун иддаои ӯ ба суди кор буду ғайрати мардонро ба чӯш оварда метавонист, хитоб кард:

-Хоҳишат бошад, марҳамат, хоҳарам. - Ва ба сӯи суфаҳо назар андохт.- Лекин дар сафи пеш бояд мардон бошанд, на занон.

Дарҳол тамоми мардон ба по ҷаҳиданд, ҳатто халифа Султонҳайдар ҳам» [3, 227-235].

Бояд зикр намуд, ки зан қобилияти тамоми корро дорад, ҳатто ба ҷанг ҳам ҳозир аст, то ки ба наздикону атрофиёнаш осебе нарасад. Нависанда дар тасвири симои зан нигоҳи хоса дорад. Ӯ симои зан ва андешаву ақидаҳои доир ба зан доштаи худро бо овардани мисолҳои алоҳида дар бораи вазъ ва рӯҳияи занон дар оила ва дар муносибати байни зану мард иброз доштааст. Зан аз нигоҳи нависанда як чизи хеле маҳине аст, ки онро мебоист ба хубӣ муҳофизат кард. Барои мисол, симои яке аз қаҳрамонони ин асар Икронбегимро мегирем, ки нависанда ӯро тавре тасвир кардааст, ки гӯё дар ҷаҳон ба ғайр аз эшон зани порсотару меҳрубонтару хоксортар вуҷуд надошт. Ва албатта, дар ҳақиқат ҳам ин зан мисли як суфӣ буданд. Қиссаи худи пири Шуғнон Сайид Фаррухшоҳ хостгорӣ кардани ӯ

дар роман чунин омадааст:

«Абодилло сари духтархондашро оғӯш карда, гуфт:

-Дилатро сабук кун, духтарам, ба ин ҳақ дорӣ. Ва сарашро силакунон пурсид: -Ихтиёр бо туст, аммо ман фикр мекунам, ки Худованд фарохтарин даричаи инояташро ба рӯят боз кард. Ту ризои Худоро ба даст овардӣ, духтарам.

-Албатта, розӣ аст, - ба гап ҳамроҳ шуд Бибидавлат, - бози давлат худ омада, сари китфаш нишаст. Худо подоши маҳрумиятҳоро дод» [2, 78-87].

Хоксориву фурӯтании занҳоро дар образи ин зан нишон додааст, ки дар симои зани пири мулки Шуғнон як образи хеле афроштаро дорост ва то охир ин сатҳро аз даст намедод. Вай гарчи духтари шоҳ ҳам буд, хеле орому хоксор ва аз ҳама муҳимтар шавҳари худро ҳурмату эҳтиромӣ беандоза мекард. Ҳурмат кардани шавҳар яке аз хислатҳои муҳими ин зан ба шумор рафта, ӯ пайваста бо як ҷаҳон меҳру муҳаббате, ки нисбат ба шавҳараш дошт, дар тақвову рӯза буд:

«Вале Икронбегим ҳар рӯзи Худо, баробари ситорапар рӯза мегирифту баробари ситорарух рӯза мекушод. Ин хислати ҳамсар меҳри шавҳари соҳибтақвояшро ба вай чандин маротиба бештар кард, аммо метарсид, ки ба саломатиаш зараре нарасонад. Бинобар ин, рӯзе хоҳиш кард, ки:

-Валъамат, акнун ки хонадору серташвиш шудӣ, рӯзаи маъмулӣ бигир, беҳтар, зеро намехоҳам, ки обу афгор гардиву мардум гумон накунанд, ки ман бароят оши ҳалол намедиҳам» [5, 79-80].

Бо офаридани ин тасвири бадеии тимсоли зан ва фикру хаёли Ато Мирхоҷа марбут ба мақому мартабаи ӯ хушбинонаву хайрхоҳона шакл гирифта, шоир ақидаҳои дилписандро роҷаъ ба ҷинси латиф арз кардааст:

«Занон, қисме деги калонро мешустанд, иддае дар ошхона бо ғалоғулае хамиру зувола мехелиданд. Икронбегим, ки бо ҳавсалаи тамом дег мешуст, ба хусури шавҳараш салом дод. Сайидҷаъфар алейк гирифту гуфт:

-Дастатон дард набинад, валъамат. Туро ба дегу табақшӯйӣ чӣ муносибат? Ту кор фармо, инҳо ичро кунанд.

-Аз бекорӣ сарам варам мекунад, татик. Бе машғулият монам, дастонам мехоранд» [6, 88-89].

Бояд зикр кард, ки ин гуна занҳо чӣ дар он замон ва чӣ ҳозира хело камёбанд. Гарчанде ӯ аз як тараф шоҳдухтар ва аз тарафи дигар зани пири мулки Шуғнон Сайид Фаррухшоҳ буд, вале бо он мартабае, ки доштанд, ҳеҷ гоҳ пар-пар намезаду ҳавобаландӣ намекарданд. Ва муаллифи ин роман бо истифодаи каломи бадеъ образи эшонро боз ҳам ҷаззобтару пурҷилотар рангу бор кардааст. Зеро образи Икронбегимро барои наслҳои ҳозира ва оянда чун мисоли зиндагӣ овардааст, то ки аз он омӯзанд, ки шахсияти инсон на ба мансабу мартабаи ӯ вобастааст, балки ба худи он кас вобастагии зич дорад. Агар шахс дорои мақоми баланд дар ҷомеа бошаду хислатҳои инсонӣ надорад, пас чӣ фоида дорад он ҷоҳу мақом. Ҷои таассуф аст, ки имрӯзҳо инсонҳо барои ба мартабаи баландтар расидан ба чӣ корҳои разилона даст мезананд, то ки он мақомро соҳибӣ кунанд, аммо на барои пешрафти ҷомеа, балки фақат ба хотири манфиатҳои шахсии хеш:

«-Татҷон, барои чӣ Юсуфу Муҳаббат моро намемонанд, ки ба хонаамон баргардем?

Чумчаи дасти Абдураҳмонхон чанд сония муаллақ монд. Нигоҳи тезаш рӯйи духтарро аввал харошид, сонӣ тундиаш коҳиду ҷойи онро ифодаи яъсу навмедӣ гирифт. Вай чумчаро даруни корсон гузошт, сулфаи сохтае карду гуфт:

-Каме сер шаванд, мемонанд, духтарам» [4, 33-39].

Зан, ки ояндаи ҳар як ҷомеа аст, бояд оқила бошаду дарои пешбурди он саҳме гузошта бошад. Ба ҳамин маънист, ки вай ин ояндаро чизе ки аз тарбияи падару модари

худ гирифтааст, барои фарзандонаш ҳамонро таълим медиҳад. Муаллиф дар асараш ба маврид таъкид карда аст: «Духтарам, ба молу давлат дил набанд, дил ба Худо бибанд» [7, 4-5].

Бояд хулоса кард, ки Ато Мирхоҷа бо истифода аз санъатҳои бадеӣ доир ба хислатҳои ҳамидаи зан ва мақому ҷойгоҳи онро бо маъниҳои хеле ба дил наздикро иброз намудааст. Зан дар романи «Саройи санг» хеле дар дараҷаи баланд шиносонида шудааст. Нависанда дар асари пуарзиши худаш сифатҳои хуби занонро нишон дода, онҳоро чун ҷавоҳири ноёб муаррифӣ кардааст.

КИТОБНОМА

1. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг (романи таърихӣ, қисми якум). / Ато Мирхоҷа. – Душанбе: «Сухан», 2018, 360 с.
2. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг (романи таърихӣ, қисми дуюм). / Ато Мирхоҷа. – Душанбе: «Эр-граф», 2019, 368 с.
3. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг (романи таърихӣ, қисми сеюм). / Ато Мирхоҷа. – Душанбе: «Эр-граф», 2020, 308 с.
4. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг, Шоҳдухтари саргашта // Садои шарқ №5 соли 2019, Ато Мирхоҷа. - Душанбе: 33-39 с.
5. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг, Кӯчбандии хонадони Исҳоқ // Ато Мирхоҷа. Садои шарқ №6 соли 2019, - Душанбе: 79-80 с.
6. Мирхоҷа, Ато. Саройи санг, Кӯчбандии хонадони Исҳоқ // Ато Мирхоҷа. Садои шарқ №6 соли 2019, - Душанбе: 88-89 с.
7. Мисбоҳиддини Назриқул, Шуғнони таърихӣ дар оинаи «Саройи санг» (назаре ба вижагиҳои ҳунарии роман). // Н.Мисбоҳиддин, “Адабиёт ва санъат”, 1-уми сентябри соли 2022, №35 (2162). -4-5 с.
8. Муборакшоҳзода С.Ҳ., Таърихи мулки Шуғнон. / С.Ҳ.Муборакшоҳзода. Хоруғ: Помир, 1992. 6-19 с.
9. Элчибеков К. Шугнан и Рушан в исторических источниках / К.Элчибеков -Душанбе: «Эр-граф», 2020. 99-100 с.

ТИМСОЛИ ЗАН ДАР РОМАНИ «САРОЙИ САНГ»-И АТО МИРХОҶА

Бо шарофати сиёсати инсонгароёнаи Пешвои миллат имрӯз дар Тоҷикистон занон дар ҳамаи корҳои идориву давлатдорӣ фаъолона ширкат меварзанд ва вазифаҳои хеле пурмасъулро сарбаландона иҷро карда истодаанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки таърихан дар фарҳанги аҷдодии мо зан аз мақому мартабаи хосса бархӯрдор буда, ахлоқу одоб ва рафтору кирдори ӯ сарчашмаи хубиҳову некиҳо мебошад ва аз ин ҷиҳат дар муаррифии миллату ободии давлат саҳми зан-модар ниҳоят зиёд аст. Бесабаб нест, ки шоирону нависандагон дар офаридаҳояшон ғановати маънавии зан-модарро тавсиф намуда, тарбиягари наслу такондиҳандаи ҷомеа будани онҳоро ба таъкид гирифтаанд. Нависандаи муосири тоҷик Ато Мирхоҷа дар романи сеҷилдаи “Саройи санг” силсилаи симоҳои занонро офарида, хонандаро водор месозад, ки бояд роҳи дурусти зиндагиро маҳз аз ҳидоятҳо ва ахлоқи ҳасанаи занон омӯхт ва сифоти писандидаи онҳоро бештар бояд ситоиш кард. Дар ин мақола бо такя ба романи “Саройи санг”-и Ато Мирхоҷа тақдири таърихии занони тоҷики Кӯҳистони Бадахшон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Калимаҳои калидӣ: “Саройи санг”, Ато Мирхоҷа, адабиёти муосири тоҷик, образи занон дар адабиёт, сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, ахлоқи ҳасанаи занон.

Тошмамадова Фарзона Сайёдбековна - докторанти (PhD) Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ. Нишонӣ: ВМКБ, н.Роштқалъа. Тел.: (+992)501143155; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ В РОМАНЕ «КАМЕННЫЙ ДВОРЕЦ» АТО МИРХОДЖА

Благодаря гуманной политике Лидера нации сегодня в Таджикистане женщины активно участвуют во всех административных и государственных делах и с гордостью выполняют очень ответственные задачи. Это показывает, что исторически в нашей исконной культуре женщина имеет особый статус и ранг, ее нравы, манеры и поступки являются источником добрых дел, и с этой точки зрения вклад женщины-матери чрезвычайно велик в презентацияи нации и процветании государства. Недаром поэты и писатели в своих произведениях описывали духовное богатство женщины и матери, подчеркивали их роль просветительниц и шейкеров общества. Современный таджикский писатель Ато Мирходжа в своем трехтомном романе «Каменный дворец» создал ряд женских образов и убеждает читателя в том, что правильному образу жизни следует учиться на наставничестве и нравственности женщин, больше восхвалять их желательные качества. В данной статье на основе романа Ато Мирходжи «Каменный дворец» исследуется историческая судьба таджикских женщин Бадахшана.

Ключевые слова: «Каменный дворец», Ато Мирходжа, современная таджикская литература, образ женщины в литературе, мудрая политика Лидера нации, женская этика.

Тошмамадова Фарзона Сайёдбековна - докторант (PhD) Института гуманитарных наук имени академик Б.Искандарова НАНТ. Адрес: ГБАО, Рошткалинский район. Тел.: (+992)501143155; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

THE IMAGE OF A WOMAN IN THE NOVEL “STONE PALACE” BY ATO MIRKHOJA

Thanks to the humane policy of the Leader of the Nation, today in Tajikistan women actively participate in all administrative and government affairs and proudly perform very responsible tasks. This shows that historically in our ancestral culture, a woman has a special status and rank, her morals, manners and actions are the source of good deeds, and from this point of view, the contribution of a woman as a mother is extremely great in the presentation of the nation and the prosperity of the state. It is not without reason that poets and writers in their works described the spiritual wealth of women and mothers and emphasized their role as educators and shakers of society. Contemporary Tajik writer Ato Mirkhoja, in his three-volume novel “The Stone Palace,” created a number of female images and convinces the reader that the correct way of life should be learned from the mentoring and morality of women, and more praise for their desirable qualities. This article, based on Ato Mirkhoja’s novel “The Stone Palace,” examines the historical fate of Tajik women in Badakhshan.

Keywords: “The Stone Palace”, Ato Mirkhoja, modern Tajik literature, the image of a woman in literature, the wise policy of the Leader of the nation, women’s ethics.

Toshmamadova Farzona Sayyodbekovna - doctoral student (PhD) of the Institute of Humanities named after Academician B. Iskandarov of the NAST. Address: GBAO, Roshtkala district. Tel.: (+992)501143155; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

УДК 338

ТАШАККУЛИ СОХТОРҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР АСОСИ ИННОВАТСИЯҲО

Тошматов С.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар шароити муосир корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани фаъолияти инноватсионӣ дар ҷустуҷӯ ва татбиқи навовариҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ба истеҳсолот аҳамияти махсус медиҳад. Саноатикунонии босуръат ҳадафи чоруми стратегии мамлакат ба шумор рафта, масъалаи мазкур мавриди диққати доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор

гирифта, бинобар ин, солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат эълон гардид. Саноатикунонӣ масъалаи актуалӣ буда, мубрамияти худро аз даст надода, рӯз аз рӯз ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа табдил ёфта истодааст. Истифода нагардидани навоварӣ дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулотҳо боиси тоб наовардани маҳсулотҳо ба рақобат дар бозор мегардад. Дар ин шароит барои корхонаҳои ватанӣ ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ қувваи пешбаранда мебошад. Инноватсия дар корхона барои ноил шудан дар бозор мавқеи устуворро пайдо мекунад. Имрӯзҳо дар корхонаҳои саноатии мамлакат, рушди илм ва технология, ки шарти муҳими иқтисоди инноватсионӣ мебошад, рақобатпазириро тавсиф мекунад.

Дар шароити ҳозира Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ шуда истодааст, ки дар он се масъалаи асосии рушди иқтисоди кишвар – унверсалӣ, саноатӣ ва инноватсионӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ин масъалаҳо ҷиҳати саноати инноватсионӣ, бунёди заминаи рушди инноватсионӣ ба нақша гирифта шудааст. Ташаккули иқтисоди инноватсионӣ раванди мураккаб, гуногунҷабҳа ва дарозмуддат мебошад. Фаъолияти инноватсионӣ ба ҳама намуди маҳсулот ҳам дар истеҳсолот ва ҳам дар таҳқиқотҳои илмӣ, ташкилӣ ва молиявӣ, марбут мебошад.

Инноватсия ҳамчун раванд дорои сохтори муайяне мебошад, ки онро давраи ҳаёти навоварӣ меноманд. Марҳилаи асосии давраи ҳаёти навоварӣ пайдоиш, рушд ва инкишофро дар бар мегирад. Ин намуди фаъолият аз рӯйи марҳилаҳои давраи ҳаётӣ имкон медиҳад, ки равандҳои истеҳсолӣ ҳангоми ташаккул додани он дар корхона ба назар гирифта шаванд. Инчунин фаъолияти инноватсионӣ фаъолиятест, ки метавонад баъзе донишҳо ва малакаҳоро ба манфиати молиявии корхона табдил диҳад.

Аксар вақт, дар корхона инноватсияро ҳамчун эҷод ва истифодаи ғояҳои нави технологӣ мефаҳманд, ки на танҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот, балки дар ташкили тиҷорат бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бомуваффақият истифода мебаранд. Бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир инноватсия дар марҳилаи муосир муҳимтарин воситаи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ ба шумор меравад [1, с, 43-54].

Сиёсати инноватсионӣ низоми мураккаби фаъолияти илмӣ, техникӣ, маркетингӣ, идоракунӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиро ба танзим медарорад. Ҳадафи асосии он ҷорӣ намудани фаъолияти корхона мебошад. Фаъолияти инноватсионии корхона шаклҳои нави хоҷагидориро дар бар мегирад. Инчунин инноватсия банақшагирӣ ва назорати дақиқро талаб мекунад. Айни замон, технологияи баланди пешрафта метавонад сифати истеҳсоли маҳсулотро дигар намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир таваҷҷуҳ ба инноватсия хеле афзоиш ёфта, ҳатто дар сатҳи ҳукумат ҳам чораҳои ҳавасмандгардонии инноватсионӣ андешида шудаанд. Аксар вақт, инноватсия ҳамчун эҷод ва истифодаи нави технологӣ фаҳмида мешавад, ҷанбаи дигари ин фаъолият ташкил намудани он ба ҳисоб меравад. Инноватсия на танҳо дар истеҳсоли маҳсулот, балки дар ташкил намудани фаъолияти корхона, соҳибкорӣ, тиҷорат, идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он бомуваффақият татбиқ карда мешавад.

Фаъолияти инноватсионии корхона маҷмуи принсипҳо ва усулҳои инноватсионӣ мебошад, ки бо баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва инкишоф дар асоси татбиқ ва истифодаи навовариҳо, ба даст овардани ҳадафҳои стратегӣ, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии он равона карда мешавад. Бо татбиқи навоварӣ мақсади дигар намудани низоми фаъолият ба рушди иқтисодии корхона равона карда шудааст. Ҳангоми ташаккул додани низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, бояд хусусиятҳои низоми идоракунии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар

гирифта шавад [2. с, 78-82].

Инноватсия ин раванди стратегӣ, таҳқиқоти илмӣ, ва истеҳсолӣ маҳсулот дар корхонаҳо мебошад. Баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирии корхона дар заминаи фаъолияти стратегии он ба вуҷуд меояд. Барои корхона лозим аст, ки консепсияи муосири идоракуниро таҳия ва татбиқ намояд. Идоракунӣ ҷанбаҳои ташкилӣ, кадрӣ ва иттилоотии корхонаро дар бар мегирад. Фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ нақши калидӣ дорад. Онҳо метавонад дар самтҳои гуногуни корхонаҳо татбиқ карда шаванд [3. с, 212-216].

Аз ин лиҳоз, рақобатпазирии корхонаҳо ва ташкили фаъолияти инноватсионии он ин омезиши равиши баррасишаванда мебошад. Имрӯз дар аксар корхонаҳо усулҳои махсуси идоракунии фаъолияти инноватсионӣ истифода мешаванд. Инкишофи низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатию истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти ҷиддиро талаб мекунад. Ташаккули равандҳои иқтисоди муосири корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ бо истифодаи технологияи нав бевосита алоқаманд мебошад. Бо шарофати технологияи нави муосир афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ба назар гирифта мешавад. Равандҳои илмию техники инкишоф суръати рушди корхонаҳои саноатиро беш аз пеш муаяйн мекунад.

Имрӯз самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ бо истифодаи технологияи инноватсионӣ алоқаманд мебошад. Бинобар ин, технологияи инноватсионӣ бояд дар корхонаҳои ватанӣ татбиқ карда шаванд. Мутахассисоне, ки инноватсияро ҷорӣ мекунанд, бо истифодаи дуруст ва саривақтии технологияи пешрафта мусоидат менамоянд. Ҳадафи асосии такмил додани истеҳсоли маҳсулот бо истифода аз таҳқиқотҳои илмӣ ва рушди қобилияти онҳо, дар корхонаҳои муосир ба роҳ мондани истифодаи технологияи нав мебошад.

Асоси фаъолияти корхонаҳои муосир аз он иборат аст, ки ҳама технологияҳои кӯҳнашуда нав карда шавад. Аз ин лиҳоз, технологияи фарсуда фаъолияти корхонаро суст карда, онро мунтазам ва саривақт иваз намудан лозим аст. Барои ин дар корхонаҳо саривақт назорат намудани сифати мол, вазъи ҷойҳои корӣ, риояи технологияҳо, таҳлили бозор муҳим мебошад. Тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳад, дар раванди истеҳсолӣ маҳсулоти кӯҳна бояд ба фикрҳои инноватсионӣ диққат дода шавад. Зери мафҳуми инноватсия, технологияи нав, намудҳои нави маҳсулот фаҳмида мешавад. Муҳимтарин қисми рушди истеҳсолӣ маҳсулоти корхона фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад.

Принсипҳои муҳимтарини сиёсати инноватсиони инҳо мебошанд:

- ташаккул додани муҳити иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои паҳншавии инноватсияҳо;
- эътироф намудани модели интихобшудаи рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар ҳамчун самти афзалиятнок;
- татбиқи механизми бозоргонӣ барои рушди инноватсия, фароҳам овардани имтиёзҳои баробар барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ, ки новобаста аз шакли моликият фаъолият мекунанд;
- ташаккул ва истифодаи самараноки қобилиятҳои илмӣ-техникӣ ва тағйир додани онҳо мутобиқи ҳадафҳои стратегӣ;
- омезиши беҳтарини ниёзҳои истеҳсолкунандагони маҳсулот, сармоягузорон, эътирофи объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳамчун манбаи даромад.

Раванди инноватсионӣ назорати доимӣ, арзёбии сифати маҳсулот, пешгӯӣ намудани таҳияи барномаҳои илмӣ - техникии давлатӣ ва байнидавлатиро талаб мекунад. Фаъолияти инноватсионӣ бо шаклҳои гуногуни ташкил карда мешавад, зеро раванди инноватсионӣ самтҳои гуногуни фаъолияти молиявӣ, илмӣ – техникӣ иттилоотиро фаро мегирад. [4. с,76-82].

Яке аз омилҳои асосии истеҳсоли маҳсулот дар корхона ин ҷорӣ намудани технологияҳои нави замонавӣ мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти босифат гузариш ба иқтисоди бозориро дар сатҳи баланд таъмин мекунад. Шароити нави корхона бо тафаккур ва психологияи коргарон вобаста мебошад. Соҳаи саноат ба мисли дигар соҳаҳои иқтисодиёт, ба шароити истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии он, таъмини рақобатпазирии маҳсулот, истифодаи технологияи навтарини, ин шароит мутобиқ карда мешавад.

Фаъолияти инноватсионӣ ва идоракунӣ дар шароити муосир ба андешаи мо, дар се марҳилаи асосӣ идора карда мешавад:

Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи фаъолияти кории кормандон;

Ҷалби сармояи хориҷӣ барои пурра бартараф намудани иқтидори кормандони корхона ва ноил шудан ба ҳадафҳои худ;

Мунтазам такмил додани сифати касбии коргарон мутобиқи ҳадафҳои рушди истеҳсолот.

Истеҳсоли маҳсулот дар шароити муосир низоми идоракуниро дар баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатпазирии корхона нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ба назар гирифтани сифати истеҳсоли маҳсулот барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои муосир яке аз вазифаҳои пешбаранда мебошад.

Ҷадвали 1. Рушди идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ

Ҳадафҳои стратегии корхона	Мақсади асосии идоракунӣ фаъолияти инноватсия
Рушди корхона, ва инкишофи бозор	Истифодаи технологияҳои муосир ва таҷҳизоти нави замонавӣ барои беҳтар намудани сифати маҳсулот, васеъ кардани навъҳо, зиёд кардани ҳаҷми фурӯш ва ворид шудан ба бозорҳои нави ҷаҳонӣ.
Роҳбарии корхона дар фаъолияти бозор	Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани маҳсулоти баландсифат, ба вуҷуд овардан ва инкишоф додани мавқеи пешқадам.
Ба даст овардани афзалияти рақобатпазирии корхона тавассути хароҷоти паст ва истеҳсоли сифати баланд	Такмил додани намуди маҳсулот, технологияи нав, низоми идоракунӣ, истифодаи технологияҳо ва маводҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза.

Сарчашма таҳияи муаллиф:

Фаъолияти дурусти идоракунии рақобатпазирии корхона имконпазир буда, аз ҷониби кормандон дуруст дарк намудани вазифаи худ ин фаъолияти истеҳсолиро таъмин намояд. Дар баробари таъмин намудани иттилооти пурра ва саривақт идора намудани кадрҳо барои дарк ва иҷрои раванди истеҳсоли корхонаҳои саноатӣ муҳим мебошад. Бо вуҷуди он, ки беҳтар намудани ҳосилнокӣ дар корхонаҳои мамлакат аз технологияи муосири рақобатпазирӣ дар корхона истифода бурда шаванд [5. с, 161-165].

Ин афзоиши натиҷаи корхонаҳо мебошад, ки барои ҷорӣ намудани маҳсулоти нав, равандҳои нави истеҳсолот, татбиқи технологияҳои муосир усулҳои нави маркетинг дар он ифода карда шавад. Инноватсия дар бозорҳои ҷаҳонӣ нав буда, технологияи ҷаҳониро пеш мебаранд. Мамлакатҳое ки, дорои иқтисоди гузариш ба инноватсия мебошанд дар ҷорӣ намудани технологияи нав барои корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ рақобатпазирии онҳоро ба вуҷуд меорад.

Содирот дар дохилӣ мамлакат гуногун ва навовар буда, инноватсия ҳамзамон дар шакли ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами мавҷуда нақши калидӣ дорад. Ин натиҷаи бевоситаи он аст, ки расидан ба сатҳи технологияи ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам масъалаи мубрам мебошад. Имрӯз иқтисоди ҷаҳонӣ саросар бо фарқиятҳои назарраси ҳосилнокӣ

дар корхонаҳои муосири истеҳсолию саноатӣ идома ёфта истодааст. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати истеҳсолот дар корхонаҳо ин рақобатпазирӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нав мебошад. [6. с, 28-33].

Аз ин лиҳоз, баъзе корхонаҳо навоварӣ карда наметавонанд. Аммо бисёриҳо метавонанд бо роҳи такмил додани низоми идоракунӣ фаъолияти истеҳсолии худро дигаргун созанд. Дар корхонаҳое, ки низоми сифати идоракунӣ дар онҳо паст аст, инноватсия суст ҷараён дорад. Ин гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки барои ба даст овардани равандҳои нави идоракунӣ инноватсияҳо такмил дода шаванд. Аз тарафи дигар, мамлакатҳо дорои таҷрибаи идоракунӣ ба ҳисоби миёна беҳтар дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ, Аврупои Марказӣ ва мамлакатҳои назди Балтика, аз ҷорӣ намудани раванди нави идоракунӣ фоидаи бештар мегиранд.

Муваффақиятҳои инноватсионӣ дар корхонаҳо аз муҳити дохилӣ ва берунии он вобастагӣ дорад. Шароити мусоиди тиҷорат метавонад, бо афзоиши истеҳсоли нав барои бештар муайян кардани навоварӣ ва ҳавасмандгардонии корхона, навоварӣ карда шавад. Корхонаҳое, ки тавассути ҷорӣ намудани маҳсулоти нав навоварӣ мекунанд, нисбат ба корхонаҳои ғайринавоварӣ бештар тараққӣ мекунанд. Ин фарқиятҳо барои дарки тиҷорат аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ ва инноватсионию ғайрииноватсионӣ муҳим мебошад.

Таҳлили мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки инноватсия пеш аз ҳама, навоварӣ дар корхона мебошад. Мамлакатҳое, ки барои тиҷорат боз ҳам рақобат мекунанд, қувваи бузург ба ҳисоб мераванд. Самтҳои азхудкунии технологияи нав корхонаро метавонад, ба даромади сатҳи баланд барорад. Аммо хариди технологияи нав метавонад хароҷоти зиёд дошта бошад ва аз ин рӯ, корхона ба маблағузории беруна ниёз дорад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки инкишофи истеҳсолот дар корхонаҳо бо ҳисоби миёна 50 – 80% - ро ташкил медиҳад. Аммо то нимаи дуюми асри 21 суръати баланди инкишофи истеҳсолот асосан, аз ҳисоби тақсимоти захираҳо, инчунин таъсири онҳо таъмин мешуд. Роҳбарони корхонаҳо метавонанд, истеҳсолотро бо роҳҳои гуногун баланд бардоранд. Онҳо миқдори барзиёди корхонаро таъмин карда, хароҷотро бартараф намуда, низоми идоракунии корхонаро баланд мебардорад. Бо вуҷуди ин, омили асоси ва муҳимтарини тағйирот, дар корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани маҳсулоти нав ва роҳҳои нави пешбурди тиҷорат мебошад. Корхонаҳо барои такмил додани истеҳсолот ва ҷорӣ намудани сифати нави маҳсулот доимо кӯшиш мекунанд. Қисми зиёди маҳсулоти нав аз технологияҳои нави бадастовардашуда, ки дар хориҷа таҳия шудаанд, барои қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои муосири истеҳсолию саноатӣ ва бозорҳои маҳаллӣ татбиқ карда мешаванд [8. с, 90 – 95].

Ҷорӣ намудани технологияи муосир дар бозори кишваҳои рушдёбанда зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, рақобатпазирии корхона ва беҳтар гардонидани технологияи онҳо натиҷаи назаррас дорад. Таҷрибаи худро дар шароити кушод ба даст оварда, барои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулот ва рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат мекунад. Масалан, вақте ки иқтисод ба марҳилаи пешрафти технологӣ наздик шуд, афзоиши маҳсулоти босифат дар корхона меафзояд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти заруриро барои таъмин намудани фаъолияти корхона истеҳсол мекунанд, қисми таркибии бозор мебошанд. Барои таъмини фаъолияти корхонаҳо, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат нақши асосӣ дорад. Яке аз принсипҳои асосии фаъолияти маркетинг – “Кӣ рақибонро фаромӯш мекунад, фардо бозорро фаромӯш хоҳад кард” мебошад. Рақобат аз вазъи бозор вобаста мебошад. Муҳити рақобат ин таҳлили корхонаҳо - рақибон, молҳо ва хизматҳо мебошад, ки барои истеҳсоли маҳсулот афзалияти рақобати корхона, аз ҷумла шумораи

зиёди омилҳо ва нишондиҳандаҳо зарур мебошад[9. с, 95-98].

Фаъолияти инноватсиониро он кишварҳое нишон медиҳанд, ки дар онҳо низоми миллӣ самаранок амал мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба фаъолияти инноватсионӣ ва навсозии босуръати иқтисодиёт дар ҷомеа ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти марбутаи тамоми самтҳои корхонаро дар қиёси миллӣ меафзояд. Баланд бардоштани рушди иқтисоди муосир, идоракунии тамоми самтҳои корхонаҳои саноатӣ мушкилоти навро ба миён меорад. Онҳо дар салоҳияти менеҷерон самтҳои гуногуни идоракунӣ стратегӣ зоҳир мешаванд, ки имконият ва рушди устувори корхонаро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, табиист, ки мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки муваффақият дар бозор дар шароити муосир 80% ва аз он бештар ба сифати идоракунии фаъолияти иқтисодӣ вобаста мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи шаклҳои наву гуногуни идоракунӣ дар корхонаҳо ба роҳ монда шудааст. Дар шароити мутобиқшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон моделҳои идоракунии равандҳои инноватсионӣ, ки дар мамлакатҳои мухталиф барои ташкили корхонаҳои саноатӣ дар он технологияи баланд истифода карда мешавад тавсия мегардад.

Равандҳои инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Беларус наздиктар мебошад, ки дар он низоми пешгӯии стратегӣ ва банақшагирии рушди инноватсионӣ барои муайян намудани самтҳои гуногуни фаъолияти илмӣ техникӣ мавҷуд мебошад. Бо ташаббуси Ҳукумати кишвар як қатор барномаи бузурги давлатӣ барои навсозии иқтисодӣ мамлакат амалӣ карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои инкишофи самтҳои баланди технологияи ки дорои донишҳои махсуси иқтисодӣ дар асоси дастовардҳои илм, техника ва истеҳсолот диққати махсус дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз он ки корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ кадом роҳро пеш гирифтаанд, яке аз ҳадафҳои муҳимтарини фаъолияти онҳо рақобатпазирӣ дар соҳаи технологияҳои ташкили меҳнат ё менеҷмент мебошад. Рақобатпазирии корхона аз он вобаста аст, ки натиҷаи фаъолияти инноватсионии онҳо то чӣ андоза муваффақ хоҳад шуд. Афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо метавонад ҳам маҳсулоти нав ё таҷдидшудаи дар бозор фурӯхташавандаро ва ҳам раванди нави мукаммалтарини технологиро дар амал истифода барад. Барои он ки таҳлили усулҳо оид ба афзалиятҳои истеъмолкунандагон дақиқ муайян карда шавад, ба сифат ва хусусиятҳои маҳсулот дар корхона аҳамият дода, роҳҳои аз ин беҳтар баровардани маҳсулоти хушсифатро ҷустан лозим. Ҳамаи ин дар заминаи донишҳои илмӣ ва малакаҳои касбии мутахассисони ҳар як корхонаю муассиса ба вуҷуд меояд.

АДАБИЁТ

1. Гришина Ю.В. Влияние качества на конкурентоспособность продукции сельского хозяйства / Ю.В. Гришина / Молодежь и наука. 2016. № 4. С. 212-216.
2. Жгунова П.А. Повышение конкурентоспособности компаний на основе логистического подхода / П.А. Жгунова / Рязанский государственный радиотехнический университет. – 2019. – С. 43-54.
3. Иванова Л.А. Маркетинговые исследования: практика проведения анализа конкурентоспособности организации / Л.А. Иванова / Современное общество и власть. – 2018. — №7. – С. 95-98.
4. Квасникова В. В. Конкурентоспособность товаров и организаций. Практикум / В.В. Квасникова, О.Н. Жучкевич. — М.: Инфра-М, Новое знание, 2015. с.-78-82
5. Котова С.В. Механизм реализации системы управления конкурентоспособностью предприятия и производимой продукции / С.В. Котова / Аллея науки. 2017. № 5. С. 225-231.

6. Рохчин В.Е., Ветрова Е.Н. Управление стратегической конкурентоспособностью промышленного предприятия на основе развития его потенциала / под ред. А.Е. Карлика. СПб: Изд-во СПб ГУЭФ, — 2012.с.28-35.
7. Саяпина О.Н. Современные направления повышений конкурентоспособности организаций / О.Н. Саяпина / Символ науки. 2017. Т. 1. № 2. С. 76-82.
8. Сердитова О. В. Применение портфельного анализа при оценке конкурентоспособности организации / О. В. Сердитова / Молодежь и наука. 2016. № 6. — с. 90-95.
9. Ситдова С.А. К вопросу о повышении конкурентоспособности промышленных предприятий / С.А. Ситдова / ХГУ имени ак. Б. Гафурова. – 2019. – с. 161-165.

ТАШАККУЛИ СОХТОРҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР АСОСИ ИННОВАТСИЯҲО

Саноатикунонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии мамлакат ба шумор рафта тайи солҳои охир дар низоми идоракунӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо яке аз мавзуъҳои тадқиқшаванда ба шумор меравад.

Дар мақола аз ҷониби муаллиф самтҳои асосҳои идоракунӣ ва рақобатпазирӣ дар корхонаҳои саноатӣ таҳлил карда шудааст. Муаллиф бо истифода аз ақидаҳои олимони ватанию хоричӣ оид ба рақобатпазирӣ ва сохторҳои идоракунии корхонаҳо андешаи худро пешниҳод намудааст. Қайд кардан, бамаврид аст, ки муаллиф бо истифода аз адабиёти иқтисодӣ ва дигар манбаъҳо усулҳои самаранокии таҳлили рақобатпазирии корхонаҳоро муайян намудааст. Инчунин пешниҳодҳои мушаххас оид ба пешбурди рақобатпазирӣ ва идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст, ки барои рушди рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: рақобатпазирӣ, инноватсия, корхона, саноат, корхонаҳои саноатӣ, идоракунӣ, истеъмолкунанда, мизоҷ, техника, технология, маҳсулот.

Тошматов Сорбон Ҳасанович – доктор (PhD), ихтисоси 6D050600 иқтисодиёт, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроғa: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. sobon-toshmatov @ mail.ry s.hasan Телефон: +992 985 77 44 74.

ФОРМИРОВАНИЕ СТРУКТУР УПРАВЛЕНИЯ ПРОМЫШЛЕННЫМИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ НА ОСНОВЕ ИННОВАЦИЙ

Индустриализация является одним из приоритетных стратегических направлений страны и является одной из исследуемых тем в системе управления и конкурентоспособности предприятий на протяжении последних нескольких лет.

В статье автор проанализировал направления основ управления и конкурентоспособности на промышленных предприятиях. Автор изложил свое мнение, используя мнения отечественных и зарубежных ученых о конкурентоспособности и структурах управления предприятиями. Стоит отметить, что автор, используя экономическую литературу и другие источники, определил эффективные методы анализа конкурентоспособности предприятий. Также были представлены конкретные предложения по повышению конкурентоспособности и управлению на промышленных предприятиях, что способствует развитию конкурентоспособности предприятий.

Ключевые слова: конкурентоспособность, инновация, предприятие, отрасль, промышленные предприятия, менеджмент, потребитель, заказчик, техника, технология, продукт.

Тошматов Сорбон Хасанович - доктор (PhD) по специальности 6D050600 экономика, Таджикский Государственный Университет Финансов и Экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. sobon-toshmatov@mail.ry s.hasan Телефон: +992 985 77 44 74.

FORMATION OF MANAGEMENT STRUCTURES BASED ON INNOVATION OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

Industrialization is one of the country's priority strategic directions and has been one of the research topics in the management system and competitiveness of enterprises over the past few years.

In the article, the author analyzes the directions of the fundamentals of management and competitiveness in industrial enterprises. The author expressed his opinion using the opinions of domestic and foreign scientists on competitiveness and enterprise management structures. It is worth noting that the author, using economic literature and other sources, has identified effective methods for analyzing the competitiveness of enterprises. Specific proposals were also presented to improve competitiveness and management at industrial enterprises, which contributes to the development of the competitiveness of enterprises.

Key words: competitiveness, innovation, enterprise, industry, industrial enterprises, management, consumer, customer, equipment, technology, product.

Toshmatov Sorbon Khasanovich - Doctor (PhD) in Economics 6D050600, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. sobon-toshmatov@mail.ry s.hasan Phone: +992 985 77 44 74.

УДК 338

«ИМКОНИЯТҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДА БУРДАНИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ»

Фарҳодзода Х.Ф.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Наразшоев

Ҳамкориҳо дар ҷодаи Роҳи абрешим асосан бо истифода аз навтарин технолгияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва татбиқи барномаи ҳукумати электронӣ роҳандозӣ карда шуда, хароҷоту масрафи кишварҳои аъзоро дар самтҳои мухталифи ҳамкорӣ коҳиш медиҳад. Дар шакли густурда истифода шудани технологияҳои замонавӣ дар идоракунии давлатӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор намуд, ки онро шартан «ҳукумати электронӣ» ном баранд. Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» аз ҷониби якчанд муаллифон пешниҳод ва коркард шудааст. Дар энсиклопедияи Википедия зикр шудааст, ки «ҳукумати электронӣ – ин компютерикунонии ҷараёнҳои ба қоғазгузорӣ «қоғазбозӣ» асосёфта мебошад, ки дар натиҷаи он усули нави идоракунӣ, роҳҳои нави мубоҳиса ва қабули қарори тақдирсоз, роҳои нави пешбурди тиҷорат, роҳҳои нави муоширату шунидани мардум ва роҳҳои нави ташкилу коркарди иттилоот пайдо мегарданд».

Истифодаи имкониятҳои ҳукумати электронӣ дар масири Роҳи абрешим имкон медиҳад, ки сатҳу сифати ҳамкориҳо баланд гардида, вақт ки категорияи бебозгашт аст, сарфа шавад. Ҳамзамон, татбиқи унсурҳои ҳукумати электронӣ фаврияти баргузории ҳамоишу ҳамкориҳоро байни давлатҳои узви Роҳи абрешим таъмин намуда, марзҳоро қолбашиканӣ карда, дар фазои вертуалӣ амалӣ мегардад. Ҳамчунин, бо мурури замон баргузории нишастҳо дар доираи Роҳи абрешим барои ҳарчи тезтар ва бо сифати баланд татбиқ шудани барномаи ҳукумати электронӣ дар сатҳи кишварҳо мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи роҳандозӣ намудани ҳукумати электронӣ дар низоми давлатдории миллӣ аз бартарият холӣ нест. Зеро яке аз бахшҳои асосии ҳамкориҳо ва додугирифти давлатҳо дар доираи Роҳи абрешим татбиқи «Роҳи абрешии рақамӣ», ки он фарогири истифода ва мубодилаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва навгониҳои илмию инноватсионӣ дар самти рақамикунонии ҷомеа мебошад. [1]

Тибқи дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмашон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ соли 2018 ба Мачлиси Олии кишвар ироа гардидааст, ишора шудааст, ки ҷиҳати мустаҳкам намудани замина барои гузариш ба низоми ҳукумати электронӣ дар давоми соли 2019 консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар қабул карда шавад. Вобаста ба ин, соли 2019 бо қарори ҳукумати кишвар «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуда, дар доираи он олимону мутахассисони соҳа корҳои илмӣ – татқиқотӣ ва амалӣ бурда истодаанд.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои олии рушди дарозмуҳлати давлат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, ҳамзамон ҳарчӣ зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расидани он ва ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ (аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ додани кишвар, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат) ва табодули давлат ба кишвари транзитӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва дар ин замина таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. [2]

Роҳандозӣ гардидани Консепсияи иқтисоди рақамӣ замина барои рақамикунонии пул (асъор) дар бозорҳои шабакавӣ мегузорад. Дар ҳошияи иқтисоди рақамӣ сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлат ва назорати низоми бонкӣ бо истифодаи технологияҳои пешрафтаи рақамӣ амалӣкарда мешавад.

Иқтисодшиноси белорус Головенчик Г.Г., дар китобаш «Иқтисоди рақамӣ» оид ба масъалаҳои шарту сабабҳои пайдоиши иқтисоди рақамӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ибрози андеша намуда, асоси равнақи онро рушди технология аз қабили зеҳни сунъӣ, пайдоиши роботҳо дар истеҳсолот, дастгоҳҳои бесарнишини парвозкунанда, воқеияти вертуалӣ, технологияҳои ҳушманд, ҳамчунин пайдоиши ибораҳои ҳукумати электронӣ, демократияи рақамӣ, тиҷорати рақамӣ, интернет-мағозаҳо, пайдоиши пулҳои рақамӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва таҳдиду хатарҳои он ба амнияти мили давлатҳо ва табодули соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба модели рақамӣ мулоҳиза намудааст. [3]

Қабл аз он, ки дар бораи имкониятҳои истифодаи самараноки Роҳи абрешим ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида намоем, моро зурур аст, ки ба як масъала таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуд. Кишвари мо чӣ гуна имконият ва иқтидори иқтисодӣ ё табиӣ дорад, ки мо онҳоро тавассути Роҳи бузурги абрешим дар амал татбиқ намуда, аз он ба манфиати кишвар ва халқамон суд гирем?

Имкониятҳои истифоданашуда дар кишвари мо хеле ҳам зиёд аст. Як нуқтаро қайд кардан ҷоиз аст, ки мо бояд дар ин самт таваҷҷӯҳро ба коркарди захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, хусусан захираи тиллои мамлакат равона созем.

Ин ташаббус қалб аз ҳама дар Паёми Президенти ҶТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Оли кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дихилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 23.12.2022 сол ироа гардидааст, ки «…ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани 4 корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани металлҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешад».[4]

Ҳамзамон, дар идомаи суханронии худ Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Ҳукумати мамлакат супориш додаанд, ки «…ба масъалаи истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз

конҳои муайяншуда, аз ҷумла сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо аҳаммияти хосса дода, барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани онҳоро таҳия ва амалӣ созад». [4]

Зеро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи оморҳои расмӣ ва тахминҳои геологии кишвар захираҳои бузурги коркарднашудаи металлҳои рангаи қимматбаҳо махсусан тиллои сифати аъло дар қаъри замин мавҷуд аст. Кони захираҳои коркарднашудаи тилло дар минтақаҳои баландкуҳи ВМКБ, ноҳияҳои тобеи марказ аз ҷумла, ноҳияҳои Лахшу Сангвор ва баъзе аз ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон мавҷуд мебошанд.

Барои коркард ва истихроҷи захираҳои мазкур бунёди корхонаҳои коркарди тиллои ватанӣ лозим мебошад, ки имконияти дар дохили мамлакат то ба ҳадди ниҳоӣ коркард намудани тиллоро дошта, бо навъи тиллои ватанӣ маснуотҳои заргарии истеҳсоли худиро таъминнамуда, дар бозорҳои дохил ва хориҷи кишвар харидори худро пайдо карда, рақобатпазирии онҳо таъмин намояд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ин иқдом имкон медиҳад, ки воридоти маснуоти заргарӣ аз хориҷи кишвар кам гардида, талабот ба маҳсулоти тамғаи (бренд)-и миллӣ тақвият ёфта, ин навъи бозор дар кишвар рушд ёбад. Ин боис мегардад, ки қисми даромади буҷаи кишвар аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дахлдор ғанӣ гардида, рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии сокинони кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳад.

Айни ҳол таваҷҷӯҳи Ҳукумати ҶТ ба рушди ин соҳа рӯз аз рӯз зиёд шуда истода, асосан бо роҳи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ соҳаи коркарди тилло тақвият бахшида истодааст. Ин иқдом яз як ҷиҳат ба иқтисоди кишвар нафъовар бошад ҳам, аз ҷиҳати дигар ба иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ низ мерасонад. Зеро захираи бузурги тиллои коркардшуда ба хориҷи кишвар содир мегардад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ барои аз ҳудуди кишвар берун нашудани захираи тиллоии мамлакат манфиатовар мешуд бо ҳар роҳу восита дар мавзеъҳои зарурӣ корхонаҳои миллии коркарди тилло созмон дода шуда, ба ин корхонаҳо ҳарчи бештар кормандон аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ҷалб гарданд. Ин ташаббус метавонад то як андоза суръати бекориро дар кишвар паст карда, шароити зисту зиндагонии мардумро беҳтар созад, ин як тарафи роҳи ҳаллӣ масъала.

Аз дигар ҷониб дар сурати бо имкониятҳои худӣ то марҳилаи ниҳоии коркарди тилло ва аз он истеҳсоли маснуоти заргарӣ даст надодан, мақсаднок мешуд баъди истихроҷи он ва ба истеҳсолот табдил додан ҷиҳати идомаи коркард ва ба маҳсулоти ниҳоӣ табдил додани он, барои ҳамлу нақл ва содирот ба кишварҳои ҳамсоя аз қабили Чин, Ҳиндустон ва Покистон, ки сераҳолитарин давлатҳои дунё ҳисобида шуда, талабот ба маснуоти заргарӣ доранд ва давлатҳои ховари миёна аз қабили Эрон, Туркия, А.Саудӣ, Миср, Исроил ва Урдун тавассути Шоҳроҳи бузурги абрешимба роҳ мондан аз манфиат холӣ нест. Назар ба оне, ки аз кишварҳоиАврупо ва баъзе аз кишварҳои дури Осиё бо сарфи зиёди маблағ харидорӣ ва ворид намудани маснуоти заргарии пастсифат истифодаи имконияти Роҳи абрешим барои содир ё ворид намудани ин ё он навъи маҳсулоти зарурии заргарӣ самарабахш ва қулай мебошад. Аз ҷумла, ҳамин нуқта дар паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дихилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 28.12.2023 сол ишора гардид, ки «… Дар ояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ва Чин – Точикистон – Ӯзбекистон – Эрон – Туркия – Аврупо, инчунин Тоҷикистон – Чин – Покистон истифода хоҳанд шуд».[5]

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар тасмим гирифтааст, ки дар ояндаи наздик барои ташаккули долонҳои иқтисодӣ як қатор лоиҳаҳои афзалиятноки бунёду таҷдиди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиро лоиҳакашӣ ва барои

ҷалби сармоя пешниҳод намояд, таъкид доштанд Роҳбари давлат Ҷаноби Олӣ Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми охири хеш ба мақоми олии қонунбарори кишвар. Далели гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми мазкур дар он зоҳир мешавад, ки «… Роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма - Қарасу (300 километр), Бохтар – Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён – Шаҳритус – Айвоҷ – сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон ()170 километр), Хуҷанд – Конибодом (57 километр), Хуҷанд – Ашт (122 километр) аз ҷумлаи ҳамин лоиҳаҳо мебошанд. Ҳамзамон, бо ин, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҷдиду барқарорсозии роҳи мошингарди Қалъахумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) бо сохтмони ду нақб бо дарозии 5,2 километр ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ, сохтмони ду пул бо дарозии 283 метр аз болои дарёҳои Ғунд ва Шорфдара, 4,5 километр роҳ ва долонҳои зидди тарма (550 метр) ба маблағи 342 миллион сомонӣ идома дорад». [5]

Ин иқдомҳои навбатию созандаи Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон медиҳад, ки кишвари мо ба сифати камарбанд ва долони транзитии байни кишварҳои аъзои Роҳи бузурги абрешим нақши калидиро бозида, мавқеи Тоҷикистон дар ҳамкори бо кишварҳои узв тақвият ёбад.

Таваҷҷӯҳро ба масъалаи самаранок истифода намудани кананиҳои фоиданоки кишвар ҷалб намоем маълум мешавад, ки ҷиҳати пешгирии муомилоти ғайриқонунии коркарду истихроҷ ва хариду фуруши тилло инчунин, хокаи он, бақайдгирӣ, муттамарказонӣ ва патентикунонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ин самтҳо ба фаъолият машғул мебошанд, ба нафъи давлат ва иқтисоди миллӣ аст. Ин ташаббус боис мегардад, ки назорати ин соҳа самаранок гардида, тилло ва хокаҳои ҷамъовардашудаи он пурра ба хазинаи давлат ворид мегардад. Ва боз ин тадбир имкон медиҳад, ки содироти ғайриқонунии хокаи тилло ба кишварҳои хориҷӣ коҳиш ёбад. Дар ин самт зарур аст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ҷамъоварии хокаи тилло машғуланд, ҳавасманд гардонидан як навъи сабукӣ буда, низоми ягонаи нархи дастрас муқаррар ва ҷорӣ карда шавад, то ки хокаи тиллои ҷамъовардашуда ба хазинаи давлат ба пуррагӣ супорида шаванд, ба нафъи ҷонибҳо мебошад.

Бинобар тахминҳои мутахассисони соҳа ба ҳисоби миёна дар ҳар як хонадони сокинони Афғонистон чор килограмм тилло маҳфӯз ва захира мебошад. Мардуми Афғонистон бинобар вазъи мураккаби сиёсиву ҳарбӣ ва иқтисодӣ наметавонанд тиллоҳои захиракардашонро ба муомилот бароранд. Дар кишвари Афғонистон корхонаи коркарди тилло ва хазинаи марказонидашуда барои ҷамъоварии он таъсис дода нашудааст, ки ин ба мардум ҳангоми мубодила монеаҳои бузургро эҷод мекунад.

Ҳамлу нақли маснуотҳои заргарӣ ва тилло ба кишварҳои дуру наздик сарфи зиёди хароҷотро талаб мекунад. Ҳамзамон, ҳар нафар худ танҳо наметавонад ва имконият надорад, ки тиллои ҷамъовардаи хешро мустақилона ба кишварҳои хориҷӣ бароварда, харидори мувофиқи онро пайдо намуда, бо нархи дастрас онро ба муомилот табдил диҳад. Зеро ин амал ба ҳар соҳибмулк нафъовар нест.

Агар чунин муносибат дар доираи маҷрои Шоҳроҳи бузурги абрешим ба роҳ монда шавад, мол дар ҳол бо нархи дастрас харидори худро пайдо намуда, ба ҳарду ҷониб самаранокии иқтисодӣ мебашад.

Шоҳроҳи абрешим аз қадимулайём як роҳи корвони тиҷорат барои халқҳои кишварҳои Осиё, Африқои шимолӣ ва Аврупо хизмат намудааст. Мубодилаи молҳо дар доираи Шоҳроҳи абрешим ба тоҷирон ва савдогарон баъзе аз имтиёзҳоро ҳам пешбинӣ намудааст. Ба мисли содагардонии расмиёти гумрукӣ, ҷорӣ гардидани андозҳои паст, бозорёбии мол, мубодилаи мол бо дигар ашёи рӯзгор, ҳамгироии мол, муаррифии ҳарчи бештари мол ба давлатҳои хориҷӣ, рақобатпазирии мол, таъмини сифати мол, табодули

таҷриба ва ғайра.

Агар муомилоти тилло ва маводи заргарӣ дар масири Шоҳроҳи бузурги абрешим дар бозори беруна бо асъори рақамӣ ба роҳ монда шавад, ин як иқдоми самарабахш ва камхарҷу ба ҷонибҳо манфиатовари бехатар ба ҳисоб рафта, ба соҳиби пули рақамӣ ҳангоми убури сарҳади давлатҳо ягон монеаи гумрукӣ эҷод намекунад.

Вобаста ба ин, барои татбиқ намудани пули рақамӣ дар мубодилаи тилло пеш аз ҳама системаи ягонаи пардохти асъори рақамиро мушаххас намудан лозим аст.

Шоҳроҳи абрешим барои кишварҳои пасошуравӣ бартарӣ дар он дорад, ки молҳоро бо кишварҳои Чин, Руссия ва як қатор давлатҳои Аврупо мубодила намуда, молу маҳсулотро аз кишварҳои мазкур бо имтиёзҳо ворид сохта, содиротро низ тақвият бахшанд. Бартарияти дигари Роҳи абрешим дар он аст, ки кишварҳои ин иқдом вобастагии хешро аз доллари ИМА поён карда, иқтидори асъори дохилии худро боло бардошта, талабот ба онро меафзоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳроҳи абрешим чӣ бартарӣ дорад?. Сараввал кишвари мо мавқеи хуби географӣ дорад, ки пайвандгари асосии Роҳи абрешим бо кишварҳои Осиёи марказӣ, Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ислосмии Эрон ва баъд аз он Руссия, Туркия, сониян инфрасохтори зарурӣ побарҷошуда истодааст, имкониятҳои сайёҳӣ фароҳам аст, фарҳангу урфу одати қадима дорад, ки пайвандгари халқҳои Роҳи абрешим аст, молу маҳсулотҳои зарурии ба талабот ҷавобгӯ барои мубодила дорад, таҷрибаи таърихии бой аз гузаштагони ниёгон вобаста ба тиҷорати молҳо. Ҳамаи ин критерияҳо имкон медиҳад, ки кишвари мо яке аз иштирокчии асосии Шоҳроҳи бузурги абрешим дар минтаҳа бошад.

Агар камтар дар бораи таърихи эҳё ва ташаккули Шоҳроҳи бузурги абрешим ёдовар шавем, маълум мешавад, ки он на танҳо барои мубодила ва тиҷорати молҳо байни мамолики Шарқу Ғарб пешбинӣ шудааст, балки ҳамзамон ҳамчун восита барои мубодилаи афкор (идея), фарҳангҳо, урфу одат байни одамон (халқиятҳои гуногун) истифода мешуд. Шоҳроҳи бузурги абрешим таърихи қадима дошта, оғози он ба асри ду пеш аз мелод рост меояд.

Шоҳроҳи бузурги абрешим муаррифгари молу маҳсулоти тамғаи миллии ҳар кишвари иштирокчии ин иқдом низ баромад мекунад.

Роҳандозии барномаи «як камарбанд, як роҳ» эҳёгари ин роҳи бузурги қадимаи мубодилаи молҳо байни кишварҳо аст. Ҳар кишвар вобаста ба мавқеи географии ҷойгиршавӣ ва вазъи иқтисодии хеш бартариятҳои хос дар самаранок истифода намудани Шоҳроҳи бузурги абрешимро дорад.

Шоҳроҳи бузурги абрешим қитъаи Осиёро тавассути роҳҳои корвонгард бо Аврупо пайванд мекард. Роҳи абрешим асрҳои то мелод аз силсилаи роҳҳои корвонгарде иборат буд, ки дар Ғарб аз Руми қадим ва дар Шарқ то ба Салтанати Чин тул мекашид. Дар масири Роҳи абрешим нахустин воситаҳои табодули иқтисодиву фарҳангии байни тамаддунҳои мухталифро давр зада, ба рушду нумӯи кишварҳои ин ҷодаи тиҷоратӣ мусоидат мекард.

Айни замон, ба хотири эҳёи Шоҳроҳи бузурги абрешим ва дигар масирҳои қадимаи тиҷоратӣ зиёда аз 19 кишвари АвруОсиё ҷиҳати пайвастани ду қитъа сармоягузориҳои бузургро роҳандозӣ намуда истодаанд, ки маблағи он наздики 43 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад барои эҳёи Роҳи абрешим аз он ҷиҳат манфиатовар аст, ки он кишвари хушкӣ буда, роҳ ба сӯи баҳрро надошта, дар ин самт дар бумбасти коммуникатсионӣ қарор дорад. Дар ин росто ду иқдом аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш гирифта шудааст, аз ҷумла сохтмони тарҳи бузурги бунёди роҳи мошингарди Кулоб-Кулма-Қароқурум ва роҳи оҳан тавассути шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии

Афғонистон то шаҳри Машҳади кишвари Эрон, ки маркази тиҷоратии шарқ мебошад. [6]

Ҷиҳати татбиқи ҳукумати электронӣ дар кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. ». [8]

Дар самти таҳвият ёфтани ҳамкорию шарикӣ дар маҷрои Роҳи бузурги абрешим ва дар ин ҷода истифода унсурҳои «ҳукумати электронӣ», Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадии масири Шоҳроҳи бузур абрешим, ташкили «долонҳои сабз», бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ бунёди терминалҳои муосири наздисраҳадиро ба роҳ монда истодааст.

АДАБИЁТҲО

1. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 тасдиқ шудааст;
2. Қарори Ҳукумати ҶТ оид ба татбиқи «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар ҶТ», ки 30 декабри соли 2019 таҳти №642 тасдиқ шудааст;
3. Цифровая экономика [электронный ресурс]: учеб-метод. комплекс / Г.Г. Головенчик. – Минск: БГУ, 2020 – 143 стр.
4. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дихилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 23.12.2023 сол.
5. Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ. ва Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). Душанбе: Маориф, 2019. – 240 саҳ.
6. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дихилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 28.12.2023 сол.
7. С.Давлатов Деньги в сетевом маркетинге. Серия книг «Философия муравья» изд. ООО «Ашуриён» - 2021 г.-320 стр.
8. Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 28.12.2012 таҳти №908 «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007 таҳти №320 ва «Дар бораи савдои электронӣ», аз 24 декабри соли 2022, таҳти №1921;
9. Маҳзани электронии https: //tg/m/Wikipedia.org/wiki/.

«ИМКОНИЯТҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДА БУРДАНИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ»

Дар мақола муаллиф мавқеъи муҳими геоиқтисодии Тоҷикистонро нишон дода, оид ба истифодабарии манфиатовари Шоҳроҳи бузурги абрешим ибрози ақида менамояд. Дар баробари ҳамин аз имкониятҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарӣ дар пешбурди хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мушоҳидаҳои эмпирикии худро баён намудааст. Дар ин самт қайд карда шудааст, ки ташкил намудани корхонаҳои заргарӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба манфиати тарафайн хоҳад шуд, ки ашёи хоми назди сарҳадӣ дар дохили кишвар ба моли ним тайёр ва тайёр мубаддал шуда дар рақобати бозори шабакавӣ мақоми худро ёфта бошад, ки ҳалли мушкилоти протексионӣ эълон менамояд. Ҳамчунин, дар матлаби мазкур мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳё ва ташаккули Шоҳроҳи бузурги абрешим дар минтақа ба сифати кишвари транзитӣ нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: ҳукумати электронӣ, мушкилоти протексионӣ, шоҳроҳи бузурги абрешим, технологияҳои рақамӣ, корхонаҳои заргарӣ.

Фарҳодзода Хуррам Фарҳод, унвонҷуи кафедраи Менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Наразшоев, Secret.tjk@mail.ru тел: +992-500-00-06-88

«ВОЗМОЖНОСТИ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВЛЕНИЯ НА ЩЁЛКОВОЙ ПУТИ»

В статье автор оценивает геоэкономическое положение страны, как благоприятное, для рентабельного использования Великого щёлкового пути. Наряду с этим, представляет свои эмпирические экспериментальные наблюдения о больших возможностях Республики Таджикистан для использования и введения хозяйств в условиях цифровой экономики. В этом направлении показывает, что организация ремесла было бы обоюдно прыбылным в приграничных районах, при производстве полуфабрикатов и готовых товаров сырьём соседних государств. В результате этого можно занимать достойное региону место в сетевом рынке. Также в данной статъе показана позиция Республики Таджикистан в возраждении и развитии Великого Шелкого пути в регионе как транзитной страны.

Клчевые слова: электронное правление,проблема протексионизма,Великий щёлковый путь, цифровые технологии, ювелирные цеха.

Фархадзода Хуррам Фарход, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга Хорогского государственного университета им. М.Наразшоева, Secret.tjk@mail.ru тел.: +992-500-000688

“POSSIBILITIES FOR EFFECTIVE USE OF ELECTRONIC GOVERNANCE ON THE SILK ROAD”

In the article, the author assesses the geo-economic position of the country as favorable for the profitable use of the Great Silk Road. Along with this, he presents his empirical experimental observations about the great opportunities of the Republic of Tajikistan for the use and introduction of farms in the digital economy. In this direction, it shows that the organization of crafts would be mutually beneficial in border areas, in the production of semi-finished and finished goods using raw materials from neighboring states. As a result of this, it is possible to occupy a worthy place in the network market characteristic of the region. In this article also shows the position of the Republic of Tajikistan in the revival and development of the Great Silk Road in the region as a transit country.

Keywords: electronic government, the problem of protectionism, the Great Silk Road, digital technologies, jewelry workshops

Farhodzoda Khurram Farkhod, Candidate of the Department of Management and Marketing of Khorog State University named by M.Narazshoev, Secret.tjk@mail.ru Phone: +992-500-00-06-88

УДК 371.011

ИНЪИКОСИ ДИДҲОИ НАВТАВРИН ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Чоршанбиева Л.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Тарбияи шуури илмӣ, ягонагӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз вазифаҳои имрӯза маҳсуб меёбад ва дар нутқу гузоришҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон равшан ифода ёфтааст: «Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҷомеаи навбунёди мо ба шахсоне эҳтиёҷ дорад, ки ҷаҳонбинии нав дошта, идеологияи навро азхуд мекунанд. Мазмун ва моҳияти ин идеологияи навро бояд эҳсоси ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ, муҳаббат ба давлатдорӣ, муҳаббат ба Ватан ва ба тамоми инсоният, умуман тамоми арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ташкил намояд» [1-10].

Аз гуфтаҳои болои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони мо ба шахсони ҷаҳонбинии навдошта ва дорои идеологияи нав эҳтиёҷ дорад. Аммо ҷаҳонбиниву идеалогияи нав низ бояд дар доираи арзишҳои миллӣ

сурат гирад ва ин навовариҳо бояд ба таҳвияти эҳсоси ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ, муҳаббат ба Ватан ва ба тамоми инсоният, умуман тамоми арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ нигаронида шуда бошанд.

Инчунин, ин нуқтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ватандӯстии насли наврас ҳамеша аз вазифаҳои муҳими ҳар як аъзои ҷомеа, донишмандону омӯзгорон, падарону модарон ва минҷумла, олимони соҳаи педагогика буд, аст ва боқӣ мемонад. Дар асоси афкори педагогии Эмомалӣ Раҳмон тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ташаккули тадриҷӣ ва устувории муҳаббати хонандагон ба Ватан фаҳмида мешавад, ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин хислатҳои шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад ва он низ усулҳои фаъолро талаб дорад, зеро масъалаи ватандӯстӣ низ дар замони муосир ба тариқи анъанавӣ қонеъкунанда нест ва навовариҳоро талаб дорад.

Педагоги машҳури рус Сухомлинский В.А. мазмуни мафҳуми «Ватан»-ро одилона ба “мафҳумҳои «инсон», «маънои зиндагӣ», «меҳнат», «қарз», «оила», «забони модарӣ», «муҳити табиат», «садоқат» алоқаманд мекунад” [5 - 111]. Платон бошад ақида дорад: “Ватан аз падар ва модар гаронтар аст” [14 - 87]. Дар шакли нисбатан рушдёфта дар навиштаҳои мутафаккирон мисли Макиавелли, Крижанич, Руссо, Фихте муҳаббат ба Ватан ҳамчун арзиши олӣ қадр карда мешавад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар осори илмӣ, Паёму суханронии хеш доиман таъкид менамояд, ки Ватан, зодгоҳ, калимаи зебо ва хуҷастае аст, ки бо шуниданаш хонаву дар, гаҳвора ва модар пеши назар меояд.

Имрӯз беш аз пеш муҳим ва мухимтар аст, ки насли наврас ва ҷавон бояд шукронаи Ватан ва давлати худро ба ҷо оранд, ҳисси ифтихор ба Ватан дошта бошанд, мардуми худ ва атрофро эҳтиром кунанд, дастовардҳои бузург ва саҳифаҳои шоистаи гузаштаро омӯхта, равнақ бахшанд. Дар ин бора овардани иқтибос аз афкори сиёсии Сарвари кишвар бамавқеъ аст: «Мо бояд аз Истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем» [2 - 11].

Барои расидан ба чунин арзишҳои баланди инсонӣ барои таълиму тарбияи насли наврас саъю талоши ҳамешагии омӯзгор, падару модар ва аҳли ҷомеа зарур аст. Таҷрибаҳои рӯз нишон медиҳанд, ки тағйиротҳои босуръати кишварҳои дунё, ҷаҳонишавӣ, арзи вуҷуд кардани гурӯҳҳои тундрав ва бадхоҳ, сар задани падидаи номатлуби терроризм ва экстремизм дар дунё боиси коста шудани тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавони дунё мегардад ва хоҳ нохоҳ ба тамоми кишварҳо он таъсири худро мерасонад. Ин асосан ба як қатор омилҳо вобастагии куллӣ дорад, ки афзоиши иттилооти васоити ахбори омма, бо суръати баланд пеш рафтани технологияи муосир ва мақсаднок истифода нагардидани он аз тарафи насли наврас ва ҷавон, таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба тарбияи насли наврас, ифротгароӣ, коста шудани китобхонӣ аз ҷумлаи ин падидаҳо мебошанд. Дар осори илмӣ, Паёму суханронии Пешвои миллат, муҳаққиқ Эмомалӣ Раҳмон ба ин нукта ишораҳои зиёд карда шудааст: “Омӯзиш ва таҳлили масъала нишон медиҳад, ки барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротшавии ҷомеа ва пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии хусусияти динидошта дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт” [4 - 14]. Аз ин афкор бар меояд, ки ба масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас аз тарафи омӯзгорон, падару модар ва аҳли ҷомеа диққати асосӣ равона бояд кард. Шахсе, ки ватанашро сидқан дӯст медорад, ба халқу миллати худ арҷ мегузорад, аз ҷиҳати илму дониш ва тарбия камолёфта бошад, ҳеҷ гоҳ ба халқу Ватани худ ва дар маҷмӯъ, ба ҳеҷ кас ва ҳеҷ давлат хиёнат намекунад ва мо бояд чунин фарзандонро ба воя расонем.

Кам будани адабиёти илмиву методӣ оид ба тарбияи ватандӯстиро Эмомалӣ Раҳмон омили дигари коста шудани тарбияи ватандӯстӣ медонад. Адабиёти илмиву адабии даврони Шӯравӣ оид ба ватандӯстиву ватандорӣ имрӯз пурра ба талаботи замон дар самти тарбияи насли наврас ҷавобгӯ нестанд, зеро онҳо аксаран мутаалиқ ба он замонанд, ки тағйиротҳои куллии ҷомеаи муосирро дар бар намегиранд. Ба қавли Эмомалӣ Раҳмон имрӯз бояд адабиёти илмиву методии нав оид ба тарбияи ватандӯстӣ таҳия карда шавад ва роҳҳои фаҳмонда додани мафҳумҳои неку бад, табдил додани шуури хонандагон ба ғояҳои олии таърихи Ватан ва бо ин васила, эҳё кардани ғояҳои мустақили худ дар бораи аҳамият ва арзиши арзандаи Ватан-Тоҷикистонро дар бар гиранд. Аз ин рӯ, дар асоси ҳидояту нишондодҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон олимону донишмандон ва зиёиёнро зарур аст, ки дастовардҳои тозаи илмро дар соҳаи педагогика ва методикаи таълим таълиф намуда, аз чоп бароранд ва дастраси омӯзгорон гардонанд, то дар тарбияи ватандӯстӣ ва дар маҷмӯъ, дар таълиму тарбияи насли наврас натиҷаҳои назаррас ва дилхоҳ ба даст оянд: «Вазифаи зиёиён ин аст, ки наврасону ҷавононро бо дастовардҳои тозаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ пайваста ошно намоянд, онҳоро ба омӯзиши илм ва технологияи муосир ҳавасманд гардонанд» [6 - 33].

Таҳқиқи ҳидоятҳои педагогии Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки дар равнақ додани тарбияи ватандӯстӣ дар ниҳоди насли наврас, диққат додан ба рушди барвақтии кӯдакон муҳим мешуморад. Пешвои миллат бар он назар аст, ки меҳру садоқат ба Ватан ва халқу миллатро бояд аз давраи хеле барвақтӣ, аз рӯзҳои аввали ба дунё омадани кӯдак дар оила ва баъдан дар марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак, боғчаҳои бачагона аз тарафи падару модар, мураббиён ва омӯзгорон дар қалби онҳо ҷойгузин сохт. Вақте ки кӯдакон калонтар мешаванд, дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ оҳиста – оҳиста ба ташаккул шуруъ мекунад ва дар ин роҳ фаъолияти падару модар ва омӯзгорон хеле муҳим аст: «Аслан, афрӯхтани шуълаи ифтихори миллӣ, парвариши эҳсосоти худшиносиву ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ дар оила ва таҳсил дар мактаб оғоз меёбад» [7 - 28].

Ин афкор ва ҳидоятҳо ҳар як падару модарро раҳнамоӣ ва вазифадор менамоянд, ки дар баробари муҳаббат варзидан ба фарзанд дар даврони кӯдакӣ, садоқату меҳрубонӣ зоҳир намудан нисбат ба ӯ ватандӯстиро дар ниҳоди кӯдак тарбия намояд. Аз ин лиҳоз, мо зарур мешуморем, ки падару модар ва бахусус, модаронро лозим аст, ки дар баробари сурудҳои навозишӣ монанди “Алла” дар сари гаҳвораи кӯдак сурудҳову мафҳумҳои ватандӯстиро замзама намоянд ва муҳим мешуморем, ки пеш аз дил бастан ба кӯдак ҳамчун ҷигарбанд бастани дили ӯ ба Ватан ва ватандӯстӣ муҳимтар аст. Инчунин, дар марказҳои рушди барвақтии кӯдак диққати асосӣ равона намудан ба тарбияи ватандӯстӣ муҳим аст. Дар марказҳои рушди барвақтии кӯдак ва боғчаҳои бачагона кӯдакон аксаран ба бозиҳои шавқовар ҷалб карда мешаванд, луғатҳоро бо забони тоҷикӣ ва забонҳои байналмилалии русиву англисӣ аз худ менамоянд. Хуб мешуд, ки ин луғатҳо низ бештар ба мафҳумҳои ватандӯстӣ бахшида шаванд ва бозиҳои шавқовар низ мазмуни ватандӯстиро тараннум намоянд. Ҳамзамон, олимони соҳаи педагогика, ки ба таълифи китобҳо ва дастурҳои методӣ машғул мешаванд, ин масъаларо таҳти таваҷҷуҳи асосӣ қарор диҳанд.

Маврид ба қайд аст, ки нуктаи дигари аз назари Пешво дар ташаккули ватандӯстӣ муҳим, ин таъмини волоияти қонун мебошад, ки он бештар аз сатҳи маърифати шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстӣ вобаста аст. Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдат, сулҳу субот дар Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки ҳар як шаҳрванд бо диди нав ва фаъол ба пешрафти Ватан назар андохта, имконияти бузург барои дарк намудани худ ҳамчун шахси мустақил дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт пайдо намояд ва ҳамзамон, масъулиятро барои тақдири неки худ ва тақдири одамони дигар афзоиш диҳад, ватандӯсту ватанпарвар бошад ва агар лозим

ояд дар ҳифзи Ватан мардонавор саҳм гузорад. Расидан ба чунин ниятҳои нек шароит фароҳам меорад, ки ватандӯстӣ арзиши бузургро, ки на танҳо ҷанбаҳои иҷтимоӣ, балки маънавӣ, идеологӣ, фарҳангӣ – таърихӣ ва дигар ҷанбаҳоро фаро мегирад зинда намуда, таҳвият бахшад. Дар ҷаҳони ноорому ба ҷангҳои кишварҳои дунё олуда барои таҳкими сулҳу субот, ватандӯстӣ ва муҳофизати Ватан, таъмини волоияти қонун зарур аст, ки як шахсияти куллан нав тарбия карда шавад, салоҳияти навоварӣ дошта, идоракунии ҳаёт ва фаъолияти шахсии худ, корҳои ҷамъиятиро омода кунад ва омода бошад, ки ба хиради худ такя кунад ва ба меҳнати шахсии худ дар ташаккули иқтисодиёти кишвар нақши бориз гузорад. Муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир бояд дар ташаккули чунин шахсияти ватандӯсту меҳанпараст саҳми назаррас дошта, фарҳанги пешрафти маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро дар бар гирад: «Ҷиҳати соҳиб шудан ба мақоми арзанда дар арсаи ҷаҳонӣ ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро зарур аст, ки фаъолияти худро бо назардошти талаботи замони муосир ба роҳ монда, тамоми имкониятҳоро баҳри тарбия ва ба камол расонидани насли бофарҳангу ватанпарвар, ворисони арзандаи сарзамини аҷдодӣ, инчунин тайёр кардани кадрҳои соҳибмаърифату баландихтисоси ҷавобгӯйи замони муосир равона созад» [3 - 214]. Ҳидоятҳои педагогии дар ин иқтибос овардашуда нишон медиҳанд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳиб шудани “мақоми арзанда дар арсаи ҷаҳонӣ” ба роҳ мондани фаъолият бо назардошти “талаботи замони муосир” ва тайёр кардани “кадрҳои соҳибмаърифату баландихтисоси ҷавобгӯйи замони муосир”-ро муҳим меҳисобад. Барои расидан ба ин натиҷаҳо омӯзгоронро лозим аст, ки ватандӯстиву масъулиятшиносии худро маротибаҳо зиёдтар намоянд ва бо ин роҳ дар руҳияи ватандӯстӣ тарбият намудани насли наврасу ҷавонро таҳвият бахшанд.

Дар нишондодҳои педагогии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаи ватандӯстӣ ҳамчун арзиши муҳиме, ки на танҳо ҷузъиёти иҷтимоӣ, балки маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад. Ватандӯстиро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз арзишҳои воло ва муқаддаси пойдор дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат маънидод менамояд: «Мо бояд неруҳои зеҳнӣ ва маънавии худро маҳз барои таъмини беҳрӯзии шаҳрвандон ва тарбияи инсони комил равона намоем. Ин аст рисолати маънавии мо дар назди миллат ва дар назди Ватан» [3 - 19].

Ҷанбаи дигари ҳидоятҳои ватандӯстии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ташаккули ватандӯстӣ ва фарҳанги муносибатҳои байни миллатҳо мебошад, ки он бояд ҷузъи муҳимтарин ва асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар бошад. Чунин тарбия дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии шахсияти хонанда дорои аҳамияти бузург мебошад. Дар асоси ҳидоятҳои педагогии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар заминаи ҳисси баланди ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ ва муқаддасоти миллӣ муҳаббат ба Ватан такомул ёфта, мустаҳкам мегардад. Дар ин бора эшон фармудаанд: “... ҳифз кардан, омӯхтан ва омӯзонидан, инчунин таблиғи арзишҳо ва анъанаҳои неки таърихиву фарҳангиро ба сатҳи давлатӣ бардоштем. Ва чуноне, ки имрӯз мебинем мафҳумҳои истиқлолият ва озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, тамомияти арзӣ, озодии Ватан ва созандагӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд, балки ба ҳайси қутбнамо дар тафаккури мардумон ҷо гирифтаанд” [7 - 105]. Ин гуфтаҳо аз он гувоҳ медиҳад, ки ватандӯстӣ худ ба худ ба вуҷуд намеояд ва танҳо бо забон гуфтан, ватандӯстӣ комил намешавад, балки он қисматҳои ҷудонопазир дорад, ки “... “ҳифз кардан”, “омӯхтан ва омӯзонидан”, “таблиғи арзишҳо”, “анъанаҳои неки таърихиву фарҳангӣ” “истиқлолият ва озодӣ”, “ваҳдати миллӣ”, “сулҳу субот”, “тамомияти арзӣ”, “озодии Ватан ва созандагӣ” аз ҷумлаи онҳоянд. Ободиву ҳифзи Ватанро бе ин муқаддасот тасаввур кардан ғайри имкон аст. Мо бояд ғояҳои ватандӯстӣ, дӯст доштану ҳифз кардан, таъриху фарҳанг ва анъанаҳои неки ниёгонро омӯзем ва ба насли наврас ва ҷавон омӯзонем, арзишҳои волои

миллиро ба насли имрӯзу фардои худ таблиғ намоем, насли наврас ва ҷавонро тавре тарбия намоем, ки анъанаҳои неки таъриху фарҳангии халқи худро эҳё намуда, равнақ бахшанд, ба Истиқлолият ва озодӣ, ваҳдати миллӣ арҷ гузоранд ва онро чун гавҳараки чашми худ муҳофизат намоянд, дар таҳкими сулҳу субот саҳми арзандаи хешро гузоранд, ба қадри озодии Ватан расида, онро сидқан дӯст доранд ва ба муҳофизати он ҳамеша тайёр бошанд. Барои расидан ба ин мақсад аввал насли куҳансоли Ватанро лозим аст, ки дар ватандӯстӣ намунаи ибрати фарзандон бошанд, таъриху фарҳанг ва анъанаҳои неки ниёгон, арзишҳои волои миллиро хуб донанд, ба фарзандон интиқол диҳанд, шукри Истиқлолият ва озодӣ, ваҳдати миллии кишварро ба ҷо оранд ва ҳифз намоянд, саҳми босазоро дар таҳкими сулҳу субот гузоранд, ба қадри озодии Ватан расида, онро сидқан дӯст доранд ва ба муҳофизати он ҳамеша тайёр бошанд. Ин рафтори падару модар ва аҳли ҷомеа намунаи ибрат барои насли наврас ва ҷавон мегардад ва онҳо аз ин хислатҳои нек пайравӣ менамоянд, зеро таҷрибаҳои рӯзгор нишон медиҳанд, ки муҳит дар тарбияи насли наврас ва ҷавон мақоми асосӣ дорад ва ҳарчанд муҳит солиму муҳити маънавӣ бошад, ҳамон қадар тарбияи насли наврасу ҷавон осонтар аст.

Вобаста ба ин ҷиҳати равнақ бахшидани ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллии насли наврас дар муассисаҳои таълимӣ диққати асосӣ равона намудан ба таълиму тарбия, тарбияи ватандӯстии насли наврас ва бо ин мақсад гузаронидани дарсҳо бо усулҳои фаъоли замонавӣ, тақвият бахшидани чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ, маҳфилҳои фаннӣ, марказҳои забономӯзӣ ва амсоли инҳо муҳим аст. Барои расидан ба ин мақсадҳо мо ҳалли масъалаҳои зерро муҳим мешуморем:

- бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи босамари ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таълимӣ ташкил ва гузаронидани чорбаиниҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳо;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи ҳар як наврас, писар ва духтар ва бо ин роҳ равнақ бахшидани кори самарабахши тарбияи ватандӯстӣ;
- баланд бардоштани эҳтиром ба гузаштаи фарҳангӣ ва таърихии Ватан – Тоҷикистон, анъанаҳои милливу мардумӣ, ташаккули тафаккур ва ҳиссиёти ватандӯстӣ, арзишҳо ва эътиқодҳои ватандӯстӣ;
- бо мақсади ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва маънавии ватанӣ ҷалб намудани хонандагон ба чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ ва дигар фаъолиятҳои натиҷабахш.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-уми апрели соли 2006.
2. Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон. Китобнома. Ҷ.3. Мураттиб: Ш.Комилзод / Зери назари академик А.Раҳмонзода. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 439 с.
3. Раҳмонов Э. Уфуқҳои Истиқлол / Э.Раҳмон. –Душанбе: Ганҷ -нашриёт, 2018. – 436 с.
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, Кохи Ваҳдат, 9-уми марти соли 2024 // Муҳаррирон: Раҳмон Озода Эмомалӣ, Асадзода Анвар. - Душанбе: Шарқи озод, 2024. - 63 с
5. Сухомлинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ.3 / В.А.Сухомлинский. - Душанбе: Маориф, 1988. - 672 с.
6. Шукри он, ки Пешво дорем // Маҷмӯаи мақолаҳо. Ба 25-солгарди Истиқлолияти

давлатии Чумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад. Мураттиб: профессор, Ш.Исмоилов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 169 с.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат // Аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти таълимии «Шалола» Литсей – интернати муштараки тоҷикиву туркӣ ба чоп тайёр карда шудааст / Э.Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с.
8. Стил Дж. Основы критического мышления / Дж.Стил, К.Мередит Ч.Темпл. - М.: Изд-во Института «Открытое Общество», 1997. - 314 с.
9. Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения: В 3 т / В.А.Сухомлинский. - М.: Педагогика, 1980. – 273 с.
10. Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям / В.А.Сухомлинский. - К.: Рад. шк., 1988 . – 425 с.
11. Теплов Б.М. Проблемы индивидуальных различий / Б.Теплов М.. - М., 1961. - 125 с.
12. Тучкова Т.У. Урок как показатель грамотности и мастерства учителя / Т.У.Тучкова. - М.: ЦГЛ, АПК и ПРО, 2003. - 64 с.
13. Урок основная форма организации учебно-воспитательного процесса в общеобразовательной и профессиональной школе / Под ред. Х.Буйдакова. - Душанбе, 1989. - 51с.
14. Springer, Ursula. Education, Curriculum, and Pedagogy. Comparative Education Review // vol. 21, no. 2/3, 1977, pp. 358–69.
15. Ziyo Khurshed. The leader of the nation's contribution to strengthening the identity of Tajiks // Center for Strategic Studies under President of the Republic of Tajikistan, - 2017.

ИНЪИКОСИ ДИДҲОИ НАВТАВРИН ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР НИШОНДИҲАНДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Ватан гавҳари бебаҳо ва ҳастии ҳар як шахс ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мавзуи ватандӯстӣ мавзуи асосии осори илмиву эҷодии олимону адибон дар ҳар давру замон будааст ва имрӯз ин мавзуъ боз ҳам таваҷҷуҳи бештарро ба худ ҷалб намудааст. Нооромиҳои ҷаҳон, зиёд гардидани ҷангу ошӯб дар мамлакатҳои гуногуни дунё, пайдо шудани гуруҳои террористӣ ва экстрмистӣ ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонад. Ин аст, ки дар замони кунунӣ ба тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан диққати бештар равона кардани омӯзгорон ва падару модарон бисёр муҳим ва зарур аст.

Мавзуи ватандӯстӣ аз қадим диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб намуда, мутафаккирони форсу тоҷик дар осори илмиву адабӣ ба он таваҷҷуҳи зоҳир намудаанд ва мутафаккирону муҳаққиқони муосир, бахусус дар даврони Истиқлолият ба он таваҷҷуҳи боз ҳам бештар доранд. Яке аз ин мутафаккирон ва муҳаққи илми педагогика Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Осори илмии Пешвои миллат дар тарбияи насли наврас саҳми назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши осори илмии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар тарбияи насли наврас ба кор бурдани афкори тарбиявии ин эшон муҳим ва актуалӣ мебошад.

Маҳз дар мақолаи мазкур ақидаҳои ватандӯстии Пешвои миллат мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, мисолҳо аз осори илмии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оварда шуда, асоснок карда шуданд. Аз ин лиҳоз, ин мақола дар тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ нақши асосӣ дорад.

Калидвожа: Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, дидҳои навтарин, Ватан, ватандӯстӣ, тарбия, насли наврас, падару модар, дӯстӣ, муҳаббат, садоқат, ҳифзи Ватан.

Маълумот оид ба муаллиф: Чоршанбиева Лайло Пайшанбиевна – муовини раиси ноҳияи Рушони ВМКБ, унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроғa: 736200, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, н. Рӯшон. Тел: (+992) 934-03-77-67.

ОТРАЖЕНИЕ НОВЕЙШИХ ВЗГЛЯДОВ НА ВОСПИТАНИЕ ПАТРИОТИЗМА В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАСТАВЛЕНИЯХ ЛИДЕРА НАЦИИ, ЭМОМАЛИ РАХМОНА

Родина – бесценная драгоценность и суть каждого человека. С этой точки зрения тема патриотизма была основной темой научных и творческих трудов ученых и писателей во все эпохи, а сегодня эта тема привлекла еще большее внимание. Неустойчевое положение в мире, рост войн и конфликтов в разных странах мира, появление террористических и экстремистских групп оказывают неготивное влияние на воспитание подрастающего поколения. Вот почему очень важно и необходимо учителям и родителям уделять больше внимания воспитанию подрастающего поколения в духе патриотизма и защиты Родины.

Тема патриотизма издавна привлекала внимание деятелей науки и литературы, персидские и таджикские мыслители уделяли ей основное внимание в своих научных и литературных произведениях, а современные мыслители и исследователи, особенно в эпоху независимости, уделяют ей даже больше внимания. Одним из таких мыслителей и исследователей педагогической науки является уважаемый Лидер нации Эмомали Рахмон.

Научные трудыЛилера нации вносят значительный вклад в воспитание подрастающего поколения. С этой точки зрения важно и актуально изучить научные труды уважаемого Эмомали Рахмона и применить просветительские идеи Лидера страны в воспитании подрастающего поколения.

В данной статье были исследованы патриотические взгляды Лидера нации, а также приведены и обоснованы примеры из научных трудов исследователя Эмомали Рахмона. С этой точки зрения данная статья играет ключевую роль в воспитании подрастающего поколения в духе патриотизма.

Ключевые слова: Лидер нации, Эмомали Рахмон, новейшие взгляды, Родина, патриотизм, образование, подрастающего поколения, родители, дружба, любовь, верность, защита Родины.

Сведения об автора: Чоршанбиева Лайло Пайшанбиевна - заместитель председателя Рушанского района, соискатель Институт развития образования Таджикистна имени А.Джоми Академии образования Таджикистан. Адрес: 736200, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул. Ленина,28. Тел: (+992) 934-03-77-67.

REFLECTION OF THE LATEST VIEWS ON THE EDUCATION OF PATRIOTISM IN THE PEDAGOGICAL VIEW OF THE LEADER OF THE NATION, RESEARCHER EMOMALI RAHMAN

Homeland is a priceless treasure and the essence of every person. From this point of view, the topic of patriotism has been the main theme of the scientific and creative works of scientists and writers in all eras, and today this topic has attracted even more attention. Unstable position in the world, the growth of wars and instability in different countries of the world, the emergence of terrorist and extremist actions have a great influence on the education of the younger generation. That is why it is very important and necessary for teachers and parents to pay more attention to educating the younger generation in the spirit of patriotism and defense of the Motherland.

The topic of patriotism has long attracted the attention of scientists and writers, Persian and Tajik thinkers paid the main attention to it in their scientific and literary works, and modern thinkers and researchers, especially in the era of independence, pay even more attention to it. One such thinker and researcher of educational science is the respected Leader of the Nation, Emomali Rahman.

The researcher's scientific works make a significant contribution to the education of the younger generation. From this point of view, it is important and relevant to study the scientific works of researcher Emomali Rahman and apply the educational ideas of this researcher in the education of the younger generation.

This article examined the patriotic views of the Leader of the Nation, and also provided and substantiated examples from the scientific works of researcher Emomali Rahman. From this point of view,

this article plays a key role in educating the younger generation in the spirit of patriotism.

Key words: Leader of the nation, Emomali Rahman, newest views, Motherland, patriotism, education, the younger generation, parents, friendship, love, loyalty, defense of the Motherland

About the author: Chorshanbieva Laylo Saidibroimov Shozodaibrohim, deputy chairman of the Rushan district, applicant Institute of Educational Development of Tajikistan named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan. Address: Tajikistan, GBAO, Rushan district 736200

Telephone number: (+992) 934-03-77-67

УДК 395

“АХЛОҚИ МУҲСИНӢ”–ТАРҒИБГАРИ АХЛОҚИ ВОЛОИ ИНСОНИСТ

Шозодаева Ҷ.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Ҳар як инсон дар масири зиндагӣ саъю кӯшиш менамояд, ки ахлоқан парваришёфта ва рӯҳан қавитар гардад. Дар рӯҳияи ахлоқӣ ташаккул ёфтани инсон ғайрат, ҷуръат, кӯшиш ва заҳмати зиёдро талаб намуда, назорати ҳатмӣ ва доимӣ аз болои рафтор аст. Ахлоқан ба камол расидани инсон, ин яъне аз олудагиҳои атроф даст кашидан ва ҳар амали нораворо ба худ раво надидан аст. Ахлоқи инсон метавонад дар ҳар айёми умр таъғир ёбад, аммо мақоми волои инсонӣ бетаъғир монда, тамоми шахсиятҳои бузург онро тарғиб менамоянд. Аз ин рӯ барои дурустро аз нодуруст ҷудо кардан ҳар як фард аз достону асарҳои зиёди мутафаккирон истифода бурда, аз рӯи таълимоти онҳо одобу ахлоқашро дар тарозу ақл баркашида, дар ҳаёт аз рӯи онҳо амал намуда, ахоқи худро ташаккул медиҳад.

Имрӯз дар ҷомеаи пуртаззод, ки илму техника бо суръати тез инкишоф меёбад, инсониятро зарур аст, ки аз арзишҳои инсонии худ дур наравад ва хислату рафторҳои хуби инсоние, ки ба мо боқӣ мондаанд, онҳоро эҳё намуда, аз даст надиҳем. Таҳлилу омӯзиши осори ниёгон барои инсон бахусус насли ҷавон дар ҷомеаи муосир пешбарандаи роҳи дурусти ҳаёт мебошанд. Яке аз осори намунаи ибрат, тарғибгари ахлоқу одобу рафтори олӣ осори “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад.

Ахлоқи Муҳсинӣ намунаи беҳтаринест, дар байни осори мардуми шарқ, ки то имрӯз мақоми худро аз даст надода, осори ахлоқиву оммафаҳм ва фарогири тамоми категорияҳои этикӣ буда, бештар хислати неки инсониро инъикос менамояд. Ин асар тарғибгари суннатҳои волои ахлоқии инсонӣ аст, ки барои ба камол расондани инсони ҳамаҷониба нумӯъ карда, яъне инсони комил кӯмак хоҳад кард.

Зиёда аз чиҳил боби “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ доир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ бахшида шудаанд ва қатрае аз онҳо ба мисли шукр, сабр, ҳаё, адаб, адл, амонату диёнат, авф, ҳилм, ки тарғибгари ахлоқи писандидаи инсонианд ва нақши тарбиявӣ-ахлоқии онҳо дар зиндагии рӯзмараи ҳар як фард муҳим ва зарур аст, ба таври фушурда пешниҳод намудан мумкин аст.

Адаб сифатест, ки инсонро аз корҳои нописандида ва қабулнашудаи ахлоқӣ эмин медорад. Ҳакикати адаб он аст, ки дар ҳама аҳвол дар пастию баландии зиндагӣ роҳи дурусти ахлоқиро аз даст надодан аст. Зеро фақат адаб метавонад нафсро муҳофизат кунад. Он хислати асоситарине мебошад, ки дар ҳар давру замон барои инсонҳо муҳиму аввалиндараҷа буда, метавонад мартабаи инсонро баланд бардошта, азизи ҳамагон гардонад. Адабро тоҷе аз нури илохӣ гуфтаанд, ки сарбаландии инсонро ифода мекунад, зеро ҷойи тоҷ худ дар баландӣ яъне дар сар аст.

«Адаб муҳофизати нафс аст аз қавли нописандида ва феъли носутуда худро ва мардумро дар пояи ҳурмат нигоҳ доштан. Обрӯи худ ва дигаронро нарехтан. Ҳакикати адаб он аст, ки дар ҷамъии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ»… [4,132]

Сарчашмаи адаб сабру тоқат буда, мутафаккир баён менамояд:

«Сабр сифати бағоят мақбул аст. Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад. Зеро ки сабр мифтоҳи (кушоиши) кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад-ин калид накушоянд» [4,127]

Сабр хислатеаст, ки аз имони комил дарак медиҳад .Сабр кардан яъне ки, тамоми ҳаводиси тираи зиндагиро, тамоми омаду ноомади ҳаётро таҳаммул кардан аст. Он муқобили шикоят буда, рафтори ноҷои одамонро бо тамоми хислатҳояш таҳаммул кардан ва шиканҷаҳои рӯзгорро тоқат кардан аст. Аммо сабр кардан корест ниҳоят душвор зеро ҳалимӣ яъне хомӯш кардани ғазабро талаб мекунад. Дар масъалаи сабурӣ ҳаёти Пайгамбарон оинаи ибрат буда, зеро тамоми Пайгамбарон бо мушкилотҳои зиёди рӯзгор рӯ ба рӯ шуда, шикояте накарданд ва ҳама касро таҳаммул карданд. Дар ҳадиси Пайгамбар омадааст: “Собир оқибат ба мурод мерасад.”[2,47]

Мутафаккир дар масъалаи шарму ҳаё ақида баён намуда, онро сифати беҳтарини инсонӣ маънидод мекунад.

«Ҳаё хислати шариф ва сирати мақбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеч касро аз ҳеч кас шарм набошад, низоми чаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳарчӣ хохад, бикунад:

Гар ҳаё набвад барафтад расми исмат аз миён,
В-ар ҳичобе дар миён аст аз тақозои хаёст.[4,129]

Ҳаё яке аз мақулаҳои ахлоқие аст, ки инсонро зиннати махсус мебахшад. Он ҳадди эътидолест, ки ахлоқи инсониро дар як чорчӯбаи муайян нигоҳ медорад. Он яке аз фаркиятҳоест, байни ҳайвону инсон ва намемонад, ки инсон мисли ҳайвон ҳар чизро ба худ раво бинад. Ҳаё як навъ фасоҳатеаст, ки метавонад ҷойи либоси зеборо иваз кунаду худ зару зевар гардад.

Пас шарму ҳаё қисме аз адаб аст, ки инсонро баландҳимматтар нишон медихад. Кӯдаке, ки шармгинтар аст нисбати кӯдаки бешарми аз ҳад гузаронидашуда, ширинтару азизтар аст.

Дидаи бешарм писандида нест,
Дар назари ақл худ он дида нест.[3,132]

Чашме, ки дар он шарм нест, ба ҳар кас маъқул ва писанд намеояд ва аз назари ақл он чашм нест, зеро чашм хусусияти таҳ кардани мижаро дорад ва ин хусусият дар чашми пур аз ҳаё дида мешавад, на дар чашми бешарм.

«Шарм яке аз шаклхои муроқиба ва баҳодиҳӣ ба худ мебошад, аммо дар тафовут аз виҷдон шарм аз андешаи атрофиён вобаста аст. Шарм дорои аҳамияти ичтимоӣ –маданӣ мебошад.»[1,153]

Адлу инсофро мутафаккир дар ҳар давру замон нишонаи ҷавонмардӣ дониста, нигоштааст:

«Адл суханест мулкорой ва ламаъест нурафзой…Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он ки марҳами роҳате бар чароҳати мачруҳон ниҳанд.

Аз фазилати адолат ҳамин нуқта бас, ки одил маҳбуби ҳама мардумон аст. Агарчӣ аз адли у фоида ба эшон нарасида бошад.» [4,142]

Дар ҳама давру замон адлу инсоф нишонае буд аз ҷавонмардиву қаҳрамонӣ. Адлу инсоф инсонро маҳбуби ҳамаи мардум мегардонад. Одил будан ин яъне ки қалби пок доштану далеру шучоъ будан аст. Сухани ҳак гуфтан ва ба доди ҳамагон расидан,

новобаста аз баромади иҷтимоияшон. Ин аст адолат ва адлу инсоф. Адлу адолат ҳама вақт боиси пешравии мамлакат буда, абадист.

Аз Лукмони Хаким пурсиданд: «Кадом биност, ки ҳаргиз хароб намешавад?»

- Гуфт: «Адл» [3, 63]

Амин яъне боваринок буданро Кошифӣ яке аз хислатҳои муҳими ахлоқӣ дониста, ишора кардаанд:

«Уламои дин ва урафои соҳибяқин чунин гуфтаанд, ки амонат рукни азимест аз хислатҳои ҳамида ва диёнат асле маҳкамест аз ахлоқи писандида.

Ба амонат хиёнат раво нест. Масъалан, дида амонатест, ки бад-он дар осори қудрат нигаранд. Гӯш амонатест, ки суханони ҳақ истимоъ кунанд. Забон амонатест, ки бад-он зикр гӯянд. Даст амонатест, ки бар-он нафъ расонанд.» [4, 164]

Амонат яъне, ки амин будан, дурусткору боваринок будан аст. Амонат яъне чизеро ба каси боваринок супурдан, ки амин аст. Амонат зидди хиёнат аст. Худованд чашмро ба инсон амонат додаст, ки ба воситаи он бояд қудрати офариниши Худовандро тамошо кунад. Мудоме, ки инсон бо дидаи худ фақат чизҳои номатлуби инсониро тамошо кунад, хиёнат ба ин амонат мекунад ва оҳиста –оҳиста ҳама чизи номатлуб барояш мукарарӣ мегардад. Гӯш амонатест,ки тавассути он сухани ҳақ шунавем. Вақте ки одам сухани нохубро бисёр шунавад, одат мекунад.. Забон амонатест, ки ба воситаи он зикр, шукр ва сухани хуб бояд гуфт. Вакте ки ба ин амонат хиёнат шаваду забон ба ҷуз сухани нохуб чизеро намедонад, шарму ҳаёи инсонӣ халалдор мешавад .

Авф қудрати бузурги инсонӣ буда, қалби инсон аз он равшан мегардад. Он амалест, ки парвардигор низ онро дӯст медорад. Мутафаккир дар ин маврид нигоштааст:

“Авф тарки уқубати гунаҳкор аст, дар ҳоли қудрат барад ва ин хислат дар фазилат бар ҷумлаи хислатҳои фоиқ аст...Ҳукамо гуфтаанд: “Ҳарчанд гуноҳ бузургтар аст, фазилати авфкунанда зиёдтар аст.” [4, 153]

Дар масъалаи ҳилм Кошифӣ иродаи қавӣ доштани инсонро нишон дода, ки дарҳол хомӯш кардани ғазаб аст.

“Ҳилм яке аз ахлоқи бузург аст...Дар ҳадис омада, ки қавитарини шумо он аст, ки дарҳол ғазаби худро бияфканад ва молики нафси худ бошад.”[4, 154] Пас ҳилм амалест, ки хирад ва бурдбориро нишон дода, ғазабро шикастан аст. Ва баъди шикасти ғазаб қалбу ҷон оромиш меёбад.

Ҳамин тариқ бояд зикр кард, ки дар ҳар давру замон инсони хирадманду бомаърифат новобаста ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ таълими ахлоқиро дар мадди аввал мегузорад. Ахлоқи волои инсонӣ гувоҳи инкишофи ҷамъият ва таҳаввулоти инсонгароии ҷомеаи солимро инъикос менамояд. Шахсе, ки ахлоқан ба камол мерасад, маъсулиятро дар назди хеш, ҷомеа ва оила хубтар эҳсос намуда, фарзандро бо муҳити иҷтимоияш дар баробари худ бо руҳияи дуруст вобаст ба панди ҳакимон ва осори маърифатпарваронаи онҳо ба воя мерасонад.

Ҷомеаи муосир, ки хеле пуртаззод аст аз ҳар як инсон низ тақозои онро дорад, ки арзишҳои некӣ инсониро аз даст надода, дар руҳияи худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллии ниёгонамон худро мутобиқ намояд.

АДАБИЁТ:

1. Ахлоқ ва зебоипарасти.И.Г. Зиёев, З.И.Зиёева. Душанбе
2. Панчсад хадис .Тахияи Рустам Ваххоб.Москва.1991
3. Панду хикмат.гирдоваранда М. Фозилов. Душанбе .1963
4. Футувватномаи Султонӣ. Хусайн Воизи Кошифӣ. Душанбе «Адиб» 1991

АХЛОҚИ МУҲСИНӢ ТАРҒИБГАРИ АХЛОҚИ ВОЛОИ ИНСОНИСТ

Дар мақола оиди ахлоқи волои инсонӣ, ки гувоҳи инкишофи ҷамъият ва таҳаввулоти инсонгароии ҷомеаи солим аст, маълумоти муфассал дода мешавад. Аз рӯи таҳлили андешаҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ шахсе, ки ахлоқан ба камол мерасад, маъсулиятро дар назди хеш, ҷомеа ва оила хубтар эҳсос намуда, фарзандро бо муҳити иҷтимоияш дар баробари худ барои ояндаи наздик ба воя мерасонад.

Калидвожаҳо: инсон, ахлок, адаб, сабр, ҳаё, адл, имон.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шозодаева Ҷонафзо Мирзоевна – ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев. E-mail: jonafzoshozodaeva@mail.ru. Тел.: (+992) 93527 8248

“АХЛОКИ МУХСИНИ” – ОТРАЖЕНИЕ ВЫСОКОГО ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОВЕДЕНИЯ

В статье даны подробные сведения о высоком морально-нравственном развитии человека, что свидетельствует о развития общества и эволюции человека здорового общества. Согласно анализу мнений Хусейна Воизи Кошифи, человек, воспитанный нравственно, лучше чувствует ответственность перед собой, обществом и семьей, воспитывает ребенка в гармонии со своим социальным окружением.

Ключевые слова: человек, мораль, манеры, терпение, скромность, справедливость, вера

Сведения об авторе: Шозодаева Джонафзо Мирзоевна - ассистент кафедры философии и политологии Хорогского государственного университета имени М.Назаршоев. E-mail: jonafzoshozodaeva@mail.ru. Тел.: (+992) 93527 8248

AKHLOQI MUHSINI IS A REFLECTION OF HIGH HUMAN BEHAVIOR

The article provides detailed information fdout the high moral development of a person, which indicates the development of society and the evolutien of a person in a healthy socirty. According to the analysis of the opinions of Husain Voizi Koshifi, a morally educaated person feels better respensibility towards himself, society, and family, and raises a child in hormony within social environment.

Keywords: human, morals, manners, patience, modesty, justice, faith.

Information about the author: Shozodaeva Jonafzo Mirzoevna - an assistant at the Department of Philosophy and Political Science of Khorog State University named by M.Nazarshoev. E-mail: jonafzoshozodaeva@mail.ru Tel.: (+992) 935278248

УДК: 93: 323/324 (575.3)

ТОҶИКИСТОН ДАР МАДОРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

Шарофзода Э.У., Рауфова З.Н.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ,

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 ш. Душанбе

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ албатта аз ҷараёни ин гирудорҳо дар канор монда наметавонад. Чунин авзоъ аз ҷиҳат метавонад ба ҳар давлате, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ фаъол аст таъсири муайяне бирасонад. Гузашта аз ин, аз чунин фурсатҳо табиист, ки ҳамеша қувваҳои манфиатҷӯи дохилию хориҷӣ талош мекунад то самаранок истифода бурда, хостаҳои аҳриманонаи хешро пиёда созанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин шароити хатарзо ва пуртаҳдид нигоҳ доштани муқаддасоте ба монандӣ истиқлолу ваҳдат ва суботи сиёсӣ ба ҳар давлат ва

миллате муяссар намешавад. Маҳз миллате метавонад дар чунин ҳолат аз худ ва давлати худ ҳимоят намояд, ки дорои маърифати ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ бошад. Ба ибораи дигар, ягона яроқе, ки давлати миллӣ ва манфиатҳои онро метавонад бе осеб нигаҳ дорад ин танҳо дараҷаи баланди худшиносии миллии шаҳрвандон аст.

Мутаассифона бо гузашти 33 сол аз Истиқлоли давлатӣ ва 27 сол аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам афроде ҳастанд, ки ба қадри неъматҳое, ба монандӣ сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пешрафту шукуфоӣ нарасида, мекӯшанд дар миёни ҷомеа бо рафтор ва ё андешаҳои козибонаи хеш, ҳамеша ихтилофот ба вуҷуд оранд. Инро мо дар мисоли фаъолияти тахрибкоронаи чанде аз шаҳрвандони худноогоҳ дар тӯли 27 соли пас аз имзои созишномаи сулҳ мушоҳида намуда метавонем, ки дар саҳифаҳои таърихи миллат чун доғ сабт шудаанд. Амалҳои зиддиқонунии саркардаҳои қувваҳои ифротӣ ва олами ҷиноӣ, бо шарофати сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлолу ваҳдат, борҳо мавриди авф қарор гирифтааст. Аммо қисме аз ин афроди кӯтоҳандеша моҳияти гузаштҳои давлат ва роҳбари онро дуруст дарк накарда, рафторҳои зиддиинсонии худро идома дода, оқибат подоши амалҳои зиддиқонунии худро диданд. Гузашти вақт нишон дод, ки ҳар роҳе, ки аз ғурури бемантиқ интихоб мешавад ба сӯи чоҳ мебарад. Ба қавли шоири тоҷик Сайидо Насафӣ:

Ҳар, ки бар душмани халқ равон аст чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хурад.

Дар шароити кунунӣ, арҷ нагузоштан ба истиқлолу ваҳдат, суботи сиёсӣ, роҳ додан ба хурофоту бегонапарстӣ ва монанди чунин амалҳои миллаткуш ба манфиати доираҳои манфиатхоҳи дохилию хориҷӣ мебошад. Эҷоди чунин вазъ албатта мувофиқи хостаҳои баъзе аз қувваҳои ифротии дар хориҷ буда ва бархе аз давлатҳои манфиатхоҳ, ба хусус ҳукумати “Толибон”-и Афғонистон ва давлати ҳамсояи Қирғизистон мебошад. Созмони террористии «Толибон», ки зимоми қудратро дар ин давлати ҳаммарзӣ мо ба даст гирифтаанд чандон нисбати Тоҷикистон муносибати ҳасана надорад. Зеро низоми давлатдории мо ба ормонҳои эшон мувофиқ намеояд. Ҳузури «Толибон» дар Афғонистон на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ҳам хатар дорад. Бо кадом далел? Ҳукмронии «Толибон» таи чанд вақти охир дар Афғонистон (аз 16 августи соли 2021) нишон дод, ки эшон ҳанӯз аз ҳамон усулҳои давлатдории асримиёнагӣ, ки маҳакашро зулму истисмор ташкил мекунад, истифода мекунанд. “Толибон” ҳамчун як қувваи ифротии динӣ ҳуқуқу озодиҳои мардуми Афғонистон, аз ҷумла занону духтаронро поймол намуда истодаанд. Чунин ормону амалҳои “Толибон” бо дигар қувваҳои террористӣ, аз ҷумла ДИИШ, “Ансоруллоҳ”, “Ал Қоида”, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ, ТЭТ ҲНИ ва ғайра муштарак мебошанд. Чунин муштаракот фаъолияти онҳоро ба ҳам муттаҳид намуда истодааст. Дар ин самт набояд гуфторҳои лафзии намояндагони онҳоро, ки гӯё амалҳои ҳамдигарро қабул надоранд, ҷиддӣ қабул кард. Ба ғайр аз ин теъдоди муайяни шаҳрвандони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва уйғурҳои Чин шомили ин гурӯҳ ва ё ҳамкории амалию фосилавӣ бо онҳоро доранд [2, с. 118].

Аз ин рӯ тахмин задан мушкил аст, ки “Толибон” танҳо барои Афғонистон дарди саранд, шояд дар оянда бо ба даст овардани музаффариятҳо нақшаҳои фаротар аз Афғонистонро барномарезӣ кунанд. Чунин мақсади «Толибон»-ро, ҳатто чанде пеш ба таври ошкоро Сироҷиддин Ҳаққонӣ ба таври зайл баён дошта буд: «Падарбузургам Британияро шикаст дод, падарам Русия (Иттиҳоди Шуравӣ дар назар аст)-ро, Амрикоро ман шикаст додам. Дар қарни XXI наберахои ман дар Осиёи Марказӣ ҳукмронӣ хоҳанд кард». Ин нуқтаи назар бори дигар андешаҳои болозикрро таҳвият мебахшад.

Ташкилоти «Толибон» аз ҷониби чанде аз ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла СММ ҳамчун ташкилоти террористӣ эътироф шудааст. Айни замон 18 нафар роҳбарони ин ташкилот, ки дар идораҳои воломақоми Афғонистон фаъолият, доранд мавриди ҷустуҷӯи полиси байналмилаӣ қарор гирифтаанд.

Ҳукумати Қирғизистон ҳамоно барои мо ҳамон каждуми таги бурёро мемонад. Ҳамлаи ногаҳонии ҷониби Қирғизистон рӯзҳои 3 ва 14 июн ва 16 сентябри соли 2022 дар марз ба Ворухи шаҳри Исфара ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови Тоҷикистон, бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон то кунун ба хулосаи зарурӣ ва ниҳоии хеш наомадааст. Бо чунин усули хос ба муғулҳои асримиёнагӣ ва дур аз маърифати дипломатияи замони муосир амал карда, мавқеашро доир ба мушкилоти сарҳадӣ муайян менамояд. Ин мавқеъ албатта як навъ амали ноҷавонмардона буда, макри рӯбоҳеро мемонад, ки аз тамкини шер истифода бурда, сайди ӯро ба даст оварданӣ мешавад. Ин рафтор бе ҳеҷ шакку шубҳа аз хӯю хислати қавмҳои бадавӣ (биёбоннишин) дарак дода, бемаърифатию авбошӣ ва гузашта аз ин тарсуию пасттинатии чунин аҳвомро ошкор месозад. Далелҳои таърихӣ низ борҳо собит намудаанд, ки дар тӯли таърихи наздики 600 солаи худ, ки қирғиз ҳамчун халқ ташаккул ёфт, доимо ба ҳуҷуму ғорат ва низоъҳои қавмӣ, рӯзгор пеш бурданд. Бо ин мо гуфтанӣ нестем, ки тамоми халқи қирғиз то ҳанӯз дорои чунин сифатҳо мебошанд. Махсусан қирғизҳое, ки айни замон дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон умр ба сар мебаранду шаҳрвандии ин давлатро дорад, хело мардуми таҳаммулгаро ва хирадгустаранд. Дар худи Қирғизистон низ чунин афрод кам нестанд, ки доимо дӯстии Қирғизистону давлатҳои ҳамсояро мехоҳанд, лекин мутаассифона хостаҳои эшонро табақаи муайяни қирғизҳо, аз ҷумла қувва ва доираҳои манфиатхоҳи расмию ғайрирасмӣ намегузоранд амалӣ шавад. Агар мо танҳо ба таърихи 20 соли охири Қирғизистони соҳибистиқлол назар афканем бори дигар боварӣ ҳосил менамоем, ки дар шароити рушди илму техника ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам дар равону сиришти эшон анъанаҳои давлатдории бобогӣ, мушоҳида мешавад. Агар чунин нест, пас чаро дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ 5 роҳбари давлат, аз ҷумла, соли 2005 Аскар Акаев, соли 2010 Қурмонбек Боқиев ва Роза Отунбоева, соли 2017 Алмосбек Отамбоев, соли 2020 Сооронбой Жээнбеков дар зери фишори ваҳшиёнаи мардум (ба ғайр аз Р. Отунбоева), аммо дар зоҳир бо мақсади тантанаи «демократия» ва «адолат» шармандавор аз қудрат дур карда шуданд. Зери пардаи дурӯғини «озодию демократия» ҳамеша кӯшиданд, ки амалҳои аҳриманонаю ҷангалии хешро пӯшонанд. Оқибат нафареро соли 2021 бо исми Садир Жапаров, ки чеҳраи шинохтаи олами ҷиноии Қирғизистон маҳсуб мешавад, аз зиндон раҳо намудаю маснади роҳбариро барояш арзонӣ доштанд. Ҳоло боз намедонем, ки дар оянда чӣ рӯзгоре ин сарзаминро интизор аст.

Бе огоҳию ногаҳонӣ, аҳдшиканонаю ғоратгарона ҳуҷум намудан ба хоки Тоҷикистону ноҷавонмардона қатли мардуми осоишта оё нишонаи ҳамон амалҳои асримиёнагии дур аз хиради инсонӣ нест?

Яқин аст, ки дар паси ҳамаи ин амалҳои тахрибкорона ҳукумати марказии давлати ҳамсоя меистад ва мақсади аслиашон ин рӯи рост ғасби заминҳои таърихии тоҷикон мебошад. Дар ҳама давраҳои гуфтушунид ва чунин амалҳои ҷиноии давлати ҳамсоя ҷониби Тоҷикистон бо вуҷуди танзу бадгӯиҳои нотавонбинони дохилию хориҷӣ ҳамеша аз таҳаммули хирадмандона ва риояи суннатҳои ҳамсоягии тоҷикона кор бурдааст. Ҳодисаҳои охире, ки дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон ба вуқӯъ пайваст бори дигар нишон дод, ки давлати ҳамсоя хело айёрона аз таҳаммулгароии тоҷикон истифода мебарад. Хулоса мешавад, ки ҷониби Қирғизистон ҳанӯз аз як ҷавоби қотеъонаи фарзандони ватандӯсти тоҷик дар соли 2021 ба хулосаи зарурӣ наомадааст. Гузуштаи таърихии миллати тоҷик борҳо собит намудааст, ки таҳаммули мо на аз рӯи ҳарос, балки моя хираду заковати мо

мебошад. Дуруст аст, ки тоҷикон мардуми ҷангхоҳ нестанд, аммо ҷанговаранд. Тамаъкор нестанд, бо он далел, ки дар дарозои таърих ба сари касе теғ набардоштаанд, зеро инро чун кешу мазҳаби худ медонистанд, лекин барои як порча замини модарии хеш садҳо ҳазор диловаронашонро қурбон намудаю ба душман ҷавоби сазовор додаанд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон додааст, ки ҳеҷ давлате бе манфиат бо дилхоҳ давлат робитаи ҳасанаро ба роҳ намемонад. Давлатҳои абарқудрате ба монандӣ Чин ва Русия, ки айни замон бо Тоҷикистон робитаҳои хуби сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд, албатта бе ҳадаф нест.

Аждаҳои чинӣ то ҳанӯз ва хело оромонаю пинҳонӣ ба марзу буми мо, чашм ало мекунад. Ин нуктаро набояд саҳл пиндошт. Зеро чиниҳо ҳанӯз аз асри II п.м. то инҷониб, бо мақсади забти заминҳои таърихии мо, борҳо ҳуҷумҳои ғоратгарона ташкил намудаю аз тарафи фарзандони ғаюри халқи тоҷик шикаст хӯрдаанд. Аз рӯи сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки аввалин ҳуҷуми чиниҳо бо ҳамин мақсад ба сарзамини мо соли 104 п.м. рух додааст. Он сол чиниҳо ду маротиба бо лашкари беш аз шастҳазорнафара ба водии Фарғона ҳуҷум намудаю аз тарафи аҷдоди мо шикаст хӯрданд.

Бинобар маълумоти шабакаи телвизионии «WIONEWS»-Ҳиндустон, ки соли гузашта пахш гардида буд, кадом як намояндаи Ҳукумати Чин даъвои аз худ намудани 45 дарсади замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҳудуди Помирро намудааст. Чунин гуфтугузорҳоро бояд ҷиддӣ қабул намуд ва атрофи он ҷиддӣ андеша кард. Баъзе аз олимони Чин иддао доранд, ки қисмате аз Помир гӯё заминҳои таърихии эшон бошад. Баръакси ин бояд ба инобат гирифт, ки қисми муайяни заминҳои таърихии мо имрӯз дар зери идораи Чин мебошад. Иддаои баъзе аз муаррихони чинӣ дар мавриди он, ки Помир гӯшае аз замини таърихии онҳост аз нуқтаи назари илмӣ тамоман беасос мебошад. Ҳафриётҳои зиёди бостоншиносон дар ин минтақа собит мекунанд, ки маданияти асрисангии Помир бо маданиятҳои асрисангии дигар минтақаҳои аз Тоҷикистони имрӯза пайдо шуда муштарак мебошанд. Масалан осори неолити аз ҳудуди Помир кашф шуда дар адабиёти таърихӣ «Неолити кӯҳии маданияти Ҳисор» ном гирифтааст. Ин тамаддун аз ҳазораи 6 то 3-и пеш аз мелод давом кардааст. Гузашта аз ин осоре, ки бостоншиносон аз ёдгориҳои таърихии Маҳори Шахта, Қалъаи Ямчун, Вомар, Вахон, Қаҳқаҳа, Карон, Қалъаи Хум, Ванҷқалъа, Кофирқалъа, Чокарқалъа, Шошбувед II, Доруҷ, Рин, Вранг, Вришмқалъа, Қалъаи Ҷавшангоз ва ғайра ба даст оварданд ҳамагӣ шаҳодатгари он аст, ки ин маданияти ба умқи фарҳанги ориёиҳо рост меояд. Махсусан пайдо кардани нишонаи чоргӯша, ки иникосгари чор унсури ҳастӣ: об, оташ, хок ва бод мебошанд, ки ин фарҳанг ба дини қадимаи тоҷикон – зардуштия тааллуқ дорад. Ё тасвири акси бузи оҳу, нахчир, доираҳо ва ғайра, ки ҳар яке дар худ як рукни фарҳанги ориёиҳои қадимро ифодар мекунад. Санъати меъмории ёдгориҳои зикршуда, ҳам сохти дохилӣ ва ҳам намои зоҳириашон ба ҳеҷ ваҷҳ ба фарҳанги чиниҳо рост намеояд. Аз ҳар тараф агар ба сохти махсусан қалъаҳои Ямчун, Вомар, Карон назар афканем нишонаҳои фарҳанги митроизм, зардуштия ва умуман маданияти ориёиҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Гузашта аз ин номи кулли ёдгориҳои ҳудуди Помир умуман ба забони чинӣ наздикӣ надорад. Он ба умқи забонҳои қадимаи мардумони ориёиасл мансуб аст.

Аз нуқтаи назари топонимика агар таваҷҷӯҳ намоем эҳсос мешавад, ки аксари номҳои геогарфии минтақа ба монандӣ: Бадахшон, Помир, Шуғнон, Ишкошим, Хоруғ, Рӯшон, Роштқалъа, Вахон, Шингон, Дуроҷ, Мурғоб, Сарез, Зоркӯл, Ғунд ва ғайра истилоҳоте мебошанд, ки реша ба забони қадима бохтарӣ доранд ва ҳар яке дар навбати худ дорои мазмуни муайян ҳастанд. Ногуфта намонад, ки ҳатто қисме аз номҳои географии заминҳои ноҳияи худмухтори Синзян-Уйғури Чин низ ба забони бохтарӣ тааллуқ доранд. Аз нигоҳи илмӣ номҳои географии заминҳои ноҳияи худмухтори Синзян-Уйғури Чин ба забони

бохтарӣ тааллуқ доранд. Ин ҳам дар ҳолест, ки омӯзиши номҳои ҷуғрофии минтақа, натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносон, мадракҳои хаттию шифоҳӣ, омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва қайдҳои сайёҳони олам шаҳодат аз он медиҳанд, ки Бадахшон нахустмаскани ориёиҳо будааст. Сайёҳоне ба монандӣ, Дҳармагупта, Пол Пелло, Ал-Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, ас- Самъонӣ, Марко Поло, Ибни Батута, Мирзо Ҳайдари Муғул, А. П. Федченко, Н. А. Сверсов, А. Э. Регел, Д. Л. Иванов, Н. Л. Корженевский, Ионов, Ванновский, П. А. Баранов, Н. П. Горбунов ва садҳо нафарони дигар дар ҳеҷ куҷо мардуми таҳҷоии инҷоро чинӣ зикр накардаанд. Ҳатто худи сайёҳои чинӣ ба монадӣ: Хаютаснак, Чжан Сян, Сюан Сзан ва даҳҳо нафарони дигар ҳангоми сафар ва ё гузаштан аз ин сарзамин ба фарҳанг ва зисту зиндагонии мардуми мавзеи Помир ҳамчун халқи бегонава барои онҳо нав муносибат намудаанд [1, с.153]. Зеро дар ин ҳудудҳо ҳанӯз то солшумории мелодӣ нажоди бохтариҳо умр ба сар мебурданд. Инчунин замоне аҷдоди тоҷикон инҷо низоми давлатдорӣ доштанд. Масалан, соли 661 писари Яздигурди III – охирин шоҳи Сосониён, Фирӯз дар ҳудудҳои Хутан ва Қошғар давлате бо исми Тоҷикӣ бунёд намудааст. Чиниҳо ин ҳуҳудҳоро пасон забт карда Синзян номиданд, ки маъноияш сарҳадҳои нав мебошад. Худи маънои ҳамин калима шаҳодат аз он медиҳад, ки чиниҳо ба ин заминҳо баъдан ворид шудаанд [3, с. 223].

Русия низ дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳадафҳои муайяни худро дорад. Агарчанде Тоҷикистон имрӯз бо ин давлатҳо, махсусан Русия муносибатҳои дӯстона ва ҳатто дар сатҳи шарики стратегиро дорад, аммо набояд ба ин дода шуду аз ҳадафҳои асосӣ ғофил монд. Танҳо мисол овардани сарнавишти Гурҷистону (с 2008) Украина (аз с 2014 то имрӯз), ки бо дахолати Русия тамомияти арзиашон халалдор гардид, собит менамояд, ки сиёсати Русия як навъ сиёсати ғасбкорона ва мақсаднок мебошад. Иддаои охирини Президенти Русия В. Путин доир ба барқарории заминҳои собиқ импреияи Русияи аҳди Пётр таҳдид ба истиқлоли чандин давлатҳо мебошад. Ҳоисаҳои рӯзҳои 25 – 28 ноябри соли 2021 дар Қазоқистон, ки аслан зидди руҳи миллии қазоқӣ буду бо дасти қувваҳои бадхоҳи хориҷӣ, аз ҷумла Русия амалӣ шуд барои дигар халқҳои Осиёи Марказӣ сабақи ибратомӯз мебошад.

Бо дарназардошти чунин фазо таҳкими истиқлоли сиёсию мафкуравӣ ва такмили ваҳдати миллӣ хело амри зарурӣ мебошад. Ин ҷо боз ҳамон хитобаи пайвастаи роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд, ки дар ҳама баромадҳои хеш таъкид мекунанд, ки мебояд дар шароити муосир шаҳрвандони мо, аз ҷумла ҷавонон зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Чунин раванд бори дигар собит мекунад, ки мо дар шароити имрӯза барои таҳвияти ваҳдати ақлу андеша бештар фикр кунем, пажӯҳишҳо гузаронем ва бо мардум моҳияти аслии онро ба таври илмӣ ва хело дилрас расонем. Таҳқиқу таъкиди раванди таърихии барқарор шудани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон хело хуб аст, агар ба он чун сабақи зиндагӣ муносибат шавад.

Дар мавриди қувваҳое, ки аз хориҷ истода иғвоангезӣ мекунанд ҳаминро метавон қайд намуд, ки ҳадафи аслии онҳо низ танҳо ноорамию тахрибкорӣ ва ҷудоиандозӣ мебошад. Он қувваҳо аслан ҳамон думравону ихлосмандони ТЭТ Ҳизби наҳзати исломӣ мебошанд, ки бо ному созмонҳои гуногун амал доранд. Дар асл ҳамаи онҳо пиёдакунандаи мақсадҳои ҳадафноки давлатҳои алоҳида мебошанд. Яке аз мақсадҳои асосии ТЭТ ҲНИ аз ибтидои фаъолияташ пароканда намудани Тоҷикистон буд. Нақшаи ташкили Ҷумҳурии мухтори куҳистони Бадахшон ва таъсиси Ҷумҳурии исломии Қаротегин дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, яке аз идеяҳои наҳзатиён буд, ки дар қисматшавии Тоҷикистони воҳид нақш мегузошт. Қатли як қатор чеҳраҳои саршиноси миллат дар солҳои 90-уми асри XX аз тарафи террористони наҳзатӣ бо мақсади бардоштани монеаҳо дар роҳи амалишавии

ниятҳои иблисонаашон буд. Хушбахтона эшон ба мақсадҳои худ нарасиданд. Дуруст аст, ки «нооқилони даҳр ба мақсад намерасанд». Имрӯз низ думравони онҳо аз ҳамон мақсадҳои худ даст накашидааанду доим пайти мувофиқ меҷӯянд то заррае ҳам бошад ба ҳадаф расанд. Аз ин сабаб ба дурӯғбофиҳои онҳо набояд дода шуду аз пайи Аҳриман рафт.

Реша давондани андеша ва фарҳанги бегона низ дар такмилу ташаккулёбии ваҳдати миллат метавонад монеа эҷод намояд. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки дар миёни ҷомеаи мо андешаҳои пантуркистӣ, панисломистӣ, панарабизм, панпаштунизм ва фарҳанги носараю зиддимиллию зиддиахлоқии ғарбӣ реша медавонад. Дар чунин «гирудорҳо» мавқеи фарҳанги миллӣ ба таври ғайрирасмӣ маҳдуд мегардад, ки ин ба нафъи мирӯзу фардои миллат нест.

Туркгароён аз ибтидои асри ХХ то ҳанӯз аз ҳадафҳои доштаи хеш даст накашидаанд. Мо дар чоряки аввали асри гузашта таъсири фалокатбори ин ҷараёнро мушоҳида намудаем, ки то ҳанӯз захми он дар пайкари миллат эҳсос мешавад. Имрӯз низ идеологҳои онҳо, бо ҳар роҳу васила, аз ҷумла тарғиби сару либос, хӯрок, тарабхонаю ошхона, таълимгоҳҳо, синамо, мусиқӣ, рақс ва ғайра, туркманиширо тарғиб мекунанд. Ахиран аз тарафи яке аз миллатгароёни турк Девлет Бехчели тақдими «Харитаи ҷаҳонии турк» ба Президенти Туркия Рачаб Тайиб Эрдуғон гувоҳи он аст, ки пантуркизм ҳадафҳои бузурги сиёсӣ дорад. Зеро харитаи мазкур қисман ҳудудҳои Русия, Қафқоз, Осиёи Марказӣ, вилояти худмухтори Шинҷон-Уйғури Чин, қисман Муғулистону Эронро дар бар мегирад.

Араб ҳеҷ гоҳ манфиатҳои миллии хешро аз ислом поин намегузорад. Аммо аз ислом барои нуфузи худ хело огоҳона истифода бурда, бо ҳамин мазмун онро тавассути шабакаҳои муаяйн дар давлатҳои дигари мусулмоннишин, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ тарғиб менамояд. Агар чунин нест пас дилхоҳ домулло ва ё нафари ба ном диндорро аз ҷойгоҳи араб бипурсед ҳатман, ки арабро бологузину баргузида медонад ва ё мекӯшад шаҷараи худро ва ё фалону бисмадон эшону шайхро ба авлоди паёмбару саҳобае бипайвандад. Хулоса аз фарҳанги араб чунон васф мекунад, ки гӯё арабе забонгумкарда дар мусофират бошад. Агар хонандаи закӣ ба мушоҳида гирифта бошад, солҳои охир номгузории арабӣ, ба монадӣ Сумая, Абдулло, Холид, Амина, Омина, Оиша, Муддасир, Умар, Абӯбакр, Заҳро ва монадӣ инҳо хело зиёд шудааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки нафаре аз араб номҳои таърихии моро ба фарзандони худ намегузоранд. Хело таассуфовар аст, ки бархе аз шаҳрвандони мо нисбати фарҳанги тоисломии худ, аз ҷумла номҳои таърихии халқи тоҷик нафрат доранд. Ин албатта нишонаи худбехабарию гумроҳӣ ва нобиноии маънавӣ мебошад. Барои мисол, боре андеша кардаем, ки чаро мисрии мусалмон то имрӯз аз аҳромҳои сарзамини худ, ки ҳазорсолаҳо пеш аз ислом бунёд шудааст, мефахранд ва онро рамзи ҳастии худу давлати худ медонанд?

Бегонапарстиро саҳлу содда набояд пиндошт. Таҷрибаҳои таърихӣ борҳо собит намудаанд, ки зиёд халқҳое буданд, ки дар натиҷаи чунин муносибат ба умқи фарҳанги дигар миллатҳо ғарқ шуда, пасон бо ҳамин ҳазм шуданду ҳастии хешро нигоҳ дошта натавонистанд. Бегонапарастӣ метавонад оҳиста – оҳиста ба одат табдил ёфта ба рӯҳу равон таъсири манфии хешро бирасонад. Вақто нафаре ва ё миллате дар равону андеша бегона мешавад барои давлату қувваи манфиатхоҳ онро ба коми худ фурӯ бурдан хело осон мешавад. Тавре Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан омӯз,
Ки паридан натавон, бо пару боли дигарон.

Тарғибу ташвиқи муҳтарам Пешвои Миллат дар масъалаи эҳёи фарҳанги миллӣ, таҷлили солгарди шаҳрҳои таърихию чеҳраҳои намоёни илмию адабӣ, ба феҳристи ЮНЕСКО шомил намудани ёдгориҳои таърихӣ ва намунаи осори таърихии ғайри моддӣ,

танҳо бо мақсади такмили руҳи миллӣ ва давлатдории миллист.

Имрӯз динияти мо бояд барои миллияти мо хизмат кунад. Мо аввалан тоҷикем пасон мусалмон. Ҳизбу созмонҳои ифротии ҷаҳони ислом бештар талош мекунанд, ки давлатҳои ба ном исломиро бунёд кунанд, дар исми он номи ислом ва ё ягон иборае ба он монандро дошта бошад. ТЭТ наҳзати ислом низ аз ибтидои фаъолияташ ҳаминро мехост. Намунаи он дар ташкили Ҷумҳурии исломии Қаротегин айён аст. Аммо аҷиб аст, ки ислом дар нимҷазираи араб ба вуҷуд омадаю арабҳои мусулмон давлати худро Арабистони Саудӣ ном гузоштанду на Арабистони исломӣ. Агарчанде, ки ислом барои арабҳои бадавӣ ва дур аз маърифати инсонӣ хидмати бузурге анҷом додааст. Аслан ислом дар ибтидо танҳо хоси қавми араб буд. Ин нукта дар худи китоби муқаддаси «Қуръон» (сураи Юсуф-2, Тоҳо-113, Фуссилат-3, Шӯро-7) низ борҳо таъкид шудааст. Пасон ҳам, ки аҷдоди мо ба ислом гаравид онро дар заминаи маънавиёти бойи хеш ба авҷи аъло бардошт ва арабро бо мусалмонии худ дар ҳайрат гузошт.

Яке аз сабабҳои асосии рушди фарҳанги ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр дар он буд, ки заминаҳои маърифатии халқҳои ин сарзаминҳо ҳанӯз то ислом оламгир буд. Эҷоди осоре ба монандӣ «Авесто», «Дарахти осурӣ», «Ёдгории Зарирон», «Занд», «Позанд», «Динкард», «Бундаҳишн», «Минуи хирад», «Шояст нашояст», катибаҳои бозмондаи замони Модҳою Ҳахоманишиҳо, Порту Кушон ва Сосониён ифодагари гуфтаҳои болоянд. Санъати баланди шаҳрсозӣ (Саразм, Панҷакент, Экботан, Персополис, Устурушан, Хуҷанд, Ҳисор, Хуталлон, Ҳирот, Балх, Самарқанд ва ғайра), меъморӣ (қасру толорҳои бозмондаи харобаҳои Саразм, Тахти Ҷамшед, Тахти Қубод, Афросиёб, Балх, Панҷакенти қадим, Ямчун, Вахон, Карон ва ғайра) рассомӣ (як зумра намунаҳо дар деворнигораҳои ёдгориҳои таърихии зикршуда ва осори Монӣ), мусиқӣ (бузургтарин намояндаи он Борбади марвазӣ) ва ғайра, боиси табдил додани Шарқ ба нигини олам гардида буд. Фаъолияти густардаи академияи «Гунди Шопур» (асрҳои III – VII) шаҳодати баланди рушди илму дониши ниёгони мо то ҳуҷуми араб аст [4, с. 123]. Ҷашнҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, шаби ялдо, Сада, маросими куштибандон ва ғайра, бо назардошти оину ҳикматҳои инсонпарваронаи худ башорат аз тинати сабз ва рӯшани гузаштагони мо медиҳанд. Суннатҳое ба мислӣ эҳтиром ба инсон, ба Кирдугор, табиат ва неъматҳои он, зебоипарастӣ, ахлоқи ҳамидаро мо то ислом чун муаллим ба фарзандони худ ва аҳвоми дигар талқин ва ташвиқ менамудем.

Беҳуда нест, ки Аттори бузургвор мефармояд:

Аз Араб афтод марде бар Аҷам,
Монд андар шаҳри Аҷам дар аҷаб.

Тоҷикият ва риояи тамоми ахлоқи миллӣ ва рӯ овардан ба фарҳанги миллӣ дар шароити кунунӣ ин худ мусулмонист. Зеро яке аз сарчашмаҳои фарҳанги ислом ин таълимотҳои оламгири ориётаборҳо мебошад.

Бо назардошти ин моро мебояд чун мардуми ваҳдатофар амиқан ба таъриху фарҳанги миллии хеш рӯ оварда дар шароити бисёр ҳасоси ҷаҳони муосир муттаҳиду иттиҳод шуда пуштибони давлату ҳамдигар бошем.

Ваҳдат ва соҳибистиқлолӣ барои халқи тоҷик арзиши баланди тақдирсоз доранд. Ҳифзу нигаҳдошти онҳо роҳи ояндаи давлату миллати моро муаяйн намуда, сипаи боэътимод ва бехатари кишварамон ба ҳисоб меравад. Ваҳдат зербиноест, ки бе он ҳеҷ миллат наметавонад раванди муътадили соҳибистиқлолӣ ва рушди босуботи давлати худро таъмин намояд.

АДАБИЁТ:

1. Азроянц Э.А, Глобализация: катастрофа или путь к развитию. Современные

тенденции мирового развития и политические амбиции. М.: Издательский дом «Новый век»,2002.- 416с.
2. Алимов Р.М. Центральная Азия: общность интересов. -Т.: «Шарк»,2005.-464с.
3. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций. Т. 1, Ч.1. Душанбе, 200б, 354 с.
4. Девятко И.Ф. Модернизация, глобализация и институциональный изоморфизм: к социологической теории глобального общества, http://eccoman.edu.ru/db/msg/5492.
5. Дикаев Т Пресса юга Таджикистана на грани депрессии. // Media Insight Central Asia # 2б-Швейцария: Cimerra, 2002. -С.34-36.
6. Ильин М. Политическая глобализация: институциональные изменения // Грани глобализации. Трудные вопросы современного развития. - М.: Альпина Паблишер, 2003. С.193 – 201.
7. Мамадазимов А., Вопросы обеспечения национальной безопасности Таджикистана // Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы. Душанбе: Ирфон, 2006.-С. 123-135.
8. Майтдинова Г., ШОС-НАТО: проблемы и перспективы сотрудничества // Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы. Душанбе, Ирфон, 2 006.-С. 38-46.
9. Махмадов А.Н. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ) / А.Н. Махмадов, Л.Л. Хопёрская. - Душанбе, 2016. - 363 с.
10. Ниятбеков В.А. Интеграция стран ЦА В рамках ШОС для обеспечения региональной безопасности // Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы.-Душанбе: Ирфон.2 00 6.-С.5 6-67.
11. Ионова Е. Таджикистан в орбите интересов Китая и России / Е. Ионова // Россия и новые государства Евразии. - 2019. - № III (XLIV). -С. 107-120.
12. Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей» / З. Саидов. - Душанбе: Контраст, 2015. - 346 с.
13. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. - Душанбе, Авасто,2004.-592 с.
14. Султанов Б. Приоритетные направления внешней политики и политики безопасности Республики Казахстан в условиях глобализации \\ Казахстан в глобальных процессах. -2004.-№1.-С.29-47.

ТОҶИКИСТОН ДАР МАДОРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

Фазои сиёсии ҷаҳони муосир торафт нисбат ба гузашта хело бӯҳронию печида мешавад. Муборизаи абарқудратҳо барои пиёда намудани манфиатҳои худ боиси он шудааст, ки хатар ба амният, истиқлолият ва ваҳдати давлатҳо таҳдид намояд. Баҳсҳои марзӣ, яккатозӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, муборизаҳои иқтисодию фарҳангӣ, пайдо шудани ҷараёнҳои тундгаро, тағйирёбии иқлим ва баҳсҳои беҳдошти биологӣ, саҳлангорӣ дар танзими мушкилотҳои ҷаҳонӣ ва ғайра, раванди ҳодисаҳои ҷаҳониро торафт ба печидатару бӯҳронӣ намуда истодааст.

Имрӯз динияти мо бояд барои миллияти мо хизмат кунад. Мо аввалан тоҷикем пасон мусалмон. Ҳизбу созмонҳои ифротии ҷаҳони ислом бештар талош мекунанд, ки давлатҳои ба ном исломиро бунёд кунанд, дар исми он номи ислом ва ё ягон иборае ба он монандро дошта бошад.

Ваҳдат ва соҳибистиқлолӣ барои халқи тоҷик арзиши баланди таҷдирсоз доранд. Ҳифзу

нигаҳдошти онҳо роҳи ояндаи давлату миллати моро муаяйн намуда, сипари боэътимод ва бехатари кишварамон ба ҳисоб меравад. Ваҳдат зербиноест, ки бе он ҳеҷ миллат наметавонад раванди муътадили соҳибистиқлолӣ ва рушди босуботи давлати худро таъмин намояд. Бо назардошти ин моро мебояд чун мардуми ваҳдатофар амиқан ба таъриху фарҳанги миллии хеш рӯ оварда дар шароити бисёр ҳасоси ҷаҳони муосир муттаҳиду иттиҳод шуда пуштибони давлату ҳамдигар бошем.

Калидвожаҳо: Фазои сиёсӣ, истиқлолият, давлати миллӣ, сулҳ, истиқлоли давлатӣ, суботи сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, ҷараёнҳои тундгаро, маърифати дипломатӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарофзода Эрадж Умрибай к.и. н., дотсент, мудири кафедраи илмҳои ҷамъиятии ба номи акад. М.С. Осимӣ. Суроғa: 734042, Душанбе, хиебони академикҳо Рачабовҳо, 10, почтаи электронӣ:quajsharofov77@ gmail.com. Телефон: (+992) 900 95 51 77.

Рауфова Зулхумор Нуровна – омӯзгор мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 53, ш. Душанбе, E-mail:erajsharofov77@gmail.com.телефон: (+992) 93-767-26-77

ТАДЖИКИСТАН В ОРБИТЕ ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫХ И ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ

Политическая атмосфера современного мира становится все более сложной, чем в прошлом. Борьба сверхдержав за реализацию своих интересов привела к угрозе безопасности, независимости и единству государств. Пограничные споры, изоляция в мировой политике, экономическая и культурная борьба, возникновение экстремальных течений, споры об изменении климата и биологическом здоровье, халатность в регулировании глобальных проблем и т. д. делают процесс мировых событий все более сложным и критическим. . Таджикская идентичность и соблюдение всей национальной этики и обращение к национальной культуре в нынешних условиях – это мусульманство. Потому что одним из источников исламской культуры является универсальное учение ариев.

Учитывая это, мы как единый народ должны глубоко проникнуться к нашей национальной историей и культурой и поддержать государство и друг друга в чувствительных условиях современного мира.

Единство и независимость имеют высокое судьбоносное значение для таджикского народа. Их защита определяет будущий путь нашего государства и нации и считается надежным и безопасным достоянием нашей страны. Единство – это базовая структура, без которой ни одна нация не сможет обеспечить стабильный процесс независимости и стабильное развитие своего государства.

Ключевые слова: политическое пространство, независимость, национальное государство, мир, государственная независимость, политическая стабильность, национальная идентичность, национальное самосознание, радикальные движения, дипломатические знания.

Сведения об авторах: Шарофзода Эрадж Умрибай - к.и.н., доцент, заведующий кафедрой общественных наук имени акад. М.С. Осими. Адрес: 734042, Душанбе, проспект академиков Раджабовых,10, E-mail:erajsharofov77@ gmail.com. Телефон: (+992) 900 95 51 77.

Рауфова Зулхумор Нуровна - преподавательница средняя общеобразовательная школа №53 г. Душанбе, E-mail:erajsharofov77@gmail.com.телефон: (+992) 93-767-26-77

TAJIKISTAN IN THE ORBIT OF GLOBALIZATION AND GEOPOLITICAL PROCESSES

The political atmosphere of the modern world is becoming more complex than in the past. The struggle of the superpowers to realize their interests has led to a threat to the security, independence and unity of states. Border disputes, isolation in world politics, economic and cultural struggles, the emergence of extreme currents, disputes over climate change and biological health, negligence in regulating global problems, etc. make the process of world events increasingly complex and critical. . Tajik identily

and adherence to all national ethics and appeal to national culture in current conditions is Muslim. Because one of the sources of Islamic culture is the universal teaching of the Aryans.

Given this, we, as a single people, must deeply delve into our national history and culture and support the state and each other in the sensitive conditions of the modern world.

Unity and independence are of great significance for the Tajik people. Their protection determines the future path of our state and nation and is considered a reliable and safe asset of our country. Unity is the basic structure without which no nation can ensure a stable process of independence and sustainable development of its state.

Key words: political space, independence, nation state, peace, state independence, political stability, national identity, national consciousness, radical movements, diplomatic knowledge.

Information about the authors: Sharofzoda Eraj Umriboy - candidate of historical sciences, associate professor, head of the department of social sciences named after academician. M.S. Oshimi. Address: 734042, Dushanbe, Academicians Radzhabov Avenue, 10, E-mail:erajsharofov77@gmail.com. Phone: (+992) 900 95 51 77.

Raufova Zulhumor Nurovna - teacher, secondary school No. 53, Dushanbe, tel.: (+992) 93-767-26-77 E-mail:erajsharofov77@gmail.com.

УДК 81.0

БОЗТОБИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Шукуров Г.Х.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии муосир доираи тадқиқоти одоби муҳоварат тавсеа ёфта, муҳоварат на танҳо ба воситаҳои забонии муошират пойбанд мегардад, балки пажуҳиши он дар алоқамандӣ бо тафаккур, фарҳанг ва дигар арзишҳо сурат мегирад. Одоби муҳоварат рафтори шахси сухангӯро вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва арзишҳои миллӣ инъикос мекунад. Одоби муҳоварати тоҷикӣ як ҷузъи ҷудонопазири одоби муҳоваратро ташкил дода, дорои вижагиҳои худ мебошад ва таҳти таъсири омилҳои муайян ва усулҳои мушаххас раванди робитасозиро таъмин мекунад. Муҳаққиқон ташаккули унсурҳои миллӣ – фарҳангиро дар одоби муҳоварат ба чунин омилҳо алоқаманд медонанд: якум, фарҳанг, ақида, расму оинҳо ва анъанаҳои тоҷикӣ, дуюм, вижагиҳои забони тоҷикӣ дар робита бо ҷомеаи навистиқлоли тоҷик, сеюм, вазъи иҷтимоӣ ва равандҳои нав ташаккулёфтаи истода дар ҷомеа.

Одоби муҳоварати тоҷикӣ ҳамқадами ҷомеа такомул ёфта, дар доираи фарҳанги миллии тоҷикӣ, ки заминаҳои он дар умқи таърих устуворанд рушд мекунад. Одоби муҳоварат ва рафтори ашхоси ба фарҳанги тоҷикӣ алоқамандро вобаста ба мавқеи ашхоси гуногун ва вазъи муошират муайян кардан мумкин аст. Бавижа дар муоширати расмӣ ва ғайирасмӣ. Аксар муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки одоби муҳоварат ҷузъи муҳими ҳар фарҳанг мебошад. Дар забон, рафтору гуфтор, формулаҳои устувори муошират, таҷрибаи ғании миллати тоҷик, урфу одат, тарзи зисту зиндагонии миллати тоҷик маҳфуз аст. Одоби муошират ҳамчун унсури фарҳанги миллӣ рафтору гуфторро дар муошират тавассути формулаҳои устувори одоби муҳоварат амалӣ месозад ва хазинаи фарҳанги миллиро ғанӣ мегардонад.

Одоби муҳоварати тоҷикӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки мавҷудияти онҳоро омилҳои объективӣ муайян мекунанд, аз ҷумла: тарзи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъсири ислом, таъсири фарҳанги русӣ ва дигар фарҳангҳои миллӣ. Вижагиҳои одоби муҳоварати тоҷикиро дар муоширати мардуми тоҷик, бавижа дар муоширати калонсолони сокини шаҳру деҳот мушоҳида кардани мумкин аст. Хусусияти миллии одоби муҳоварат бештар

дар салому алек, ки одамон ҳангоми вохӯрӣ мубодила мекунанд, зоҳир мегардад. Салом додан барои тоҷикон бештар шифоҳӣ сурат мегирад. Саломро тавассути воистаҳои ғайривербалӣ ироа кардан дар аксар ҳолатҳо аз рӯйи одоби тоҷикӣ нест. Ҳангоми дастфишорӣ, махсусан бо одамони калонсол бо ду даст бояд дастфишорӣ кард, зеро чунин рафтор ҳатмӣ буда, риояи одоб ҳангоми саломдиҳӣ ба ҳисоб меравад. Саломдиҳӣ миёни шаҳру деҳоти Тоҷикистон фарқ мекунад, одатан дар деҳот ба ҳама, шиносу ношинос салом медиҳанд, вале дар шаҳр бошад танҳо бо одамони шинос салому алек мекунанд.

Вижагиҳои одоби муҳоварати тоҷикӣ вобаста ба аснои муҳоварат ва вазъи иҷрои он зоҳир мегардад. Формулаҳои содаи одоби муҳоварти тоҷикӣ дар мавридҳои гуногун истифода гардида, мазмуну муҳтавои онҳоро расму оини тоҷикӣ ва анъаноти чанд ҳазор сол роиҷ буда, ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди дар фолклор ва эҷоди шифоҳии мардум боқӣ мондан, шакли комил ва суфтаи он дар осори насрии тоҷикӣ ба мерос мондааст. Масалан, ба дунё омадани кӯдак дар хонадони мардуми тоҷик навиди хушрӯзгорӣ ва хушҳолӣ буда, бо формулаҳои содаи одоби муҳоварат ифодаи худро меёбанд. Мисол: Рӯзе ба ҳавлии усто сурнайчиёну зочабозон ҳам омада, ба муносибати таваллуди тифли нав сурнаю карнайнавозӣ карданд. Ҳавлии беруни усто Мухтор аз бачаю кача, пиру ҷавони тамошобин пур шуда буд [I.17, 84]. Ҳангоми хариди ин ё он ашё, туҳфа ва дигар ашёҳо истифодаи формулаи мухтасари “Муборак шавад” маъмул аст. Мисол: «Ҳа» мегуфтаму ба онҳо наздиктар меистодам ва сарамро меҷунбоидам, аз расидани лентача ба сарам хуррамие эҳсос мекардам ва мехостам лентачаҳои маро бубинанд.

– Оҳо, лентачаҳои нав-ку!

– Ҳа-а.

– Муборак шавад!

– Раҳмат.

– Кӣ харид?

– Қодир харид! «Вой, гуфтам-ку кӣ харид!»

– Вай аллакай омад?

– Ҳа... «Қодир хафа мешудагист [I.15, 358].

Ман мехостам боз аз ӯ гила кунам, ки ягон маротиба ҳам маро пурсида наомад, вале дидам, ки шарм мекунад, гапро ба дигар тараф гардонданӣ шуда, ба як ҷуфт потинка, аммо ҳанӯз мазбут, ки дар поёни пояш меистод, ишора карда гуфтам;

– Муборак шавад патинка гирифтед-ку? [I.13, 386].

Тоҷикон чун дигар халқу миллатҳо барои сохтани манзил, издивоҷ, таваллуди кӯдак ва дигар расму оинҳо суханонии зебо ва хотирмонро истифода мебаранд, ки муҳтавои онҳоро таъриху фарҳанги миллии тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Хазинаи одоби муоширати тоҷикӣ ғанӣ аст. Беҳуда забони тоҷикиро забони шево ва забони шеър нагуфтаанд. Масалан, маросими арӯсбиёрон яке аз анъанаҳои зебои тоҷикӣ буда, бо суханҳои зебо ва дилнишин оғоз мегардад. Рафти ин маросим бо суруду мусиқӣ ва рақс тавъам буда, ба домоду арӯс беҳтарин таманниёт карда мешавад. Мисол: Омин... – гӯён Хайринисо даст ба дуо бардошт – тӯй болои тӯй шаваду домоду келин донаҳои бобаракат шаванд. – Хайринисо омин карда, аз ҷой бархост ва боз дастҳоро ба сандуқи дил гузошта хуш омадед гӯён таъзим намуд ва дастархон ба наздам кушода, аз қафои сӯзанӣ лаълии ба рӯяш тақсимчаҳои анвои ширинӣ чидашуда ва лаълии дигари нонро гирифт [I.12, 57].

Таваллуди кӯдаки навзод дар хонадони мардуми тоҷик мисли ид ҷашн гирифта мешавад, одатан пас аз таваллуди кӯдак тоҷикон хешу акрабо ва ҳамсояҳоро даъват карда, гусфанд мекушанд ва чанд хел таъом мепазанд. Дар ин маросими хушӣ ба соҳибҷашн суханони хуб ва таманниёти хешро бо беҳтарин лаҳну гуфтор баён медоранд.

Одоби муҳоварати тоҷикӣ раванди маҳдуд ва тағйирнаёбанда нест, балки вобаста ба

шароити иҷтимоӣ таҳаввул меёбад. Дар натиҷаи муносибатҳои гуногуни миёни давлатҳо ва қавму миллатҳои гуногун ба муҳтаво ва мундариҷаи одоби муҳоварати тоҷикӣ таъсири дигар фарҳангҳо ба мушоҳида мерасад. Аксар муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки одоби муҳоварат дар натиҷаи муносибати дуҷонибаи миёни фарҳангҳои гуногун рушд мекунад.

Одоби муҳоварат ҷузъи муҳими фарҳанги миллии мардуми тоҷик буда, аз рӯйи таъкиди аксар муҳаққиқон барои барқарор кардани робитаи мусолиматомез ва устувор на танҳо воситаҳои забонӣ, монанди формулаҳои устувори муошират, балки огоҳӣ аз урфу одат, таҷрибаи зиндагии халқ, шароит ва сатҳи зиндагӣ, дар умум фарҳанги мардуми тоҷик муҳим аст. Барои расонидани иттилоъ агар вожаҳои забон нақши аввалиндараҷа дошта бошанд, бояд ба ҳисоб гирифт, ки ҳар як вожа дар натиҷаи муносибат ба муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар муддати тулонӣ таҳаввул ёфтааст. Дар маънои калима руҳи миллат, эътиқоду дин ва дигар арзишҳои он нуҳуфтааст. Барои ҳамин ҳангоми расонидани иттилоъ бояд арзишҳои фарҳангии онро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем.

Дар ҷомеаи навистиқлоли тоҷик таҳти таъсири фарҳангҳои дигар, ки тавассути ВАО, шабакаи ҷаҳонии интернет ё филмномаҳо ворид гардидаанд, гоҳо унсурҳои фарҳанги мардуми дигарро мушоҳида мекунем, ки ба арзишҳои миллии мо мувофиқ нестанд. Масалан, номгузориҳо бо забонҳои дигар, ки барои фарди ҳатто маълумотноки тоҷик фаҳмо нестанд ва ё тарзи салому алек бо усулу услуби халқу миллатҳои дигар. Тоҷикон одатан ҳангоми салому алек бо дастфишорӣ ё ба оғушгирии якдигар изҳори дӯстӣ ва самимият мекунанд. Мутаасифона, шаклҳои гуногуни салом мушоҳида мешаванд, ки барои фарди тоҷик номафҳум мебошанд. Масалан, сар ба сар зада салом кардан миёни ҷавонон. Одатан агар шахсе, ки дер боз надидаанд, ба оғуш гирифта салом мекунанд, вале имрӯз сари ҳар қадам бемаврид ва такрор ба такрор салом додан мушоҳида мешавад. Гоҳо таклид карда аз вожа ва калимоти номафҳуми арабӣ истифода мекунанд, ки варианти он дар тоҷикӣ вуҷуд дорад, зарурати онро истифода кардан нест. Масалан, формулаи муоширатии “ҳазарат”, “ҳоҷӣ” ё вожаҳои аврупоии “шеф” ва амсоли инҳо.

Фарҳанги муошират таҳаввулпазир аст, бо тағйири расму оин ва зуҳури падидаҳои нави фарҳангӣ одоби муошират, ки ҷуъи фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад, тағйир меёбад. Ҳатто гоҳо ба самти манфӣ тамоюл мекунад. Характери динӣ ё сиёсӣ мегирад. Ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ дорем, бидуни муоширати байнифарҳангӣ бемаъно аст, вале бояд ҳангоми муошират арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳанги миллиро ба ҳисоб гирифт.

Мавзуи суҳбат вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва ҳатто вазъи иқлим сурат мегирад. Масалан, агар дар зимистон миёни ду нафар муошират карда шавад, мавзуи муоширати тақозо мекунад, ки вобаста ба фасли зимистон суҳбат кард, дар акси ҳол суҳбат бемантиқ ва бесамар аст. Мисол: – Бузург, хунук нахӯрдаед?

– Не, Бек, баданам гарм.

Саидбек аз гиребони васеи бобо ба таки куртааш даст дароварда, боз гуфт:

– О ях барин-ку, Бузург?

– Аз дарун гарм, писарам. Аз дарун.

– Фаҳмидам, Бузург. Лекин ҳаво бисёр хунук. Ҳозир ҷомаатонро меорам, – ва Саидбек ба сӯи хона биштофт [I.16, 296]; Ва мешуд, ки касе аз деҳотиён дар роҳ қасдан ё ба хотири доман задан ба оташи рашк модарро ба гап мекашид:

– Ғаюршоҳ наметобад?

Таҳавулоте, ки пас аз солҳои 90- уми садаи XX ба вуҷуд омад, на танҳо ба забони адабии тоҷикӣ, балки ба одоби муҳоварати тоҷикӣ низ таъсир гузошт. Таҳаввулот аз ҳама бештар дар қабати лексикии забони тоҷикӣ ба миён омад, он ҳама соҳаву бахшҳоро дар гирифт. [I.20]. Дар ин замина бояд қайд кард, ки дар одоб муҳовароати тоҷикӣ дигаргуние ба вуҷуд омад, ки онро табақаи калонсоли ҷомеа, бо чандин сабабҳо рабт дода, оддӣ

қабул карданд, вале табақаи нисбатан ҷавони ҷомеаи тоҷик онро ҳамчун меъёри замони истиқлол қабул карда, аз он пайравӣ карданд.

Таҳаввулоти одоби муҳоварати тоҷикӣ дар жанри муроҷиат ба мушоҳида мерасад. Агар замони шӯравӣ формулаи мураккаби ассалому алайкум ва ё салом мустаъмал буд, бо мурури замон ҷои онро саломдиҳӣ бо формулаи содаи салом ва гоҳо саломдиҳӣ бо забонҳои дигар гирифт. Мисол: Ҳамаи бачагон ба пеши мактабхона тӯда шуда истоданд. Халифа ба онҳо нигоҳ карда:

– Салом! – гуфт.

Ҳамаи бачагон бо як овоз:

– Ассалому алайкум! – гӯён фарёд кашиданд. [I.3,389].

Тағйироте, ки дар жанри муроҷиат, ҳангоми саломдиҳӣ ба мушоҳида мерасад, иваз гардидани вожаи салом, ки баромадаш аз арабӣ аст, ба вожаи форсии тоҷикии дуруд мебошад. Мисол: Ва мебинам, ки моҳи танҳо аз миёни ғарами абрҳо сӯям дуруд мегӯяд. [I.2, 214].

Дар жанри хайрухуш, ки одатан вожаи хайрро дар таркиби формулаҳои мухатасари одоби муҳоварат истифода мекунанд, вожаи падруд мусатаъмал гардид. Мисол: Пайки Бектош чил рӯз интизори посух нишаст, билохир фаҳмид, ки агар чил сол ҳам бинишинад, ҳеч паёме ё ҷавобе нахоҳад гирифт, бо дили пур аз васваса, ки чӣ гуна бе хату хабар пеши чашми мир ҳозир мешавад, Сармаддараро падруд гуфт. [II.5, 432].

Дар забони муосири тоҷик формулаи муоширатии худро эҳтиёт кунед серистеъмол гардидааст, ки таҳти таъсири формулаи муоширатии берегите себя аз забони русӣ ба вуҷуд омадааст. Гунаи дигари ин формула худ ва наздиконатонро эҳтиёт кунед, асосан мувофиқи маълумоти муҳаққион аз забони англисӣ ба забони русӣ гузаштааст ва аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ. Бино ба маълумоти И. Б. Щеболева: “Аксар истифодабарандагони забони русӣ ба истеъмоли ин формулаи хайрухуш диққат медиҳанд ва доир ба мавқеи корбурди он баҳс мекунанд: агар “take care” дар забони англисӣ десемантизатсия шудааст ва муодили “хайр!” “ҳама беҳтарин!”, бошад, пас дар забони русӣ “худро эҳтиёт кунед” ифодаи услуби баланд буда, ба ифодаи “take good care of yourself!” дар забони англисӣ мувофиқат мекунад” [I. 21, 375].

Гунаи тоҷикии формулаи муоширатии худро эҳтиёт кунед ё худ ва наздиконатонро эҳтиёт кунед, бештар дар ВАО мустаъмал аст. Ин формулаи муоширатӣ бештар бо шаклу қолабҳо ва тобишҳои маъноии дигар дар забони осори бадеии тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Мисол: Кӯри бум аз кафтаршини айвонашон паррад, заҳраашон медаррад: «Чӣ бало буд?» Заната эҳтиёт бикун.

– Дурӯғ, раис!

– Дурӯғ?! Ҷӯгӣ биёяд, ягон баҳона ёфта баромада меравӣ-ку! !.. [I.14, 297]; Ӯ гоҳо афтидаю лағжида, зуд аз буттаҳои юғон ва рундак медошту аз ғел зада ба таги дара афтидан худашро эҳтиёт мекард. [I.11, 349]; – Бачагӣ накун, – гуфт боз падар.

– Дадат рост мегӯянд, бачам, эҳтиёт шав, ба вай кордор нашав, – мегуфт модараш ҳам[I.10, 443].

Одоби муҳоварат вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тағйир меёбад. Дар даҳсолаҳои охир, иҷтимоиёт ва иқтисодиёту фарҳанги миллии тоҷикӣ таҳти таъсири омилҳои забонӣ ва ғайризабонӣ таҳаввул ёфта, дар гуфтори одамони табақаҳои гуногун формулаҳои муоширатии нав пайдо гардиданд, ки ҷои формулаҳои муоширатии куҳнаро гирифтанд. Одоби муҳоварати мо дар муддати кутоҳ моҳиятан тағйир ёфта, бештар ба фарҳангу забони дигар қавму миллатҳо тақлид мекардагӣ шудем, ки ин раванд ба одоби муҳоварати тоҷикӣ созгор нест.

Масъалаи дигар, ин ки дар одоби муҳоварати тоҷикӣ низ ҷузъи вожа ва ибороти

аз забонҳои дигар омада, ба мушоҳида мерасад, вале он бештар дар нутқи шифоҳӣ, на дар осори насрӣ ё назмӣ. Дар забони ВАО низ дар шакли тарҷумашуда мо формулаҳои бо истифода аз вожаҳои иқтибосӣ сохташуда ва ё дар қолаби онҳо сохташударо дида метавонем.

Таҳқиқи одоби муҳоварати тоҷикӣ нишон медиҳад, ки таҳаввулот дар жанрҳои одоби муҳоварат падидаи мусбат аст, агар формулаҳои аз қолаби формулаҳои муоширатии забонҳои дигар гирифта шуда, дуруст тарҷума ва бомаврид истифода шаванд, забони муошират моро ғанӣ мегардонанд.

АДАБИЁТ:

1. Анварӣ С. Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ – тоҷикӣ/С. Анварӣ.–Д., 2005.–175с.
2. Абдулҳамид Самад. Маҳбус (қисса). С. 88- 195//Ахтарони адаб. Ҷ. 50./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
3. Айнӣ.С. Мактаби куҳна. С. 347- 376. // Ахтарони адаб. Ҷ. 40. Садриддин Айнӣ. Мунтахабот. – Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.[Мутаттиб ва муаллифи сарсухан. Аъламхон Кучарзода].
4. Бароти Абудраҳмон. Шукуфаҳои бармаҳал. С. 197- 254. //Ахтарони адаб. Ҷ. 50./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
5. Баҳманёр. (Бобҳо аз роман) . Гавазни ҷанбаршохи ман. С. 399- 411. //Ахтарони адаб. Ҷ. 50./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
6. Джураева М. Р. Языковые способы и средства выражения значения уважительности и вежливости в таджикском языке XVI века: на материале «бадоеъ- ул вакоеъ» Зайниддина Восифи:дисс. на соискание учёной степени канд. филол. наук.– Душанбе, 1998.–138с.
7. Джураева М. Р. Коммуникативно – прагматический анализ устойчивых формул общения в современных таджикских СМИ/М.Р. Джураева.–Д., 2017.–255с.
8. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дур суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон. Душанбе: 2007.- 72 с.
9. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Душанбе: Маориф, 1989.- 118 с.
10. Кароматулло Мирзо. Дарди ишқ. С. 414 - 478//Ахтарони адаб. Ҷ. 49./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
11. Меҳмон Бахтӣ. Хубон (қисса). С. 346 - 412//Ахтарони адаб. Ҷ. 49./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
12. Раҳим Ҷалил . Маъвои дил. С. 5- 79. //Ахтарони адаб. Ҷ. 48./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
13. Пулод Толис. Тобистон. С. 325- 427. //Ахтарони адаб. Ҷ. 48./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
14. Сорбон. Барзгар. С. 282 – 344 //Ахтарони адаб. Ҷ. 49./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
15. Сайф Раҳимзоди Афардӣ. Ситораҳои сари танур (Қисса). С. 329- 397. //Ахтарони адаб. Ҷ. 50./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ.

[Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
16. Фазлиддин Муҳаммадиев. Варта. С. 222- 324. //Ахтарони адаб. Ҷ. 48./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
17. Фотеҳ Ниёзӣ. Духтари ҳамсоя (қисса) С. 80- 139. //Ахтарони адаб. Ҷ. 48./ Баёзи мухтасари насри муосир. – Душанбе, «Адиб», 2021, 480 саҳ. [Мураттибон: Низом Қосим, Сироҷиддин Икромӣ.]
18. Формановская Н.И. Русский речевой этикет: нормативный и социокультурный контекст. М.: Рус. яз., 2002. 160 с.
19. Формановская Н.И. Употребление русского речевого этикета. М., 1982. 193 с.
20. Шукуров Г. Таҳаввули забони адабии тоҷик. /Г. Шукуров Монография. Душанбе: “Эр-граф”, 2009.-156с.
21. Щеболева И. Б. Изменение русского речевого этикета и коммуникативного поведения русских в эпоху глобализация, С.375. Сачашма: Маводи электронӣ .
22. https://cyberleninka.ru/article/n/izmenenie-russkogo-rechevogo-etiketa-i kommunika-tivnogo-povedeniya-russkih-v-epohu-
23. globalizatsii. Санаи муроҷиат: Соати 16.40. 17.04 2024. С. 375

БОЗТОБИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Таҳқиқи одоби муҳоварати тоҷикӣ ва инъикоси он дар фарҳанги миллӣ падидаи нав дар забоншиносии коммуникативӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси маводи осори бадеӣ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ дар асоси назарияи забоншиносии русӣ, формулаҳои муоширатии дар мавориди маросимҳо, расму оини мардумӣ истифодашавадаро таҳлил ва хулосабарорӣ кардааст.

Дар мақолаи мазкур доир ба одоби муҳоварат ва бозтоби он дар фарҳанги миллии тоҷикӣ руҷуъ карда шуда, масъалаҳои дар мақола матраҳ гардида, илман асоснок баррасӣ гардидаанд. Муаллиф омилҳо, сабаб ва заминаҳои таҳаввули одоби муҳоварати тоҷикиро муайян кардааст.

Дастоварди муаллиф дар ин мақола он иборат аст, ки ӯ бори аввал дар баробари таҳқиқоти забоншиносони русӣ ва аврупоӣ, муносибати одоби муҳоварат ва фарҳанги миллиро дар асоси маводи фаровони забони тоҷикӣ таҳлил намуда, бозтоби одоби муҳоваратро дар фарҳанги миллӣ собит кардааст. Махсусан аз лиҳози забонӣ бой ва ғанӣ будани манбаъҳои ташаккули одоби муҳоваратро бо мисолу далелҳо нишон додааст.

Мувофиқи таҳлили муаллиф одоби муҳоварати тоҷикӣ дар фарҳанги чандҳазорсолаи мо тоҷикон решаи устувор дошта, формулаҳои муошират дар заминаи он ташаккул ва таҳаввул ёфтаанд. Калимаҳои дар таркиби формулаҳои содаи одоби муҳоварат истифодашаванда, бо таҷдиди сохтори иҷтимоӣ ва таъсири омилҳои ғайризабонӣ таҳаввул ёфтаанд. Андешаҳои муаллиф бо далелҳо ва мисолҳо асоснок карда шудаанд. Мақола дар асоси талаботҳои муқарраршудаи илмӣ рӯйи кор омадааст.

Калидвожаҳо: одоби муҳоварат, фарҳанги миллӣ, муроҷиат, таҳаввул, линвистикаи коммуникативӣ, расму оин, маросим, муошират.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шукуров Гулназар Холович – дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва дабиёти тоҷики ДМТ Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдаки 17. Рақами телефон: 935406318.

ОТРАЖЕНИЕ ЭТИКИ МУХОВАРА В НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЕ

Изучение таджикского этикета муховара и его отражение в национальной культуре считается новым явлением в коммуникативной лингвистике,что и явилосӣ предметом настояҳего исследования на основе материалов художественных произведений. На основе русской лингвистической теории исследователь проанализировал и обобщил коммуникативные формулы, используемые в народных обрядах и ритуалов.

В данной статье речь идет об этике мухавара и ее отражении в таджикской

национальной культуре, вопросы, поднятые в статье, научно обоснованы. Автор определил факторы и причины и основы эволюции этики таджикского мухавара. Заслуга автора в данной статье состоит в том, что он впервые, наряду с исследованиями русских и европейских лингвистов, проанализировал взаимосвязь этики мухавара и национальной культуры на основе обильного материала таджикского языка и доказал отражение этики мухавара в национальной культуре. В этом аяте Всевышний Аллах поведал о том, что в Коране есть аяты, свидетельствующие об истинности единобожия и правдивости пророка Мухаммада, да благословит его Аллах и приветствует.

Согласно анализу автора, таджикская этика муховара прочно укоренилась в нашей многотысячелетней культуре таджиков, и на ее основе формулировки общения оформлялись и развивались. Слова, используемые в простых формулах этикета мухаварата, эволюционировали с перестройкой социальной структуры и влиянием невербальных факторов. Мнения автора подкреплены доказательствами и примерами. Статья была написана в соответствии с установленными научными требованиями.

Ключевые слова: этика мухаварата, национальная культура, обращение, эволюция, коммуникативная линвистика, ритуал, церемония, общение.

Сведения об авторе: Шукуров Гулназар Холович - Доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Адрес: Таджикистан, Душанбе. Душанбе, Рудаки 17. Телефон: 935406318.

REFLECTION OF THE CONVERSATION ETHICS IN THE NATIONAL CULTURE

The study of Tajik conversation etiquette and its reflection in the national culture is considered a new phenomenon in communicative linguistics, which was conducted by the researcher on the basis of the materials of artistic works. Based on the Russian linguistic theory, the researcher analyzed and generalized the communicative formulas used in rituals, folk rituals and rituals.

This article deals with the ethics of conversation and its reflection in the Tajik national culture, the issues raised in the article are scientifically substantiated. The author has identified the factors, Causes and foundations of the evolution of the ethics of the Tajik dialogue. The merit of the author in this article is that for the first time, along with the research of Russian and European linguists, he analyzed the relationship between the ethics of conversation and national culture based on the abundant material of the Tajik language and proved the reflection of the ethics of conversation in national culture. In this verse, Allah Almighty revealed that there are verses in the Qur'an that testify to the truth of monotheism and the truthfulness of the Prophet Muhammad, may Allah bless and greet him.

According to the author's analysis, the Tajik ethics of the conversation is firmly rooted in our millennia-old Tajik culture, and on its basis the formulations of communication were formed and developed. The words used in the simple formulas of conversation etiquette have evolved with the restructuring of the social structure and the influence of non-verbal factors. The author's opinions are supported by evidence and examples. The article was written in accordance with established scientific requirements.

Keywords: ethics of mukhavarat, national culture, conversion, evolution, communicative linguistics, ritual, ceremony, communication.

Information about the author: Shukurov Gulnazar Kholovich - Associate Professor, Department of Tajik language and methods of teaching Tajik language and literature TNU Address: Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, Rudaki 17. Phone number: 935406318.

УДК 514.11

ХУСУСИЯТҲОИ СПЕКТРАЛИИ МАТРИТСАҲОИ ҒАЙРИМАНФИИ ҶУДОНАШАВАНДА

Асадбекова Г.Д., Сафдарқулова Ҳ.Н., Шоинбекова Ш.С.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Хусусиятҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда бо қиматҳои хос ва векторҳои хоси онҳо алоқаманданд. Хусусиятҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда мавзӯи бой ва амиқ мебошанд.

Ҳануз соли 1907 Перрон хосиятҳои спектри матрисаҳои мусбиро муайян намуда буд.

Теоремаи 1. (Теоремаи Перрон). *Матрисаи мусбии* $A = \|a_{ik}\|_1^n$ *ҳама вақт адади хусуси ҳақиқии мусбии* r *-е дорад, ки он решаи соддаи муодилаи хусусӣ буда аз модулҳои ҳамаи дигар ададҳои хусусӣ бузург мебошад. Ба ин адади хусусии «максималӣ»-и* r *вектори хусусии* $z = (z_1, z_2, \dots, z_n)$*-и матрисаи A бо координатаҳои мусбии* $z_i > 0$ $(i = 1,2,, \dots, n)$ *мувофиқ мебошад.*

Матрисаи мусбӣ намуди хусусии матрисаи ҷудонашавандаи ғайриманфӣ мебошад. Фробениус хосиятҳои спектралии матрисаҳои ғайриманфии ҷудонашавандаро тадқиқ намуда, теоремаи Перронро умумӣ намуд.

Теоремаи 2. (Теоремаи Фробениус). *Матрисаи ғайриманфии ҷудонашавандаи* $A = \|a_{ik}\|_1^n$ *ҳама вақт адади хусусии мусбии* r *-е дорад, ки он решаи соддаи муодилаи хусусӣ мебошад. Модулҳои дигар ададҳои хусусӣ аз адади* r *калон намешаванд. Ба адади «максималии» хусусии* r *вектори хусусии* z *бо координатаҳои мусбӣ мувофиқ мебошад.*

Агар дар ин ҳолат A h-то ададҳои хусусии $\lambda_0 = r,\ \lambda_1, \dots, \lambda_{n-1}$, -и аз рӯи модул ба r баробар дошта бошад, пас ин ададҳо байн худ фарққунанда буда решаҳои муодилаи

$$\lambda^h - r^h = 0 \qquad (1)$$

мебошанд. Умуман маҷмӯи ҳамаи ададҳои хусусии $\lambda_0, \lambda_1, \dots, \lambda_{n-1}$-и матрисаи $A = \|a_{ik}\|_1^n$, ки ҳамчун системаи нуқтаҳо дар λ – ҳамвории комплексӣ дида баромада мешавад, ҳангоми тоб додани ин ҳамворӣ ба кунҷи $\frac{2\pi}{h}$ ба худаш мегузарад. Ҳангоми $h > 1$ будан бо роҳи ҷойивазкунии қаторҳо матрисаи A-ро ба намуди «даврӣ»-и зерин овардан мумкин аст:

$$A = \begin{Vmatrix} 0 & A_{12} & 0 & \dots & 0 \\ 0 & 0 & A_{23} & \dots & 0 \\ \dots & \dots & \dots & \dots & \dots \\ 0 & 0 & 0 & \dots & A_{h-1,k} \\ A_{h1} & 0 & 0 & \dots & 0 \end{Vmatrix}, \qquad (2)$$

ки дар ин ҷо қад-қади диагонал блокҳои квадратӣ меистанд.

Аз баски теоремаи Перрон ҳамчун ҳолати хусусӣ аз теоремаи Фробениус ҳосил мешавад, пас мо фақат теоремаи охиронро исбот мекунем. Пешакӣ оиди якчанд ифодаҳо ба як қарор меом.

Мо хоҳем навишт: $C \le D$ ё ки $D \ge C$ ки дар ин ҷо C ва D –матрисаҳои ҳақиқии росткунҷаи дорои андозаи якхелаи $m \times n$

$$C = \|c_{ik}\|,\ \ D = \|d_{ik}\| \qquad (i = 1,2, \dots, m;\ \ k = 1,2, \dots, n),$$

фақат ва фақат ҳангоми

$$c_{ik} \le d_{ik} \quad (i = 1,2,\dots,m;\ k = 1,2,\dots,n) \qquad (3)$$

мебошанд.

Агар дар ҳамаи нобаробариҳои (3) аломати баробариро партофтан мумкин бошад пас мо чунин менависем: $C < D$ ё ки $D > C$

Хусусан, $C \ge 0\ (C > 0)$ онро ифода мекунад, ки ҳамаи элементҳои матрисаи C ғайриманфӣ мебошанд.

Ба ғайр аз ин тавассути C^+ мо $mod\ C$-ро, яъне матрисаеро, ки дар натиҷаи иваз намудани ҳамаи элементҳои матрисаи C бо модулҳояшон ҳосил мешавад, ифода мекунем.

Исботи теоремаи Фробениус. Барои вектори муқаррарии ҳақиқии $x = (x_1, x_2, \dots, x_n) \ge 0 (x \ne 0)$ фарз мекунем:

$$r_x = \min_{1 \le i \le n} \frac{(Ax)_i}{x_i} \left((Ax)_i = \sum_{k=1}^{n} a_{ik} x_k;\ \ i = 1,2,\dots,n \right);$$

дар баробари ин ҳангоми муайянкунии минимум он қиматҳои индекси i ихтисор карда мешаванд, ки барояшон $x_i = 0$ аст. Назаррас аст, ки $r_x \ge 0$ ва r_x бузургтарин аз ададҳои ҳақиқии ϱ, ки барояшон нобаробарии зерин ҷой дорад $\varrho x \le Ax$, мебошад.

Мо исбот мекунем, ки функсияи r_x қимати бузуртарини r –ашро дар кадом як вектори $z \ge 0$ қабул менамояд:

$$r = r_z = \max_{(x \ge 0)} r_x = \max_{(x \ge 0)} \min_{1 \le i \le n} \frac{(Ax)_i}{x_i}. \qquad (4)$$

Аз таърифи r_x бармеояд, ки ҳангоми зарби вектори $x \ge 0\ \ (x \ne 0)$ ба адади $\lambda > 0$ бузургии r_x тағйир намеёбад. Аз ин рӯ ҳангоми ёфтани максимуми функсияи r_x метавонем бо маҷмӯи сарбасти M, ки аз векторҳои x, ки барояшон

$$x \ge 0, (xx) \equiv \sum_{i=1}^{n} x_i^2 = 1$$

аст, қаноат кунем.

Агар функсияи r_x бефосила дар маҷмӯи M мебуд, он гоҳ максимум вуҷуд медошт. Аммо функсияи r_x дар нуқтаи дилхоҳи $x > 0$ бефосила аст, лекин дар нуқтаҳои сарҳадии маҷмӯи M , ки дар он ҷо яке аз координатаҳо ба сифр майл мекунад, метавонад дорои кандашавӣ бошад. Аз ин рӯ мо ба ҷойи маҷмӯи M маҷмӯи N –ро дохил мекунем, ки он аз ҳамаи векторҳои y -и намуди $y = (E + A)^{n-1} x \quad (x \in M)$ иборат аст.

Маҷмӯи N мисли M маҳдуд ва сарбаст буда мувофиқи леммаи 1 аз векторҳои мусбӣ иборат мебошад.

Ба ғайр аз ин ҳар ду қисми нобаробарии $r_x x \le Ax$-ро ба $(E + A)^{n-1} > 0$ зарб намуда ба даст меорем: $r_x y \le Ay \quad [y = (E + A)^{n-1} x]$.

Аз ин ҷо мувофиқи таърифи r_y меёбем: $x \leq r_y$.

Аз ин рӯ ҳангоми ҷустуҷӯи максимуми r_x мо метавонем маҷмӯи M-ро бо маҷмӯи N, ки фақат аз векторҳои мусбӣ иборат аст, иваз намоем. Дар маҷмӯи N-и маҳдуди сарбаст функсияи r_x доимӣ аст ва аз ин рӯ дар кадом як вектори $z > 0$ қимати калонтаринашро қабул менамояд.

Дилхоҳ вектори $z \geq 0$, ки барояш

$$r_z = r \tag{5}$$

аст экстремалӣ меномем.

Акнун исбот менамоем, ки:

- адади r-и аз рӯи баробарии (1) муайяншуда мусбӣ буда адади характеристикии матрисаи A мебошад;
- вектори дилхоҳи экстремалии z мусбӣ буда вектори хусусии матрисаи A барои адади характеристикии r мебошад, яъне

$$r > 0, \qquad z > 0, \qquad Az = rz. \tag{6}$$

Дар ҳақиқат ҳам, агар $u = \underbrace{(1,1,\dots,1)}_{n}$, пас

$$r_u = \min_{1 \leq i \leq n} \sum_{k=1}^{n} a_{ik}$$

Аммо дар ин ҳолат $r_u > 0$ мешавад, чунки ҳеҷ як сатри матрисаи ҷудонашаванда наметавонад фақат аз сифрҳо иборат бошад. Пас аз ин ҷо ба хулосае меомем, ки $r > 0$ аст, чун ки $r \geq r_u$ аст. Аз ҳамин ҷо сар карда, бигузор

$$x = (E + A)^{n-1} z \tag{7}$$

бошад. Он гоҳ мувофиқи леммаи 1 $x > 0$. Фарз мекунем, ки $Az - rz \neq 0$. Он гоҳ мувофиқи $(E + A)^{n-1} > 0$, (5) ва (7) пай дар пай ҳосил менамоем:

$$Az - rz \geq 0, \quad (E + A)^{n-1}(Az - rz) > 0, \quad Ax - rx > 0.$$

Нобаробарии охирон ба таърифи адади r мухолиф мебошад, чун ки аз ин нобаробарӣ ҳангоми кифояхурд будани $\varepsilon > 0$ $\quad Ax - (r + \varepsilon)x > 0$ ҳосил мешуд, яъне $r_x \geq r + \varepsilon > r$. Аз ин ҷо $Az = rz$. Аммо дар ин ҳолат

$$0 < x = (E + A)^{n-1} z = (1 + r)^{n-1} z,$$

ки аз ин ҷо ҳосил мешавад: $z > 0$.

Акнун нишон медиҳем, ки модулҳои ҳамаи ададҳои характеристикӣ аз r калон намешаванд. Бигузор:

$$Ay = \alpha y (y \neq 0). \tag{8}$$

Дар қисмҳои чап ва рости баробарии (11) ба модулҳо гузашта, ҳосил мекунем:

$$|\alpha| y^+ \leq A y^+. \tag{9}$$

Аз ин ҷо $|\alpha| \leq r_y + \leq r$.

Фарз мекунем, ки ба адади характеристикии r кадом як вектори хусусии y мувофиқ мебошад: $Ay = ry \quad (y \neq 0)$.

Он гоҳ, дар (11) ва (12) $\alpha = r$ фарз намуда ба хулосае меоем, ки y^+-вектори экстремалӣ аст, пас $y^+ > 0$, яъне $y = (y_1, y_2, \dots, y_n)$, ки дар ин ҷо $y_i \neq 0 \ (i = 1,2,\dots,n)$. Аз ин ҷо бармеояд, ки ба адади характеристикии r танҳо як самти хос мувофиқ меояд, чунки ҳангоми мавҷудияти ду векторҳои хусусии новобастаи хаттии z ва z_1 мо метавонистем ададҳои c ва d-ро тавре интихоб намоем, ки вектори хусусии $y = cz + dz_1$ координатаи нулӣ медошт, ин бошад аз рӯи исбот ғайриимкон аст.

Матрисаи ҳамроҳшударо барои матрисаи характеристикии $\lambda E - A$ дида мебароем:

$$B(\lambda) = \|B_{ik}(\lambda)\|_1^n = \Delta(\lambda)(\lambda E - A)^{-1},$$

ки дар ин ҷо $\Delta(\lambda)$ –бисёраъзогии характеристикии матрисаи A, $B_{ik}(\lambda)$ –пуркунандаи алгебравии элементи $\lambda\delta_{ki} - a_{ki}$ дар муайянкунандаи $\Delta(\lambda)$ мебошанд. Аз он, ки ба адади характеристикии r фақат як вектори хусуси $z = (z_1, z_2, \dots, z_n)$, ки дар ин ҷо $z_1 > 0, \quad z_2 > 0, \dots, z_n > 0$ аст, мувофиқ меояд ҳосил мешавад, ки $B(r) \neq 0$ ва дар сутуни дилхоҳи нулии матрисаи $B(r)$ ҳамаи элементҳо аз сифр фарққунанда буда аломати якхела доранд. Барои сатрҳои матрисаи $B(r)$ низ ҳамин ҳолат ҷой дорад, чунки дар гуфтаҳои болоӣ матрисаи A –ро бо матрисаи транспониронидашудаи A' иваз кардан мумкин аст. Аз хусусиятҳои қайдкардашудаи сатрҳо ва сутунҳои матрисаи A бармеояд, ки ҳамаи $B_{ik}(r)(i,k = 1,2,\dots,n)$ аз сифр фарққунанда буда аломати якхелаи σ доранд. Аз ин рӯ

$$\sigma\Delta'(r) = \sigma \sum_{i=1}^{n} B_{ii}(r) > 0$$

яъне $\Delta'(r) \neq 0$ ва r – решаи соддаи муодилаи характеристикии $\Delta(\lambda) = 0$ мебошад.

Аз баски r – решаи максималии бисёраъзогии $\Delta(\lambda) = \lambda^n + \dots +$, пас $\Delta(\lambda)$ ҳангоми $\lambda = r$ меафзояд. Аз ин рӯ $\Delta'(r) > 0$ ва $\sigma = 1$, яъне

$$B_{ik}(r) > 0 \quad (i,k = 1,2,\dots,n). \tag{10}$$

Ба исботи қисми дуюми теоремаи Фробениус гузашта, мо аз леммаи диққатҷалбкунандаи зерин истифода мебарем:

Леммаи 2. *Агар* $A = \|a_{ik}\|_1^n$ ва $C = \|c_{ik}\|_1^n$ *– ду матрисаҳои квадратии ҳамон як тартиби* n, *ки дар ин ҷо A – матрисаи ҷудонашаванда ва*

$$C^+ \leq A \tag{11}$$

аст, бошанд пас байни дилхоҳ адади характеристикии γ*-и матрисаи C ва адади максималии характеристикии* r *-и матрисаи A нобаробарии*

$$|\gamma| \leq r \tag{12}$$

ҷой дорад.

Дар баробарии (15) аломати баробарӣ фақат ва фақат дар он ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар

$$C = e^{i\varphi} DAD^{-1}, \tag{13}$$

ки дар ин ҷо $e^{i\varphi} = \frac{\gamma}{r}$, ва D – матрисаи диагоналие, ки элементҳои диагоналиаш аз рӯи модул ба 1 баробаранд $(D^{+} = E)$.

Исботи лемма: Бо y вектори хусуси матрисаи C -ро, ки ба адади характеристикии γ ҷавобгӯ аст, ифода мекунем:

$$Cy = \gamma y \ \ (\gamma \neq 0). \tag{14}$$

Аз (11) ва (14) меёбем:

$$|\gamma| y^{+} \leq C^{+} y^{+} \leq A y^{+}. \tag{15}$$

Аз ин рӯ: $|\gamma| \leq r_y + \leq r$.

Акнун ҳолати $|\gamma| = r$-ро муфассалтар аз назар мегузаронем. Дар ин ҳолат аз (15) ҳосил мешавад, ки y^{+} - вектори экстремалӣ барои матрисаи А мебошад ва аз ин ҷо бармеояд, ки $y^{+} > 0$ ва y^{+} - вектори хоси матрисаи А барои адади характеристикии r мебошад. Аз ин рӯ таносуби (15) намуди

$$Ay^{+} = C^{+} y^{+} = r y^{+}, \qquad y^{+} > 0. \tag{16}$$

-ро мегирад.

Аз ин ҷо (11)-ро дар назар дошта

$$C^{+} = A. \tag{17}$$

Бигузор $y = (y_1, y_2, \dots, y_n)$, ки дар ин ҷо $y_j = |y_j| e^{i\psi} j \ \ (j = 1,2,\dots,n)$.

Матрисаи диагоналии D-ро аз рӯи баробарии $D = \{e^{i\psi 1}, e^{i\psi 2}, \dots, e^{i\psi n}\}$ муайян менамоем.

Он гоҳ $y = Dy^{+}$.

Ин ифодаро дар (14) барои y – гузошта ва дар он $\gamma = re^{i\varphi}$-ро фарз намуда ба осонӣ меёбем:

$$Fy^{+} = r y^{+}, \tag{18}$$

ки дар ин ҷо

$$F = e^{-i\varphi} D^{-1} CD. \tag{19}$$

(16) ва (17)-ро мувофиқ гузошта, ба даст меорем:

$$Fy^{+} = C^{+} y^{+} = A y^{+}. \tag{20}$$

Аммо аз (19) ва (23) $F^{+} = C^{+} = A$ мешавад.

Аз ин рӯ аз (20) меёбем: $Fy^{+} = F^{+} y^{+}$.

Аз баски $y^{+} > 0$ аст, пас ин баробарӣ метавонад фақат ва фақат дар он ҳолате ҷой

дошта бошад, ки агар $F = F^{+}$, яъне $e^{-i\varphi}D^{-1}CD = A$.

Аз ин ҷо $C = e^{i\varphi}DAD^{-1}$.

Лемма исбот шуд.

Ба теоремаи Фробениус баргашта леммаи исботшударо барои матрисаи ҷудонашавандаи $A \geq 0$, ки расо h –то ададҳои характеристикии гуногуни дорои модули максималии r мебошад, татбиқ менамоем:

$\lambda_0 = re^{i\varphi_0}, \quad \lambda_1 = re^{i\varphi_1}, \dots, \lambda_{h-1} = re^{i\varphi_{h-1}} (0 = \varphi_0 < \varphi_1 < \varphi_2 < \dots < \varphi_{h-1} < 2\pi).$

Он гоҳ, дар лемма $C = A$ ва $\gamma = \lambda_k$ фарз карда, барои дилхоҳ $k = 0,1,\dots,h-1$ ҳосил хоҳем кард:

$$A = e^{i\varphi_k}D_kAD_k^{-1}, \tag{21}$$

ки дар ин ҷо D_k –матрисаи диагоналӣ бо $D_k^{+} = E$ мебошад.

Бигузор боз ҳам z –вектои хоси мусбии матрисаи A, ки ба ададн характеристикии максималии r мувофиқ бошад:

$$Az = rz \ (z > 0). \tag{22}$$

Он гоҳ

$$y_k = D_kz \ (y_k^{+} = z > 0) \tag{23}$$

фарз карда аз (22) ва (23) меёбем:

$$Ay_k = \lambda_k y_k \ \left(\lambda_k = re^{i\varphi_k}; \quad k = 1,2,\dots,h-1\right). \tag{24}$$

Баробариҳои охирон нишон медиҳанд, ки векторҳои $y_0, y_1, \dots, y_{h-1}$, ки аз (23) муайян мешаванд, векторҳои хусусии матрисаи A барои ададҳои характеристикии $\lambda_0, \lambda_1, \dots, \lambda_{h-1}$ мебошад.

Аз (21) бармеояд, ки нафақат $\lambda_0 = r$, балки ҳар яке аз ададҳои характеристикии $\lambda_1, \dots, \lambda_{h-1}$-и матрисаи A содда мебошад. Аз ин рӯ векторҳои хусусии y_k ва матрисаҳои $D_k (k = 0,1,\dots,h-1)$ бо дақиқияти то зарбшавандаҳои скалярӣ муайян мешаванд. Барои муайянкунии якмафҳумаи матрисаҳои $D_0, D_1, \dots, D_{h-1}$мо элементҳои аввалаи диагоналии ин матрисаҳоро, ки ба як баробаранд, интихоб мекунем. Он гоҳ $D_0 = E$ ва $y = z > 0$.

Аз (21) ҳосил мешавад:

$$A = e^{i(\varphi_j \pm \varphi_k)}D_jD_k^{\pm 1}AD_k^{\pm 1}D_j^{-1} \ (j,k = 0,1,\dots,h-1).$$

Аз ин ҷо монанди пештара ба хулосае меоем, ки вектори $D_jD_k^{\pm 1}z$ вектори хусусии матрисаи A, ки он ба адади характеристикии $re^{i(\varphi_j \pm \varphi_k)}$ мувофиқ аст, мебошад.

Аз ин рӯ $e^{i(\varphi_j \pm \varphi_k)}$ бо яке аз ададҳои $e^{i\varphi_l}$ мувофиқ меояд, матрисаи $D_jD_k^{\pm 1}$ бошад бо матрисаи дигари ба матрисаи D_l мувофиқ баробар меояд, яъне ҳангоми кадом як $(0 \leq) l_1, l_2 (\leq h-1)$ $e^{i(\varphi_j + \varphi_k)} = e^{i\varphi l_1}, \quad e^{i(\varphi_j - \varphi_k)} = e^{i\varphi l_2},$

$$D_jD_k = D_{l_1}, \quad D_jD_k^{-1} = D_{l_2}.$$

Ҳамин тавр, ададҳои $e^{i\varphi_0}$, $e^{i\varphi_1}$, ... , $e^{i\varphi_{h-1}}$ ва матрисаҳои диагоналии мувофиқи $D_0, D_1, \dots, D_{h-1}$ ду гуруҳҳои мултипликативии абелии байни ҳамдигар изоморфиро ташкил медиҳанд.

Дар ҳар як гуруҳи охирноки аз h элементҳои гуногун иборатбуда, дараҷаи h-уми элементи дилхоҳ ба воҳиди гуруҳ баробар аст. Аз баски танҳо h –то решаҳои гуногун аз элементи воҳидӣ вуҷуд дорад ва $\varphi_0 = 0 < \varphi_1 < \varphi_2 < \cdots < \varphi_{h-1} < 2\pi$, пас

$$\varphi_k = \frac{2k\pi}{h} \quad (k = 0, 1, 2, \dots, h-1)$$

ва

$$e^{i\varphi_k} = \varepsilon^k \quad \left(\varepsilon = e^{i\varphi_1} = e^{\frac{2\pi}{h}i} \quad k = 0, 1, \dots, h-1\right), \tag{25}$$

$$\lambda_k = r\varepsilon^k \quad (k = 0, 1, \dots, h-1) \tag{26}$$

Ададҳои $\lambda_0, \lambda_1, \dots, \lambda_{h-1}$ системаи пурраи решаҳои муодилаи (4) –ро ташкил медиҳанд.

Дар мувофиқа бо (25) ба даст меорем:

$$D_k = D^k \quad (D = D_1; \ k = 0, 1, \dots, h-1). \tag{27}$$

Акнун аз баробарии (21) (ҳангоми kӣ1 будан) ҳосил мешавад:

$$A = e^{i\frac{2\pi}{h}} DAD^{-1}. \tag{28}$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки матрисаи А ҳангоми ба $e^{\frac{2\pi i}{h}}$ зарб задан ба матрисаи монанд мегузарад ва тамоми системаи n ададҳои характеристикии матрисаи А ҳангоми зарб задан ба $e^{i\frac{2\pi}{h}}$ ба худаш мегузарад.

Баъдан, $D^h = E$, мешавад, аз ин рӯ ҳамаи элементҳои диагоналӣ дар D решаҳои дараҷаи h аз як мебошанд. Бо роҳи ҷойивазкунии қаторҳо дар А (ва мувофиқан дар D) метавонем ба даст орем, ки матрисаи D намуди квазидиагоналии зеринро дошта бошад:

$$D = \{\eta_0 E_0, \quad \eta_1 E_1, \dots, \eta_{s-1} E_{s-1}\}, \tag{29}$$

ки дар ин ҷо $E_0, E_1, \dots, E_{s-1}$ матрисаҳои воҳидӣ ва $\eta_p = e^{i\psi_p}$, $\psi_p = n_p \frac{2\pi}{h}$

$$\left(n_p - \text{бутун}; p = 0, 1, \dots, s-1; 0 = n_0 < n_1 < \cdots < n_{s-1} < h\right).$$

Возеҳ аст, ки $s \le h$.

А-ро дар намуди блокӣ навишта

$$A = \begin{Vmatrix} A_{11} & A_{12} & \dots & A_{1s} \\ A_{21} & A_{22} & \dots & A_{2s} \\ \dots & \dots & \dots & \dots \\ A_{s1} & A_{s2} & \dots & A_{ss} \end{Vmatrix}, \tag{30}$$

баробарии (28)-ро бо системаи баробариҳо иваз мекунем

$$\varepsilon A_{pq} = \frac{\eta_{q-1}}{\eta_{p-1}} A_{pq} \quad \left(p, q = 1,2,\dots,s;\ \varepsilon = e^{\frac{2\pi}{h}i}\right). \qquad (31)$$

Аз ин ҷо ҳангоми дилхоҳ p ва q, ё $\frac{\eta_{q-1}}{\eta_{p-1}} = \varepsilon$, ё ин ки $A_{pq} = 0$ мешавад. p-ро баробари як мегирем. Аз баски ҳамаи матрисаҳои $A_{12}, A_{13}, \dots, A_{1s}$ якбора ба сифр майл карда наметавонанд, пас яке аз ададҳои $\frac{\eta_1}{\eta_0}, \frac{\eta_2}{\eta_0}, \dots, \frac{\eta_{s-1}}{\eta_0}$ $(\eta_0 = 1)$ бояд ба ε баробар шавад. Ин танҳо ҳангоми $n_1 = 1$ будан имконпазир аст.

Он гоҳ $\frac{\eta_1}{\eta_0} = \varepsilon$ ва $A_{11} = A_{13} = \dots = A_{1s} = 0$. Дар (31) $p = 2$ фарз карда ҳамин тавр муайян мекунем, ки $n_2 = 2$ ва $A_{21} = A_{22} = A_{24} = \dots = A_{2s} = 0$. Дар натиҷа ҳосил мекунем:

$$A = \begin{Vmatrix} 0 & A_{12} & 0 & \dots & 0 \\ 0 & 0 & A_{23} & \dots & 0 \\ \dots & \dots & \dots & \dots & \dots \\ 0 & 0 & 0 & \dots & A_{s-1,s} \\ A_{s1} & A_{s2} & A_{s3} & \dots & A_{ss} \end{Vmatrix}$$

Дар баробари ин $n_1 = 1,\ \ n_2 = 2, \dots, n_{s-1} = s - 1$. Аммо дар ин ҳолат ҳангоми $p = s$ дар тарафҳои чапи баробарии (31) зарбкунандаҳои зерин меистанд:

$$\frac{\eta_{q-1}}{\eta_{s-1}} = e^{(d-s)\frac{2\pi}{h}i} \quad (q = 1,2,\dots,s).$$

Яке аз ин ададҳо бояд ба $\varepsilon = e^{\frac{2\pi}{h}i}$ баробар шавад. Ин танҳо ҳангоми $s = h$ ва $q = 1$ имконпазир мебошад, пас аз ин ҷо $A_{s2} = \dots = A_{ss} = 0$.

Ҳамин тавр, $D = \{E_0, \varepsilon E_1, \varepsilon^2 E_1, \dots, \varepsilon^{h-1} E_{h-1}\}$ ва матрисаи А намуди (2) –ро мегирад.

Теоремаи Фробениус пурра исбот гардид.

Якчанд эзоҳҳоро нисбати теоремаи Фробениус меорем.

Эзоҳи 1. Ҳангоми исботи теоремаи Фробениус мо муайян намудем, ки барои матрисаи ҷудонашавандаи $A \geq 0$, ки адади характеристикии максималии r-ро дорад, матрисаи ҳамроҳшудаи $B(\lambda)$ ҳангоми $\lambda = r$ мусбӣ аст:

$$B(r) > 0, \qquad (32)$$

яъне

$$B_{ik}(r) > 0 \ \ (i, k = 1,2,\dots,n), \qquad (32')$$

ки дар ин ҷо $B_{ik}(r)$–пуркунандаи алгебравии элементи $r\delta_{ki} - a_{ki}$ дар муайянкунандаи $|rE - A|$ мебошад.

Акнун матритсаи ҳамроҳшудаи додашударо дида мебароем: $C(\lambda) = \frac{B(\lambda)}{D_{n-1}(\lambda)}$, ки дар ин ҷо $D_{n-1}(\lambda)$ – калонтарин тақсимкунандаи умумии ҳамаи бисёраъзогиҳои

$B_{ik}(\lambda)(i,k=1,2,\dots,n)$ мебошад. Дар баробари ин аз $(32')$ $D_{n-1}(r)\neq 0$ ҳосил мешавад. Ҳама решаҳои бисёраъзогии $D_{n-1}(\lambda)$ рақмҳои характеристикии аз r фарққунанда мебошанд. Аз ин рӯ ҳамаи решаҳои $D_{n-1}(\lambda)$ ё комплексӣ, ё ҳақиқӣ буда аз r хурд мебошанд. Аз ин ҷо $D_{n-1}(r)>0$, ки дар пайвастагӣ бо (35)

$$C(r)=\frac{B(r)}{D_{n-1}(r)}>0 \qquad (33)$$

медиҳад, ҳосил мешавад.

Эзоҳи 2. Нобаробарии $(32')$ имконият медиҳад, ҳудудҳоро барои бузургиҳои максималии адади характеристикии r муайян кунад.

Ишораҳои зеринро дохил мекунем:

$$s_i=\sum_{k=1}^{n}a_{ik}\quad (i=1,2,\dots,n), s=\min_{1\le i\le n}s_i,\ S=\max_{1\le i\le n}s_i$$

Он гоҳ барои матрисаи ҷудонашавандаи $A\geq 0$

$$s\leq r\leq S, \qquad (34)$$

ки аломати баробарӣ аз тарафи чап ва рости r танҳо ҳангоми $s=S$ ҷой дорад, яъне вақте ки ҳамаи «суммаҳои сатрӣ»-и $s_1,s_2,\dots,s_n$ байни ҳам баробаранд.

Дар ҳақиқат ҳам, ба сутуни охирони муайянкунандаи характеристикии

$$\Delta(r)=\begin{vmatrix} r-a_{11} & -a_{12} & \dots & -a_{1n}\\ -a_{21} & r-a_{22} & \dots & -a_{2n}\\ \dots & \dots & \dots & \dots\\ -a_{n1} & -a_{n2} & \dots & r-a_{nn}\end{vmatrix}$$

ҳамаи сутунҳои пешинаро илова намуда муайянкунандаро аз рӯи элементҳои сутуни охирон ҷудо менамоем. Дар натиҷа ба даст меорем:

$$\sum_{k=1}^{n}(r-s_s)B_{nk}(r)=0$$

Аз ин ҷо $(32')$ –ро ба назар гирифта баробарии (34) ҳосил мешавад.

Эзоҳи 3. Матрисаи ҷудонашавандаи $A\geq 0$ наметавонад ду вектори хусусии ғайриманфии новобастаи хаттӣ доша бошад. Дар ҳақиқат ҳам, бигузор дар баробари вектори мусбии хусусии $z>0$, ки бо адади максималии характеристикии r мувофиқ аст, матрисаи А инчунин вектори хусусии $y\geq 0$-ро барои адади характеристикии α доро бошад: $Ay=\alpha y\quad (y\neq 0; y\geq 0)$.

Аз баски r – решаи оддии муодилаи характеристикии $|\lambda E-A|=0$, пас $\alpha\neq r$.

Тавассути u вектори хусусии матрисаи транспониронидашудаи мусбии A'-ро барои

$\lambda = r$ ифода мекунем: $A'u = ru\ (u > 0)$.

Он гоҳ $r(y,u) = (y,A'u) = (Ay,u) = \alpha(yu)$; аз ин ҷо, аз баски $\alpha \neq r$, $(y,u) = 0$, аммо ин ҳангоми $u > 0, y \geq 0, y \neq 0$ имконнопазир аст.

Эзоҳи 4. Ҳангоми исботи теоремаи Фробениус мо хусусияти адади хусусии максималии r-и матрисаи ҷудонашавандаи $A \geq 0$ муайян намудем: $r = \max\limits_{(x\geq 0)} r_x$, ки дар ин ҷо r_x – калонтарин аз ададҳои ϱ мебошад, ки барояшон нобаробарии $\varrho x \leq Ax$ ҷой дорад. Ба таври дигар гӯем, аз баски

$$r_x = \min_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)i}{x_i}.$$

пас

$$r = \max_{(x\geq 0)} \min_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i}.$$

Ба таври зайл мумкин аст барои вектори дилхоҳи $x \geq 0\ (x \neq 0)$ r^x-ро ҳамчун адади хурдтарини σ муайян кард, ки он нобаробарии зеринро қаноат мекунад:

$$\sigma x \geq Ax,$$

яъне

$$r^x = \max_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i}.$$

Дар баробари ин, агар ҳангоми кадом як i таносубҳои $x_i = 0,\ (Ax)_i \neq 0$ ҷой дошта бошанд, пас бояд ҳисоб кард, ки $r^x = +\infty$.

Айнан ба тавре, ки барои функсияи r_x исбот шуда буд, исбот карда мешавад, ки функсияи r^x ба қимати хурдтарини $\hat{r}$-и худ дар кадом як вектори $v > 0$ мерасад.

Нишон медиҳем, ки адади $\hat{r}$, ки бо баробарии

$$\hat{r} = \min_{(x\geq 0)} r^x = \min_{(x\geq 0)} \max_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i}, \qquad (35)$$

муайян мешавад, бо адади r мувофиқ меояд, вектори $v \geq 0\ (v \neq 0)$, ки дар он ин минимум ба даст меояд, вектори хусусии матрисаи А ҳангоми $\lambda = r$ мебошад.

Ҳақиқатан ҳам, $\hat{r}v - Av \geq 0\ \ (v \geq 0, v \neq 0)$.

Фарз мекунем, ки дар ин ҷо аломати $\geq$-ро бо аломати баробарӣ иваз кардан номумкин аст. Он гоҳ мувофиқи леммаи 1

$$(E + A)^{n-1}(\hat{r}v - Av) > 0,\ \ (E + A)^{n-1}v > 0. \qquad (36)$$

$u = (E + A)^{n-1}v > 0$ фарз карда ба даст меорем: $\hat{r}u > Au$ ва аз ин ҷо, ҳангоми кифояхурд будани $\varepsilon > 0\ (\hat{r} - \varepsilon)u > Au\ \ (u > 0)$, ки ин ба таърифи адади $\hat{r}$ мукобил мебошад. Акнун, $Av = \hat{r}v$.

Аммо дар ин ҳолат $u = (E + A)^{n-1}v = (1 + \hat{r})^{n-1}v$.

Аз ин рӯ аз $u > 0$ бармеояд, ки $v > 0$ аст.

Аз эзоҳи 3 ҳосил мешавад: $\hat{r} = r$.

Ҳамин тавр, барои адади r хосияти дуиро ба даст меорем:

$$r = \max_{(x\geq 0)} \min_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i} = \min_{(x\geq 0)} \max_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i}, \qquad (37)$$

Исбот карда шудааст, ки $\max\limits_{(x\geq 0)}$ ё $\min\limits_{(x\geq 0)}$ танҳо дар вектори хусусии мусбӣ барои $\lambda = r$ ба даст меояд.

Аз хусусияти муқарраршудаи адади r нобаробариҳои

$$\min_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i} \leq r \leq \max_{1\leq i\leq n} \frac{(Ax)_i}{x_i} \quad (x \geq 0, \qquad x \neq 0). \qquad (38)$$

Эзоҳи 5. Аз баски дар (37) $\max\limits_{(x\geq 0)}$ ва $\min\limits_{(x\geq 0)}$ ҳама вақт танҳо дар вектори хусусии мусбии матрисаи ҷудонашавандаи $A \geq 0$ ҳосил мешавад, пас аз нобаробариҳои

$$rz \leq Az, \qquad z \geq 0, \ \ z \neq 0$$

ё ки $rz \geq Az, \qquad z \geq 0, \ \ z \neq 0$ ҳама вақт ҳосил мешавад: $Az = rz, \qquad z > 0.$

АДАБИЁТ

1. Гантмахер Ф. Р. и Крейн М. Г., Осцилляционные матрицы и ядра и малые колебания механических систем, 2-е изд., Гостехиздат, 1950.-359 с.
2. Ф.Р.Гантмахер, Теория матриц 1-е изд. 3., «Наука» 1967.-581 с.
3. А.Г.Курош, Курс высшей алгебры, «Наука», М.,1975. -431 с.
4. Воеводин В.В., Кузнецов Ю.А. Матрицы и вычисления.М., Наука, 1984. 320 с.
5. Р.Хорн, Ч.Джонсон Матричный анализ - М.: Мир., 1989. - 655 с.
6. Матричный анализ: общая теория матриц: практическое руководство / Н. М. Курносенко, И. В. Парукевич, В.В. Подгорная; М-во образования РБ, Гом. гос. ун-т им.Ф. Скорины. – Гомель: ГГУ им. Ф. Скорины, 2015. – 45 с.
7. Воеводин В. В., Кузнецов Ю. А., Матрицы и вычисления. — М.: Наука, 1984. — 320 с.
8. Икрамов Х. Д., Несимметричная проблема собственных значений. Численные методы. — М.: Наука, 1991. — 240 с.
9. Meyer, Carl D., Matrix Analysis and Applied Linear Algebra. — Philadelphia: SIAM, 2000. —718 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СПЕКТРАЛИИ МАТРИТСАҲОИ ҒАЙРИМАНФИИ ҶУДОНАШАВАНДА

Мақсади асосии мақолаи мазкур ин таҳлил ва пешниҳоди шарҳи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда мебошад.

Матритсаҳои ҷудонашавандаи ғайриманфӣ дар соҳаҳои гуногуни математика, информатика ва илмҳои амалӣ нақши муҳим доранд. Хусусиятҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда, ба монанди радиуси спектр ва ададҳои спектрӣ, барои фаҳмидани рафтор ва татбиқи онҳо аҳамияти асосӣ доранд. Радиуси спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашавандаи қимати хоси матритсаи мебошад, ки он барои ҳалли системаҳои

муодилаҳои хаттӣ алоқаманданд, муайян мекунад.

Ададҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда қиматҳои хоси матритсаи мебошанд. Онҳо метавонанд ҳақиқӣ ё комплексӣ бошанд. Теоремаҳоеро дида баромадем, ки дар бораи ададҳои спектралии матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда маълумот медиҳанд, ба монанди теоремаи Фробениус-Перрон, ки дар он гуфта мешавад, ки матритсаҳои ғайриманфии ҷудонашаванда дорои қимати хоси ғайриманфӣ мебошад, ки ба радиуси спектрии он баробар аст.

Калимаҳои калидӣ: Хусусиятҳои спектралӣ, матритсаҳои ҷудонашаванда, матритсаҳои ғайриманфӣ, матритсаи ҳамроҳшуда, қиматҳои хусусӣ, векторҳои хусусӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф: Асадбекова Гулнамо Давлатбековна муаллими калони кафедраи таҳлили математикӣ Донишгоҳи Давлатии Хоруғ, agulnamo70@mail.ru

Шоинбекова Ш.С. –муаллими калони кафедраи технологияи иттлоотӣ ва амнияти компютерӣ Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Сафдарқулова Ҳ.Н. –ассистенти кафедраи технологияи иттлоотӣ ва амнияти компютерӣ Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

СПЕКТРАЛЬНЫЕ СВОЙСТВА НЕРАЗЛОЖИМЫХ НЕОТРИЦАТЕЛЬНЫХ МАТРИЦ

Основная цель данной статьи — проанализировать и дать всестороннее объяснение спектральных характеристик неотрицательных неразложимых матриц.

Неразложимые неотрицательные матрицы играют важную роль в различных областях математики, информатики и прикладных наук. Спектральные свойства неотрицательных неразложимых матриц, такие как спектральный радиус и спектральные числа, имеют фундаментальное значение для понимания их поведения и приложений. Спектральный радиус неотрицательной неразложимой матрицы является характеристическим значением матрицы, определяющим решение системы линейных уравнений.

Спектральные числа неотрицательных неразложимых матриц являются собственными значениями матрицы . Они могут быть вещественными или комплексными. Мы рассмотрели теоремы, дающие информацию о спектральных числах неотрицательных неразложимых матриц, такие как теорема Фробениуса-Перрона, которая утверждает, что неотрицательная неразложимая матрица имеет неотрицательное собственное значение, равное ее спектральному радиусу.

Ключевые слова: спектральные свойства, неразложимых матрицы, неотрицательные матрицы, присоединенная матрица, собственные значения, собственные векторы.

Информация об авторе: Асадбекова Гульнамо Давлатбековна, старший преподаватель кафедры математического анализа Хорогского государственного университета им. Назаршоева, agulnamo70@mail.ru

Шоинбекова Ш.С. - старший преподаватель кафедры информационных технологий и компьютерной безопасности Хорогского государственного университета им. Назаршоева, shahnozashoinbekova@mail.ru

Сафдаркулова Х.Н. -ассистент кафедры информационных технологий и компьютерной безопасности Хорогского государственного университета им. Назаршоева, dilnozashurat @mail.ru»

SPECTRAL PROPERTIES OF INDECOMPOSIBLE NON-NEGATIVE MATRICES

The main goal of this article is to analyze and provide a comprehensive explanation of the spectral characteristics of non-negative indecomposable matrices.

Irreducible nonnegative matrices play an important role in various fields of mathematics, computer science, and applied sciences. Spectral properties of nonnegative indecomposable matrices, such as spectral radius and spectral numbers, are fundamental to understanding their behavior and applica-

tions. The spectral radius of a non-negative indecomposable matrix ρ(A) is a characteristic value of the matrix A that determines the solution of a system of linear equations.

The spectral numbers of non-negative indecomposable matrices are the eigenvalues of the matrix A. They can be real or complex. We looked at theorems that provide information about the spectral numbers of non-negative indecomposable matrices, such as the Frobenius-Perron theorem, which states that a non-negative indecomposable matrix has a non-negative eigenvalue equal to its spectral radius.

Key words: spectral properties, indecomposable matrices, non-negative matrices, adjoint matrix, eigenvalues, eigenvectors.

Information about the author: Asadbekova Gulnamo Davlatbekovna, senior lecturer at the Department of Mathematical Analysis, Khorog State University named by M.Nazarshoev, agulnamo70@mail.ru

Shoinbekova Sh.S. - Senior Lecturer at the Department of Information Technologies and Computer Security, Khorog State University named by M.Nazarshoev

Safdarkulova Kh.N. -Assistant at the Department of Information Technologies and Computer Security, Khorog State University named by M.Nazarshoev

УДК 664.6/7(07)

ИСТИФОДАИ ХАМИРАИ КАДУ ДАР САНОАТИ НОНӢ

Комилова Д.А.

Донишкадаи политехникии донишгоҳии техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди саноати нонӣ, ин ғанӣ гардонидани маҳсулот бо иловаҳои гуногуни ғизоӣ, ки таркиби витамину минералии онҳоро беҳтар мекунад, мебошад.

Ҳоло истеъмолкунанда тадриҷан аз истеъмоли навъҳои анъанавии нон ба навъҳои функсионалӣ мегузарад, ки ба таркиби дастурамалии ин маҳсулотҳо иловаҳои гуногун дар намуди тухмӣ, ордӣ, хамирагӣ ва ғайра илова карда шудаасту онҳо бо витамину микроэлементҳо бой шудаанд.

Дар истеҳсоли маҳсулоти нонӣ истифода бурдани ашёи хоми сабзавотии арзиши паст дошта, имконияти ба аҳолӣ, сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ ва дараҷаи зиндагонии онҳо, таъмин намудан бо моддаҳои ғизоии зарурӣ имкон медиҳад. Дар истеҳсоли маҳсулоти нонӣ аз орди гандумин, илова намудани маҳсулоти коркарди каду имкон медиҳад, ки на танҳо арзиши ғизоии маҳсулоти тайёр баланд бардошта шавад, балки нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физико-химиявии сифати он беҳтар карда шавад.

Интихоби маҳсулот, аз ҷумла, каду, дар истеҳсоли маҳсулоти нонӣ бо хусусиятҳои таркиби химиявии ашёҳои воридшавандаи дастурамл вобастагӣ дорад: нахи парҳезӣ, витаминҳои А, В, РР, кислотаҳои пантотенӣ ва фолий, макро ва микроэлементҳо, аз қабили калий, калсий, фосфор, оҳан, руҳ ва ғайра.

Илова намудани ашёи сабзавотӣ ба ҷараёни гузариши амалиётҳои биотехнологии раванди истеҳсоли маҳсулоти нонӣ таъсир мерасонад - пухтарасиши хамир ва дамгирии ниҳоии пораҳои хамир, тавассути интенсификатсияи фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳо, инчунин тағиротҳои хосиятҳои реологии хамир.

Барои саноати нонӣ коркарди технологияҳои пешқадам дар мисоли маҳсулоти нонӣ, масъалаи муҳимнок буда, он айни замон ба дараҷаи хуб омӯхта нашудааст, бинобар ин омӯзиши ин муаммо саривақтӣ мебошад.

Кори тадқиқотӣ дар лабораторияҳои кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ

бо усулҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешбинӣ шудаанд, гузаронида шудааст.

Орди гандумини навъи олӣ, намаки ошии навъи экстра, хамиртуруши хушк ва кадуи навъи "палавкаду" барои гузаронидани тадқиқотҳо дар самти коркради технологияи пешқадам дар саноати хӯрока дар мисоли маҳсулоти нонӣ истифода карда шудаанд.

Барои тайёр кардани хамир ва маҳсулоти тайёр сараввал ҳамаи ашёи хоми истифодашаванда раванди тайёркуниро аз сар гузаронд. Орди гандумини навъи олӣ бо мақсади тоза кардани ғашҳои минералӣ, органикӣ ва қаҳрабоӣ, ки ба сифати маҳсулоти тайёр таъсири манфии калон мерасонанд безиш карда шуданд. Бо мақсади безиш, безишкунакҳои лабораторӣ бо диаметри сӯрохиашон 0,1 мм истифода карда шуданд.

Намаки ошии навъи экстра бо мақсади баробар тақисм шудан дар ҳамаи сатҳи маҳсулот, тоза кардан аз ғашҳо ва ҳал шудани кристаллҳо, маҳлул карда шуданд. Маҳлули намакоб бо мақсади тоза кардан аз ғашҳо полоиш карда шуд.

Хамиртуруши хушк низ бо мақсади ҳал кардани ғурушаҳо, баробар тақсимшудан дар ҳамаи сатҳ ва фаъол кардани микроорганизмҳо бо оби ҳарорташ 35-40°С суспензия омода карда шуданд. Суспензияи хамиртурушӣ полоиш карда шуд.

Оби нӯшока, ки дар кор истифода карда шуд, то ҳарорати 35-40°С гарм карда шуд.

Пас аз омода кардани ашёи хом хамаи компонентҳо бо усули якмарҳилагӣ тайёр кардани хамир омехта карда шуданд. Хамири омодашуда бо мақсади туршшавии спиртӣ ба шкафи дамгирии лабораторӣ таҳти ҳарорати 40-45°С ва намнокии 80-85% равона карда шуд. Муддати туршшавии спиртӣ 40-60 дақиқаро дар бар гирифт.

Баъди гузаштани раванди туршшавии спиртӣ хамири омодашуда ба порчаҳои массааш 520 г тақсим карда шуда, зувола гирифта шуданд. Порчаҳои зувола гирифта бо мақсади дамгирии 1 ба шкафи дамгирии лабораторӣ равона карда шуданд, ҳарорат 40-45°С, намнокӣ 80-85%. Давомнокии раванд 20-25 дақиқа. Пас аз гузаштани мӯҳлати муайяншуда, порчаҳои хамир ба қолиб ҷойгир карда шуда, бори дигар барои дамгирии 2 дар ҳарорати 40-45°С ва намнокии 80-85% ба шкафи дамгирии лабораторӣ равона карда шуданд. Муддати дамгирии 2 ҳамагӣ 15-20 дақиқаро ташкил дод.

Пухтани намунаҳои маҳсулот дар тафдони тамғаи GORENJA амалӣ карда шуд, ки ҳарорат ба 220-240°С баробар буда, давомнокии пухтан 22-24 дақиқаро дар бар гирифт. Намунаҳои омодашудаи маҳсулот таҳти ҳарорати хона 18±22°С хунук карда шуда (16 соат).

Бо мақсади коркарди технологияи пешқадами маҳсулоти хӯрока дар мисоли маҳсулоти нонӣ ба таркиби дастурамали нони гандумин бо вояҳои 15%, 20%, 25% хамираи каду ҳамроҳ карда шуд, ки дастурамали он дар ҷадвали 1 дода шудааст.

Ҷадвали 1 – Дастурамали нони гандумин бо вояҳои гуногуни хамираи каду, 100 кг

Номгӯи ашёи хом	Миқдори иловаи хамираи каду, % аз вазни орд		
	15	20	25
Орди гандумини навъи олӣ, кг	85	80	75
Хамиртурши хушк, кг	25	25	25
Намаки ошии навъи экстра, кг	15	15	15
Хамираи каду, кг	15	20	25
Оби нӯшока	Аз рӯи ҳисоби намнокии хамир 45%		

Барои тайёр кардани хамираи каду дар шароити лабораторӣ, сараввал кадуро тоза шуста онро аз пӯстлох тоза карда мешавад. Лахми каду аз тухмиҳо пурра озод карда мешавад. Лахми кадуро ба парахаҳои дарозиаш 2 – 2,5 мм бо ғафсии 0,8 – 1 мм тарошида, дар дохили майдакунаки лаборатории тамғаи Bosch MSM66155 ҷойгир карда, то ҳосил шудани хамира майда карда шуд. Хамираи ҳосилшуда ба таркиби дастурамали нони гандумин бо вояҳои гуногун илова карда шуд. Хамира ба таркиби дастурамали маҳсулот дар марҳилаи омехтакунии ҳамаи комопнентҳо илова карда шуд.

Расми 1. Намунаҳои нони гандумин бо иловаи хамираи каду

Барои муайян кардани сифат ва бехатарии намунаҳои нони гандумин бо иловаи хамираи каду усулҳои органолептикӣ ва физико-химиявӣ истифода шуданд, ки дар ҳуҷҷати меъёрӣ ба маҳсулоти додашуда пешбинӣ шудааст. Натиҷаҳои таҳлили сифати нони гандумин бо иловаи хамираи каду джар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2 – Натиҷаҳои таҳлили сифати нони гандумин бо иловаи хамираи каду

Номгӯй	Аз рӯи СД 58233-2018	Миқдори иловаи хамираи каду, %		
		15	20	25
Намуди зоҳирӣ	Қабати болои каме дамида, бе паҳлӯҳои кушода шуда	Қабати болои дамида, бе паҳлӯҳои кушода шуда	Қабати болои каме дамида, паҳлӯҳо каме кушода шуда	Қабати болои надамида, паҳлӯҳо кушода шуда
Қолиб	Ба қолиби нон мувофиқ, ки дар он раванди пухтан гузаронида шудааст	Ба қолиби нон мувофиқ, ки дар он раванди пухтан гузаронида шудааст	Ба қолиби нон мувофиқ, ки дар он раванди пухтан гузаронида шудааст	Ба қолиби нон мувофиқ, ки дар он раванди пухтан гузаронида шудааст
Сатҳи болоӣ	Бе дариданиҳои калон, ҳамвор	Бе дариданиҳои калон, ҳамвор	Бо дариданиҳои майда, каме ҳамвор	Бо дариданиҳои калон, хеле ноҳамвор
Бӯй	Ба намуди маҳсулот хос буда, бе ягон бӯи бегона	Ба намуди маҳсулот хос буда, бе ягон бӯи бегона	Ба намуди маҳсулот хос буда, бӯйи пасти каду ҳисс мешавад	Ба намуди маҳсулот хос буда, бӯйи баланди каду ҳисс мешавад
Пухташавии мағзи нон	Пухташуда, ҳангоми ламскунӣ намӣ ҳис карда намешавад. Эластикӣ, баъд аз оҳиста пахшкунӣ бо ангуштон мағзи нон бояд шакли аввалаашро гирад	Пухташуда, ҳангоми ламскунӣ намӣ ҳис карда намешавад. Эластикӣ, баъд аз оҳиста пахшкунӣ бо ангуштон мағзи нон шакли аввалаашро мегирад	Пухташуда, ҳангоми ламскунӣ намӣ каме ҳис мешавад. Эластикии миёна, баъд аз оҳиста пахшкунӣ бо ангуштон мағзи нон шакли аввалаашро то 50% мегирад	Пухташуда, ҳангоми ламскунӣ намӣ баланд ҳис мешавад. Эластикии паст, баъд аз оҳиста пахшкунӣ бо ангуштон мағзи нон шакли аввалаашро қарби ки намегирад
Омехташавӣ	Бе ягон ғурӯшаҳо ва нишонаҳои нағзомехташавӣ	Бе ягон ғурӯшаҳо ва нишонаҳои нағзомехташавӣ	Бе ягон ғурӯшаҳо ва нишонаҳои нағзомехташавӣ	Бе ягон ғурӯшаҳо ва нишонаҳои нағзомехташавӣ
Ковокнокӣ	Афзоиш карда, бе ҷои холигӣ ва зич	Афзоиш карда, бе ҷои холигӣ ва зич	Афзоиш карда, бе ҷои холигӣ ва зич	Хело афзоиш карда, бе ҷои холигӣ ва зич

Мазза	Ба намуди маҳсулот хос буда, бе ягон маззаи дигар мебошад	Ба намуди маҳсулот хос буда, маззаи пасти илова ҳис мешавад	Ба намуди маҳсулот хос буда, маззаи илова ҳис мешавад	Ба намуди маҳсулот хос буда, маззаи баланди илова ҳис мешавад
Ранг	Аз зарди равшан то ҷигарии торик. Иҷозат аст: сафед шудан барои нони гандумин аз орди зардеворӣ	Зарди равшан	Зард бо ҷилои норанҷӣ	Норанҷӣ
Намнокии мағзи нон, %	43,0 – 48,0	44,2	44,6	44,9
Туршнокии мағзи нон, град.	0 – 3	2,6	2,9	3,3
Ковокнокии нон, %	55,0 - 65,0	58	59	68

Мувофиқи кори иҷрошуда дар самти коркарди технологияи пешқадами маҳсулоти хӯрока дар мисоли маҳсулоти нонӣ бо иловаи вояҳои гуногуни хамираи каду ва натиҷаҳои бадастомада самаранокии истифода хамира ба таркиби дастурамали нони гандумин бо роҳи тадқиқотӣ асоснок карда шуд.

Аз рӯи натиҷаҳои гирифташуда ва кори иҷрогардида чунин хулосаҳо бароварда шуд:

- иловаи хамираи каду дар истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, яъне нони гандумин, ки дар самти коркарди технологияҳои пешқадам дар саноати хӯрока пешбинӣ шудааст, илман асоснок карда шуд;
- истифодаи хамираи каду дар истеҳсоли нони гандумин, ки дорои баланди арзиши биологӣ ва таркиби химиявӣ равона шуда буд, бо истифода аз усулҳои органолептикӣ ва физико-химиявӣ тадқиқ карда шудааст ва самаранокии он тасдиқ карда шуд;
- муайян карда шуд, ки бо баробари илова намудани хамираи каду ба таркиби дастурамали нони гандумин ба миқдори то 15% сифати намуна ба талаботҳои муқарраршуда аз рӯи нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физико-химиявӣ пурра ҷавобгӯ буда, ягон талабот аз рӯи ягон нишондиҳанда вайрон нашудааст. Сифати намуна ба сифати намунаи назоратӣ назидк буда, маҳсулот дорои хосиятҳои баланди молӣ мегардад. Ранги маҳсулот диққатҷалбукунанда, ковокиҳо баробар тақсимшуда дар ҳамаи сатҳ, туршнокӣ ва намнокӣ ба мӯҳлати нигоҳдории маҳсулот ягон таъсироти манфӣ намерасонад;
- аз рӯи кори иҷрошуда, муайян карда шуд, ки бо баробари илова намудани хамираи каду ба таркиби дастурамали нони гандумин ба миқдори то 20% сифати намуна бо баробари ба талаботҳо ҷавобгӯ будан дар ҳудуди максималии он қарор дорад. Ковокиҳо баробар тақсим шуда, намуди молии маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои органолептикӣ ба талабот мувофиқ. Мазза пасти илова ҳисс мешавад. Аммо бо баробари муайян кардани хосияти эластикӣ маҳсулот то 50% ҳолати аввалаи худро барқарор мекунад, ки оиди таъсири хамира ба намнокии маҳсулот хабаррасонӣ мекунад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои физико-химиявӣ низ намунаи маҳсулот ба ҳамаи талаботҳои ҷавобгӯ мебошад.
- бо тадқиқотҳои эксперементалӣ муайян карда шуд, ки бо баробари иловаи хамираи каду ба таркиби дастурамали нони гандумини анъанавӣ ба миқдори то 25% сифати намуна аз рӯи ҳам нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва ҳам физико-химиявӣ ба талаботҳои муайяншуда ҷавобгӯ нест. Маҳсулот ковокии

нобаробари калон дорад, намнокӣ ва туршнокии маҳсулот аз меъёр зиёд, ки ба мӯҳлати нигоҳдори таъсири калони манфӣ мерасонад. Маззаи баланди илова ҳисс мешавад, ки на ҳама вақт ба истеъмолкунанда писанд меояд. Қобилияти эластии маҳсулот хело паст. Сатҳи болоии маҳсулот хело ноҳамвор, ранг хело баланд. Ҳамаи он аз он шаҳодат медиҳад, ки иловаи то 25% хамира ба таркиби дастурамали маҳсулот зиёд мебошад.

- бо роҳи тадқиқотӣ муайян кард шуд, ки вояи кифояи иловаи хамираи каду ба таркиби дастурамали нони гандумин бояд дар ҳудуди 15-20% қарор дошта бошад. Дар натиҷа маҳсулот соҳиби нишондишҳандаҳои баланди ба меъёр ҷавобгӯи сифат ва бехатарӣ гардида маҳсулоти тайёр бо як қатор моддаҳои фоиданок аз лиҳози калий, магний, витамини Е, торҳои ғизоӣ ва ғайра, ки дар таркиби ашёи хом мавҷуд аст ғанӣ мегардад.

АДАБИЁТҲО

1. Дуцбов Г. Г. «Производство национальных хлебных изделий» Москва ВО «Агропромиздат» 1997г. – 264с.
2. Дж. Хамельман Хлеб. Технология и рецептура. Изд. Профессия. СПб. – 2021. – 524с.
3. Товароведение зерномучных и кондитерских товаров: Учебник для вузов/ Н.А. Смирнова, Л.А. Надежнова, Г.Д. Селезнева, Е.А. Воробьёва. - М.: Экономика, 2004. – 350с.
4. Филушкина П.А. Ценность хлеба как важная составляющая жизни человека / П.А. Филушкина, И.В. Соболева. – Текст: непосредственный // Юный ученый. – 2016. - № 1.1 (4.1). – С.72-73
5. Бурчакова И.Ю. Организация процесса приготовления и приготовление сложных хлебобулочных, мучных кондитерских изделий: учебник для студ. учреждений сред. проф. Образования / И.Ю. Бурчакова, С.В. Ермилова. – М.: Издательский центр «Академия», 2014. – 384 с.
6. Васюкова А.Т. Технология сложных хлебобулочных, мучных кондитерских изделий: учебное пособие / Т.А. Васюкова. – М.: РУСАЙНС, 2017 – 250с.
7. Давыденко, Л.Н. Шатнюк и др. Экспертиза хлеба и хлебобулочных изделий и качество и безопасность - Сибирское университетское издание, Новосибирск, 2005. – 272 с.
8. Л.П.Пащенко, Т.В.Санина. Практикум по технологии хлеба, кондитерских и макронных изделий (технология хлебобулочных изделий). - М.: «КоллосС», 2006 – 214 с.

ИСТИФОДАИ ХАМИРАИ КАДУ ДАР САНОАТИ НОНӢ

Дар мақолаи мазкур имконияти истифодаи хамираи кадуи навъи “палавкаду” дар истеҳсоли нони гандумин, ки таркиби химиявии бой дорад, дида шудааст. Бо роҳи тадқиқотӣ, истифода аз усулҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба маҳсулоти нонӣ пешбнӣ шудааст, сифат ва бехатарии иловаи хамираи каду ба таркибӣ дастурамалӣ муайян карда шудааст. Хамираи каду ба таркиби дастурамалаи нони гандумин ба вояҳои гуногун ҳамроҳ карда шуда, самаронокии ин мақсад бо роҳи эксперементалӣ тасдиқ шудааст.

Калидвожаҳо: нон, маҳсулоти нонӣ, нони гандумин, каду, хамираи каду, таҳлили сифат, усулҳои органолептикӣ, усулҳои физико-химиявӣ, вояҳои гуногун, сифат, бехатарӣ, зиёд кардани номгӯй.

Маълумот дар бораи муаллиф: Комилова Дилрабо Абдувалиевна - номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрока Донишкадаи политехникии

Донишгоҳии техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроғa: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 226, Телефон: (+992)933037777, E-mail: komilova1285@mail.ru

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПЮРЕ ИЗ ТЫКВЫ В ХЛЕБОБУЛОЧНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В данной статье рассматривается возможность использования пюре из тыквы сорта «пловкаду» в производстве пшеничного хлеба, который имеет богатый химический состав. Путем исследований с использованием методик, предусмотренных в нормативных документах на хлебобулочные изделия, определено качество и безопасность добавления пюре из тыквы в рецептурный состав. Пюре из тыквы добавляли в состав пшеничного хлеба в разных дозировках, эффективность данной цели подтверждена экспериментально.

Ключевые слова: хлеб, хлебобулочные изделия, пшеничный хлеб, тыква, пюре из тыквы, анализ качества, органолептический метод, физико-химический метод, различная дозировка, качество, безопасность, расширение ассортимента.

Сведения об авторе: Комилова Дилрабо Абдувалиевна - кандидат технических наук, и.о. доцента кафедры технология пищевых продуктов Худжандского политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими. Адерс: 735700 Республика Таджикистан, Согдийская область, проспект Исмоила Сомони 226, Телефон: (+992)933037777, E-mail: komilova1285@mail.ru

USE OF PUMPKIN PUREE IN THE BAKERY INDUSTRY

This article discusses the possibility of using pumpkin puree of the "Plovkadu" variety in the production of wheat bread, which has a rich chemical composition. Through research using methods provided for in regulatory documents for bakery products, the quality and safety of adding pumpkin puree to the recipe was determined. Pumpkin puree was added to wheat bread in different dosages; the effectiveness of this purpose was confirmed experimentally.

Key words: bread, bakery products, wheat bread, pumpkin, pumpkin puree, quality analysis, organoleptic method, physico-chemical method, different dosages, quality, safety, expansion of the range.

Information about the author: Komilova Dilrabo Abduvalievna - Candidate of Technical Sciences, acting. Associate Professor of the Department of Food Technology of the Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi. Address: 735700 Republic of Tajikistan, Sughd region, Ismoil Somoni Avenue 226, Phone: (+992)933037777. E-mail: komilova1285@mail.ru

УДК 633.88

ОФИЦИАЛЬНЫЕ И ПОЛЕЗНЫЕ ЛЕКАРСТВЕННЫЕ РАСТЕНИЯ ВОСТОЧНОГО ПАМИРА

Мусоев С.М., Имомназаров Б.А., Давлатназарова Г.Н., Бахшова З.Б.

Памирский научный центр сельского хозяйства,

Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева

Изучение состава флоры и растительности районов Памира, выяснение закономерностей её формирования и распространения по высотному профилю, изучение роста и развития растений, их эколого – биологических свойств в зависимости от места обитания в условиях высокогорий являются основными направлениями содействующих развитию отраслей народного хозяйства, в частности сельского хозяйства и здравоохранения. Цель этих исследований заключается в создании высокогорного

земледелия в самом континентальном и холодном климатическом районе Республики Таджикистан и выявлении растительности представляющей хозяйственный интерес, особенно кормовой и лекарственный.

Как известно из литературных источников [1,2], главные особенности растительного покрова Памира являются: поясное размещение, пестрота местообитания ценозов, преобладание ксерофильных типов растительности в фоновом поясном ряду, узкая локализация лугов и горных тугаев на поймах, низких террасах и вблизи родников, отсутствие поясов древесной, кустарниковой и луговой растительности. Некоторые сведения о растительности и флоре Восточного Памира приведены в работах [3,4,5,6,7] и ряде других работ.

Результаты исследования по созданию высокогорного земледелия на Памире освещены в публикациях П.А. Баранова и И.А. Райковой [8], Х.Ю.Юсуфбекова, Е.Г.Крыловой, Ф.Г.Нигматуллина и. др. [9]. Лекарственные растения Восточного Памира (Мургабского района) в настоящее время оставались малоизученными.

В этой связи цель настоящей работы заключается в изучении дикорастущих лекарственных растений Восточного Памира, выявлении видового состава, а также уточнении ареала их произрастания.

Методы, условия и объекты исследования.

Работа проводилась маршрутно –экспедиционным исследованиями, которые охватили крупные ущелья территории Мургабского района, в частности долин Аличур, Чечикты, Мадиян, Ранкул и Сары-Таш. Объектами исследований служили встречающиеся эдесь ассоциации лекарственных растений. В работе использованы традиционные ботанические и агробиологические методы.

С целью выявления видового состава проводился сбор лекарственных растений и собранные экземпляры до их определения сохранили в гербарных сетках. Видовой состав растений провели по материалам книги С.С.Иконникова «Определитель высших растений Бадахшана», 1979 с участием ботаника-флориста д.б.н. Наврузшоева Д. В ходе экспедиционных работ также уточнили ареал видов, проводили сбор семян и образцов для химических анализов.

Восточный Памир отличается от других регионов республики более жёсткими климатическими условиями. Климат резко континентальный. Зима продолжительная и суровая. Снег выпадает в малом количестве. Средние многолетние показатели температуры воздуха в самый холодный период составляют -18° – -20°С. Абсолютный минимум (Бурункул) составил -53.3^{o} С. Лето короткое и прохладное. Самая высокая температура в летний период составляет +8 – +12°С. Продолжительность безморозного периода на Восточном Памире колеблется в пределах 40-50 дней. Почва территории Мургабского района в основном входит в состав автоморфных групп: высокогорные пустынные, высокогорно пустынно-степные и примитивные рухляковые [10].

Результаты исследований.

Результаты исследований показали, что на территории Мургабского района произрастает 91 вид полезных растений. Речь идет о растениях научного и народно-медицинского использования и о заменителях общепринятых видов, сырья при систематическом родстве, обладающих тождественными или сходными свойствами.

Проведенные обследования состава лекарственной флоры Восточного Памира (табл.1) показали, что выявленные виды относятся к 34 семействам и 57 родам. Семейство сложноцветных объединяет 13 видов, гречишные 6 видов (щавель, ревень, горец, звездчатка, дрема, качим). Злаки – пырей алайский и пырей ползучий, луковые, толстянковые и бобовые (астрагалы), соответственно по 5 видов. Следует отметить,

что продуктивность и сырьевые ресурсы более 95% исследуемых видов не имеют промыслового значения. Это, естественно, связано с климатическими условиями, так как растительность распространена на аридных территориях. О.Е.Агаханянц [11] указывает, что аридными называют территории засушливые, пустынные, бесплодные, голые, получающие недостаточное количество осадков для формирования стока рек, для неполивного земледелия и даже вообще для существования растительности,- территории, испытывающие регулярную длительную засуху, где исследуемые нами растения, приобрели здесь приспособительные свойства. Состав лекарственных растений Восточного Памира представлен в таблице 1.

Таблица 1. Состав лекарственной флоры Восточного Памира

Семейство	Число родов	Число видов
1	2	3
Ephedraceae – Хвойниковые	1	5
Кипарисовые- Cuprtssaceae	1	1
Graminaceae – Злаки	1	2
Cyperaceae – Осоковые	1	1
Liliaceae – Лилейные	2	2
Alleaceae – Луковые	1	5
Befuiaceae – Берёзовые	1	2
Polygonaceae – Гречишные	3	6
Chenopodiaceae – Маревые	2	5
Caryophylaceae – Гвоздичные	3	5
Helleboraceae – Зимовниковые	1	1
Ranunculaceae – Лютиковые	2	2
Papaveraceae – Маковые	1	1
Fumariaceae – Дымяниковые	1	1
Cruciferae (Brassicaceae)- Крестоцветные	2	2
Grassulaceae – Толстянковые	1	5
Grassulariaceae –Крыжовниковые	1	1
Rosaceae – Розоцветные	4	5
Amygdalaceae – Миндальные	1	1
Leguminosae (fabaceae) –Бобовые	2	5
Geraniaceae – Герановые	1	1
Eleagnaceae – Лоховые	1	1
Onagraceae – Ослиниковые	1	1
Umbelliferae – Зонтичные	1	1
Primulaceae – Первоцветные	1	2
Gentianaceae – Горечавковые	1	1
Convolvulaceae – Вьюнковые	1	1
Boraginaceae – Бурачниковые	1	1
Labiatae - Laminaceae -Губоцветные	4	4
Scrophulariaceae – Норичниковые	1	1
Plantaginaceae –Подорожниковые	1	2
Rubiaceae – Мареновые	1	1

Valerianaceae - Валериановые	1	1
Compositae -Сложноцветные	8	13
Всего:	57	91

Результаты этноботанических исследований показали, что из произрастающих на территории Мургабского района более 91-видов лекарственных растений, население использует лишь 3-5% видов. На основании опроса населения было выявлено, что в основном здесь используют виды пиретрумов (Pyrethrum pyrethroides (Kar et Kir) B.Fedtsch. ex Krasch. (Richteria pyrethroides Kar et Kir); P.Karelini Krasch. (P. Fulchrum auct .) U P.Djilgense (Franch) Tzvel); радиолы (Rhodiola heterodonta (Hook.fil.et Toms); R.gelida Schrenk; R. pamiroalaica Boriss); макратомии красящей (Macrotomia euchroma (Poyle) Pauls.; качима (Gypsophila alpine Halb); эфедры (Efhedra fedtschenkoae Pauls, E.glauca Regel) . По сведениям Исмаилова Раимберди (житель Мургабского района) радиолу разнозубчатую используют при желудочном расстройстве, нефрите и для бодрости, как тонизирующее средство. Одуванчик лекарственный используется для удаления бородавки. Эфедра хвощевая для уничтожения гельминты (аскаридоз), дикие виды лука используют для повышения аппетита.

Выводы. -В результаты исследования установлено, что на Восточном Памире встречается более 91 вида полезных лекарственных растений.

- Выявленные виды относятся к 34 семействам и 57 родам. Семейство сложноцветных объединяет 13 видов, гречишные 6 видов (щавель, ревень, горец, звездчатка, дрема, качим). Злаки – пырей алайский и пырей ползучий, луковые, толстянковые и бобовые (астрагалы), соответственно по 5 видов.

- Установлено, что продуктивность и сырьевые ресурсы более 95% исследуемых видов не имеют промыслового значения. Это, естественно, связано с климатическими условиями, так как растительность распространена на аридных территориях.

- Результаты этноботанические исследования показали, что из произрастающих на территории Мургабского района более 91-видов лекарственных растений, населения использует лишь 3-5% видов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Станюкович К.В. Растительный покров Восточного Памира. М.: Географиздат, 1949. 259 с.
2. Агаханянц О.Е. Основные проблемы физической географии Памира. Душанбе, Дониш.Ч.2,1966, 245с.
3. Федченко Б.А. Материалы о флоре Шугнана. Изв.Бот.Музея. СПб, 1902, Т.1, 61с.
4. Юсуфбеков Х.Ю. Улучшение пастбищ и сенокосов Памира и Алтайской долины. Душанбе:Дониш, 1968. 320 с.
5. Станюкович К.В. Растительность гор СССР (ботанико- географический очерк). Душанбе:Дониш,1973,416с.
6. Иконников С.С. Определитель высших растений Бадахшана. Л.: Наука,1979, 399 с.
7. Акназаров Х.А. Продуктивность кормовых растений в условиях Памира. Душанбе: Дониш, 2007. 273 с.
8. Баранов П.А. и И.А. Райкова. К проблеме освоения Памира и других высокогорных областей Средней Азии. Сб.:Хоз.освоение пустынь Ср.Азии и Казахстана; САОГИЗ,Ташкент,1934.
9. Юсуфбеков Х.Ю.,Крылова Е. Г.,Нигматуллин Ф. Г. Результаты исследований по созданию высокогорного земледелия на Памире //Труды Памирской биологическ.

станции.Т.1.Изд.АНТадж.ССР.Душанбе,1963.290 с.
10. Орлов М. А.. О почвах Памира. Ташкент: Изд-во САГУ,1936,12 с.
11. Агаханянц О.Е. Аридные горы СССР.М.: Мысль,1981.270 с.

ОФИЦИАЛЬНЫЕ И ПОЛЕЗНЫЕ ЛЕКАРСТВЕННЫЕ РАСТЕНИЯ ВОСТОЧНОГО ПАМИРА

В работе приводятся сведения о видовом составе лекарственных растений произрастающих на территории Восточного Памира. Установлено, на Восточном Памире встречается более 91 вида полезных лекарственных растений, которые относятся к 34 семействам и 57 родам.

Ключевые слова. Полезные лекарственные растения, видовой состав, Восточный Памир, континентальный климат.

Сведения об авторах: Мусоев С.М. - кандидат биологических наук, директор Памирского научного центра сельского хозяйства тел: 934172489

Имомназаров Б.А. - кандидат химических наук, доцент кафедры общей химии естественно-научного факультета Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева, тел: 931066714

ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШИ РАСМӢ ВА ФОИДАНОКИ ПОМИРИ ШАРҚӢ

Дар мақола маълумот дар бораи омузиши гиёҳҳои шифобахши ҳудуди Помири Шарқӣ гирд оварда шуда, муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди ин минтақа зиёда аз 91 намуди растаниҳои фоиданоки шифоӣ панҳ гардидаанд, ки ба 34 оила ва 57 авлод мансуб мебошанд.

Калидвожаҳо. Гиёҳҳои фоиданоки шифобахш, намуди таркибӣ, Помири шарқӣ, иқлими континенталӣ.

Маълумот дар бораи муаллифон: Мусоев С.М. - номзади илмҳои биология, директори Маркази илмии кишоварзии Помир, тел: 934172489

Имомназаров Б.А. - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи умумии факултети илмҳои табиии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, тел:931066714

OFFICIAL AND USEFUL MEDICINAL PLANTS OF THE EASTERN PAMIRS

The paper provides information on the species composition of medicinal plants growing on the territory of the Eastern Pamirs. It has been established that more than 91 species of useful medicinal plants are found in the Eastern Pamirs, which belong to 34 families and 57 genera.

Keywords. Useful medicinal plants, species composition, Eastern Pamirs, continental climate.

Information about authors: Musoev S.M. - candidate of biological sciences, director of the agricultural station of Pamir, Phone: 934172489

Imomnazarov B.A. - candidate of chemical sciences, the natural science faculty of Khorog State University named by M. Nazarshoev, Phone: 931066714

УДК 502. 335: 55 (575.3*)*

ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ

Нозимова И., Зикирова Д.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мавҷудияти захираҳои бойи сайёҳӣ, механизми идоракунии соҳаи сайёҳии экологӣ то кунун ба таври мукаммал кор карда баромада нашудааст. Мушкилоти мазкур, махсусан, барои Ҳудудҳои махсус

муҳофизатшавандаи табиат (ҲТММ) ҳаллу фасли амиқро талаб мекунад.

Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавнда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” (2011) - қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст.

Ин қитъаҳо бо қарори мақомоти давлатии ҳокимият аз истифодаи хоҷагӣ пурра ё қисман ҷудо карда шудаанд ва барои онҳо реҷаи махсуси ҳифозат муқаррар карда шудааст. Мамнӯъгоҳҳои табиӣ яке аз категорияҳои ҲТММ мебошанд, ки муассисаҳои ҳифзи табиӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва экологӣ-маърифатӣ ҳисоб ёфта, бо мақсади ҳифз кардан ва омӯхтани равиши табиии равандҳои табиат ва ҳодисаҳо, фонди генетикии олами набототу ҳайвонот, намудҳои алоҳида ва гурӯҳҳои растаниҳо ва ҳайвонот, низоми якрангӣ ва беҳамтоии экологӣ таъсис дода шудаанд [2, 3, 7, 14, 15].

Ҳудудҳои мамнуъӣ шакли олии ҳифзи табиат буда, дар худ сарватҳои адонашаванда ва заминаи боарзишро барои ташаккул ва рушди туризми экологӣ таҷассум мекунанд ва «мавзеи» олӣ барои таҳқиқоти экологӣ мебошанд. Дар ҳудуди минтақаи ҳифзшаванда минтақаи ландшафтӣ-географӣ, дар навбати аввал, ландшафтҳое, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид мекунад дар ҳолати табиии намунавӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар ин ҳудудҳо мавзеъҳое ҳифз карда мешаванд, ки тавассути фаъолияти хоҷагидории инсон ба дараҷаи баланд тағйир дода шудаанд ва дар он ҷойҳо худтанзимкунии равандҳои табиии амалкунанда ва инчунин дар он ҳудуд мавҷудияти намудҳои нодир, нобудшаванда, эндемӣ ва релектии растаниҳо ва ҳайвонот, ташкилаҳои ҷолиби табиати ғайризинда (пиряхҳо, кӯҳҳо, ғорҳо, кӯлҳо, шаршараҳо ва ғайраҳо) таъмин карда мешаванд.

То соли 1992 ҲТММ-и Осиёи Миёна ба ҳайати низоми мавҷудаи ҲТММ-и Иттиҳоди Шӯравӣ дохил мешуд, ки дар заминаи пешниҳоди илман асоснокшуда ва дар асоси қонунгузории ягона ташкил шуда буд.

Аз ин рӯ, дар қаламрави Осиёи Миёна ва Қазоқистон ҲТММ то аввали соли 2009 камтар аз 10% ҳамаи ҳудудро ишғол карда буд [12].

ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радиф камтар аз 5%-ро ишғол менамояд ва комплексу объектҳои табииеро дар бар мегирад, ки дорои арзиши экологӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва тандурустӣ буда, дар худ бойигарии умумимиллиро таҷассум мекунанд.

Ба категорияи ҲТММ-и асосан иҷрокунандаи вазифаи ҳифзи намудҳои нодири эндемӣ, фонди генетикии ҳайвонот ва растаниҳо ва низоми экологии нодир мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ, парваришгоҳҳо, минтақаҳои рекреатсионӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар расми 1 ва ҷадвали 1 макони ҷойгиршавии ҲТММ, аз ҷумла мамнӯъгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода шудаанд.

Тӯли даҳсолаҳои охир дар натиҷаи пурзӯр гардидани таъсири антропогеннӣ ба муҳити атроф, истифодаи аз ҳад зиёди сарватҳои табиӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи намудҳои зиёди растаниҳо ва ҳайвонот якбора танг шуда, қисми бештари онҳо нодир гардиданд ва қисми дигари онҳо дар ҳолати қисман ё пурра нест шудан қарор доранд. Ба ҳамин гуна фишороварӣ қисматҳои алоҳидаи табиӣ ва унсурҳои онҳо низ дучор шудаанд, ки боиси якбора тағйир ёфтани онҳо гардиданд.

ҲУДУДҲО:

1. Мамнӯъгоҳи табиии давлатии Бешаи палангон
2. Мамнӯъгоҳи табиии давлатии Даштиҷум
3. Мамнӯъгоҳи табиии давлатии Зоркул
4. Мамнӯъгоҳи табиии давлатии Ромит

5. Парки миллии Тоҷикистон
6. Парки табиии Сарихосор
7. Парки таърихӣ-табиии Ширкент
8. Парваришгоҳи Алмосӣ
9. Парваришгоҳи Даштичум
10. Парваришгоҳи Зарафшон
11. Парваришгоҳи Искандаркӯл
12. Парваришгоҳи Камароб
13. Парваришгоҳи Кӯҳи Сабз
14. Парваришгоҳи Қаротов
15. Парваришгоҳи Макони Суғур
16. Парваришгоҳи Музкӯл
17. Парваришгоҳи Норак
18. Парваришгоҳи Ориён
19. Парваришгоҳи Сангвор
20. Парваришгоҳи Чилдухтарон



Ғайр аз ин, дар қаламрави ҷумҳурӣ бештар аз 160 ёдгориҳои табиӣ вуҷуд доранд, ки дар худ мавзеи истифодаи маҳдуд ё махсусро таҷассум карда, инчунин барои рушди туризм арзиши калонро доро мебошанд.

Бо мақсади пешгирии таъсироти манфӣ ба муҳити атроф ва ҳифзи гуногунрангии биологӣ ва ландшафтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияҳои гуногуни ҲТММ таъсис дода шуданд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Маълумоти умумӣ дар бораи ҲТММ-и Тоҷикистон [1,8, 10]:

№ б/т	Номгӯй	Соли ташкил	Санади ҳуқуқӣ оид ба ташкилшавӣ	Майдон, ҳазор га.	Тобеият	Таъйинот, намудҳои ҳифзшаванда
Мамнӯъгоҳҳо						
1.	Бешаи Палангон	1938	Қарори Совети Комиссарони халқии РСС Тоҷикистон таҳти № 1165 аз 04.11.1938 с.	49,9	Ноҳияи Дустӣ	Комплексӣ: гавазни бухорой, тазарв, кафтор, колпитса, рӯбоҳи тӯқайзор
2.	Ромит	1959	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 439 аз 08.10.1959 с.	6,139	Ноҳияи Ваҳдат	Комплексӣ: гавазни бухорой, бургут, хирс
3.	«Дашти Ҷум»	1983	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 273 аз 07.09.1983с.	19,7	Ноҳияи Шамсид-дини Шоҳин	Комплексӣ: бузи пармашох, уриал
4	Зоркӯл	1972	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 229 аз 07.07.1972 с.	6,465	Ноҳияи Мурғоб, Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Помир	Зоологӣ: қози кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ, паланг, суғур
Боғҳо						
1.	Боғи миллии Тоҷикистон	2001	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 таҳти №70	2611674	Ноҳияҳои Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Мурғоб, Сангвор, Лахш	Ҳифзи табиат ва нигоҳдории гуногунрангии биологӣ. Гузаронидани таҳқиқоти илмии экологӣ ва биологӣ Азхудкунии дамгирӣ ва рушди туризм

№ б/т	Номгӯй	Соли ташкил	Санади ҳуқуқӣ оид ба ташкилшавӣ	Майдон, ҳазор га.	Тобеият	Таъйинот, намудҳои ҳифзшаванда
2	Боғи табиӣ-таърихии «Ширкент»	1991	Қарори Қумитаи иҷроияи шаҳри Турсунзода таҳти № 303 аз 30 июни соли 1991	31929	Ноҳияи Турсунзода	Нигоҳдории олами наботот ва ҳайвоноти нодир, системаи экологӣ, арзишҳои табиӣ ва фарҳангӣ
3	Боғи табиии «Сари Хосор»	2003	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2003 с.	3805	Ноҳияи Балҷувон	Нигоҳдории системаи нодири экологӣ, арзишҳои табиӣ ва фарҳангӣ, олами наботот ва ҳайвонот. Нигоҳдории ҷангалҳои мезофилии нодири баландкӯҳ, анбӯҳи ҷангалҳои дарахтони мевадиҳанда ва буттаҳои чормағз.
Парваришгоҳҳо						
1.	Искандаркӯл	1969	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 604 аз 01.10.1959 с.	30,0	Ноҳияи Айнӣ, хоҷагии ҷангали Айнӣ	Ландшафтӣ, кӯҳӣ-ҷангалӣ: бузи кӯҳӣ
2.	Ориён	1970	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 60 Р аз 01.03.1970с.	4,139	Ноҳияи Айнӣ, хоҷагии ҷангали Айнӣ	Ландшафтӣ, кӯҳӣ-ҷангалӣ
3.	Камаров	1970	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 60 Р аз 01.03.1970 с.	9,0	Ноҳияи Рашт, хоҷагии ҷангали Ғарм	Зоологӣ: бузи кӯҳӣ, гулмоҳӣ.
4.	Чилдухта-рон	1970	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 60 Р аз 01.03.1970 с.	14,6	Ноҳияи Муъминобод, хоҷагии ҷангали Муъминобод	Кӯҳӣ-ҷангалӣ: уриал, хирс
5.	«Дашти Ҷум»	1972	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 229 аз 07.07.1972 с.	50,1	Ноҳияи Шамсид-дини Шоҳин, хоҷагии ҷангали «Дашти Ҷум»	Зоологӣ: бузи пармашох, уриал
6.	Қаратоғ	1972	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 229 аз 07.07.1972 с.	14,1	Ноҳияи Фархор, хоҷагии ҷангали Москва	Зоологӣ: уриал, кабк
7.	Сангвор	1972	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 229 аз 07.07.1972 с.	50,9	Ноҳияи Сангвор	Зоологӣ: паланг, суғур
8.	Музкӯл	1972	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 229 аз 07.07.1972 с.	66,9	Ноҳияи Мурғоб, Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Помир	Зоологӣ: қози кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ, паланг, суғур

№ б/т	Номгӯй	Соли ташкил	Санади ҳуқуқӣ оид ба ташкилшавӣ	Майдон, ҳазор га.	Тобеият	Таъйинот, намудҳои ҳифзшаванда
9.	Кӯҳи Сабз	1959	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 186 аз 09.05.1959 с.	19,8	Ноҳияи Истарав-Шан	Комплексӣ, кӯҳӣ-ҷангалӣ: ҷангали арча
10.	Зарафшон	1976	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 390 аз 31.12.1975 с.		Ноҳияи Панҷа-кент, хоҷагии ҷангали Панҷа-кент	Комплексӣ, тӯқайзор: бузи кӯҳӣ, паланг, суғур, тазарв, гавазни бухоройӣ
11.	Алмосӣ	1983	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 309 аз 06.10.1982 с.	6,0	Ноҳияи Ҳисор, хоҷагии ҷангали Шаҳри-нав	Ботаникӣ: унгерния, виктория
12.	Норак	1984	Қарори Кумитаи Марказӣ ва Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти №621 аз 07.03.1984 с.	30,0	Ноҳияи Ваҳдат	Комплексӣ, кӯҳӣ-ҷангалӣ: уриал, хирс, кабк, паланги барфӣ, бузи кӯҳӣ
13.	Сари Хосор	1959	Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таҳти № 186 аз 09.05.1959 с.	80,0	Ноҳияи Ховалинг	Комплексӣ, кӯҳӣ-ҷангалӣ: хирс, бузи кӯҳӣ, хуки ваҳшӣ
Боғҳои ботаникӣ						
1.	Боғи ботаникии марказии Институти ботаникаи АМИТ	1933		0,04	АМИТ	4500 намуди растаниҳо, 5000 ҳазор баргҳои гербарӣ
2.	Боғи ботаникии ДМТ	1956		0,053	ДМТ	2300 намуди растаниҳо
3.	Боғи ботаникии шаҳри Хуҷанд, Институти ботаникаи АМИТ	1985		0,0066	АМИТ	2900 намуди растаниҳо
4.	Боғи ботаникии Кӯлоб АМИТ	1985		0,068	АМИТ	250 намуди растаниҳо
5.	Боғи ботаникии ба номи А.В. Гурской Институти биологии Помир АМИТ	1940		0,093	АМИТ	4 000 намуди растаниҳо, қариб 6000 баргҳои гербарӣ

Майдони умумии ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3,1 миллион гектар расидааст, ки 22% ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад [76, 94, 95]. Дар онҳо нақши асосиро мамнӯъгоҳҳо доранд ва таҳти идоракунии Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, назорати давлатии фаъолияти онҳо аз тарафи Иттиҳодияи мазкур анҷом дода мешавад. Мамнӯъгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудҳое ташкил карда шудаанд, ки дар он ҷойҳо ҳанӯз ҳайвонҳои ваҳшии нодир ва арзишманд, ширхӯрҳо, хазандаҳо, парандаҳо, намояндаҳои дигари олами набототу ҳайвонот, инчунин кӯлҳо, пиряхҳо, обанборҳо, манбаҳои обҳои минералӣ ва геотермалӣ

ва дигар бойигариҳои табиии ҷумҳурӣ ҳифз карда шудаанд.

Ин ҳудудҳо ба туфайли доштани релефи кӯҳии нодир, иқлими мусоид барои туризм ва рекреатсия, бойигарӣ ва беҳамтоии намояндагони гуногунранги биологии олами растаниҳо ва ҳайвонот, гуногуншаклӣ ва возеҳии манзарҳо барои рушди туризми экологӣ зарфияти хубро соҳиб мебошанд. Вале, самаранок ба роҳ мондани туризми экологӣ дар ин ҳудудҳо бо коркарди илман асоснокшудаи стратегияи рушд алоқаманд мебошад, ки дар навбати худ таҳқиқи ҳаматарафаи захираҳои онҳо, баҳогузории комплексии имконияти туристӣ, ғунҷоиши онҳо, сарбории имконпазир, муайянсозии хусусиятҳои минтақавӣ ва ояндаи истифодаи онҳоро тақозо мекунад. Дар баробари ин, барои ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти туризми экологӣ коркарди муносибатҳои нав нисбат ба идоракунии рушди иқтисодии гурӯҳҳои маҳаллӣ зарур аст.

Дар айни замон туризми экологӣ яке аз намудҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи табиат дар ҲТММ мебошад. Дар доираи ин намуди фаъолият раванди дарку шинохти табиат пайдо гардида, мушоҳидаҳои маъмулии табиат ва равандҳои табиӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба андешаи мо [4, 5, 6] нақши туризми экологӣ дар ҳудудҳои ҲТММ дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад: экологӣ (ҳифзи муҳити атроф, гуногунрангии биологии набототу ҳайвонот ва ғайраҳо); иҷтимоӣ (фароҳам будани имконият ба гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ ва туристон барои ташрифот ба ҳудудҳои ҲТММ, баланд бардоштани шуурнокии экологии аҳолӣ, тарғибу ташвиқи муносибати эҳтиёткорона нисбат ба муҳити атроф, чун алтернативаи туризми оммавӣ, аз ҷумла туризми устувор); иқтисодӣ (таъмини ҷойҳои нави корӣ, ба аҳолӣ барои фурӯши маҳсулот ва маснуоти истеҳсоли худӣ имконият фароҳам сохтан, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти мамлакат ва ғайраҳо); фарҳангӣ (баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳам туристон ва ҳам аҳолии маҳаллӣ нисбат ба табиат, баҳогузории бойигарии табиӣ ва фарҳангӣ).

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки раванди ташаккул ва рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнӯъгоҳҳо бо якчанд масъалаҳо алоқаманд мебошад.

Масалан, олими рус В.В.Храбовченко дар китобаш «Туризми экологӣ» («Экологический туризм») [116] дар қатори омилҳое, ки ба рушди туризми экологӣ таъсир мерасонанд боз омили аз тарафи баъзе олимон ва маъмурияти мамнӯъгоҳҳо эътироф нашудани туризми эклогиро дохил намуда қайд мекунад, ки «олимон одатан мамнӯъгоҳро ҳамчун майдон танҳо барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ҳисоб мекунанд; намояндагони маъмурияти мамнӯъгоҳ (ё қисме аз онҳо) идеяи роҳбарони воломақомро дар бораи он, ки бигзор хурд бошад, аммо ин ҳудуди худамон аст, мо онро метавонем тибқи хоҳиши худ истифода намоем дастгирӣ мекунанд» [16].

Тавре, ки мебинем, самаранок ба роҳ мондани туризми экологӣ дар ҲТММ метавонад дар рушди иқтисодиёти минтақа ва, умуман, мамлакат саҳми арзанда гузорад. Бинобар ин, дар ҳар як ҳолати мушаххас коркарди механизми илман асоснокшудаи рушди он, махсусан робитаи байни фаъолияти ҳифзи табиат ва рушди туризм зарур аст. Ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки масъалаи рушди соҳаи туризми экологӣ ва нигоҳдории бойигарии табиии ҳудуди ҳифзшаванда бояд ҳамчун умумияти ягона баррасӣ гардад. Илман исбот шудааст, ки қисми зиёди ҳудудҳои табиӣ, ҳангоми онҳоро бо мақсадҳои туризми экологӣ истифода намудан назар ба истифодаи онҳо барои кишти зироати кишоварзӣ ё рушди саноат фоидаи бештар меоранд.

Барои мисол, таҳқиқоте, ки дар яке аз минтақаҳои Кения гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки ҳангоми чорводории чарогоҳӣ нархи замин барои 1 гектар 0,8 USD буда, ҳангоми амалисозии чорабиниҳои ҳифозатии ин заминҳо ва рушди туризми экологӣ дар онҳо нархи онҳо то 40,0 USD барои 1 гектар баланд гардидааст [17].

Дар ҳудудҳои ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мушкиолти назария ва амалияи

рушди туризм, масъалаҳои идоракунии рушди гурӯҳҳои маҳаллӣ, ки ҳудуди онҳо макони туристӣ ва ҳамзамон макони зиндагии аҳолии маҳаллӣ мебошанд ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки агар рушди иқтисодии гурӯҳҳои маҳаллӣ ба рушди туризм асос ёбад, он гоҳ ин доираи васеи фаъолияти ҳаётии гурӯҳҳои маҳаллиро дар бар гирифта, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллӣ дар рушди инфрасохтори роҳҳо, истифодаи партовҳо, назорати ҳолат ва ҳифзи муҳити атроф, таъмини бехатарии аҳолии маҳаллӣ, туристон ва ғайраҳо зоҳир мегардад.

Фаъолияти рекреатсионӣ (яъне туризми экологӣ) дар мавзеъҳои махсуси ҳудуди мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» амалан гузаронида нашудааст. Аммо, дар солҳои охир маълуму машҳур гардидани мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» ва дар як вақт ҷолибияти табиати он, ки на танҳо ташриф овардан ба ҷойҳои табиии вайроннашуда, балки омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои онро дар бар мегирад боиси мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ҳудуди он ҳамчун объекти туризм ва рекреатсия шуд.

Ҳудуди «Дашти Ҷум» яке аз мавзеъҳои ҷолиби Тоҷикистон барои туристони хориҷӣ мебошад. Ин ҳудуд аҳамияти калони экологӣ, рекреатсионӣ ва илмӣ дорад. Вале, зиёд шудани ҳолатҳои манфии дахолати антропогенӣ (шудгоркунии замин, обёрӣ, аз ҳад зиёд чаронидани чорво, шикор ва намудҳои дигари фаъолияти хоҷагидории инсон) боиси боз ҳам бештар вайрон шудани ландшафтӣ нодири он, таназзули мавҷудоти зоологию наботот, ифлосшавии муҳити табиии атроф, камшавии сарватҳои табиӣ, коҳишёбии олами биологӣ, камҳосилии биологӣ ва гуногунрангии биологии системаи экологии табиати ҳудуди минтақа гардиданд.

Бо дарназардошти ин зарур аст, ки оид ба ҳаллу фасли мушкилоти ҳифзи муҳити атроф ва нигоҳдории комплекси табиии ин минтақаи ҷолиби ҷумҳурӣ чораҳои фаврӣ ва таъхирнопазир андешида шаванд. Ба таъхир гузоштани ҳалли ин масъалаҳо барои нобудшавии ин ҳудуди биологии нодир, аз ҷумла зиндагӣ ва таҳаввули охирин бузи пармашох (морхур) (Cara falconeri) дар қаламрави Осиёи Миёна, инчунин муфлони осиёимиёнагӣ (Ovis vignei bocharensis) таҳдид хоҳад кард.

Ҳамин тавр, аз таҳлили хулосаҳои сарчашмаҳои адабиётии ватанӣ ва хориҷӣ метавон якчанд тамоюлоти муҳими рушди туризми экологиро ҷудо намуд:

а) Барои ташкили самараноки туризми экологӣ ҲТММ, аз ҷумла, мамнӯъгоҳҳо, ки эҳтиёҷот нисбат ба онҳо дар бозори ҷаҳонии туризм сол то сол дар байни туристони экологӣ афзоиш меёбад ва тибқи пешгӯйии коршиносон ин тамоюл дар ояндаи дидашаванда нигоҳ дошта мешавад, захираи нисбатан арзишманд мебошанд.

б) Ба қатори сабабҳои муҳимтарини зиёдгардии талабот ба туризми экологӣ, аз ҷумла дар ҳудудҳои мамнуӣ афзоиши ҳаҷми туризм, бадтар шудани ҳолати экологӣ ва диққати ҷиддӣ нисбат ба проблемаҳои ҳифзи муҳити табиӣ ва инчунин афзунгардии оммавияти саёҳатҳо тибқи ҳавасмандии махсус дохил мешаванд.

в) Ҳангоми ташкили фаъолияти туризми экологӣ дар ҳудудҳои мамнуӣ барои ҷилавгирӣ аз таъсироти манфӣ ба муҳити атроф зарур аст, ки ин фаъолият дар асоси коркарди қатъии механизми банақшагирӣ ва идоракунии он иҷро карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Атышов К.А. Экологический туризм – основа сохранения горной природной среды /К.А.Атышов, Б.У.Турдумамбетов// Матер. Междунар. научно-теоретич конфер. «Туризм и экономика», посвящ. Году поддержки и развития туризма в Кыргызстане. – Ош: Ошский технолгии. унив-т, 2001. – 240 с.
2. Ахмадов Х.М. Заповедник “Тигровая балка” / Х.М.Ахмадов, К.Х. Касиров // Охрана дикой природы. 1999. № 1 (12). -42 с.

3. Банников, А.Г. По заповедникам Советского Союза. Изд. 2-е, доп. и перераб. / А.Г. Банников. - М.: Мысль, 1974. - 237 с.
4. Гадоев Ш. Возможности организации экологического туризма на территории заповедника «Дашти Джум» / Ш. Гадоев// Вестник ТНУ, № 2/6. -Душанбе: Сино, -2017. -С.123-128.
5. Гадоев Ш. Ресурсный потенциал и особенности развития экологического туризма на территории заповедника «Дашти Джум»/ Ш. Гадоев. // Кишоварз (Земледелец), № 4 (68), 2015. -С. 94-96.
6. Гадоев Ш. Эффективная система управления туризмом на территории заповедника Дашти Джум/ Ш. Гадоев // Вестник РТСУ, 2017. № 3 (59). -С.149-152.
7. Емельянова В.Г. Охрана заповедников, заказников, памятников природы. (Правовые основы) / В.Г. Емельянова - М.:Юриздат, 1975.- 64 с.
8. Иванов, А.Н. Охраняемые природные территории: Учебное пособие / А.Н, Иванов, В.П. Чижова М.: Изд-во МГУ, 2003. -119 с.
9. Курбонов, Ш.М. Особо охраняемые природные территории Республики Таджикистан/Ш.М.Курбонов, И.П. Устян, Р, Муратов, Р. Сатторов -Душанбе – 2009. -154 с.
10. Муҳаббатов, Х. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон/ Муҳабатов Х., Ниёзов А.С. Душанбе 2017. -210 с.
11. Нурмамадова, Б. Проблемы развития экотуризма на особо охраняемых природных территориях Таджикистана/ Б.Нурмамадова// Душанбе дар муосири туризм. – Душанбе: Бухоро, 2014. – с. 105-107.
12. Особо охраняемые природные территории России: современное состояние и перспективы развития WWF России.–Кол.авторов,М. -2009. -459 с.
13. Пивоварова, Н.В. История туризма в Таджикистане// Дисс….канд.истор. наук. – Душанбе, 2010. -214 с.
14. Реймерс Н.Ф. Особо охраняемые природные территории/ Н.Ф.Реймерс Ф.Р. Штильмарк.- М.: Мысль, 1978. -294 с.
15. Соколова, В.Е. Заповедники Средней Азии и Казахстана/В.Е. Соколова, Е.Е. Сыроечковский. – М., «Мысль», 1990. - 399 с.
16. Храбовченко, В.В. Экологический туризм: учебн.-метод.пособие / В.В. Храбовченко. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 208 с.
17. История развития экологического туризма//Webkursovik.ru.-04.07.2012 http://www.webkursovik.ru/kartgotrab.asp?id=-52397

ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ

Дар мақолаи пешниҳодшуда дар асоси натиҷаи тадқиқоти бисёрсола, самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии экологӣ дар мисоли баъзе мавзеъҳои туристӣ-рекреатсионӣ, аз ҷумла дар ҳудудҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавнда ин намуди фаъолияти туристӣ аз нуқтаи назари рушди устувори ҳудуд ниҳоят ояндадор баррасӣ гардидааст.

